МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРИ "ДОМИ ШАЙТОН"

ҶОН БИВЕР

# МУКОФОТ БАРОИ ЭҲТИРОМ

Қуввати ин накӯкори фаромӯшшударо ошкор бисозед

Дӯсти азиз,

Гарчанде шараф дар ҳаёти рӯзмарраи мо қариб накӯкори аз байн рафта мебошад, дар он то ба ҳол қуввате ҳаст, ки қобил аст дилҳои моро тасхир кунад ва моро илҳом бахшад. Мафҳуми шараф дар сюжетҳои филмҳои аз ҳама машҳуртарини ҳозиразамон муҷассам аст, ва он ба ваҷд меорад ва сазовори таҳсин мегардад. Аммо, ин калиди муҳим имрӯз дар ҳаёти мо дар қабули пуррагии нақшаи Худо кадом ҷойро ишғол менамояд?

Шараф мукофотҳои бузургеро меорад, ки Худо мехоҳад, то ки шумо ба даст оред. Тасаввуроти тару тоза дар бораи ин принсип, ки, умуман, фаромӯш шудааст, ба шумо ёрӣ мерасонад, ки ҳамаи он чизҳоеро, ки Худо барои ҳаёти шумо муайян ва таъин кардааст, ба даст оред.

Тавассути фаҳмиш, қабул ва ба корбарии шараф, шумо системаи арзишҳои Худоро ошкор месозед ва ба дили Он Касе, ки Муаллифи шараф аст, боз зиёдтар наздик мешавед.

Тавсия медиҳам, ки маводҳои мултимедиро дар ин мавзӯъ дар сомонаи **MessengerX.com** биомӯзед ва онҳоро ба дигаронро низ омӯзонед.

Ҳаёти худро бо амал пур кунед, бузургиеро, ки дар ботини шумост, бедор намоед!

Бо шумо ҳамроҳ,





MessengerX.com

Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

“Мукофот барои эҳтиром” ба ҳамаи саволҳои шумо оиди хислате, ки Худо ба он аҳамияти бузург медиҳад ва он чи ки дар мо, масеҳиён, аз дил бояд саршор гардад, ҷавоб медиҳад.

– Ҷойс Майер

Китоби “Мукофот барои эҳтиром”-ро хонда, ман худи муаллифи китобро, Ҷон Биверро, ҳамчун муаллими Китоби Муқаддас, ки фаҳмиши аҷиби масъалаи дар китоб дарҷгардидаро дорад, ва ҳамчун нависандаи боистеъдод эҳтиром кардан мехоҳам. Тасдиқ карда, ки эҳтиром бо дили мо алоқамандӣ дорад, Ҷон хонандаро ба саёҳате мебарад, ки соҳаҳои гуногуни муносибатҳои байниҳамдигарии одамонро мекушояд, ҳар яки моро рӯҳбаланд мекунад ҳамон тавре зиндагӣ кунем, ки ин принсипҳои муҳими рӯҳониро, ки моро ба мукофоти фаровон меоранд, инъикос намоем.

– Брайан Хюстон

Вақте ки ман бори аввал китоби “Мукофот барои эҳтиром”-ро хондам, ман фаҳмидам, ки шоҳасарро, ки ба таври куллӣ ба калисоҳо, никоҳҳо, оилаҳо ва корхонаҳо таъсир мерасонад, дар даст дорам. Ин калиде, ки пешравӣ, мавқеъ ва комёбиро дар ҳаёти ҳозира ва оянда мекушояд. Ин, Ҷон Бивер, дар айни ҳол асари аз ҳама беҳтарини шумост!

– Ҷентэзин Франклин

МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРИ "ДОМИ ШАЙТОН"

**ҶОН БИВЕР**

# МУКОФОТ БАРОИ ЭҲТИРОМ

МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРИ "ДОМИ ШАЙТОН"

ҶОН БИВЕР

# МУКОФОТ БАРОИ ЭҲТИРОМ

Қуввати ин накӯкори фаромӯшшударо ошкор бисозед

***Honor’s Reward*** by John Bevere, Tajik
© 2021 Messenger International
MessengerInternational.org
Originally published in English as Honor’s Reward

Additional resources in Tajik are available for
free download and video streaming at
**MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is
NOT FOR SALE

***«Мукофот барои эҳтиром»*** Ҷон Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2021 Messenger International
MessengerInternational.org
Аввал бо забони инглисӣ бо номи «Honor’s Reward» нашр шудааст

Маводҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер бо забони тоҷикӣ
барои ройгон зеркашӣ ва паҳн кардан дар **MessengerX.com** ва
барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф: JohnBevere@ymail.com

Ин китоб аз «Мессенҷер Интернэшнл» тӯҳфа аст ва
ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва дигар кишварҳо ба қайд
гирифта шудааст.
Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

# МУНДАРИҶА


1 Мукофотҳо 9

2 Мукофотҳои нопурра ва бемукофот 19

3 Мукофоти пурра 29

4 Мушкилӣ бо роҳбар нест 39

5 Ҳукумат 49

6 Ҳокимони сахтгир 63

7 Эҳтиром ба ҳукуматдорони давлатӣ 75

8 Эҳтироми роҳбарони дуниявӣ 91

9 Эҳтиром ба роҳбарони хонаводагӣ 101

10 Эҳтироми роҳбарони калисо 119

11 Эҳтироми дучанд 137

12 Эҳтироми шахсоне,
ки бо мо дар як сатҳ мебошанд 157

13 Эҳтироми шахсоне, ки пайрави мо ҳастанд 171

14 Эҳтиром дар хона - фарзандон 185

15 Эҳтиром дар хона - зан 197

16 Ҳамаро эҳтиром кунед 211

17 Эҳтироми Худованд 219

Замима 233

# Боби 1

# Мукофотҳо

Эҳтиром. Дар асри бисту якум ин мафҳум хеле кам истифода мешавад, лекин ба ҳар ҳол дар он қудрате ҳаст, ки дилҳои моро ламс карда метавонад. Қаҳрамонҳои филм, ки ин хислатро доранд, ашкро ба чашмони мо меоваранд, барои он ки эҳтиром кардан ин як намуди мардонагӣ ва фидокорӣ мебошад. Одатан дар ҳамаи филмҳои машҳур, дар ҳар як лаҳзаи он мафҳуми ҳурмат ва эҳтиром ҷой гирифтааст. Мо ин лаҳзаҳои аҷоиби филмро дида, бо тааҷҷуб кафкӯбӣ мекунем, лекин дар зиндагии мо ин накӯкорӣ куҷост? Чизе ки метавонист як қисми одатии ҳаёти мо бошад, фарҳанги бегонае ба насли мо шуд.

Ман мехоҳам, ки эҳтиром дар зиндагии фарзандони Худованд барқарор гардад. Ин ягона роҳи ба даст овардани файзи Худованд мебошад. Ба ҳамин хотир душмани мо соҳиби ҳар чиз буда, қудрати асосии эҳтиромро аз даст додааст. Эҳтиром мукофотҳои бузургро ҳамроҳи худ меорад: мукофотҳое, ки Худованд барои ҳар яки мо тайёр кардааст. Ӯ инчунин қуввати бузургиро барои ҳаёти мо дорад.

Шумо дар оғози сайругаште ҳастед, ки ин сафар шуморо ба дили Худованд наздик месозад. Ӯ Муаллифи ҳама чизест, ки шоистаи эҳтиром аст. Ман дуо мекунам, ки ин ошкоршавии ҳақиқат ба ҳаёти шумо таъсири амиқ ва амалӣ расонад. Бисёре аз одамон ин дарсҳоро хеле дер аз худ карданд. Маҳз ба ҳамин хотир ҳавворӣ Юҳанно огоҳ мекунад:

> "Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред".
>
> - 2 Юҳанно 8

Юҳанно пирамарде буд, ки ба ҳаёти гузаштаи худ назар карда, ин суханонро менавишт. Ба хотири беҳбудии мо имрӯз ҳам ӯ моро огоҳ мекунад. Юҳанно таҷриба дошт, ки он дар тӯли зиндагӣ ба тариқи имтиҳонҳо ҷамъ шуда буд. Ӯ ба қатори он шахсон дохил мешуд, ки ҳаёти тӯлонӣ ва пурсамар доштанд. Қаҳрамонони монанди ӯ, ки роҳи тӯлонии ҳаёташонро содиқона дар даъват, имон ва қувват тай намуданд, ба манзиле расиданд, ки он беҳамто аст. Ман инро "тадҳини бобоӣ" ё "бибиӣ" меномам, вақте ки онҳо сухан мегӯянд, хирадмандон ба онҳо гӯш медиҳанд.

Дар тӯли бисту панҷ соли охир, ман афзалияте доштам, ки бо баъзе чунин мардону занони Худованд мулоқот кунам. Онҳо пайёмбароне, ки дар ҳаёташон хизмати олӣ карданд ва ба мақоме расиданд, ки аз он ҷой бо таҷрибаи бузург ба ақиб назар карда метавонанд. Онҳо хизматгузорони обутобёфтае мебошанд, ки баъзе хислатҳои умумӣ доранд ва сетои ин хислатҳоро мо бо шумо меомӯзем.

Якум хислат. Онҳо дилҳояшонро ба корҳои аз ҳама муҳим пурра мебахшанд. Онҳо беҳуда ба ҳаво мушт намезананд ва ба корҳои ҳеҷу пуч худро банд намекунанд. Дуюмин, онҳо чизҳои муҳимро бо якчанд калима мегӯянд. Сеюм, онҳо ҳамон калимаҳоеро интихобу бо он баён мекунанд, ки пурэътибор ҳастанд. Қудрати якчанд калимаи гуфтаи онҳо бештар аст аз суханони дигароне, ки чунин таҷрибаи зиндагӣ ва роҳи тӯлонии ҳаётро надоранд. Баъд аз якчанд вақт ман пай бурдам, ки аз болои як ё ду ҷумлаи чунин шахсон ман метавонам моҳҳо фикр кунам.

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ҳаввории Юҳанно дар ин ҷумла мафҳуми зиёдеро ҷой додааст. Умуман ман аз болои ин оятҳо илҳом ёфта, солҳои бисёр фикр кардаам ва то ҳол чизе аз онҳо барои ман ошкор мешавад. Биёед бо ҳам ҳар ибораи ин ҷумларо дақиқ аз назар мегузаронем.

## Мероси худро аз даст надиҳед

Ӯ бо суханони "аз худ бохабар бошед" оғоз мекунад. Юҳанно ҳар яки моро рӯҳбаланд мекунад, ки эҳтиёт бошем, худро тафтиш кунем ва бохабар бошем. Суханони ӯ таълимомез ҳастанд ва дар айни ҳол мо наметавонем ба ин суханон хунукназарона нигоҳ кунем. Бояд ки ҷиддӣ аз болои онҳо фикр кунем.

Махсусан мо бояд бодиққат бошем, ки он чиро, ки аз барояш меҳнат кардем, аз даст надиҳем. Ин суханон моро ҳушёр мекунанд. Аз ин маълум мешавад, ки имкон дорад, мо он чизҳоеро, ки барояш заҳмат кашидаем, аз даст диҳем. Ҳоло деҳқонеро тасаввур кунед, ки заҳмати бисёре кашидааст. Ӯ дар гармии офтоб кор карда, заминро аз сангҳо ва ҳаргуна партоваҳое, ки барои ҳосил зарар мерасонанд, тоза кардааст. Пас аз тоза кардани замин, ӯ ба киштукор шурӯъ мекунад. Тухмиро кошта, тамоми дигар рӯзҳо нигаҳбонӣ мекунад: пору мепошад, алафҳои бегонаро меканад, об мегузорад. Ҳангоме ки растанӣ аз замин мебарояд, боз бо заҳмат аз ҳашарот онро тоза мекунад. Акнун тасаввур кунед, ки якчанд рӯз пеш аз ҷамъ кардани ҳосил ӯ худро он қадар монда ҳис мекунад, ки аз баҳри ҳама чиз баромада, дигар кор намекунад. Тамоми заҳмати ӯ барбод меравад, чунки ҳосилро ба даст наовард. Ё тӯфон наздик меояд ва деҳқон аз омадани он бохабар буда, ягон чора пешбинӣ намекунад. Ин иштибоҳот ҳамаи меҳнатҳои ӯро бенатиҷа мекунад. Чӣ қадар вақт, пул ва қувват беҳуда сарф шуд, танҳо ба хотири он ки дар лаҳзаи охир ӯ бепарвоӣ кард.

Кадом тоҷир солҳои зиёдеро сарф карда, тиҷорати худро бино мекунад, ки дар лаҳзаи охир ба хотири якчанд қарорҳои нодурусти худ онро барбод диҳад? Ин ҳам фоҷиа аст. Дар ҳар ду ҳолат ҳамаи фоидаи кори пурзаҳматона, аз сабаби қарори нодуруст, дар як лаҳза барбод меравад.

Ана барои ҳамин ҳам Навиштаҷот моро боз ва боз огоҳ мекунад, то ки корро дуруст ба анҷом расонем: “Ҳар кӣ то ба охир сабр кунад” (Мат. 10:22, 24:13; Марқ. 13:13). Ва боз: “Зеро ки мо шарикони Масеҳ гардидаем, ба шарте ки асоси эътимоди худро то ба охир боматонат нигоҳ дорем” (Ибр. 3:14). Ва боз: “Ва касе ки ғолиб ояд ва аъмоли Маро то ба охир нигоҳ дорад” (Ваҳй 2:26,) ва ин рӯйхат идома дорад. Масеҳият ин давиш дар масофаи кӯтоҳ нест, ин давиши тӯлонӣ мебошад. Барои ҳамин муҳим нест, ки мо чӣ тавр оғоз мекунем, балки муҳим аст, ки чӣ тавр мо ба марра мерасем. Қарорҳое, ки мо интихоб мекунем, ва ин қарорҳо одатан дар тӯли тамоми роҳ сохта мешаванд, муайян мекунанд, ки мо чӣ тавр ба охир мерасем.

## Лаҳзаҳое, ки ҳаёти моро муқаррар мекунанд

Боре бо як писарам чунин воқеа рӯй дод. Ӯ мехост як амалеро бикунад, ки ман тамоман бо он розӣ набудам. Ӯ бохабар буд, ки ман

бо рафтораш розӣ нестам, лекин ба ҳар ҳол ӯ то ба андозе болиғ буд, ки худаш қарор қабул кунад, ба ҳамин хотир сухани охирин аз ҷониби ӯ буд. Баъд аз мурури замон ман фаҳмидам, ки рафтори писарам мутобиқи маслиҳати ман набуд. Мо бо ӯ нишастем, то ки рафторашро дида бароем. Ман ба ӯ фаҳмонидам: "Ту мебоист қарор қабул мекардӣ, лекин ман аз фурсат истифода бурда, туро таълим додан мехоҳам. Ба ин ҳодиса гӯш андоз".

> «Шоҳи ҷавон Раҳабъом баъд аз ба тахт нишастанаш аз халқи худ хабардор шуд: "Падарат юғи моро гарон карда буд, вале ту алҳол хизмати сахти падарат ва юғи гарони варо, ки бар мо ниҳода буд, сабук гардон ва мо хизмати туро ба ҷо хоҳем овард".
>
> – 3 Под. 12:4

> "Ва подшоҳ Раҳабъом ба пироне ки дар ҳузури падараш Сулаймон, дар вақти зинда будани вай, меистоданд, машварат пурсида, гуфт: "Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, то ки ба ин қавм ҷавоб гардонам?" Ва онҳо ба ӯ сухан ронда, гуфтанд: "Агар ту имрӯз хизматгори ин қавм гардӣ, ва хизмати онҳоро ба ҷо оварӣ, ва бо ҷавобат онҳоро қонеъ гардонӣ, ва ба онҳо суханони нек гӯӣ, онҳо тамоми айём бандагони ту хоҳанд буд".
>
> – 3 Под. 12:6-7

> "Вале ӯ машваратеро, ки пирон ба ӯ доданд, рад намуд, ва аз ҷавононе ки бо ӯ калон шуда буданд ва ба ҳузураш меистоданд, машварат пурсид. Ва он ҷавонон, ки бо ӯ калон шуда буданд, ба ӯ сухан ронда, гуфтанд: "Ба ин қавм, ки ба ту сухан ронда, гуфтаанд: "Падарат юғи моро гарон карда буд, вале ту онро барои мо сабук гардон", - ту ба онҳо чунин бигӯ: "Ангушти хурди ман аз камари падарам ғафстар аст. Ва алҳол, падарам юғи гароне бар шумо ниҳода буд, вале ман юғи шуморо боз ҳам гаронтар хоҳам кард; падарам шуморо бо тозиёнаҳо ҷазо медод, вале ман шуморо бо нешҳои каждум ҷазо хоҳам дод"».
>
> – 3 Под. 12:8, 10,11

"Подшоҳи ҷавон Раҳабъом аз рӯи машварати дӯстони худ рафтор

кард ва ин ба натиҷаи фоҷианок оварда расонид. Подшоҳие, ки падараш Сулаймон барқарор карда буд, барҳам хӯрд. Даҳ аз дувоздаҳ сибти Исроил аз давлат ҷудо шуданд. Як қарори нодуруст ба тамоми ҳаёти ӯ таъсири манфӣ расонд".

Пас ман ба писарам гуфтам: "Биё ба қафо нигоҳ мекунем, шояд шоҳзода Раҳабъом бо дӯстони худ пештар ҳам ба машварати падараш ва пирон беитоатӣ карда бошад. Шояд онҳо дар қасри шоҳ бо айшу нӯш машғул буда, аз болои машваратҳои пирон тамасхур карда, онҳоро маслиҳатҳои аҳмақона ва номаъқул мешумориданд. Шояд ақидаҳои пурғурур ба фикри шоҳзода Раҳабъом меомаданд: "То он даме ки Шоҳзода ҳастам хомӯш мемонам, лекин ҳангоме ки ба мақоми шоҳӣ бирасам, ҳамаи машваратҳои ин пирони бефаҳмро рад мекунам". То он даме ки ӯ шоҳзода буд, рад кардан ва гӯш надодан ба маслиҳати пирон ҳеҷ тафовуте надошт. Ӯ дарк намекард, ки бозӣ оғоз ёфтааст, ва рӯзе мерасад, ки ӯ худро бохирад шуморида, пурра аҳмақ мешавад. Вақте расид, ки ӯ мебоист қарори ҳаётан муҳимро бикунад, ӯ одате надошт, ки ба машварати боҳикматонаи пирон гӯш диҳад".

Баъд аз ин суханон ман ба писарам гуфтам: "Дар ҳаёти ҳар яки мо вақте мерасад, ки бояд қарори ҳаётан муҳимро қабул кунем. Инҳо мисли имтиҳонҳо аз китоби кушода ва натиҷаи ин имтиҳонҳоро, комёб шудем ё не, мо намедонем, то он даме ки он китоб ба охир нарасад. Писарам, ин дафъа ту ба маслиҳати ман гӯш надодӣ, ва ин ҳеҷ оқибате барои ту надошт. Аммо рӯзе мерасад, ки ту бояд қарори ҳаётан муҳимро қабул кунӣ. Ва агар дар он вақт ту одате дошта бошӣ, ки ба машваратҳои хирадмандона гӯш диҳӣ, он вақт ту ба осонӣ онҳоро пайравӣ мекунӣ ва сазовори мукофоти бузург мешавӣ".

Ҳоло биёед аз мисоли писарам дур рафта, дигар воқеаро мебинем. Фарзандони Исроил одати ба Каломи Худо гӯш карданро надоштанд. Ӯ онҳоро аз ғуломӣ озод кард, лекин онҳо доимо шикоят мекарданд ва зидди Ӯ исён мекарданд. Ҳамин тавр вонамуд мешуд, ки баъзе вақт рафтори онҳо бе ҷазо мемонд. Вақтҳое буданд, ки шӯриши онҳо ба онҳо ҳеҷ осебе намерасонид. Вале ҳар вақте, ки ин ҳолат такрор меёфт, онҳо дар худ хислате, тарзи рафторе ба вуҷуд меоварданд. Дар охир лаҳзае ба вуҷуд омад, ки мебоист қарори ҳаётан муҳимро қабул кард. Дувоздаҳ ҷосусон ба Канъон фиристода шуданд, то ки замини ваъдашудаи Худовандро аз назар гузаронанд. Ҷосусон бо паёми баду манфӣ баргаштанд, онҳо асири тарсу ҳарос буданд ва тамоми ҷамъомад мисли

пештара аз рӯи одат ба шиква шурӯъ карданд, лекин ин дафъа барои онҳо натиҷаи фоҷианоке дошт. Онҳо дигар ҳеҷ вақт наметавонистанд ба замини ваъдашуда ворид шаванд, ва то лаҳзаи охири зиндагии худ мебоист ки дар биёбон саргардон шаванд. Дар лаҳзаи муҳим онҳо ҳар чизеро, ки бо меҳнати тӯлонӣ ба даст оварда буданд, барбод доданд. Ҳеҷ чиз чизи аз даст додаашонро баргардонда наметавонист. Нособаста аз он ки онҳо мукофоти худро диданд, онро лоиқ нашуданд; монанди Раҳабъом, ки даҳ сибти Исроил, тамоми ҳаёти худ ва насли ояндаи худро аз даст дод.

Барои пирону ҷавонон дар ин ҷо дарси бузурге пинҳон аст: мо набояд ки танҳо ба Худо гӯш диҳем, балки қалби Ӯро дарк кунем. Он гоҳ дар аҳкоми Ӯ мо ҳикмату хирадро мебинем, на ин ки қонунеро, ки аз рӯи он бояд амал кард. Шоҳзодаи ҷавон Раҳабъом қалби падараш ва пирони қавмро дарк накард. Насли калони Исроил, корҳои бузурги Худовандро дарк карда натавонистанд, онҳо нафаҳмиданд, ки дили Ӯ ба сӯяшон нигарон аст, ва ба ҳамин хотир ҳама чизро аз даст доданд.

Биёед ҳоло ба дигар тарафи танга нигоҳ мекунем. Мисолҳое дар Китоби Муқаддас мавҷуданд, ки баъзе касон қалби Худовандро дарк кардаанд ва одате пайдо кардаанд, ки қарорҳои муҳимро аз рӯи ҳикмати илоҳӣ қабул кунанд. Ҳангоме ки лаҳзаҳои ҳаётан муҳим фаро мерасиданд, онҳо қарори дуруст қабул карда, ҷоизи мукофоти бузург мешуданд.

Барои аз даст надодани ҳосили меҳнатамон, аз ҳама роҳи оддӣ, ин одати гӯш кардани машваратҳои Худованд ва онро дар худ тарбият додан аст. Ҳар рӯз мо бо вазъиятҳое дучор мешавем, ки бояд интихоб кунем ва қарор қабул кунем. Рӯзе фаро хоҳад расид, ки мо ба қафо назар карда, он лаҳзаҳои ҳаётан муҳимро мебинем, лекин агар мо одати дурусте пайдо кунем, ки доимо қарори дуруст қабул кунем, он вақт мукофоти худро ба даст меорем.

## Мукофотҳо

Акнун ба дигар ақидаи муҳими Юҳанно мегузарем, бораи ба осонӣ фаҳмидани он тамоми оятро пурра мехонем: “Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо бароящ меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред” (2 Юҳ. 8). Пайхас кунед, Худо ба ҷӯяндагон

мукофот хоҳад дод (Ибр. 11:6). Мо бояд ин ҳақиқатро дар дилҳои худ амиқ ҷой диҳем. Умуман Ӯ мукофот доданро дӯст медорад. Чӣ тавр Ӯ Худро ба Иброҳим муаррифӣ кард? “Баъд аз ин ҳодисаҳо каломи Худованд дар рӯъё ба Абром расида, гуфт: Натарс, эй Абром; Ман сипари ту ҳастам; музди ту бағоят бузург аст” (Ҳас. 15:1).

Ӯ гуфт: “Ман аз они ту ... музди ту бағоят бузург аст”. Ана чӣ қадар оғози аҷоиб! Забур 18 (оятҳои 9,12) баланд садо медиҳад: “Фармудаҳои Худованд ҳақ аст ... дар риояи онҳо подоши бузурге ҳаст”. Дар Забур 56, ояти 3, мо мехонем: “Сӯи Худои Таоло мехонам, сӯи Худое, ки ҳама чизро ба ман муҳайё мекунад ва мукофот ба ман медиҳад (Он ки ҳадафҳои Худро барои ман амалӣ мегардонад)” (Тарҷумаи нави Китоби Муқаддас).

Худо мукофот медиҳад ва мукофотонидани фарзандонашро дӯст медорад. Ҳамчун падари чор писар гуфтанӣ ҳастам, ки ман дар зиндагии худ ин таҷрибаро дорам. Ҳангоме ки писаронам интихоби дуруст мекунанд ва ба хотири ин сазовори мукофот мешаванд, ман дар чашмони онҳо дидани хурсандӣ ва сипосгузориро дӯст медорам. Ман боз як чизро фаҳмидам, ки интихоби нодурусти онҳоро ташвиқ кардан рафтори боҳикматона нест. Мукофот додан ба шахсоне, ки лоиқи он нестанд - шумо қуввати ташвиқ карданро барҳам медиҳед, ҳол он ки ташвиқ кардан кори фоиданок аст. Писарони ман медонанд, ки ман онҳоро дӯст медорам, лекин дар тӯли солҳо онҳо фаҳмиданд, ки фарқ ҳаст байни дӯст доштан ва аз онҳо розӣ будан. Худо ҳар яки моро дӯст медорад, ва муҳаббати Ӯ комил аст. Лекин ҳолатҳое мешаванд, ки Ӯ бо рафтори мо пурра розӣ намешавад. Худо нафаронеро, ки ба Ӯ писанд меоянд, пурра ба аҳкоми Ӯ итоат мекунанд, мукофот хоҳад дод.

Нигоҳ кунед, Юҳанно мегӯяд: “То ки мукофоти пурраро ба даст оваред”. Ҳангоме ки ман дар бораи ин суханон фикр мекардам, калимаи *пурра* маро ба худ ҷалб кард. Ман фикр кардам: “Агар мукофоти пурра бошад, ин маънои онро дорад, ки мукофоти нопурра ва инчунин бемукофот будан ҳам мавҷуд аст”. (Дар хотир доред, ки мо на дар бораи наҷот, балки дар бораи мукофот мегӯем.) Фикри худро давом дода, ман ба хулосае омадам, ки Юҳанно умуман дар бораи ду чиз мегӯяд. Аввал: пеши курсии доварии Масеҳ. Павлус мегӯяд: “Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем” (2 Қӯр. 5:8).

Мо медонем, ки дар ин ҷой Павлус ба тамоми ҷаҳон муроҷиат намекунад, барои он ки агар беимонон аз ҷисм берун шаванд, онҳо на

ба назди Худованд, балки ба дӯзах мераванд. Шояд ин суханони вазнин бошанд, лекин ҳақиқат ҳамин аст. Исо ба ин олам на барои доварии мо, балки барои наҷоти мо омадааст. Ҷаҳон ба гуноҳи одами аввал маҳкум шуда буд, ки ӯ моро ба доми марги абадӣ супорида буд (Юҳ. 3:17-18). Танҳо он шахсоне, ки Исои Масеҳро қабул карда, ҳаёти худро пурра ба Ӯ бахшидаанд, ҳангоме ки аз ҷисмҳои худ ҷудо мешаванд, бо Худованд хоҳанд буд. Павлус суханони худро ба имондорон давом дода, мегӯяд:

> "Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем. Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем, то ки ҳар яке ба бадали амале, ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ нек бошад ва хоҳ бад, бигирад".
>
> - 2 Қӯр. 5:9-10

Ҳар як имондор дар пеши курсии доварии Масеҳ хоҳад истод. Дар он рӯз мо мутобиқи аъмоле, ки дар рӯи замин дар ин вақти кӯтоҳ анҷом додем, подош хоҳем гирифт. Дар тарҷумаи инглисии ҳозиразамони Китоби Муқаддас омадааст: "Ҳар яки мо он чиро ки сазовор ҳастем, ҳамонро хоҳем гирифт". Мо барои гуноҳҳои худ маҳкум намешавем, ба хотири он ки хуни Масеҳ гуноҳҳои моро шуста, ноадолатиҳои моро аз мо дур кардааст. Мо мукофотамонро мегирем ё онро аз даст медиҳем, вобаста аст аз ҳаёте, ки мо дар замин доштем. Аъмол, суханон, фикрҳо ва ҳатто мақсадҳои мо аз рӯи Каломи Ӯ санҷида хоҳанд шуд. Чизҳои муваққатие, ки дар асоси онҳо мо ҳаёти худро бино кардаем, аз байн мераванд, ва барои онҳо мо ҳеҷ мукофоте ба даст нахоҳем овард. Лекин чизҳои абадӣ ба мукофотҳое, ки фонӣ нестанд, табдил хоҳанд ёфт (1 Қӯр. 3:14-15).

Мо ё ҳама чизро аз даст медиҳем ё ин ки сазовори мукофот хоҳем шуд. Дар асл ҳама чиз бо чунин тарз мешавад: ҳама чиз хоҳад сӯхт ва мо ҳамчун аз оташ халосӣ ёфта барин наҷот хоҳем ёфт, ё мо бо ҳамроҳи Масеҳ дар тахти салтанат хоҳем нишаст (1 Қӯр. 3:15; Ваҳй 3:21). Фарқи бузурге мавҷуд аст. Дар ҳолати аввал - мо умуман ҳеҷ мукофоте нахоҳем гирифт; дар ҳолати дуюм - мукофоти пурраеро ба даст хоҳем овард ва мукофоти нопурра дар байн мемонад.

Қароре, ки дар он рӯз қабул мешавад, "доварии абадӣ" ном дорад (Ибр. 6:1-2). Ин маънои онро дорад, ки дигар ҳеҷ тағйирот ва илова бар он даровarда намешавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки рафтори

мо нисбати салиби Масеҳ ҷои абадии моро муқаррар мекунад. Ҳаёти мо ҳамчун имондорон муайян мекунад, ки охирати мо дар куҷо мегузарад.

Барои ҳамин бисёр муҳим аст, бидонем, ки Китоби Муқаддас дар бораи доварии абадӣ ва мукофот чӣ мегӯяд. Ин дониш ҳамчун дониши ибтидоии таълимоти Масеҳ ба шумор меравад. Дар синфҳои ибтидоӣ фанҳои асосӣ ба монанди риёзӣ, хондан ва навиштанро меомӯзонанд. Магар таҳсилотро дар донишгоҳи олӣ бе дониши ибтидоии хондану навиштан, ҷамъу тарҳ, зарбу тақсим тасаввур кардан имконпазир аст? Не. Лекин бисёр имондорон таълимотҳои ибтидоии Масеҳро надошта, ҳаёти худро бино мекунанд. Ин масъала бисёр муҳим буд, ва маро барои навиштани китоби “Бо абадият ҳаракаткунандагон” водор намуд, ки дар он муфассал ба ин мавзӯъ рӯшанӣ андохта, тамоми ҷузъиёташро дида баромадаам. Ба шумо маслиҳат медиҳам, ки он китобро мутолиа намоед.

## Ҳаёт дар рӯи замин

Мо фаҳмидем, ки одатҳои неки мо мукофотро дар рӯзи доварӣ муайян мекунанд, лекин баракатҳои он низ дар рӯи ин замин ба мо мерасанд. Мо мехонем: “Вале диндорӣ барои ҳама чиз фоиданок аст, ки ваъдаи ҳаёти ҳозира ва ояндаро дорад” (1 Тим. 4:8).

Агар мо аҳкоми Падарамонро риоя кунем, Ӯ моро ҳам ҳоло ва ҳам дар оянда баракат додан мехоҳад. Барои мо навишта шудааст: “Инчунин одил дар замин баракат хоҳад ёфт” (Мас. 11:31, Тарҷумаи нав). На фақат дар осмон, балки дар замин ҳам. Боз мо мехонем: “Одил бо некӣ баракат хоҳад ёфт” (Мас. 13:22, Тарҷумаи нав). Яъқуб таъкид мекунад: “Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед. Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқ. 1:16-17).

Чизҳои нек аз ҷониби Худост. Чизҳои бад ва марговарро аз ҷониби Худо нашуморед, Ӯ фақат некӣ мебахшад. Худованд мехоҳад бахшоишҳои Худро ҳоло ва дар ҳамин ҷо ба шумо ато кунад. Мукофоти Ӯ аз паси худ чизҳои манфӣ намеоварад. Барои мо навишта шудааст: “Баракати Худованд сарватманд мекунад ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад” (Мас. 10:22). Ва боз: “Шахси бовафо мукофоти фаровонро ба даст меоварад” (Мас. 28:20, Тарҷумаи нав). Мукофоти фаровон, яъне мукофоти пурра.

Аз болои суханони ҳавворӣ Юҳанно фикр карда, ман ба хулосае омадам: “Азбаски мо сазовори мукофоти пурра, ё нопурра ва ё бе мукофот мемонем, ин он маъноро дорад, ки ин намуди мукофотҳо дар ҳаёти заминии мо ҳам айни ҳол тааллуқ дорад”. Агар ба ҳаёти Исои Масеҳ бо диққат назар кунем, ин ҳақиқат фаҳмо мегардад. Ҳангоме ки Ӯ дар рӯи замин қадам мезад, ва бо одамон вомехӯрд, баъзеҳо мукофоти пурра, баъзеҳо мукофоти нопурра мегирифтанд, ва баъзеҳо умуман бе мукофот мемонданд. Биёед ҳоло ҳар яки ин ҳодисаҳоро дар алоҳидагӣ назар мекунем, ки ин ҳолатҳо чӣ тавр рӯй медоданд, ва он гоҳ мо дарк мекунем, ки Ӯ барои мо чӣ омода кардааст.

## Боби 2

# Мукофотҳои нопурра ва бемукофот

Дар шаҳри Носира омадани Масеҳро бо ҳаяҷон мунтазир буданд: Исроил ба омадани Ӯ тайёр буд ва бо таваҷҷӯҳ аз болои ҳар ҳодиса назар мекард, чунки вақт наздик буд, мавсим фаро расида буд. Он вақт халқи Худо мисли масеҳиёни замони ҳозира буд, бисёре аз мо ҳоло медонем, ки дар вақти дубора баргаштани Масеҳ зиндагӣ карда истодаем. Исо гуфтааст, ки мо вақту замонҳоро хоҳем донист, лекин рӯзу соатро намедонем. Барои ҳамин ҳеҷ чизи ҳайратовар нест, ки исроилиён дар бораи омадани аввалии Масеҳ хабар доштанд. Дониёл дар китоби худ бисёр дақиқ он замонро нишон додааст (Дон. 9:24-26). Мутахассисон ва китобдонони шариати Мӯсо ба мунаҷҷимон гуфтанд, ки Масеҳи навзодро дар куҷо меёбанд (Мат. 2:4). Онҳо дар бораи он медонистанд, ки вақт расидааст, лекин вақте ки Масеҳ омад, аксуламали ғайриоддиро мушоҳида менамоем:

> "Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод".
>
> \- Марқӯс 6:5

Ба суханони "ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист" бо диққат назар кунед. Якчанд сол пеш ман ин оятро хонда, ба як лаҳзае андармон шуда мондам. Ман фикр кардам: "Дар ин ҷо гуфта нашудааст: "Ӯ ягон мӯъҷизае накард», балки аниқ навишта шудааст: "ҳеҷ мӯъҷиза нишон

дода натавонист”. Агар “мӯъҷизае накард” навишта мешуд, ба ман фаҳмо мебуд ва ҳеҷ диққати худро ҷалб намекардам, ки дар ин ҷо сухан дар бораи иродаи озоди Ӯ меравад. Лекин дар ин ҷо гуфта шудааст “натавонист”, ин маънои онро дорад, ки Исоро чизе бозмедошт, яъне ки барои амали Ӯ чизе мамониат мешуд. Дар дигар тарҷумаҳо низ ин далел таъкид ва баён карда мешавад. Масалан дар Тарҷумаи нав гуфта шудааст: “Ӯ қодир набуд, ки дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷизоте нишон диҳад”.

Он гоҳ саволе ба миён меояд: Ба хотири чӣ Исо дар шаҳри Носира мӯъҷиза карда натавонист? Чӣ Ӯро бозмедошт? Дар дигар шаҳрҳо Ӯ мӯъҷизоти бузурге мекард: кӯрҳо бино мешуданд, карҳо шунаво мешуданд, лангҳо роҳ мерафтанд, мурдаҳо дубора зинда мешуданд. Ва ин танҳо фақат баъзе мисолҳо мебошанд. Бисёр вақт дар Инҷил мо мебинем, ки Исо бисёр беморонро шифо медод. Фарқ дар чист? Чаро дар шаҳри Худ Ӯ танҳо баъзе беморонро шифо дод? Ҷавобро мо дар суханони истиқоматкунандагони шаҳри Носира, ки дар якчанд оятҳои пештар навишта шудаанд, меёбем:

> “Аз куҷост дар Ӯ ин чизҳо? Чӣ ҳикматест, ки ба Ӯ ато шудааст, ки ин мӯъҷизот аз дасти Ӯ содир мегардад? Оё ин ҳамон наҷҷор нест, ки писари Марям ва бародари Яъқуб, Йӯсе, Яҳудо ва Шимъӯн аст? Оё хоҳарони Ӯ ин ҷо дар байни мо намебошанд?” Ва дар ҳаққи Ӯ ба васваса меафтоданд. Лекин Исо ба онҳо гуфт: “Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ”.
>
> - Марқӯс 6:2-4

Биёед мебинем, ки чӣ рӯй дод. Исо ба шаҳре, ки дар он ба воя расида буд, бармегардад ва дар рӯзи шанбе ба ҷаласаи халқи Худо меояд. Ҳама дар куништ ҷамъ омада буданд. Ногаҳон Исо бархоста, ин ҷои навиштаро қироат мекунад: “Рӯҳи Худованд бар Ман аст ва Ӯ Маро тадҳин кардааст...” (Луқ. 4:18).

Мардум мефаҳмиданд, ки гап дар сари чист, барои он ки ин ҷои навишта барояшон фаҳмо буд. Ин порчаро, ки аз китоби Ишаъёи набӣ буд ва дар бораи омадани Масеҳ нубувват мекунад, онҳо борҳо шунида буданд. Ин мисли он ки мо мавъизаи болои кӯҳ ё дуои “Эй Падари мо”-ро мешунавем ва мо давоми онро хуб медонем.

Исо давом дод: “То ки ба мискинон башорат диҳам ва Маро

фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям, мазлумонро озод кунам ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям” (Луқо 4:18-19).

Акнун ба ҳамаи ҷамъшудагон як чиз фаҳмо набуд, чаро Навиштаҷотро ин ҷавони деҳотии бемаълумот қироат мекунад, на ин ки устоди шариат? Ва ногаҳон мисли садои таркиш дар оромӣ шунида мешавад. Исо китобро пӯшида, нидо мекунад: “Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст” (Луқ. 4:21), ва пас аз он Ӯ дар бораи корҳои бузурги Худованд, ки дар дигар шаҳрҳо анҷом дода буд, нақл мекунад ва бо ин суханон ба ҷуръати нубувваткунандаи Худ хотима медиҳад.

Чӣ? Оё Ӯ дар суханони Худ ҷиддӣ аст? Онҳо ҳама чизро дуруст шуниданд? Ӯ дар ҳақиқат гуфт, ки Он нафаре ҳаст, ки Ишаъё дар борааш нубувват кардааст? Иштибоҳ! Аҳмақист! Дар як даҳшати беимонӣ ба якдигар мегуфтанд: “Ин Исо! Ӯ чӣ мекунад? Ӯ чӣ мегӯяд?”

Шояд дар он ҷо пиразане буд, ки мегуфт: “Ғайриимкон аст! Ин бача бо писари ман дар як синф таҳсил мекард”. Дигаре ин занро дастгирӣ карда, мегуфт: “Оилаи ӯ ҳамсояи мо аст. Ӯ бо Бинёмин дар майдон бозӣ мекард!”

Дигарон тасдиқ карда, мегуфтанд: “Бале, бале, Ӯ ба мо дар моҳи гузашта мизе сохта буд, ки ҳоло мо дар он хӯрок мехӯрем! Ӯ ба мо курсӣ сохта буд! Ӯ писари дуредгар аст! Ӯ ҳоло чиро дар назар дорад, ки мегӯяд: “Рӯҳи Худованд бар Ман аст”, Ӯ дар бораи Худ чӣ фикр мекунад?”

Агар имрӯз мебуд, мо мегуфтем: “Ӯ бо бачаи ман футболбозӣ мекард! Ё Ӯ бо духтари ман дар курсҳои риёзӣ якҷоя мерафт!”

Аз рӯи фаҳмиши худ дар бораи Аҳди Қадим, онҳо як тасаввуроте дар бораи омадани Масеҳ доштанд. Ана боз як ҷои машҳур аз китоби Ишаъёи набӣ:

> Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд ва салтанат дар дӯши Ӯ хоҳад буд ... афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт ... минбаъд ва то абадулобод.
>
> - Ишаъё 9:6-7

Халқи Худо мунтазири шоҳе буданд, ки бо ҳикмати фавқултабиӣ ва қуввати сипаҳсолор меоянд. Мунтазир буданд, ки Ӯ онҳоро аз ғуломии Рум озод карда, миллати соҳибихтиёре барпо мекунад. Ӯ дар тахти

Довуд нишаста, то абад ҳукмронӣ хоҳад кард. Лекин ҳангоме ки Исо ҳамчун шахси оддӣ аз байни халқ омад, ҳамроҳи дигар бачаҳо бо онҳо дар як мактаб таҳсил мекард, бозию ханда мекард, ҳамроҳи падараш дуредгарӣ мекард, дар байни мардуми гунаҳкор, боҷгирону фоҳишаҳо буд. Ва ин табиӣ буд, ки шахсони ҳамроҳи Ӯ ба воя расида дарк карда наметавонистанд. Дар ҳама ҷо ва ҳама вақт дод мезаданд: "Мо омадани Масеҳро ин тавр тасаввур намекардем!"

Мардум аз зодгоҳи Исои Масеҳ намефаҳмиданд, ки аз суханони нубувватии "кӯдаке ба мо таваллуд ёфт" ва то пурра иҷро шудани "мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт", яъне дубора дар ҷисм баргаштани Масеҳ, якчанд ҳазор сол мегузарад.

Ин мисол мисли дигар мисолҳои Китоби Муқаддас ҳақиқатеро баён мекунад, ки бо ақл дарк кардан мушкил аст: одатан Худо нубувватро ба мо ба он қолибе равон мекунад, ки мо аз он хуш нестем. Барои чӣ? Ба хотири он ки мо бидонем, Ӯ Худованд аст ва мо роҳҳояшро пешбинӣ карда наметавонем. Бо ақли худ ҷавоб ёфтан имконнопазир аст, мо бояд бо қалби худ Худи Ӯ ва бахшоишҳояшро ёбем. Навиштаҷотро бо ақли маҳдуди инсонӣ маънидод кардан ғайриимкон мебошад. Бояд ки илҳоми Рӯҳи Худо бар мо бошад. Танҳо Ӯ машварати боҳикмат ва истифодаи онро ба мо медиҳад.

## Фарқи бузург

Ман ба шумо боз як мисол меоварам. Фарисиён низ мисли дигарон мунтазири Масеҳи пурқудрат – қаҳрамоне буданд, ки халқи Худоро аз ғуломии румиён озод мекунад. Ин роҳбарон бисёр мунтазири омадани Ӯ буданд, барои ҳамин умед доштанд, ки дар салтанати ҷадиде, ки дар Ерусалим барқарор мешавад, онҳо низ соҳиби мансаб мешаванд. Ва инак, шахсе бо номи Исо, ки маълумот надорад, аз шаҳри Ҷалил омад, ва ин шахс ба тасаввуроти онҳо дар бораи Масеҳ мутобиқат намекард, ва ба ҳамин далел онҳо Ӯро масхара мекарданд.

Доимо ба Исо зиёд савол медоданд. Дар як ҷой мо мехонем: "Чун фарисиён ба Ӯ савол доданд, ки Малакути Худо кай меояд, дар ҷавоби онҳо гуфт: "Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад, ва намегӯянд: "Инак дар ин ҷост" ё "Инак дар он ҷост", зеро инак Малакути Худо дар дохили шумост" (Луқ. 17:20-21).

Боз фарисиён ба нубуввати Ишаъё дар бораи ҳокимияти заминии Масеҳ рӯ меоваранд. Фарисиён низ Масеҳро меҷӯянд, лекин шабоҳати Ӯро дар асоси чи хеле ки онҳо Китоби Муқаддасро шарҳ медиҳанд, тасаввур мекунанд, ба ивази он ки роҳнамояшон Рӯҳи Худо бошад. Онҳо Худоро на бо қалб, балки бо ақл мешинохтанд.

Барои муқоиса биёед шахси дигареро мебинем, ки инчунин мехост бо Масеҳ вохӯрад. Номи ӯ Шимъӯн буд. Дар Инҷили Луқо гуфта мешавад, ки ӯ чӣ гуна шахс буд:

> Ва инак, дар Ерусалим Шимъӯн ном марде буд, ки марди одил ва парҳезгор ва мунтазири тасаллои Исроил буд ва Рӯҳулқудс бар ӯ буд. Ва аз Рӯҳулқудс ба ӯ маълум шуда буд, ки то Масеҳи Худовандро набинад, фавтро нахоҳад дид. Ва ӯ ба ҳидояти Рӯҳ ба маъбад омад. Ва ҳангоме ки Исои Кӯдакро падару модараш оварданд, то ки маросими шариатро бар Ӯ ба ҷо оваранд, Ӯро ба дасти худ гирифта, Худоро муборак хонд ва гуфт ...
>
> - Луқо 2:25-28

Умуман, агар мо ба давоми суханони Шимъӯн нигоҳ кунем, ӯ кӯдакеро, ки аз таваллудаш тақрибан сӣ рӯз гузаштааст, Масеҳи Худованд эълон мекунад. Акнун аз ҳама чизи ҷолиб. Ана ин одам, ки кӯдаки бачилларо ҳамчун Масеҳ қабул мекунад, ва дар айни ҳол тамоми шаҳри Носира Ӯро рад мекунад. Вақте ки ӯ сисола мешавад ва он мӯъҷизаҳоеро мекунад, ки дар таърихи инсоният ҳеҷ кас накардааст, фарисиён ӯро масхара мекунанд. Барои чӣ? Барои он ки Худо Рӯҳ аст, ва ҳар касе, ки мехоҳад роҳҳои Ӯро бидонад, бояд аз ҷониби Рӯҳи Худо, ки ҳар ростиро ошкор мекунад, ба вай ошкор шавад. Байни Шимъӯн ва ҳамаи дигар одамон як фарқи бузург мавҷуд буд ва мо бояд ин фарқро аниқ бубинем. Ваҳйи Рӯҳулқудс ба мо кӯмак мекунад, то ки дарк кунем, ки барои чӣ бисёр нафарон сазовори мероси пурраи Худованд намешаванд.

## Шараф

Дар аввал биёед ба суханони Исо, ки аксуламали хешовандонашро нисбати хизматгузориаш шарҳ медиҳанд, назар мекунем. Ӯ гуфт: “Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандони ва дар хонаи худ” (Марқ. 6:4). (Дар тарҷумаи инглисӣ ба

ҷои калимаи беқадр, бешараф омадааст, шарҳи тарҷумон.)

Шараф - дар ин оят калимаи марказӣ. Онҳо Ӯро эҳтиром накарданд. Дар забони юнонӣ калимаи шараф - time («ти-ми» талаффуз мешавад), ва ман ин калима ва дигар калимаҳоеро, ки бо он вобастааст, бисёр таҳқиқ кардам. Ман бисёр китобҳои фарҳанги юнонӣ, тафсирҳо ва дигар китобҳоеро, ки забони юнониро таҳқиқ мекунанд, аз назар гузаронидам. Инчунин аз шахсоне, ки забони юнониро бисёр хуб медонанд, пурсидам, ва яке аз ин шахсон дар Юнон зиндагӣ карда, ӯ дар насли чорум имондор мебошад. Боз як хизматгузори Худованд дар Британияи Кабир зиндагӣ ба сар мебарад. Ҳозир он мафҳумеро, ки дар вақти таҳқиқот муайян кардам, ба шумо медиҳам.

Аз ҳама мафҳуми аниқи калимаи time (шараф) ин "арзиш" мебошад. Агар шумо ба як шахси юнонӣ калимаи time бигӯед, ӯ ба худ як чизи "боарзиш, пурқимат" мисоли тиллоро тасаввур мекунад. Ҳоло тасаввур кунед, шумо тиллоро бо ҳамроҳи дигар асбобҳои хона дар як қуттӣ намегузоред-ку, баръакс, шумо барои тилло як ҷои махсусро меёбед. Дигар мафҳуми шараф – "қадр кардан, эҳтиром кардан, бо сабр рафтор кардан, ҳурмат кардан".

Баъзан барои дуруст фаҳмидани маънои ягон калима мафҳуми муқобили ин калимаро бояд омӯхт. Антоними калимаи шараф -беҳурматӣ. Калимаи юнонии atimia, маънояш "беҳурматӣ ва беэҳтиромӣ кардан", мисле ки ба ягон чизи муқаррарӣ, одатӣ, ҳамчун ба ғулом муроҷиат кардан мебошад. Агар шумо ба ягон шахси юнонӣ "беэҳтиромӣ" бигӯед, одатан ӯ дар бораи чизи камаҳамият, як чизи сабуки зудгузаранда фикр мекунад. Шакли пасттари беҳурматӣ ҳамчун чизе, ки шаъну шарафи инсонро паст мезанад, қабул карда мешавад.

Луғат ва фарҳанги юнониро омӯхта, ба хулосае омадам, ки шараф ба амал, суханон ва ҳатто фикрҳои мо вобаста мебошад. Лекин шарафи аслӣ ҳамеша аз дили мо бармеояд. Ана барои ҳамин Худованд мегӯяд: "Азбаски ин қавм бо даҳони худ ба Ман наздик мешаванд ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд, вале дили худро аз Ман дур кардаанд, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани аҳкоми инсонист" (Иш. 29:13).

Пайхас кунед, ки Худованд мегӯяд "тарси онҳо аз Ман". Шарафи ҳақиқӣ аз дил берун меояд, ки дар тарси Худованд асос меёбад. Ин хеле муҳим аст ва баъдтар мо ба ин ақида бармегардем.

Исо гуфт, ки мардуми шаҳри Носира Ӯро қадр накарданд, яъне дар

зодгоҳаш ба Ӯ арзиш ва аҳамияте надоданд. Онҳо дар шахсияти Исо фиристодашудаи Худо, Он шахсеро, ки иродаи Худовандро барои онҳо иҷро мекунад, надиданд. Ба ҷои он онҳо дар Ӯ як шахси оддӣ, бачаи ҳамсояро диданд. Маҳз ба ҳамин сабаб онҳо сазовори мукофоти нопурра шуданд. Исо ҳеҷ мӯъҷизае карда натавонист. Ҳеҷ чизи махсусе дар он ҷо рӯй надод: мумкин якчанд нафар аз дарди сар шифо ёфтанд ва якчанд нафари дигар аз дарди по ва камар шифо ёфтанду бас.

Дар бораи ин ҳодиса як лаҳза фикр кунед. Исо - Писари Худо, Писари Инсон, беандоза пур аз Рӯҳи Худованд - фиристода шудааст, ки беморонро шифо диҳад ва ҳар шахсеро, ки зери асорати иблис аст, раҳоӣ диҳад. Ӯ вазифаи Худро иҷро карда наметавонад, на ба хотире ки Худо намехост мардуми он шаҳрро шифо диҳад, балки ба сабаби он ки худи онҳо Худовандро бо беҳурматии худ маҳдуд карданд. Онҳо бо Ӯ ҳамчун бо як шахси оддӣ, бачаи ҳамсоя рафтор карданд. Барои ҳамин, онҳо лоиқи мукофоти хурде, мукофоти нопурра, шуданд (танҳо якчанд беморон шифо ёфтанд).

## Ҳолате, ки ҳеҷ мукофоте нест

Дар Инҷил як ҳодисаи дигар ҳаст, ки Исо дар хона бисёре аз муаллимон ва донишмандони Навиштаҷотро таълим медод. Ин хизматгузорон аз ҳамаи шаҳрҳои Ҷалил ва Яҳудо омада буданд, то ки ба таълимоти Ӯ гӯш диҳанд. Ва мо мехонем: “Ва қуввати Худованд дар шифо додани *онҳо* зоҳир мешуд” (Луқ. 5:17, иловакунӣ аз ҷониби муаллиф).

Ба калимаи *онҳо* назар кунед - сухан дар бораи он шахсон меравад, ки дар он ҷо буданд. Акнун иҷозат диҳед, ки ҳақиқатро ба шумо бигӯям: Худо ҳеҷ чизро беҳуда сарф намекунад. Ба хотир биёред, Исо чор ҳазор нафар ва баъд панҷ ҳазор нафарро сер кард. Дар ҳар ду ҳолат ҳам Ӯ ба шогирдони Худ амр кард, ки боқимондаҳоро ҷамъ кунанд, то ки ҳеҷ чиз исроф нашавад. Ӯ боқимондаҳоро ҷамъ кард, ки бисёре аз мо онҳоро зери по мекардем. Ва ин ҳодисаҳоро дар бисёр ҷои Навиштаҷот мушоҳида кардан мумкин аст, Ӯ дар корҳои Худ беҳуда ягон чизро намекунад.

Инак, агар қувваи шифодиҳандаи Худо барои шифо додани фарисиён зоҳир шуда бошад, ақаллан як нафар, ё бисёре аз онҳо мӯҳтоҷи ин шифоӣ буданд. Ҳоло аз таҷрибаи худ гуфтанӣ ҳастам. Биёед як

ҳолатеро, ки дар замони мо рӯй додааст, тасаввур мекунем. Тақрибан садҳо нафарро дар як толор ҷамъ кунед ва ақаллан даҳ нафари онҳо ҳаргуна касалӣ доранд, шояд зиёдтари онҳо касалӣ доранд. Қуввати шифодиҳандаи Худо дар он ҷо, вале ҳеҷ кас шифо намеёбад.

Пас аз муддате якчанд дӯстон рафиқи худро дар як бистар оварданд. Онҳо кӯшиш карданд аз дари хона дохил шаванд, вале аз сабаби мардуми зиёд ноком шуданд. Он гоҳ онҳо аз дигар роҳ кӯшиш карданд, ба ивази он ки рӯҳафтода шаванд. Ба болои бом баромада, бомро сӯрох карда, шахси фалаҷро рост пеши пои Исо поён карданд. Пас аз он мо дар Китоби Муқаддас мехонем: «Ва Ӯ имони онҳоро дида, гуфт: «Эй одамизод, гуноҳҳои ту омурзида шуд". Китобдонон ва фарисиён дар дили худ андеша карда, мегуфтанд: "Ин кист, ки куфр мегӯяд? Ҷуз Худои ягона кист, ки гуноҳҳоро омурзида тавонад?"» (Луқ. 5:20-21).

Мутаваҷҷеҳ бошед, ки Луқо дар бораи фарисиён мегӯяд: "дар дили худ андеша карда, мегуфтанд". Биёед камтар чуқуртар фикр мекунем. Ин роҳбарон ба гӯши якдигар мегуфтанд? Ё дар гурӯҳҳои хурд ҷамъ шуда, суханони Исоро аз назар мегузарониданд? Барои бештар фаҳмо шудани ин ҳолат, биёед ба Инҷили Матто муроҷиат мекунем. Матто навишта мекунад, ки онҳо "дар дили худ гуфтанд" (Мат. 9:3). Инак, мо мебинем, ки муаллимон Исоро танҳо дар фикри худ эҳтиром накарданд. Онҳо бо забони худ ҳеҷ сухани баде, ё беҳурматие, ё танқиде нагуфтанд, танҳо фикр карданд. Марқӯс низ менависад: "дар дили худ андеша доштанд" (Марқ. 2:6). Бубинед, ки Исо ба фикрҳои онҳо чӣ ҷавоб медиҳад:

> "Исо дарҳол бар тибқи рӯҳи Худ дарёфт, ки онҳо чунин андеша доранд, ва ба онҳо гуфт: "Барои чӣ дар дили худ ин тавр андеша доред? Кадомаш осонтар аст: ба мафлуҷ гуфтани он ки "гуноҳҳои ту омурзида шуд" ё гуфтани он ки "бархез, бистари худро бардор ва равона шав"? Лекин то бидонед, ки Писари Одам дар рӯи замин қудрати омурзидани гуноҳҳоро дорад" - ба мафлуҷ гуфт: "Ба ту мегӯям: бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав".
>
> - Марқӯс 2:8-11

Дар назари роҳбарони рӯҳонӣ ҳамон лаҳза мафлуҷ бистари худро бардошт ва ба хонаи худ равона шуд. Дар Китоби Муқаддас: "ба тавре, ки ҳама ҳайрон шуданд ва Худоро сипоскунон гуфтанд: "Мисли инро ҳаргиз надидаем"" (Марқ. 2:12).

Онҳо дар ҳайрат буданд, лекин ҳеҷ яке аз онҳо шифо наёфтанд! Ба хотире ки онҳо Исоро дар фикри худ ҳурмат накарданд, лоиқи ҳеҷ мукофот нашуданд. Дар ин ҳолат на суханон, на амал, балки фикрҳои ба забон наомада кори худро карданд. Дар хотир доред, ки шараф ва эҳтиромро дар сухан, дар амал ва дар фикр низ нишон додан мумкин аст, лекин шарафи аслӣ ҳамеша аз қалб ҷорӣ мешавад.

Бисёре аз фарисиён, устодони шариат, китобдонон одати ноҳурматиро нисбат ба Исо пайдо карданд. Онҳо ба Ӯ тамасхур мекарданд, бо нафрат ба Ӯ назар мекарданд ва бисёр вақт дар назди мардум мехостанд Ӯро шарманда кунанд. “Китобдонон ва фарисиён аз паи Ӯ мепоиданд ... то ки айбе ба гардани Ӯ бор кунанд” (Луқ. 6:7). Дар дигар ҷо мо мехонем: “Ва Ӯро дар зери назорат гирифта, айёронро фиристоданд, то ки онҳо худро одил нишон дода, Ӯро аз суханаш афтонанд” (Луқ. 20:20).

Дар ин ҷо якчанд ақидаро таъкид кардем, ва дар асл ин ҳолатҳо бисёр ҳастанд. Шумо мебинед, ки ин мардум на танҳо ба Исо беэҳтиромӣ зоҳир мекарданд, балки мехостанд, ки Ӯро шарманда ва беобрӯ кунанд.

Мардуми шаҳри Носира ба Масеҳ беэҳтиромӣ карданд ва сазовори мукофоти хурд ё нопурра гаштанд. Фарисиён дар фикри худ беэҳтиромӣ карданд ва бе ҳеҷ мукофот монданд. Акнун биёед ба шахсоне назар мекунем, ки лоиқи мукофоти пурра гаштанд ва оё ин мукофоти онҳо бо принсипҳои эҳтирому шараф вобаста буд.

## Боби 3

# Мукофоти пурра

Дар оғози хизмати Худ, вақте ки Исо ба Кафарнаҳум меояд, дар пешвози Ӯ аскари румӣ омада, хоҳиш мекунад, ки хизматгорашро, ки мафлуҷ асту дар ҳолати маризии сахт мебошад, шифо диҳад. Исо розӣ мешавад: “Ман омада, ӯро шифо хоҳам дод” (Мат. 8:7).

Мирисад дар ҷавоб гуфт: “Худовандо! ман лоиқи он нестам, ки Ту зери сақфи ман биёӣ”.

Як дақиқа, “лоиқ нестам”? Шахси ғолиб бо мағлубшуда гап мезанад-ку! Исроил дар асорати Рум буд. Чаро аскари румӣ бо дуредгари исроилӣ ҳарф мегӯяд: “Ман лоиқи он нестам, ки Ту зери сақфи ман биёӣ”? Ин мисли он ки қумандони артиши амрикоӣ ба як коргари оддии ироқӣ бигӯяд: “Ман лоиқи он нестам, ки ту зери сақфи ман биёӣ”. Мебинед, ки ин шахс чӣ қадар Исоро ҳурмат кард? Ин аскари румӣ мефаҳмид, ки Исо дар асл кӣ буд. Ӯ ба Исо ҳамчун ба як шахси боэҳтиром муроҷиат мекунад. Баъд ин аскар мегӯяд: “Зеро ки ман як фармонбардор ҳастам, ва дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам; ба яке мегӯям: “Бирав”, меравад; ба дигаре мегӯям: “Биё”, меояд; ва ба ғуломи худ мегӯям: “Фалон кор бикун”, мекунад” (Мат. 8:9).

Биёед дар аввал мақом, рутбаи ин аскарро мебинем. Дар лашкари Рум, ки легион ном дошт, шаш ҳазор нафар аскар буд, ва як қумандон бар тамоми легион. Легиони шаш ҳазор аскар дошта зери итоати шаст мирисаде буд, ки ба қумандон ҳисобот медоданд. Ҳар як мирисад зери итоати худ сад аскаре дошт.

Вай ба Исо мефаҳмонад, ки чӣ тавр ва барои чӣ он чизе ки ӯ

мепурсад, иҷро мешавад. Аскаронаш ӯро эҳтиром мекарданд, ва ба фармонҳои ӯ итоат мекарданд, ба хотири он ки худаш низ сарқумандонро эҳтиром мекард ва ба салоҳияти ӯ итоат мекард. Ба ӯ маъқул буд, ки ёрии қумандонро ҳис кунад, ки дар навбати худ аз тарафи ҳокимияти Рум устувор мешуданд. Бо суханони содда бигӯем: "Ман дорои ин салоҳият ҳастам, ба хотири он ки ман қумандон ва ҳокимияти давлати худро эҳтиром мекунам, ва зери итоати онҳо ҳастам. Инак, ҳар он чизе ки ба ман зарур аст, танҳо сухане бигӯям, ва онҳое, ки зери итоати ман ҳастанд, ҳамон лаҳза фармони маро иҷро мекунанд".

Ба суханони аввали вай назари диққат кунед: "ва ман низ". Ӯ қудрату салоҳияти Худоро аз болои Исо иқрор мекунад, барои он ки ин аскар мефаҳмид, ки Исо дар олами рӯҳонӣ соҳиби қудрат аст, айнан ҳамон тавре ки худи ӯ дар соҳаи артиш соҳиби қудрат мебошад. Ана барои ҳамин ин шахс дарк кард, ки танҳо фармон додан ба беморӣ кифоят мекунад, ки он беморӣ итоат кунад. Ба ӯ муҳим набуд, ки иҷрои фармони ӯ аз тарафи аскаронаш чӣ қадар вақтро дар бар мегирад. Ба ҷавоби Исо назар кунед:

> "Ва Исо ин суханонро шунида, дар тааҷҷуб монд ва ба пайравони Худ гуфт: Ба ростӣ ба шумо мегӯям: чунин имоне дар Исроил ҳам наёфтаам".
>
> \- Матто 8:10

Мефаҳмед? Исо эълон мекунад, ки ин аскари румӣ аз Яҳёи Таъмиддиҳанда ҳам бештар имон дорад! Дар бораи ин мулоҳиза кунед. Дар идома: ин мирисад аз Марям, модари Исо, ҳам бештар имон дошт. Исо гуфт, ки дар тӯли сӣ соли зиндагониаш дар тамоми Исроил чунин имонеро, ки ин мирисад дошт, вонахӯрдааст. Ва Исо ҳеҷ вақт муболиға намекард. Шаҳрванди Рум ва аскари румӣ, ки айни замон дар тарафи асираткунандагони Исроил буд, шоистаи мукофоти аслӣ гашт.

Ман шахси имондор ҳастам ва умедворам, ки шумо низ, барои он ки бе имон ба Худо писанд омадан мумкин нест (Ибр. 11:6). Навиштаҷот мегӯяд: "Инак, имон аз шунидан, шунидан аз каломи Худост" (Рум. 10:17). Ман ба баҳс кардани он тайёр ҳастам, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда аз ин аскари румӣ бештар Каломи Худоро шунида буд, ба ҳар ҳол имони мирисад бештар буд. Ман пай мебарам (ва ҳатто боварӣ дорам), ки Марям, модари Исо, ва дувоздаҳ шогирди Ӯ ва бисёре аз исроилиён,

ки Исо ҳамроҳи онҳо буд, низ аз ин мирисад бештар каломи Худоро шунида буданд, лекин имони ӯ аз имони ҳар яки онҳо бештар буд. Хайр, чӣ имони ӯро ин қадар бузург сохт? Шарафу эҳтиром ба Исо ва фаҳмиши ӯ дар бораи принсипҳои қудрат буд, ки имонашро бузург сохт. Дар боби ҳабдаҳуми Инҷили Луқо (оятҳои 5-10) мо мебинем, ки на фақат шунидани каломи Худо имонро ба вуҷуд меорад, балки бо ҳамроҳи эҳтиром ва эътирофи қудрат онро ба вуҷуд меорад.

Ин шахс соҳиби мукофоти пурра гашт, ба хотири он ки шарафро ба ҷо овард, ва моҳияти қудрату салоҳиятро дарк кард. Муносибати ӯ ба ҳокимият нишонаи он аст, ки дар қалби ӯ ҳурмат нисбат ба он ҳокимият вуҷуд дошт. Инак решаи ангезаи ӯ шараф буд.

## Зане, ки рад нашуд

Дар боби ҳафтуми Инҷили Марқӯс мо дар бораи як зани юнонӣ, ки аз аҳли Финиқияи Сурия буд, ки назди Исо омада, кӯмак хост, мебинем. Навиштаҳо мегӯяд, ин зан илтимос кард, ки Исо девро аз духтараш берун кунад. Ин маънои онро дорад, ки Исо ба муроҷиати аввала ва дуюмиаш диққат накарда буд. Имкон дорад, ки ин зан ба Исо бисёр дафъа муроҷиат карда бошад. Шояд Исо ҳатто ба тарафи он зан назар накарда бошад. Лекин ин зан хоҳишу талаби худро идома медод. Ӯ умедвор буд, ана дар охир ҷавобе гирифт: «Лекин Исо ба вай гуфт: "Бигзор аввал бачагон сер шаванд: зеро нони бачагонро гирифта, пеши сагон партофтан хуб нест"» (Марқ. 7:27).

Ҳар гунае ки ин оятро маънидод накунем ҳам, як маънӣ дорад. Исо ӯро ба саг баробар кард! Ман хуш ҳастам, ки ин зан аз Амрико набуд. Агар ин чунин мебуд, он гоҳ Исо бисёр гапҳои бадро аз ҷониби ин зан мешунид: "Чӣ?! Ту маро саг мешуморӣ? Ту ходими Худо ҳастӣ? Чаро Ту маро хор мешуморӣ? Ман аз Ту мадад пурсидам, ана ба ивазаш ҳамин? Ту миллатпараст ҳастӣ! Фақат ба хотири он ки ман зани юнонӣ ва Ту марди исроилӣ ҳастӣ, кӣ ба Ту ҳақ дод, ки маро саг гӯӣ! Ту дар ин ҷо бо пайравони Худ нишаста, парвои онро надорӣ, ки зане дар мӯҳтоҷӣ аст ва духтараш мариз мебошад. Куҷост он муҳаббати Ту, ки дар бораш мавъиза мекунӣ? Ҳа, дар ин ҷо ба ҷуз Ту ва пайравонат дигар анбӯҳи мардум нестанд, ки Ту пеши онҳо некии Худро нишон диҳӣ. Акнун ман фаҳмидам, ки дар асл Ту кӣ ҳастӣ. Ту риёкор ҳастӣ! Тоқатам тоқ шуд, ман аз ин ҷо меравам!"

Агар ӯ ҷанҷол мекард, духтараш ҳеҷ вақт шифо намеёфт. Ӯ бе ҳеҷ

мукофот мерафт. Лекин ин зан умуман дигар хел рафтор кард. Баръакс, ӯ бо Исо розӣ шуд ва дар ин мавқеъ сазовори мукофот гашт: «”Оре, Худовандо; лекин сагон низ пасмондаҳои бачагонро зери сурфа мехӯранд”. Ба вай гуфт: “Аз барои ин сухан бирав, ки дев аз духтарат берун шуд ”» (Марқ. 7:28-29).

Ман тасаввур мекунам, чӣ хел Исо табассум карда, ба имони ин зани ғайрияҳудӣ сари Худро меҷумбонад. Оё Исо метавонист хости ин занро рад кунад? Ӯ мегӯяд, ки дев аз духтараш берун рафт, зан ба хона рафта, духтари худро солим мебинад!

Агар ин зан фаъол намебуду рӯҳафтода мешуд, он гоҳ мукофот ва умеди худро аз даст медод. Ӯ медонист, ки Исо Кӣ буд, ва эҳтирому ҳурмати худро нисбат ба Исо дар як лаҳза ҳам аз даст надод. Ӯ ба муносибати Исо нигоҳ накарда, ҳатто агар дағалона ба назар намояд ҳам, беист аз Исо кӯмак мехост. Бо Ӯ ҷанҷол накард, ва аз пеши Ӯ нарафт. Аз сабаби якравии худ ин зан соҳиби мукофоти пурра гашт.

Аҷиб аст, ки дар ҳар ду ҳолат мо имони қавии шахсони ғайрияҳудиро, ки дар аҳд бо Иброҳим набуданд, мебинем. Мирисад ва зани юнонӣ бо имони худ Исоро диданд. Онҳо он принсипҳоро диданд, ки одатан дар ҷамъияти мо инкор мешаванд, дар шароитҳои бисёр мушкил ҳардуи онҳо ба Худованд эҳтиром ба ҷо оварда, соҳиби мукофоти комил гаштанд.

## Принсипи шараф

Агар шумо бо диққат ба Инҷил назар кунед, он гоҳ бисёр дигаронро низ мебинед, ки соҳиби мукофоти пурра, ё нопурра ва ё умуман бе мукофот мондаанд. Ҳар як ҳодиса нотакрор буда, дараҷаи нишон додани шарафу эҳтиромро инъикос мекунад. Баъзеҳо Исоро ба ҳадди кофӣ ҳурмату эҳтиром накарданд, дигарон бошанд аз сидқи қалб Ӯро ҳурмат карданд, сеюмин умуман ба Исо беҳурматию беэҳтиромӣ карданд. Ҳатто агар мо калимаи шарафу эҳтиромро дар матни китоб возеҳ набинем ҳам, принсипҳои онро мушоҳида карда метавонем, ин он қонуни рӯҳоние аст, ки Худо дар бораи он гуфтааст:

> “Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд”.
>
> - 1 Подшоҳон 2:30

Шараф калиди асосӣ ба осмон аст. “Присипи шараф”, ки дар ояти боло навишта шудааст, ба ман писанд меояд. Он шахсоне, ки Худоро эҳтиром мекунанд, Ӯ онҳоро эҳтиром хоҳад кард. Ин принсип маҳз ҳамин тавр кор мекунад. Ҳар шахсе, ки Исоро эҳтиром кард, он чизеро, ки барояш мӯҳтоҷ буд, аз осмон гирифт, мутобиқи эҳтироме, ки карда буд. Роҷеъ ба ин фикр кунед: хизматгор шифо ёфт, духтар аз дев озод шуд, лекин, ба ғайр аз ин, мо низ то ҳол интихоби имони ин шахсонро истиқбол мекунем!

Ин принсип дар ҳодисае, ки пеш аз иди Фисҳ воқеъ гашт, бисёр аён мебошад. Исо дар шаҳри Байт-Ҳинӣ дар хонаи Шимъӯни махавӣ буд. Ҳангоме ки Исо ҳамроҳи дигарон дар сари суфра нишаста буд, зане бо зарфи ганҷин, ки бо равғани атрафшони гаронбаҳо пур карда шуда буд, омад.

Нархи ин равғани сунбула ба маоши яксолаи корманди оддӣ баробар буд. Он зан ба пойҳои Исо ашк рехта, бо мӯйсари худ онҳоро хушк мекард, ва баъд зарфро шикаста, ба сари Исо рехт.

Ин зан Исоро бо равған тадҳин карда, бо ин амали худ Ӯро бисёр ҳурмат кард. Лекин на ҳама шахсоне, ки дар он хона буданд, аз ин кор хуш шуданд: «Баъзе касон норозӣ шуда, дар байни худ гуфтанд: “Чаро ин равғани атрафшон талаф шуд? Зеро онро ба зиёда аз сесад динор фурӯхта, ба мискинон тақсим карда додан мумкин буд”. Ва он занро сарзаниш карданд» (Марқ. 14:4-5).

Аз як тараф, суханони онҳо дуруст ва мантиқӣ ба назар менамояд. Масеҳиён дар бораи мискинон фикр карда, дигар ҳолате, ки дар айни замон воқеъ мешуд, аз назари онҳо пинҳон монд. Онҳо имконият доштанд, ки Писари ягонаи Худоро эҳтиром намуда, ба Худои тавонои офарандаи замину осмон эҳтиром нишон диҳанд. Бубинед, ки Исо ин занро чӣ тавр муҳофизат карда, онҳоро сарзаниш мекунад:

> Вайро ором гузоред; чаро вайро хиҷил мекунед? Вай барои
> Ман кори некӯ кард. Зеро мискинон ҳар вақт дар назди шумо
> ҳастанд ва ҳар гоҳ, ки бихоҳед, ба онҳо эҳсон карда метавонед;
> лекин Ман ҳамеша бо шумо нестам. Вай он чи метавонист,
> ба ҷо овард: Бадани Маро барои дафн пешакӣ тадҳин кард.
> Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар тамоми ҷаҳон ҳар ҷо, ки Инҷил
> мавъиза шавад, кори вай низ барои ёдоварии вай низ зикр
> хоҳад ёфт.

- Марқӯс 14:6-9

Ана ҳамин хел! Шумо дидед, ки Исо чӣ тавр ин занро таъриф кард? Дар замони Исо бисёриҳо корҳои бузург мекарданд, лекин ҳеҷ кадоме аз онҳоро ин қадар эҳтиром накарда буданд. Исо нубувват кард, ки кори неки ин зан дар ҳар ҷое, ки Инҷил мавъиза карда шавад, ба ёд оварда мешавад, ва на фақат дар ҳамон замон, балки ҳамеша аз насл ба насл чунин хоҳад буд.

Ин зан мехост, ки бо тадҳин кардани Устод, ҳурмате ба Ӯ нишон бидиҳад, лекин худи вай аз ҷониби Устод сазовори эҳтиром гашт. Принсипи шараф доимо кор мекунад. Худо мегӯяд: "Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд" (1 Под. 2:30). Диққат кунед, ки залилкунандагон ё касоне, ки беэҳтиромӣ мекунанд, расво хоҳанд шуд. Дар ин тарҷума калимаи расво маънои "шахсе сазовори эҳтиром ва таваҷҷӯҳи дигаре намебошад"- ро дорад. Худо фикр мекунад, ки онҳое, ки Ӯро эҳтиром намекунанд, лоиқи таваҷҷӯҳи Ӯ намебошанд. Инчунин гуфтан мумкин аст, ки Худо ба дуоҳо ва мӯҳтоҷиҳои онҳо диққат намекунад.

Ба суханони Исо назар кунед: "Ҳар кӣ фиристодаи Маро қабул кунад, Маро қабул мекунад" (Юҳ. 13:20). Агар ин ҷумлаи Исоро дар матнаш бихонем, маънои қабул кардан, эҳтиром карданро дорад. Инак, Исо мегӯяд: "Ҳар кӣ Маро эҳтиром кунад, Падарро, ки Писарро фиристодааст, эҳтиром кардааст". Ана барои ҳамин Ӯ барои мо возеҳ мегӯяд: "Касе ки Писарро эҳтиром накунад, Падарро, ки Фиристандаи Ӯст, эҳтиром накардааст" (Юҳ. 5:23).

Он касоне, ки Исоро эҳтиром мекарданд, худашон аз он хабар надошта, Падарро низ эҳтиром мекарданд. Исо гуфт: "Ҷалолро аз мардум қабул намекунам" (Юҳ. 5:41). Дар фикр ва қалби Худ, Ӯ тамоми ҷалолро ба Падар медод. Худи Ӯ то ҳол ҷалол наёфта буд. Ҳангоме ки Ӯ ҷалол ёфт, ҳамон лаҳза Падар амр кард: "Бигзор ҳамаи фариштагон Ӯро парастиш кунанд" (Ибр. 1:6), ва боз "Тахти Ту, эй Худо, то абад аст ва асои Ту асои салтанат аст" (Ибр. 1:8, ва боз ниг. Фил. 2:8-10). Ҳангоме ки Ӯ ҷалол ёфт, ба Ӯ мисле, ки ба Падар, саҷда оварданд.

Лекин ҳангоме ки Исо дар замин хизмат мекард, ҳамчун Писари Одам зиндагӣ мекард. Дар Тарҷумаи нави Китоби Муқаддас дар Филиппиён 2:6-7 омадааст: "Ӯ бо вуҷуди он ки бо Худо як буд, ва шабоҳати Худоро дошт ... Худро (аз ҳамаи афзалият, ҳаққу ҳуқуқ) маҳрум сохт. Шакли хизматгор (ғулом) гирифта, ба одамизод шабеҳ шуда, ҳамчун инсон

таваллуд шуд”. Дар қалби Худ инсон буда, Ӯ тамоми эҳтирому шарафero, ки ҷоиз мешуд, ба Падар равон мекард. Ана барои ҳамин Ӯ ба шахсоне, ки шифо медод, ба онҳо мегуфт: “Зинҳор, ба касе магӯ; балки рафта, худро ба коҳин нишон деҳ, ва он ҳадияро, ки Мусо фармудааст, тақдим кун, то ба онҳо шаҳодате гардад” (Мат. 8:4). Ва боз ҳам мо мехонем: “Исо онҳоро таъкид карда, гуфт: “Зинҳор, касе аз ин огоҳ наёбад”. Ин гуна суханонро мо дар бисёр ҷои Китоби Муқаддас вомехӯрем.

Аз сабабе ки Исо дар замин бо Падар робита дошт, роҳи беҳтарини эҳтиром кардани Падар барои ҳар як шахс ин муносибати дуруст доштан бо Писар мебошад. Ана барои ҳамин Исо он занро, ки ба пояш равғани гаронбаҳоро рехт ба ҳеҷ ваҷҳ сарзаниш накард. Исо ҳеҷ вақт шахсонеро, ки Ӯро эҳтиром мекарданд, сарзаниш намекард, баръакс, Ӯ онҳоро таъриф мекард, ба хотире ки онҳо робитаи Ӯ ва Падарро эҳтиром мекарданд. Шумо бояд дарк кунед, ки Ӯ талабгори шараф набуд, лекин Ӯ принсипи шарафро дастгирӣ мекард.

## Ҷараёни шараф

Пеш аз он ки Исо ба салиб мехкӯб шавад, Ӯ идомаи хизмати Худро ин тавр пешбинӣ кард:

> «Ба шумо мегӯям, ки Маро дигар нахоҳед дид, то даме ки
> бигӯед: “Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!”»
>
> – Луқо 13:35

Бо дигар суханон бигӯем, “Маро нахоҳед дид, то даме ки шахсони фиристодаи Манро, ки эълон мекунанд: “Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд”, қабул накунед. Ё ки “То даме ки шахсони ба исми Ман фиристодашударо эҳтиром накунед, Маро нахоҳед шинохт”. Як лаҳза бозистода дар бораи ин оятҳо фикр кунед. Исо гуфт, ки Ӯ он даме дубора бармегардад, агар мо фиристодашудагони Ӯро эҳтиром ва эътироф кунем. Барои чӣ? Ба ин савол Исо дар дигар ҷойҳои Навиштаҷот ҷавоб медиҳад. Дар яке аз он ҷойҳо чунин омадааст: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ҳар кӣ фиристодаи Маро қабул (эҳтиром) кунад, Маро қабул (эҳтиром) мекунад, ва ҳар кӣ Маро қабул (эҳтиром) кунад, Фиристодаи Маро қабул (эҳтиром) кардааст” (Юҳ. 13:20).

Аз гуфтаҳои боло ва аз оятҳои навбатӣ бубинед, ки Исо роҷеъ ба

принсипи эҳтиром кардан ва татбиқи он ба ҳаёти мо чӣ мегӯяд:

> “Ҳар кӣ шуморо қабул кунад, Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул мекунад, фиристодаи Маро қабул мекунад. Ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар қабул кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт; ва ҳар кӣ одилро ба исми одил қабул кунад, мукофоти одилро хоҳад ёфт. Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард бинӯшонад, чунки исми шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод”.
>
> - Матто 10:40-42

Маънои ин суханонро дигар накарда, иҷозат диҳед, ки ба ивази калимаи *қабул кардан* ва *нӯшонидан* калимаи *эҳтиромро* гузорам.

“Ҳар кӣ шуморо *эҳтиром* кунад, Маро *эҳтиром* мекунад; ва ҳар кӣ Маро *эҳтиром* мекунад, фиристодаи Маро *эҳтиром* мекунад. Ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар *эҳтиром* кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт; ва ҳар кӣ одилро ба исми одил *эҳтиром* кунад, мукофоти одилро хоҳад ёфт. Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат *бо* як пиёла оби сард *эҳтиром* кунад, чунки исми шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод”.

Барои дуруст дарк кардани тарзи эҳтиром, ки дар ин оятҳо гуфта шудааст, мо бояд ду чизи муҳимро аз худ кунем. Якум, дар подшоҳии Худо сохтори ҳокимиятӣ вуҷуд дорад. Ин қудрат ё ҳокимият аз Падар оғоз ёфта, ба Исо, ки фиристодашудаи Ӯ мебошад, бо пуррагӣ дода шудааст. Баъд аз мурдагон зинда шуданаш, Исо эълон кард: “Тамоми қудрат дар осмону замин ба Ман дода шудааст” (Мат. 28:18). Ӯ сарвари калисо мебошад, ва рӯзе хоҳад омад, ки Ӯ ҳамаи душманони Худро зери пой карда, Подшоҳиро пас ба Падараш медиҳад (1 Қӯр. 15:24-26).

Дар сохтори ҳукумати Подшоҳии Ӯ пайғамбар дар навбати дуюм меистад. Дар хотир дошта бошед, вақте ки Исо бо ин суханон ба мардум муроҷиат мекард, онҳо дар дасти худ Инҷилро надоштанд. Онҳо он маълумотҳое, ки мо ҳоло дорем, надоштанд, ва Исо ба забону калимаҳое, ки ба онҳо ҳамон вақт фаҳмо буд, сухан меронд.

Дар Аҳди Қадим пайғамбарон намояндагони Худо дар рӯи замин буданд (Хур. 4:16; 7:1). Инчунин Ибриён 1:1-2 инро тасдиқ мекунад: “Худое, ки аз қадимулайём борҳо ба тарзи гуногун ба падарони мо

ба василаи анбиё сухан рондааст, дар ин айёми охир ба мо ба василаи Писараш сухан ронд, ки Ӯро ворисн ҳама чиз таъин намуд ва оламҳоро низ ба воситаи Ӯ ба вуҷуд овард”. Дар Аҳди Ҷадид баъд аз марг ва дубора зинда шудани Исо боз як дафъа такрор мешавад: “Ӯ баъзеро ҳаворӣ, баъзеро анбиё, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд” (Эфс. 4:11).

Агар Исо дар ин замон ба мо муроҷиат мекард, Ӯ чунин мегуфт: “Ҳар касе ки ҳаввориро эҳтиром кунад, мукофоти ҳаввориро хоҳад ёфт ва ҳар кӣ шубонро ба исми шубон эҳтиром кунад, мукофоти шубонро хоҳад ёфт”, ҳамин тавр бо башоратдиҳандаву, муаллиму, анбиё низ аст.

Дар боби даҳуми Инҷили Матто, Исо аз эҳтиром кардани пайғамбарон (ки пешвои халқ мебошанд), ба эҳтиром кардани одилон ва дар анҷом ба эҳтиром кардани “хурдон” мегузарад. Ӯ тамоми сатҳи ҳокимиятро, ки имондор бо он рӯ ба рӯ мешавад, таъкид карда, дар анҷом дар бораи он шахсоне мегӯяд, ки дар зери ҳокимият ва нигоҳбонии мо мебошанд. Ҳар як одаме, ки мо бо ӯ вомехӯрем, дар ин ё он гурӯҳе, ки зикр ёфтааст, тааллуқ дорад.

Ва инак, мо ба фикри дуюми асосӣ наздик мешавем. Агар мо он шахсонеро, ки аз мо боло ҳастанд, эҳтиром кунем, лоиқи мукофот мешавем. Агар мо он шахсонеро, ки бо мо дар як сатҳ (баробар) ҳастанд, эҳтиром кунем, мо сазовори мукофот мешавем. Дар охир, агар мо он шахсонеро, ки дар зери ҳокимият ва нигаҳбонии мо ҳастанд, эҳтиром кунем, мо инчунин мукофоти худро аз даст нахоҳем дод. Дар хотир доред, ки мо навиштаҷот аз Инҷили Матторо чӣ тавр шарҳ додем: “Шумо то он даме, ки фиристодагони Маро *эҳтиром* накунед, Маро нахоҳед дид”. Агар мо ин суханонро бо дигар оятҳо пайваст кунем, он гоҳ мебинем, ки ҳар як аз ин сатҳҳо мукофоти аҷибро аз осмон ҷалб мекунад. Ба ғайр аз ин, худи ин мукофотҳо ба мо фаҳмиши бештарро дар бораи чӣ гунагии шахсияти Масеҳ ошкор мекунад. Ин мавзӯъро дар қисмати боқимондаи китоб дида мебароем.

# Боби 4

# Мушкилӣ бо роҳбар нест

Дар се боби аввал мо бисёр ҷои Навиштаҷотро дидем, то дарк кунем, ки барои чизеро аз ҷониби Худованд ба даст овардан, мавқеи эҳтиром то чӣ андоза муҳим аст. Мухтасар такрор мекунем: ҳаворӣ Юҳанно моро таълим медиҳад, то ки дар зиндагии худ барои ба даст овардани мукофоти пурра саъю кӯшиш дошта бошем. Ба хотири он ки ӯ дар бораи “мукофоти пурра” мегӯяд, ин маънои онро дорад, ки мукофоти нопурра ва умуман бе мукофот мондан низ вуҷуд дорад. Дар вақти хизмати Исо дар рӯи замин мо мушоҳида карда метавонем, ки вобаста аз муносибати одамон ба шахсияти Исо, шахсоне буданд, ки лоиқи мукофоти пурра гаштанд, дигар шахсон сазовори мукофоти нопурра гаштанд ва баъзеҳо, ки умуман бе мукофот монданд (вобаста аз эҳтироми онҳо).

Пеш аз он ки Исо ба осмон сууд кунад, гуфт: “Ман меравам, ва то он даме, ки он шахсеро, ки Ман мефиристам, эҳтиром накунед, шумо дигар Маро нахоҳед дид” (Луқо 13:35, шарҳи муаллиф). Бо чунин тарз Исо ба мо мегӯяд, агар мо роҳбарро эҳтиром кунем, он гоҳ сазовори мукофоте мешавем, ки Худо ба воситаи ин роҳбар ба мо ато мекунад. Мо бояд дигар имондоронро ва инчунин шахсонеро, ки зери ҳокимияти мо ҳастанд, низ эҳтиром кунем. Дар ибтидо мо ба он шахсон, ки соҳиби қудрат ҳастанд, ва баъд дар бобҳои оянда ба ду гурӯҳи боқимонда назар мекунем.

## Мисолҳо аз замони мо

Шахсан ман бо бисёр хизматгузороне, ки дар тамоми ҷаҳон рафта, Инҷилро мавъиза мекунанд, ошноӣ дорам. Дар аввал ман дар барои

ҳамсарон Т.Л. ва Дейзи Осборн гуфтанӣ ҳастам. Дар байни солҳои ҳаштодум мо ҳамроҳи Лиза афзалият доштем, ки бо чунин шахсон якҷоя хизмати Худовандро ба ҷо оварем. Дар он вақт ман дар калисое кор мекардам, ки ҳашт ҳазор нафар аъзо дошт. Кори ман аз он иборат буд, ки меҳмонон воизонро пешвоз гирам. Оилаи Осборнҳо бисёр ба калисои мо меҳмон мешуданд, ва ҳамин тавр ман имконияти зиёди бо онҳо мулоқот карданро доштам. Мо ҳамроҳи онҳо дӯст шуда, дар телефон ва навиштани нома дар тамос будем. Ду маротиба Т.Л. Осборн ба ман либосҳои худро ҳамчун тӯҳфа фиристод, ба хотире ки андозаи либоси мо як буд. Ӯ ба назари ман яке аз қаҳрамонҳои имон буд ва то имрӯз мемонад.

Дар он вақт Т.Л. ва Дейзи миллионҳо нафаронро ба наҷот оварда буданд. На ба тариқи барномаҳои телевизионӣ, балки дар сафарҳои худ дар тамоми қисмати дунё ин корро анҷом дода буданд. Қисми зиёди сафарҳои башоратдиҳандаи худро онҳо дар Африқо гузаронида буданд. Дар ҳар ҷаласа аз 50000 то 250000 нафар иштирок мекарданд.

Дар ҳар ҷаласа бисёре аз кӯрон бино мешуданд. Одамон ба ҷаласа нобино омада, аз он ҷо бино шуда мерафтанд. Лекин ин танҳо қуллаи кӯҳи баланд буд. Садҳо каррон шунаво мешуданд; бисёр шахсон аз касалиҳои сахт шифо меёфтанд; теъдоди зиёди мафлуҷоне, ки ба он ҷо дигарон онҳоро меоварданд, аз он ҷо бистари худро бардошта, ба пои худ ба хона бармегаштанд. Бародар Осборн роҷеъ ба мӯъҷизаҳое, ки дар Африқо рӯй дода буд, якчанд китоб ҳам навиштааст.

Яке аз ҳодисаҳои таъсирбахш бо як зан буд, ки дар байни ҷаласаҳо дар Африқо назди Дейзи омада буд. Ин зан дар даст ҷасади фарзанди мурдаи худро дошт. Кӯдак сар то по бо матое печонида шуда буд. Модараш ин ҷасадро ба дасти Дейзи супорида, аз тариқи тарҷумон аз ӯ хост, ки барои зинда шудани фарзандаш дуо кунад. Дейзи ин фарзанди хурдеро, ки дар матоъ печонида шуда буд, ба даст гирифта, як дуои оддиро хонд. Баъд аз якчанд сония ӯ эҳсос кард, ки кӯдак меҷунбад ва ҳатто садои сулфа ва атсаи ӯро аз дохили матоъ шунид. Ӯ матоъро кушода, дар даруни он як писарбачаи зинда ва солимро дид.

Дейзи рӯи бачаро пӯшонида, ба модараш пас супорид. Модар матоъро аз рӯи бачааш кушода, ба рӯи ӯ нигоҳ кард, ва аз шодӣ бо садои баланд дод мезад. Дейзи дар ҳайрат буд, ки чаро модар ҳангоме ки сулфа ва атсаи бачаашро мешунид, дод назад. Чаро танҳо ҳангоме ки рӯи бачаашро воз кард, ин қадар хурсанд шуд.

Дейзи ба воситаи тарҷумон аз зан инро савол кард. Он гоҳ модар гуфт: “Писари ман бо як чашм таваллуд шуда буд. Ба ҷои чашми дуюмаш пӯсти холӣ буд, ва ҳоло ман мебинам, ки фарзандам бо ду чашми хушрӯй ба ман нигоҳ мекунад!”

Боз бисёр ҳодисаҳои аҷибе ҳастанд, ки онҳо ба номи Худованд ва Наҷотбахши мо Исои Масеҳ анҷом доданд.

Ман боз дигар дӯсте дорам, ки бисёр сафарҳои башоратдиҳиро дар Африқо, махсусан дар Ҳабашистон ва Судан, анҷом додааст. Дар ҷаласаҳои ӯ аз 50000 то 250000 нафар меомаданд, ва садҳо нафар аз онҳо шифо меёфтанд, чашмони нобино ва гӯшҳои ношунаво воз мешуданд.

Якчанд сол пеш ӯ як воқеаи бисёр аҷиброро нақл кард. Дар яке аз ноҳияҳои Африқо, ки онҳо дар он ҷаласа доштанд, як шахсе зиндагӣ мекард, ки ӯро одам-маймун меномиданд. Ӯ ин қадар сахт зери таъсири девҳо буд, ки ҳеҷ кас ӯро баста наметавонист. Ӯ дар дарахтҳо зиндагӣ карда, доимо бараҳна ва бо тарзи чорпоя мегашт. Дастҳояш мисли пойҳояш ҳамон қадар дағал ва сахт буданд. Якчанд аз мардуми деҳа ба ӯ раҳмашон омада, ӯро баста, ба ҷаласа оварданд. Дӯстам ба ман гуфт: “Ҷон, ман ба гурӯҳи зиёди мардум мавъиза карда, ногаҳон дидам, ки як нафар дар ҳаво, тақрибан ба баландии 3 метр ҷаҳид ва зуд ба замин афтод ва дигар наҷумбид. Ман фикр кардам, ки ӯ мурдааст. Лекин дар рӯзи дигар ӯ бо либоси зебо ба саҳна баромада, ба ман шаҳодат дод, ки чӣ тавр Худо ӯро озод кардааст. Ин ҳамон одам-маймун буд.

Баъд аз ин воқеа анбӯҳи мардум аз даҳ ҳазора ба сад ҳазора мубаддал гашт, ба хотире ки дар гирду атроф ҳама одам-маймунро мешинохтанд. Ҳамаи ин мардум мехостанд он Каломи Худоро бишнаванд, ки ин девзадаро озод кардааст.

Ман бе охир ҳодисаҳои мисли он ки дар Африқо бо мардон ва занони Худованд рӯй додааст, нақл карда метавонам. Лекин гап дар сари он ки ҳамон хизматгузороне, ки дар Африқо чунин мӯъҷизаҳоро анҷом медиҳанд, пас ба Амрико ё давлатҳои ғарбӣ бо айни ҳамон паём, бо айни ҳамон тадҳин, бо айни ҳамон тариқаи хизматгузорӣ бармегарданд, ва танҳо якчанд нафар аз дарди сар ё дарди камар шифо меёбанду халос. Барои чӣ? Ҳама чиз боз ба мафҳуми шараф пас бармегардад. Дар баъзе кишварҳо ба дӯстони ман, ки дар бораашон гуфтам, бо эҳтироми бузург муносибат мекунанд. Ба онҳо мисли мардон ва заноне, ки аз ҷониби Худованд фиристода шудаанд, мисли ба шоҳон, назар мекунанд.

## «Ту марди Худо ҳастӣ, ҳамин тавр нест?»

Якчанд дафъа ман ҳам дар Африқо, дар кишварҳои Кения, Зимбабва, Ангола хизмат кардаам. Одатан аз рафтори бисёр боэҳтиромонаи онҳо, ки бо он маро пешвоз мегирифтанд, ман ҳатто нороҳат мешудам (на ин ки иштибоҳи ин шахсон бошад, балки худро камтар нороҳат эҳсос мекардам). Онҳо ба ман мисле, ки ман шоҳ бошам, муносибат мекарданд. Онҳо маро ба меҳмонхонаҳои беҳтарин ҷой мекарданд, ва ман медонам, ки ин барои онҳо қурбонии бузург аст. Онҳо бо худ ҳама чизи маро, ҳатто Китоби Муқаддаси маро, мебардоштанд. Онҳо аз ҳама хӯроки беҳтаринро ба ман медоданд, ва нафарони хуби онҳо ба ман хизмат мекарданд.

Ман он лаҳзаро дар хотир дорам, ки баъд аз мавъизае, ки дар он якчанд ҳазор нафар иштирок доштанд, маро дар утоқе бурданд, ки дар он кондитсионер буд. (Дар чунин ҷойҳо утоқи бо кондитсионер бисёр кам вомехӯрад.) Дар он ҷо аз байни бисёр занон як зан пеш омада, мехост ба ман хизмат кунад.

Ӯ дар зону хам шуда, дар даст тағорае дошт, дар ҳамин лаҳза дигар зан кӯзаи обдорро барои шустани даст овард. Баъд аз шустани дастам, як зани дигар бо сачоқ омада, дасти маро хушк кард. Онҳо корҳои беҳтаринро ба ман карда, бо аъмоли худ маро эҳтиром карданд. Ҳангоме ки зан пеши ман ба зону хам шуд, ман худро нороҳат эҳсос карда, фикр кардам: “Ман дастони худро худам шуста метавонам, ба ту зарур нест, ки заҳмат бикашӣ”. Лекин Рӯҳи Муқаддас маро огоҳ кард: “Ҳатто фикри рад кардани ӯро надошта бош, иҷозат бидеҳ, ки ӯ ба ту хизмат кунад”.

Байни эҳтиром ва саҷда фарқе ҳаст. То абадулобод мо танҳо ба Худо, Худованд ва Шоҳи худ саҷда хоҳем кард. Лекин доимо мо он шахсонеро, ки сазовори шараф ҳастанд, эҳтиром хоҳем кард. Чунин аст қонуни Подшоҳии Худо.

Ман дар ёд дорам, ки дар соли 1990 ман як афзалият доштам, ки ба роҳбарони як ҳаввории машҳур мавъиза кунам. Дар тамоми калисоҳое, ки дар зери рӯъёи ӯ буданд, тақрибан панҷ миллион нафар буданд. Калисоҳои ӯ дар ҳаждаҳ кишвари Африқо мавҷуд буданд. Ҳар сол дар моҳи феврал, ӯ шубонҳои калони калисоҳоро ҷамъ мекард. (Онҳо шаш ҳазор нафар буданд ва ёрдамчиёни шубонҳо дар он ҷо иштирок надоштанд.) Ӯ роҳбаронро аз Амрико ва дигар кишварҳо даъват мекунад, то ки ба онҳо мавъиза кунанд. Ман дар хотир дорам, ки дар солҳои навадум ин яке аз

хизматгузориҳои пурқувват буд. Ман мисли шахси аз дигар олам омада мавъиза мекардам. Ҳузури Худо бисёр пурқудрат эҳсос карда мешуд.

Дар байни ҷамъомадҳо ба ман ҳамон тавр хизмат мекарданд, ки ман дар боло гуфта гузаштам. Баъд аз он ки ӯ рафт, роҳбаре, ки дар он ҷо буд, ба ман гуфт: “Ту дидӣ он нафаре, ки ҳоло ба ту хизмат кард? Ӯ сардори тамоми масеҳиёни як кишвар мебошад”.

Ман дар ҳайрат будам. Баъд камтар ба худ омада, гуфтам: “Ва ҳамаи инро ӯ ба ман кард?” Ман бовар карда наметавонистам, ки одаме бо чунин мавқеъ ҳамин тавр бо осонӣ ба ман хизмат карда метавонад. Барои ман шарафи бузурге буд, ки бо ӯ якҷо бошам, ва, аз он ҳам бештар, ба ӯ иҷозат бидиҳам, ки ӯ ба ман хизмат кунад.

Баъд ин ҳаввории бузург ба ман нигоҳ карда, бо нофаҳмӣ ба ман гуфт: “Ту-ку марди Худо ҳастӣ?” Он гоҳ ман фикр кардам: “Мо амрикоиҳо инро дарк карда наметавонем”.

## Паёмбарро чӣ тавр мепазиранд

Бештар аз бист сол аст, ки ман сафар карда, Каломи Худоро мавъиза мекунам. Ман пайхас кардам, ки дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар маҳбасҳо ва лагерҳои низомӣ хизмат кардан осонтар аст, барои он ки дар он ҷо мӯъҷизаву аломотҳо бештар рӯй медиҳанд, дар он ҷо мавъиза кардан ҳам осонтар, ҳузури Худо ҳам бештар эҳсос карда мешавад. Барои чӣ? Ба хотири он ки дар он ҷойҳо бештар эҳтиром мекунанд ва ба ҳокимият ҳурмат доранд.

Ман дар хотир дорам, ки як рӯз фаҳмидам, ки гап умуман дар ман, ҳамчун хизматгузор, нест, лекин дар он аст, ки одамон чӣ тавр маро қабул мекунанд. Ман дар қисми ҷанубӣ-шарқии Амрико, дар як калисо бояд мавъиза мекардам. Дар ҳамон қисми Амрико як маҳбаси реҷаи сахт низ вуҷуд дошт, ки дар он тақрибан якуним ҳазор маҳкумшудагон буданд. Шубони калони калисо ҳамзамон вазифаи ёрдамчии коҳини маҳбасро низ ба дӯш дошт. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки саҳарии рӯзи якшанбе ба маҳкумшудагон мавъиза кунам. Ҷаласа дар маҳбас соати 8 оғоз ёфт ва дар калисо мебоист соати 11 оғоз меёфт. Мо вақти кофие доштем, ки дар ҳар ду ҷаласа ҳузур дошта бошем. Ба ҳамин сабаб ман розӣ шудам, ки дар маҳбас мавъиза кунам.

Саҳарии рӯзи якшанбе бештар аз сад маҳкумшудагон дар ҷаласа ҳузур

доштанд. Парастиши Худованд бисёр аҷоиб буд: мардон аз сидқи дил суруд мехонданд. Ман умуман аз ёдам рафт, ки дар маҳбаси реҷаи сахт ҳастам, то он вақте, ки аз роҳбари парастиш напурсидам, ки ба чанд сол ӯ маҳкум шудааст. Чашмони ӯ ин қадар пок буданд, ки ман фикр кардам, ҷавоби ӯ ду-се сол мешавад.

Ӯ ба ман бо як оромӣ ва фурӯтанӣ нигоҳ карда, гуфт: "Ҷаноб, ман ба се ҳукми умрбод маҳкум шудаам". Ман карахт монда, ҳеҷ дигар сухане надоштам. Ӯ ба ман бо як эҳтироми ғайриоддӣ рафтор мекард. Ва айни ҳамон муносибатро ман аз тарафи ҳар яки онҳо эҳсос мекардам. Маҳкумшудагон бисёр хурсанд буданд, ки воиз аз дигар шаҳр омада, ба онҳо дар бораи Исои Масеҳ мавъиза мекунад. Онҳо маро ин қадар ҳурмат карданд, ки аз пазироии онҳо ман бисёр хуш шудам.

Ҳамон лаҳзае, ки микрофон ба дасти ман расид, ман онҳоро мисли шахсе, ки аз дигар олам омада бошад, таълим медодам. Тадҳин он қадар қавӣ буд, ки ман пур аз қувва будам ва дар болои саҳна мисли мураббии дастаи футбол, ки дастаи худро барои қаҳрамонии ҷоми ҷаҳон тайёр мекарда бошад, медавидам. Мардҳо аз хурсандӣ дод мезаданд. Вақти бисёр хубу аҷиб буд!

Ман як соат мавъиза кардам ва Рӯҳи Муқаддас ба ҷамъомадагон нозил шуд ва баъд аз он якуним соати дигар чизҳои аҷибе рӯй медоданд. Мардон наҷот меёфтанд, бо Рӯҳи Муқаддас пур мешуданд, шифо меёфтанд, барои хизматгузории доимӣ ба Худованд даъват мешуданд.

Ёрдамчии ман, ки маро дар сафарҳо ҳамроҳӣ мекунад, ба саҳна омада, микрофонро аз дасти ман гирифта, бо ашк дар чашмонаш ва бо ларзае дар овозаш гуфт: "Агар ман дар ин ноҳия зиндагӣ мекардам, ин ҷо калисои маҳаллии ман мешуд". Он гоҳ мардоне, ки ҷамъ шуда буданд, аз хурсандӣ бо овози баланд дод заданд.

Соати 10:30 мо аз маҳбас пас баргаштем. Усқуф, ёрдамчиам ва ман дар ҳолати хушиву пурҳаяҷон будем. Мо мунтазири ҷаласаи хубе будем, ки дар калисо мебоист баргузор гардад. Ман гуфтам: "Баъд аз он ки мо дар ин ҷаласаи аҷоиб ҳузур доштем, ҷаласаи навбатӣ бояд ки аз он ҳам беҳтар бошад". Ман боварӣ доштам, ҳангоме ки мо вориди толор мешавем, он ҷалоле, ки дар мо буд, ба ҷамъомадагон мегузарад.

Ва он чизе, ки рӯй дод, ман ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорам. Ман ба ҷаласа ворид шуда, ба сахтӣ даҳони худро воз мекардам. Муҳити он ҷо ин қадар вазнин ва фишордиҳанда буд, ки ман бо бисёр мушкилӣ

мавъиза мекардам. Ман доимо фикр мекардам: “Ин чӣ тавр аст, якчанд соат пештар, ман мисли одами аз дигар дунё омада мавъиза мекардам. Ҳоло чӣ шуд?” Ман ҳеҷ чизро намефаҳмидам, ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонистам, худро оташин карда наметавонистам. Мисли он буд, ки оташи ман хомӯш шуд. Ногаҳон ҷараёни тадҳин дар ҳаёти ман бозистод. Дар он замон ман дар бораи принсипи шараф намедонистам. Ман танҳо дар бораи ин меомӯхтам. Лекин акнун ман мехоҳам, ки ҳар як нафар дар бораи ин донад.

Ҳодиса дар бораи он ҷаласаи дар маҳбас шуда бо ин хотима наёфт. Пас аз шонздаҳ соли он, аз ман хоҳиш карданд, ки дар калисои шаҳри Омаха, иёлоти Небраска, мавъиза кунам. Ман намедонистам, ки кадом муносибат маро дар он ҷо мунтазир буд. Дар ҷаласаи аввал нафари бо садоҳои асбоби мусиқӣ машғулбударо дидам, ҳамон нафареро, ки пешвои гурӯҳи парастиш буд, дар он маҳбас, шинохтам. Ман дар ҳайрат будам. Ман аз ӯ пурсидам: “Чӣ тавр ту аз он ҷо озод шудӣ? Охир ту дар се маротиба ба ҷазои умрбод маҳкум шуда будӣ, ва ҳаққи пеш аз мӯҳлат озод шуданро надоштӣ? ”

Ӯ дар бораи мӯъҷизаи озодшавии худ ба ман нақл кард, ки дар он вақт ҳатто инро тасаввур кардан ҳам мушкил буд. Ӯ дар бораи он каломи нубувватие, ки шонздаҳ сол пеш ман бар ҳаёти ӯ эълон карда будам, ба ёдам овард. Ҷаласа наворбардорӣ шуда буд, ва ин имконият дод, ки пас аз он ӯ тамоми нубувватро дар варақ барои худ навишта гирад. Дар тӯли тамоми он солҳо дар як дафтарча тамоми воқеаҳоро менавишт. Ин мард он дафтарчаро ба ман дод, ва ман тамоми он нубувватҳоеро, ки ба ӯ гуфта будам, хондам. Худо ба воситаи ман ба ин мард гуфта буд, ки хизматгузори доимӣ дар Подшоҳии Худо мегардад, ва хизматгузории ӯ дар байни чор девори маҳбас танҳо вақти тайёрӣ ба хизматгузории оянда, ки берун аз деворҳои ин зиндон аст, мебошад. Ман ин суханонро ба ӯ пеш аз бохабар шудани он, ки ин шахс ба се маротиба умрбод маҳкум шудааст, гуфта будам. Ман бисёр хурсанд ҳастам, ки дар бораи ҳолати ин мард ман пеш аз ҷаласа бохабар нашудам, дар акси ҳол аз вазъияти сахти вай огоҳ буда, ба ман мушкил мешуд, ки ин суханонро барояш бигӯям.

Ҳоло мебинед, ки дар он ҷаласае, ки дар маҳбас буд, чӣ қадар тадҳини Худо пурқувват буд. Ба ин нигоҳ накарда, баъд аз як соат дар дигар ҷаласа муҳити бисёр вазнин буд ва ман умуман беоташ будам. Ман ҳатто бо мушкилӣ мавъиза мекардам. Дар он рӯз ман дарк кардам,

ки гап дар ман нест, лекин дар он аст, ки оё маро ҳамчун паёмбари Худо қабул мекунанд. Маҳкумшудагон ба ман бо эҳтиром ва ҳурмат муносибат мекарданд. Дар калисо аъзои он бо тамоми вуҷуди худ нишон медоданд: "Ҳамаи ин суханонро мо пештар ҳам шунидаем, дар ин ҷо мо бисёр меҳмонон ва воизонро доштем, наход ки ту ба мо ягон чизи нав гуфта метавонӣ?" Байни хизматгузориҳо фарқи бузурге вуҷуд дорад, лекин ҳама чиз танҳо аз як калима - шараф (иззату эҳтиром) вобаста аст.

## Эҳтиром кардан, ҳатто ҳангоме ки туро меранҷонанд

Ба ман иҷозат диҳед, ки боз як ҷои Навиштаҷотро нишон диҳам, ки дар он гуфта шудааст, ки гап дар хизматгузори Худо нест, балки дар он ки чӣ тавр ин роҳбарро қабул мекунанд. Дар Аҳди Қадим хизматгузоре бо номи Элқоно буд. Ӯ ду зан дошт, Ҳанно ва Фининно. (Ман бисёр хуш ҳастам, ки ҳоло дузанагӣ иҷозат дода нашудааст ва ман бисёр хуш ҳастам, ки танҳо як зан дорам.) Фининно соҳиби фарзанд буд, Ҳанно бошад нозой буд ва фарзанд надошт. Дар он замон занҳо муҳаббати худро ба шавҳаронашон бо таваллуд кардани фарзанд, махсусан писар, нишон медоданд. Барои чӣ? Барои он ки насли падариро давом додан бисёр муҳим буд.

Ҳар сол ин оила барои овардани қурбонӣ ба Худованд ба шаҳри Шилӯ мерафтанд. Фининно ҳар сол фарзанд ба дунё меовард, Ҳанно бошад таваллуд карда наметавонист, то касеро ба Худованд тақдим кунад. Ҳанно аз ин ҳолат бисёр нороҳат буд, ва илова бар ин Фининно ӯро масхара мекард. Навиштаҳо мегӯяд: "Ва паланҷаш варо сахт ранҷонида, бисёр ба хашм меовард" (1 Под. 1:6). Ин тамасхурҳо ва азобҳое, ки Фининно мерасонд, ба худ тасаввур карда метавонед: "Ҳа дугонаҷон, ҳоло кадоме аз мо шавҳарамонро бештар дӯст медорад? Ман ба вай ин қадар фарзанд ба дунё овардам, ту чӣ? Фарзандони ту куҷоянд? Ту зан нестӣ, ҳатто нисфи зан ҳам нестӣ. Шояд шавҳарат туро умуман дар ҷогаҳ навозиш намедиҳад? Чӣ аз ту нафрат мекунад? Албатта ӯ маро дӯст медорад". Бо чунин суханон вайро доимо озор медод.

Дар охир, Ҳанно аз ин ҳолат бисёр хаста шуд. Ӯ қарор кард, ки ба маъбад рафта, аз ҳамаи ин азобу ғамҳо дар ҳузури Худованд тасаллӣ ёбад. Вай дар ғаму ғусса дар назди Худованд дуову нола мекард. Ӯ аз қалби худ гап мезад, ба ҳамин хотир даҳони вай меҷунбид, лекин садояш намебаромад. Ӯ бо Худованд аҳду паймон баст, ки агар Худованд батни

ӯро воз кунад ва тифле барояш ато намояд, он гоҳ вай ин кӯдакро бо тамоми умраш ба Худованд мебахшад.

Дар ҳамин ҳол Элии коҳин ба ин зан назар кард. Вай фикри онро кард, ки ин зан аз нӯшидани шароб маст аст ва ба вай садо кард: “То ба кай маст мешавӣ? Шаробро аз худ дур кун” (1 Под. 1:13-14).

Такрор мекунам, ки Ҳанно зани амрикоӣ набуд. Дар акси ҳол Элӣ суханони нофорамро аз вай мешунид. Он гоҳ вай ҳатман хашмгин шуда, фикр мекард: “Ин чӣ гуна коҳин аст? Ман рӯза гирифта, дар дуо дили худро пеши Худованд мекушоям, вай бошад маро ба мастӣ айбдор мекунад. Ин тавр имкон надорад, шояд ман суханони ӯро нодуруст фаҳмида бошам. Ин танҳо ба гӯши ман расид, чаро ба гӯши ман расид, вай ҳамин тавр гуфт. Чӣ қадар инсони дағал аст. Бераҳм ва бетарбия аст. Чӣ тавр ӯ пешвои ин маъбад мебошад. Ба ӯ бояд эътироз кард ва аз вазифааш ва хизматаш бояд ки сабукдӯш шавад”.

Ӯ метавонист асабонӣ шуда, ба коҳин дод занад: “Ин ту маро маст мегӯӣ? Ман дар рӯзаву дуо пеши Худованд дили худро мекушоям, ту бошӣ маро ба мастӣ айбдор мекунӣ! Ҳангоме ки касе воқеан Худоро меҷӯяд, ту ҳатто пай бурда наметавонӣ! Ту чӣ гуна коҳин ҳастӣ!? Ва ин ҷо чӣ гуна маъбад аст? Ман ҳамаи ин воқеаро ба шавҳарам мегӯям ва дигар ҳеҷ вақт мо ин ҷо дубора пас барнамегардем! Мо ба дигар маъбад меравем!”

Агар Ҳанно ин тавр рафтор мекард, соҳиби ҳеҷ гуна мукофот намешуд. Ӯ ҳеҷ вақт соҳиби фарзанд намешуд ва бар илова дили худро нисбат ба Худованд сахт мекард. Ӯ бо фикри он ки Худованд ҳеҷ вақт ба дуояш ҷавоб надод, аз ин дунё мерафт: “Ман дуо кардам, рӯза доштам, лекин Худованд ҷавоб надод”.

Аммо Ҳанно дигар хел рафтор кард. Ана ин буд ҷавоби вай ба роҳбаре, ки ӯро озор дод: “Не, оғоям, ман зани дилшикастае ҳастам ва шаробу арақ наменӯшам, балки дили худро ба ҳузури Худованд холӣ кардам. Канизи худро зани нобакор ҳисоб макун” (1 Под. 1:15-16).

Шумо мебинед, ки ӯ бо чӣ эҳтироме ба вай ҷавоб медиҳад. Ҳанно коҳинро “оғоям” мехонад, худашро “каниз” медонад. Бо ин ҷавоби худ ӯ ин коҳинро бисёр ҳурмату эҳтиром кард. Он гоҳ Элӣ ба вай ҷавоб дод: “Ба саломатӣ бирав, ва Худои Исроил хоҳиши туро, ки аз Ӯ илтимос кардӣ, ба амал хоҳад овард” (1 Под. 1:17).

Баъд аз се моҳ Ҳанно ҳомиладор шуд. Аз вақти дуои вай дар маъбад

як сол ҳам нагузашта буд, ки Ҳанно соҳиби писаре бо номи Самуил гашт. Самуил он шахсе гашт, ки халқи Исроилро барқарор кард. Ҳанно он вақт ба орзуи худ дастрас шуд, ки коҳинро, ки бо вай бадрафторӣ кард, ҳурмату эҳтиром кард. Баъд аз ин Худо нисбати ин коҳин чунин суханонро гуфт: "Ман доимо вайро огоҳ мекардам, ки доварӣ дар хонааш меояд, ба хотири он ки писаронаш назди Худованд беҳурматӣ мекунанд ва вай бошад онҳоро танбеҳ намекунад. Барои ҳамин қасам мехӯрам, ки гуноҳҳои Элӣ ва писаронаш ҳеҷ гоҳ омурзида нахоҳад шуд" (1 Под. 3:13-14, Тарҷумаи ҳозиразамон).

Ана ҳамин хел! Ба ҳеҷ кас намехоҳӣ, ки чунин суханонро аз Худо ба суроғаи худ ва оилаш бишнавад. Ҳеҷ вақт омурзида нахоҳад шуд! Ба ин нигоҳ накарда, Ҳанно ба хотири ин ки ин мардро эҳтиром кард, сазовори мукофот аз ҷониби Худованд гашт. Гап дар сари он набуд, ки Элӣ чӣ гуна шахс аст ва кадом корҳои бадро анҷом додааст, лекин дар он буд, ки Ҳанно ба он шахсе, ки мавқеи боло дошт, чӣ тавр аксуламал кард. Агар мо низ шахсонеро, ки аз мо боло меистанд, ҳурмат кунем, мо соҳиби мукофот аз ҷониби Худованд мегардем!

# Боби 5

# Ҳукумат

Пеш аз он ки мо дар бораи мукофоти пайғамбар ё роҳбар сухан ронем, мо бояд ки аҳамият ва арзиши худи ҳукумат ё ҳокимиятро дида бароем. Ҳангоме ки ин ҳақиқат дар дилҳои мо ҷой мегирад, он гоҳ мо нафароне, ки мавқеи болотар аз мо доранд, бисёртар ва самимӣ эҳтиром хоҳем кард.

Биёед маънои калимаи “шараф”-ро боз ба ёд меорем: “қадр кардан, ҳамчун як чизи муҳим ва гаронбаҳо пазируфтан”. Агар ҳадафи мушоҳидаи мо шахси соҳиби мансаб бошад, ва мо дар бобҳои навбатӣ дар бораи ин сухан меронем, он гоҳ шараф маънои эҳтиром, ҳурматро дорад. Луғати Уэбстер (нашри соли 1828) калимаи шарафро чунин мафҳум додааст: “эҳтиром кардан, бо ҳурмат ва итоат муносибат кардан, ӯҳдадориҳои муайянро иҷро кардан”. Аз ин мафҳум мо мефаҳмем, ки итоат кардан ба ҳокимият нишонаи шарафи аслӣ мебошад.

Гуфтани он ки мо ҳокимиятро эҳтиром мекунем ва дар айни замон аз итоат кардан ба он сарпечӣ кунем, ин худфиребдиҳӣ аст. Эҳтиром кардани ҳокимият - итоат кардан ба он мебошад; беитоатӣ кардан ба ҳокимият ин беҳурматӣ кардан ба он мебошад. Мирисади румиро ба ёд оваред: ӯ шахсе буд, ки ҳокимиятро эътироф мекард ва ба он итоат мекард. Ин дар вуҷуди вай, дар дохили қалбаш буд. Дар натиҷаи эҳтиром кардани Исо вай сазовори мукофоти пурра гашт.

## Чор сатҳи ҳокимият

Бе фаҳмиш ва дахолат дар тақсимоти ҳокимияти Подшоҳии Худо ва тарзи сохтори он, ҳокимият ва аҳамияти он дар замони ҳозираи мо зиндагӣ кардан осон аст. Лекин мо бояд ин ҳақиқатро дарк карда, дар он устувор бошем. Барои мо возеҳ навишта шудааст:

> “Ҳар шахс бояд ба ҳокимиятҳои боло итоат кунад; зеро ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд. Бинобар ин ҳар кӣ ба ҳокимият муқобилат кунад, бар зидди амри Худо исён кардааст; ва исёнгарон гирифтори маҳкумият хоҳанд шуд”.
>
> - Румиён 13:1-2

Дар аввал пайхас кунед, ки ин фикр ё маслиҳат нест, балки амр мебошад. Инчунин ба калимаи “ҳар шахс” диққат кунед. Бо дигар суханон, бе ҳеҷ гуна истисно. Ҳар касе, ки номи Исоро даъват мекунад, ба ин талабот бояд итоат кунад.

Ин “ҳокимиятҳои боло” киҳо ҳастанд? Дар ин матн Павлус ҳокимиятҳои давлатиро дар назар дорад. Лекин ин суханони огоҳкунанда на танҳо ба роҳбарони давлатӣ, балки ба дигар пешвоёне, ки соҳиби қудрат ҳастанд, дахл дорад.

Дар Аҳди Ҷадид дар бораи чор сатҳи ҳокимият гуфта шудааст, ки инҳо: ҳокимияти давлатӣ, калисо, оила ва ҳокимияти иҷтимоӣ мебошанд. Ҳокимияти иҷтимоӣ гуфта, ман ҳамаи сардорони корхонаҳо, муаллимон, мураббиён ва ғайра шахсонро аз ин табақа дар назар дорам. Дар Аҳди Ҷадид роҷеъ ба ҳар яке аз ин сатҳҳои ҳокимият таълимот дода шудааст, аммо он маслиҳатҳо одатан ба дигар гурӯҳи ҳокимият низ taаллуқ доранд.

Биёед ба хотир меорем, ҳангоми дар бораи пайғамбар ва қабул кардани пайғамбар ба исми пайғамбар, Исо инчунин дар бораи одил ва шахсони хурд низ зикр кард. Чи тавре ки ман пештар ҳам зикр кардам, се сатҳи ҷамъият мавҷуд аст, ки ба ҳар ҳол мо бо онҳо сарукор дорем: онҳое, ки аз мо боло меистанд; онҳое, ки бо мо дар як сатҳ мебошанд; ва онҳое, ки зери ҳокимияти мо мебошанд. Оиди сатҳе, ки ба шахсони аз мо боло таaллуқ доранд, Исо дар бораи “пайғамбар” гуфта буд, ва ин намояндаи ҳокимияти калисо мебошад, лекин принсип ва қоидаҳои

он ба дигар сатҳҳо ва намудҳои ҳокимият низ тааллуқ доранд. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло боз як оятро аз Китоби Муқаддас меорам:

> Ба ҳамин сабаб ҳам шумо андоз медиҳед; зеро онҳо мулозимони Худо ҳастанд, ки доим ба ин кор машғуланд. Пас ба ҳар кас он чиро, ки бар зиммаи шумо дайн аст, адо кунед: андозро - ба касе ки андоз меситонад; хироҷро - ба касе ки хироҷ мегирад; тарсро - ба касе ки лоиқи тарс аст; иззатро - ба касе ки шоистаи иззат аст.
>
> - Румиён 13:6-7

Ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Худованд муқаррар карда мешавад ва барои Ӯ хизмат мекунад. Онро эҳтиром карда, он Шахсеро, ки ин ҳокимиятро таъин кардааст, эҳтиром мекунем, ва он вақт Худо моро эҳтиром мекунад. Принсипи шараф ин аст. Он чизе ки ба ҳокимияти иҷтимоӣ, мо ин ҷои Навиштаҷотро мехонем:

> Ғуломоне, ки зери юғ мебошанд, бояд оғоёни худро сазовори ҳар иззату икром донанд, то ки исми Худо ва таълимоти мо гирифтори мазаммат нашавад.
>
> - 1 Тимотиюс 6:1

Барои мо ин оят чунин аст: “Бигзор ҳамаи кормандон, ки зери итоати сардорони худ мебошанд, корфармо ва раиси худро эҳтиром кунанд” ё ин хел: “Бигзор ҳамаи донишҷӯён муаллимони худро иззату икром кунанд”, ҳамчунин дар бораи варзишгарон ва мураббиёни онҳо низ гуфтан мумкин аст, ва умуман дар бораи тамоми дигар муносибатҳо низ чунин гуфтан мумкин аст. Дар бораи ҳокимияти оилавӣ мо мехонем:

> “Падар ва модари худро иззат намо”, ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: “То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ”.
>
> - Эфсӯсиён 6:2-3

Мукофот бо эҳтироми волидайн аз иҷрои аҳком вобастааст. Ва баъдтар мо бештар дар бораи ин дида мебароем. Ҳоло дар бораи ҳокимият дар калисо мехонем:

> Бародарон ва хоҳарони азиз, роҳбарони худро дар кори Худованд эҳтиром кунед. Онҳо дар байни шумо хизмат карда, шуморо аз аъмоли нодуруст огоҳ мекунанд. Дар бораи онҳо фикри олӣ дошта, ба онҳо аз тамоми қалб муҳаббат дошта бошед.
>
> - 1 Таслӯникиён 5:12-13 (Тарҷумаи нав)

Бисёр ҷойҳои Навиштаҷот дар бораи ҳаргуна ҳокимиятҳо мегӯяд ва баъдтар мо ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем. Худо ба мо мегӯяд, ки ҳар як намуди ҳокимиятро ҳурмат намоед, танҳо бо чунин аъмол принсипи шараф амалӣ мегардад. Вобаста аз он ки то кадом андоза мо ҳокимиятро ҳурмату эҳтиром кардем, мо соҳиби мукофоти пурра ва ё нопурра мешавем.

## Подшоҳӣ

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки подшоҳии Худо ин подшоҳии аслӣ аст. Дар он сатҳҳо, тартибот, тақсимоти ҳокимият вуҷуд дорад. Дар бораи ин ҳақиқат ман дар тӯли солҳо, дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, дар ҳар континент (ба ғайр аз Антрактида) мавъиза карда, фаҳмидам, ки расонидани ин ҳақиқат ба мардуми ғарб бисёр мушкил мебошад. Барои чӣ? Ҷавобаш бисёр содда мебошад.

Мо чунин мардум ҳастем, ки принсипҳои Подшоҳиро бо ақли демократии худ фаҳмиданӣ ҳастем.

Подшоҳии Худо демократия нест. Агар мо Подшоҳии Худоро бо ақли демократии худ дарк кардан хоҳем, мо ҳеҷ гоҳ ба Ӯ наздик намешавем. Он гоҳ мо бе муҳофизати ҳокимияти Ӯ зиндагӣ карда, ба ҳар гуна иштибоҳот дучор шуда, аз роҳи ростӣ дур мешавем. Оё ба ҳамин сабаб Исо нагуфтааст, ки дар замони мо бисёр нафарон фиреб мехӯранд? Дар замони мо аз ҳарвақта бештар мо ҳар гуна ҳокимиятро рад мекунем: лекин аз ҳама чизи хатарнок дар ин ки ҳокимиятҳоро на танҳо ҷамъияти дунявӣ, балки халқи Худо низ рад мекунад. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки тамоми ҳокимият аз ҷониби Худо мебошад, ва он барои муҳофизат, беҳбудӣ ва осоиштагии мо гузошта шудааст.

Тарзи фикрронии ғарбӣ сабаби бисёр ҷудоии калисоҳо дар Амрико шуд, ана барои ҳамин бисёриҳо ба калисоҳои хонагии худ медаванд. Ин имондорони номӣ дар зери ҳокимияте, ки Худи Исои Масеҳ гузоштааст,

будан намехоҳанд. Шояд шумо мегӯед: “Ҷон, ҳамаи калисоҳои Чин мисли калисоҳои хонагӣ амал мекунанд”, бале ин рост аст, лекин онҳо маҷбур ҳастанд, ки чунин амал кунанд, ба сабаби он ки онҳо озодона ҷамъ шуда наметавонанд. Ба ғайр аз ин, онҳо як тартиботи аҷоиб доранд, ки мувофиқи Каломи Худо мебошад. Онҳо дорои сохтори ҳокимиятии аҷибе мебошанд. Ҳамин сол аз ман хоҳиш карданд, ки бо панҷ роҳбари калисоҳои пинҳонии Чин мулоқот дошта бошам. Панҷ роҳбар масъулияти даҳ миллион нафарро бар дӯш доранд. Онҳо пирони калисои пинҳонии Чин мебошанд. Онҳо тартиботи аҷоибе доранд. Хизматгузории мо ба калисоҳои онҳо дусаду панҷоҳ ҳазор дона китоб фиристод ва дар тӯли якчанд рӯз ҳар як китоб то соҳибаш расонида шуд. Онҳо сохтореро доранд, ки бо ҳокимияте, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

Бисёр калисоҳои хонагие, ки дар Амрико ба вуҷуд меоянд, умуман он тавр намебошанд. Онҳо он идоракунӣ ва ҳисоботдиҳие, ки дар Аҳди Қадим мавҷуд буд, надоранд. Агар шумо пайхас карда бошед, дар номаҳояш ҳаворӣ Павлус ба Тимотиюс ва Титус мегуфт, ки онҳо дар ҳар калисое, ки барояш фиристода шудаанд, пирон ва роҳбаронро таъин кунанд, то ки ин роҳбарон калисоро ислоҳ, сарзаниш, тарбия ва бино кунанд. Бо ҳамин тарз дар сохторе, ки Исо онро асос гузошт, итоат вуҷуд дошта метавонад. Дар калисоҳои хонагие, ки дар Амрико вуҷуд доранд, мо ин гуна сохторро мушоҳида намекунем. Баръакс, дар он ҷо бисёр имондорони ранҷида, хафашуда ва нисбат ба калисо дилсардро вомехӯрем. Онҳо аз ҳисобот додан фирор карда, калисоҳои хонагӣ бино мекунанд.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки калисоро Худованд Исо, на ин ки одамизод, бино мекунад. Дар китоби Аъмол мо мехонем, ки имондорон якҷоя дар хонаҳо ҷамъ мешуданд. Дар хонаҳо ҷамъ шудан хуб аст, лекин дар калисои Худо бояд сохтор ва ҳисоботдиҳӣ мавҷуд бошад, ва калисо бояд ки аз тарафи роҳбарон ва пирони он идора шавад.

## Ҳамаи ҳокимияти қонунӣ аз ҷониби Худост

Аз нома ба Румиён маълум мешавад, ки ҳамаи мо бояд ки ба ҳокимиятҳои болоӣ итоат кунем. Барои чӣ? Ба хотири он ки “ҳеҷ ҳокимияте нест, ки аз ҷониби Худо набошад” (13:1). Ҳамаи ҳокимияти қонунӣ сар то сари замин аз ҷониби Худо мебошад. Шахсе, ки аз олами боло таваллуд ёфтааст, ҳокимиятро эҳтиром мекунад ва онро мепазирад.

Инсон агар аз тамоми қалби худ ҳокимиятро эҳтиром накунад, ӯ наҷот наёфтааст, ӯ дуои тавбаро хондааст, ё ҳар ҳафта ба калисо меравад, он муҳим намебошад. Шумо аз ман пурсида метавонед: “Ҷон, ту чӣ тавр инро далерона арз карда метавонӣ?” Исо гуфт, ки имондори аслӣ аз мевааш шинохта мешавад, ва на аз он ки онҳо расман дуои тавбаро хонда бошанд. Инсоне, ки дар асл Худоро дӯст медорад ва шахсан Ӯро мешиносад, ҳокимияте, ки аз ҷониби Ӯст, эҳтиром мекунад, барои он ки шинохтани Худо ин иқрор кардани ҳокимияти Ӯ мебошад. Худованд ва ҳокимияти Ӯ ҷудонашаванда аст.

Дар идомаи нома ба Румиён Павлус мегӯяд: “Ва ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо барқарор шудаанд” (13:1). Оё шумо пайхас кардед, ки дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки ҳокимият аз ҷониби халқ интихоб мешавад? Худи Худо онҳоро таъин мекунад. Дар ин оят калимаи инглисии *appointed,* дар тарҷумаи юнонӣ калимаи *tasso,* маънои “таъин кардан, вогузор кардан, вазифа додан”-ро дорад. Ин калима ба ҳеҷ ваҷҳ ҳаракатҳои тасодуфиро надорад. Сухан дар бораи таъиноти бо ҳадаф меравад. Ба хотири он ки Худо ҳама ҳокимиятҳоро таъин мекунад, ва агар мо шарафу эҳтиром ба ин ҳокимиятҳо нишон надиҳем, ин маънои онро дорад, ки мо ҳокимиятеро, ки аз қафои он меистад, рад мекунем. Новобаста аз он ки мо қасдан ё аз нофаҳмии худ ин корро мекунем, ба ҳар сурат мо ба қоидаву қонунҳои Худо зид мебароем. Ҳангоме ки мо бар зидди ҳокимияти гузоштаи Худо меистем, мо бар зидди Худи Худо мебароем. Ана барои ҳамин ҳаввории Павлус менависад, ки “ҳар кӣ ба ҳокимият муқобилат кунад, бар зидди амри Худо исён кардааст” (Рум. 13:2).

Ман дар хотир дорам, ки худам чӣ гуна ин ҳақиқатро дарк кардам. Соли 1992 Билл Клинтон президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико интихоб шуд. Се рӯз ман афсурда ва зери фишор будам. Баъд аз он Рӯҳи Муқаддас ба ман гуфт, ҳеҷ кас бе иҷозати Ӯ ин мансабро ишғол карда наметавонад. Ҳангоме ки ин ҳақиқат бароям ошкор шуд, ман дигар президент Клитонро танқид намекардам, баръакс, барои ӯ дуо мехондам, ва барои вуҷуди ӯ аз Худо шукр мекардам. Худованд ба мо ба тариқи ҳаввории Павлус мегӯяд: “Пас, дар навбати аввал хоҳишмандам, ки дуоҳо, илтимосҳо, тазаррӯъҳо ва шукронаҳо ба ҷо оварем барои ҳамаи одамон, барои подшоҳон ва барои ҳамаи ҳукуматдорон, то ки ором ва сокит, бо камоли парҳезгорӣ ва покӣ умр гузаронем” (1 Тим. 2:1-2).

Пайхас кунед, ки танҳо ҳангоми эҳтиром кардани ҳукуматдорон ҳаёти ором дошта метавонем. Ин яке аз мукофотҳои Худованд барои

шахсоне, ки ҳукуматдоронро эҳтиром мекунанд, мебошад. Агар мо ҳамчун имондорон ҳукуматдоронро эҳтиром накунем, он гоҳ мо худро ба мушкилӣ дучор мекунем.

Ду намуди таъқибот вуҷуд дорад. Яке аз онҳо, ҳангоме ки мо худамон худро зери таъқибот дучор мекунем; дуюм намуд, вақте ки ба хотири ростӣ мо бо таъқибот рӯ ба рӯ мешавем. Ҳардуи ин намудро ҳавворӣ Петрус зикр мекунад. Дар бораи аввалаш ӯ мегӯяд: “Зеро чӣ фахре ҳаст, агар шумо барои кирдори бад шаллоқ хӯрда тоқат кунед?” (1 Пет. 2:20). Бо дигар суханон, агар рафтори мо бад бошад, бораи он ҷазо мебинем. Боз осонтар гӯем, ҳангоме ки шумо қоидаи ҳаракати роҳро риоя накардед ва дар оинаи қафобини мошинатон мошини нозироти роҳ, БДА-ро дидаед, ки шуморо таъқиб мекунад, шайтонро набандед. Барои чӣ? Ин яке аз он сабабҳое, ки Худованд ҳукуматҳоро гузоштааст. “Зеро ки ҳокимон на барои накӯкорон, балки барои бадкорон хавфноканд. Оё мехоҳӣ аз ҳокимият тарсе надошта бошӣ? Корҳои нек кун, ва сазовори таърифи вай хоҳӣ шуд» (Рум. 13:3). Аз таъқиботҳое, ки ба худамон дучор кардем, раҳо шудан осон аст, фақат лозим аст, ки ба ҳукуматдорон итоат кунем ва ҳамаи мушкилиҳо ҳал мешаванд.

Дигар намуди таъқибот ин таъқибот ба хотири ҳақиқат аст. Ҳангоме ки ҳукуматдорон моро ба хотири корҳои некамон ҷазо медиҳанд. Петрус мегӯяд: “Аммо агар барои некӯкорӣ уқубат кашида тоқат кунед, ин мақбули Худост. Зеро ки шумо барои ҳамин даъват карда шудаед, чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед” (1 Пет. 2:20-21).

Ҳангоме ки бо мо бад рафтор мекунанд, лекин, ба ин нигоҳ накарда, мо шаҳрванди хуб, донишҷӯ, корманд ва аъзои калисои хуб мемонем, он гоҳ ин нишонаи олии шараф ва эҳтиром аст. Мо бояд ки дар дили худ тарси Худовандро дошта бошем, то ки ба шахсоне, ки бо мо бад рафтор мекунанд, эҳтироми бузург дошта бошем. Ба ҷои он ки ин аҳкомро риоя кунанд, баъзеҳо мегӯянд: “Ман шахси озод ҳастам, масеҳии озод мебошам, ва дар кишвари озод зиндагӣ мекунам ва ман бо ин гапҳои ҳеҷу пуч розӣ намешавам!” Бале шумо шахси озод ҳастед, лекин дар хотир дошта бошед, ки Каломи Худо чӣ мегӯяд: “Зеро ки шумо, эй бародарон, ба озодӣ даъват шудаед, фақат ки ин озодӣ баҳонае барои ҳавасҳои ҷисм нашавад, балки ба якдигар бо муҳаббат хизмат кунед” (Ғал. 5:13). Мо ба чунин ҳаёт даъват шудаем, ки ба таъқиботҳои ноадолатона дуруст тоқат намоем. Бубинед, ки Петрус чӣ мегӯяд: “Зеро

ки шумо барои ҳамин даъват карда шудаед (ин қисми ҷудонашавандаи даъвати шумо), чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед” (1 Пет. 2:21).

Намунаи Исо чӣ гуна буд? Ҳукуматдорон Ӯро ҳамчун золим ҷазо медоданд, дар ҳоле ки Ӯ фақат корҳои нек мекард. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд. Оё ҳукумати золимеро, ки нисбат ба мо беадолатона рафтор мекунад, ҳурмату эҳтиром кунем?

## Ҳукуматдорони бад?

Бисёриҳо ба ман эътироз карда метавонанд: “Ҷон, ман бисёр ҳокимони бад ва ҳатто золимро низ медонам ва ту мегӯӣ, ки Худо онҳоро бар он ҷо гузоштааст? Мо бояд ки ба онҳо итоат кунем? Оё дар ин ягон истисное вуҷуд дорад?”

Ин ҳақиқат аст. Бисёр ҳокимони бад, беадолат ва золим низ ҳастанд ва ҳатто дар Навиштаҷот мо дар бораи баъзе аз онҳо мехонем. Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки Китоби Муқаддас чӣ мегӯяд. Дар Навиштаҷот омадааст: “Тамоми ҳукуматҳо аз ҷониби Худост, лекин на ҳамаи онҳо адолатпарвар мебошанд”.

Ҳангоме ки Худо барои навиштани ин оятҳо муаллифи Аҳди Ҷадидро илҳом мебахшид, Ӯ медонист, ки бисёр ҳукуматдорони золим дар саҳнаи таърих бармеоянд. Чуноне ки мо пештар қайд кардем, дар Навиштаҷот мо баъзе аз онҳоро мушоҳида карда метавонем. Ба фиръавн назар кунед. Ӯ ба насли Иброҳим, насли баргузидаи Худо, золимона рафтор мекард. Ӯ ба онҳо фишор меоварад ва ҳатто фарзандони онҳоро мекушт.

Қудрати фиръавн аз куҷо буд? Дар Навиштаҷот Худо ба фиръавн мегӯяд: “Ман туро таъин кардаам» (Хур. 9:16). Павлус дар яке аз номаҳояш инро тасдиқ мекунад (Рум. 9:17), ва ростӣ ба шаҳодати ду нафар тасдиқ мешавад (Юҳ. 8:17). Ҳеҷ шакке нест, ки Худи Худо, на ин ки одам ё шайтон, фиръавнро бардошта, ба ӯ чунин қудратро ато кардааст. Бо суханони “ҳокимияти мавҷуда аз ҷониби Худост” (Рум. 13:1) тафовуте нест.

Бар шоҳи Бобил Набукаднесар назар кунед. Ӯ Яҳудоро вайрон, маъбад ва тақрибан тамоми хонаҳои халқи Худоро ғорат кард. Баъдтар ӯ империяеро бино кард, ки тамоми ҷаҳони онвақтаро ишғол намуд. Ин шоҳ он қадар беитоат буд, ки дар давраи шоҳирагии худ девона шуд:

“... ва ӯ аз миёни одамон бадар ронда шуд, ва мисли говон алаф хӯрд, ва аз шабнами осмон баданаш тар шуд, ба тавре ки мӯйҳояш мисли парҳои уқоб, ва нохунҳояш мисли чанголи мурғон калон шуд” (Дон. 4:30). Ҳоло он ки Худо возеҳ мегӯяд: “... Инак, Ман фиристода, бандаи Худ Набукаднесар подшоҳи Бобилро хоҳам гирифт, ва тахти ӯро бар ин сангҳое, ки Ман пинҳон кардаам, хоҳам гузошт, ва ӯ саропардаи худро бар онҳо хоҳад барафрошт” (Ирм. 43:10). Худо ӯро “бандаи худ” мехонад, ба хотири он ки “ҳукуматҳои мавҷуда аз ҷониби Ӯст”.

Бар шоҳ Шоул назар кунед. Ман шунидаам, ки бисёр воизон мегӯянд: “Шоулро халқ интихоб кард, аммо Довудро Худо интихоб кард”. Ин фикри нодуруст аст ва бо Каломи Худо мутобиқат намекунад. Чунин ақидаи нодуруст бар нуқси халқи Худо мебошад, чунки ин ақидаҳо мегӯянд, ки баъзе ҳокимиятҳои қонунӣ аз ҷониби инсон, на ин ки аз тарафи Худо гузошта шудаанд. Бо ҳамин тариқ одамон баъзе ҳокимиятҳоро эҳтиром намекунанд, ва ин боиси нуқси онҳо мегардад. Бубинед, ки Худи Худо дар бораи ин қалби бевафо ва нопок чӣ гуфт: “Пушаймон шудам, ки Шоулро подшоҳ кардам, зеро ки ӯ аз пайравии Ман рӯй тофта, суханони Маро ба ҷо наовард” (1 Под. 15:11).

Диққат кунед. Худо мегӯяд: “Ман Шоулро подшоҳ гузоштам”. На инсон, балки Худо ӯро таъин кард. Боз ҳам мо бо ҳамон гуфтаҳо дучор мешавем, “ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо ҳастанд”.

Ягона шахсе, ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки “марди табъи дили Ман” ин Довуд мебошад, ки ӯ ҳам зери ҳокимияти Шоул гузошта шуда буд. Ин баъд аз пушаймонии Худо нисбат ба подшоҳӣ гузоштани Шоул рӯй дод. Ин воқеа тасодуфӣ набуд, балки қисми нақшаи Худо буд.

Дар аввал то он даме, ки Довуд дар хизмати Шоул буд, шоҳ бо ӯ хуб рафтор мекард. Ҳамон лаҳзае, ки Довуд барои қудрату ҳокимияти Шоул хатарнок шуд, Шоул нисбат ба ӯ золимона рафтор мекард, ва ҳатто қасди ҷони Довудро дошт, ки ин боиси фирори ӯ шуд, ба хотире ки барои зиндагии Довуд ин хатари аслӣ буд.

Дар тӯли чордаҳ соли навбатӣ Довуд дар ғорҳо, биёбонҳо ва ҳатто дар кишвари бегона умр ба сар мебурд. Танҳо тасаввур кунед, аз синни шонздаҳсолагӣ то сисолагӣ ҳеҷ вақт имконияти ба хона баргаштан, ҳатто бар муддати кӯтоҳ ҳам, надошт. Ӯ аз хонаи худ, оилаву дӯстони давраи бачагии худ ҷудо карда шуда буд. Ӯ бо дӯсти наздики худ, Йӯнотон, мулоқот карда наметавонист, агар бо ӯ вомехӯрд, он гоҳ Шоул ба осонӣ Довудро мекушт. Ҳама он чизе, ки Довуд мехост, мисли як шахси ҷавон,

ин: роҳат кардан, бехатарӣ, лекин тамоми хурсандиҳои бачагиро ӯ дар синни чордаҳсолагӣ ба хотири роҳбар шудан, ки Худо барои ӯ гузошта буд, аз даст дод. Чӣ тавр Худо ба он марде, ки мутобиқи табъи дилаш буд, ин гуна рафтор кард?

Ҳатто баъд аз пушаймонии Худо нисбат ба подшоҳии Шоул, Довуд Шоулро ҳурмату эҳтиром мекард, ва бар шоҳи худ итоат мекард. Ӯ якчанд маротиба бегуноҳии худро нисбат ба Шоул исбот кард, лекин Шоул ҳар дафъа фурсатеро меҷуст, то ки Довудро ба қатл расонад. Баъд аз якчанд соли бадарғагӣ, Довуд имконияте пайдо кард, ки ҳамаи бадбахтиҳое, ки роҳбараш ба ӯ мекард, ба охир расонад. Дар биёбони Эйн-Ҷадӣ Довуд имконияти куштани Шоулро дошт. Шоҳ бо тамоми лашкари худ дар биёбони Эйн-Ҷадӣ ҳамаи яроқу аслиҳаи худро як тараф гузошта, истироҳат мекард, Довуд бошад бо нафарони худ пур аз яроқу аслиҳа дар дохили ғор пинҳон шуда буд. Ҳамроҳони Довуд ӯро барои куштани Шоул водор сохта, ҳатто Каломи Худоро ба фоидаи худ маънидод карданд: “Инак, Ман душманатро ба дастат месупорам, ва ҳар чи ба назарат писанд ояд, ба вай хоҳӣ кард” (1 Под. 24:5).

Онҳо аз Довуд хоҳиш карда, мегуфтанд: “Шоул ин шоҳи хунхӯр аст, ӯ халқи моро мекушад, ӯ оилаҳои бегуноҳ ва коҳинонро ба қатл расонд. Пайғамбари бузург Самуил, аз рӯи хости Худованд, туро ҳамчун пешвоиояндаи халқи Исроил тадҳин кард. Агар ту ӯро ба қатл нарасонӣ, ӯ туро мекушад. Ин мудофиаи зарурӣ аст, ва ҳар доварӣ туро сафед хоҳад кард!” Далелҳои пурқувват, ва агар бар ин далелҳои возеҳро илова кунем: айбдоркуниҳои беасоси Довуд ва шахсони ӯ аз тарафи Шоул, ҳаёти ин шахсонро бисёр вазнин месохт.

Суханони онҳо, ки ҳаттоояндаи хубро нишон медод, лекин фикри Довудро тағйир надод. Домани ҷомаи Шоулро бурида, Довуд ба пеши назари ҳама бегуноҳии худро исбот карда метавонист. Агар ба Шоул исботи он лозим бошад, ки Довуд метавонист ӯро ба қатл расонад, лекин худаш ва нафаронашро аз ин кор боздошт, он гоҳ Шоул дигар ҳеҷ вақт фикр намекард, ки Довуд барои ҳокимияти ӯ хатарнок аст ва аз таъқиб кардани ҳаёти ӯ даст мекашид. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳангоме ки Довуд домани ҷомаи Шоулро бурид, дилаш нороҳат шуда, виҷдонаш азоб медод. Ӯ шоҳи худро беобрӯй кард. Чӣ тавр ӯ ин корро анҷом дод? Ӯ зуд худро ба даст гирифта, ба одамони худ амр кард: “Вале баъд аз он, дили Довуд ба изтироб омад аз он ки домани ҷомаи Шоулро буридааст. Ва ӯ ба одамони худ гуфт: “Ҳошо ва калло аз ҷониби Худованд, ки ман

чунин амале ба оғои худ, масеҳи Худованд, бикунам, яъне дасти тааддӣ ба вай дароз кунам, зеро ки вай масеҳи Худованд аст" (1 Под. 24:6-7).

Аммо бо ин амал, буридани домани ҷомаи шоҳ, Довуд мехост бегуноҳии худро исбот кунад, ва аз ақиби пешвои худ фарёд зад:

> "Ва Довуд ба Шоул гуфт: "Чаро суханони одамонро мешунавӣ, ки мегӯянд: "Инак, Довуд ба ту қасди бад дорад"? Инак, имрӯз чашмонат дидааст, ки Худованд имрӯз туро дар мағора ба дасти ман супурда буд, ва баъзеҳо гуфтанд, ки туро бикушам, вале ман туро амон дода, гуфтам: "Дасти худро бар оғои худ дароз нахоҳам кард, зеро ки вай масеҳи Худованд аст". Ва бингар, эй падарам, ва домани ҷомаи худро дар дасти ман бубин: модоме ки домани ҷомаи туро буридаам, вале туро накуштаам, бидон ва яқин бидор, ки бадӣ ва ҷинояте дар дасти ман нест, ва ман дар ҳаққи ту гуноҳе накардаам, ва ҳол он ки ту камин мегузорӣ, то ки ҷони маро бигирӣ. Бигзор Худованд дар миёни ману ту доварӣ намояд, ва бигзор Худованд интиқоми маро аз дасти ту бигирад, валекин дасти ман бар ту нахоҳад буд".
>
> - 1 Подшоҳон 24:10-13

Агар сабаби қасд кардан дошта бошад ҳам, ва он сабаб буд, лекин Довуд ҳама чизро бар Худованд супорид. Бо рафтори худ ягона чизе, ки ӯ ба Шоул кард, ин ҳурмату эҳтиром буд. Ӯ ҳатто он шахсеро, ки қасди ҷонашро дошт "падари худ" хонд. Шоул аз некии Довуд дар ҳайрат буда, ба ҷавоби ӯ хитоб кард: "Ту аз ман одилтар ҳастӣ, зеро ки ту подоши маро бо некӣ расондӣ, ва ҳол он ки ман подоши туро бо бадӣ расондаам" (1 Под. 24:18). Баъд аз ин суханон Шоул бо одамони худ аз он ҷо рафт.

## Имтиҳони бузурги Довуд барои эҳтиром кардан

Акнун ки Довуд бегуноҳии худро исбот кард, шумо фикр мекунед, ки Шоул ӯро ором ба ҳоли худ гузошт. Лекин ин пешвои золим чунин набуд. Баъд аз якчанд вақт ба гӯши Шоул расид, ки Довуд дар теппаи Ҳақило пинҳон шудааст. Ӯ боз се ҳазор лашкари Исроилро ҳамроҳи худ гирифта, ба таъқиби Довуд рафт, ва қасди ҷони ӯро дошт.

Ҳолати қалби Довудро ба худ тасаввур карда метавонед? Якчанд вақт пештар ӯ бегуноҳии худро нисбат ба Шоул исбот кард, Шоул бошад таъқиб кардани ӯро идома дода, қасди ҷони вайро дорад. Ин исботи мустақими он буд, ки Шоул қотили хунхӯр аст, ҳатто Довуд умед дошт, ки ин далели нодуруст мебошад. Дар ин шароит ба осонӣ ба хашм омадан мумкин буд: "Ман пешвои худро эҳтиром кардам, бар ивази он ки ӯро барои мудофиаи худ бикушам, ҳаёташро ҳифз кардам, вай бошад ба ин шараф ҳамин тавр ҷавоб медиҳад?" Бисёриҳо ба ҷои ӯ лабханд зада, мегуфтанд: "Ҳоло акнун ту ба ин корат ҷавоб медиҳӣ!"

Боре Довуд фаҳмид, ки ба тамоми лашкари Шоул хоби сахте аз ҷониби Худованд омадааст (1 Под. 26:12). Ӯ аз одамони худ пурсид, ки кӣ мехоҳад ҳамроҳи ӯ ба ӯрдугоҳи Шоул равад. Бародари хурдии Юоб бо номи Абишой, довталаби беҳтарин, ба пеш қадам зад. (Ҳардуи ин бародарон одамони бисёр хунхӯр буданд.)

Инак, Довуд ва Абишой шабона ба ӯрдугоҳи Шоул омаданд. Шоул даруни хайма хоб мекард, ва Абнир низ назди ӯ хобида буд. "Ва Абишой ба Довуд гуфт: "Худо имрӯз душмани туро ба дасти ту супоридааст; ва алҳол ба ман изн бидеҳ, то ки ӯро ба як зарбаи найза ба замин бидӯзам, ва барои зарбаи дуюм ҳоҷат нахоҳад буд"" (1 Под. 26:8). Ба худ тасаввур карда метавонам, ки Довуд дар он лаҳза чӣ қадар дудила буд. Шояд ӯ фикр мекард: "Ҳоло ман бар тамоми бадбахтиҳои на фақат худам, балки тамоми мардуми худам ва халқи азизам хотима гузошта метавонам. Ана яке аз пайравони бовафои ман ҳам чунин машварате медиҳад, ки мантиқан дуруст мебошад ва ин машварат на танҳо ба нафъи ман, балки ба фоидаи тамоми мардуме, ки маро пайравӣ карданд, мебошад. Ин шахсони вафодор мехоҳанд бо амонӣ ба назди оилаҳои худ баргарданд. Чаро ман ба Шоул вафодор бимонам, на ин ки ба ин мардум? Шоул-ку маро фиреб дод. Ӯ маро ватанфурӯш эълон карда, пеши тамоми халқ обрӯи маро резонд. Ӯ маро аз хонаи падарам берун ва аз байни халқи Исроил ғарибу беватан гардонид. Ӯ ҳамсари маро гирифта, ба як марди бегона вайро ҳамчун зан тақдим кард" (1 Под. 25:44). Ӯ ҳама чизро аз ман гирифт.

Бо суханони яке аз одамони бовафояш, Абишой, фикрҳои Довуд бозмеистанд: "Довуд чӣ гап шуд? Чаро ту хомӯш мондӣ? Чаро амр намекунӣ, ки ман ин шахси қотилро бикушам?"

Тасаввур кардан мумкин аст, ки чӣ гуна Абишой суханони худро давом дода, мегӯяд: "Фақат ту ба ман нагӯй, ки ту марги ин шахсро намехоҳӣ. Охир чанд маротиба ту ба ӯ бегуноҳ буданатро исбот кардӣ-ку. Дар ёдат

ҳаст дар он ғори Эйн-Ҷадӣ, ҳангоме ки Шоул дар дастони ту буд, ту ҳаёти ӯро нигоҳ доштӣ. Бе ҳеҷ гуна шак ту вафодории худро исбот кардӣ, лекин ӯ бошад туро то ҳол таъқиб мекунад. Ин мудофиа зарурӣ аст, дар ин ҳолат ҳар як доварӣ туро бегуноҳ мешуморад". Вале аз ҷониби Довуд ҳеҷ ҷавобе набаромад.

Ман тасаввур мекунам, ки чӣ тавр тоқати Абишой тоқ мешуд. "Довуд, туро пайғамбари бузург Самуил ба подшоҳӣ тадҳин кард, ту бояд подшоҳи ояндаи Исроил шавӣ. Танҳо ту ин халқро аз дасти ин шоҳи золим озод карда метавонӣ. Оё ту аз хотир баровардӣ, ки чӣ гуна Шоул ҳаштод нафар коҳинро дар шаҳри Нуб ба қатл расонид, ва бо якҷоягии онҳо занону бачаҳояшонро танҳо ба хотире ки ба мо нон доданд, ба дами марг расонд? (1 Под. 22) Ин одамкуши ваҳшӣ аст!"

Дар охир Абишой гуфт: "Довуд, ту дар фикри чӣ ҳастӣ? Худованд бар тамоми ин лашкар хоби сахт додааст. Ӯ ин корро ба хотири он кардааст, ки ту халқро аз дасти подшоҳи хунхӯр раҳоӣ бидиҳӣ!"

Довуд дар бораи машваратҳои дӯсташ фикр мекард. Ин машваратҳо мантиқан дуруст буданд, вале бо машварати Худованд рост намеомаданд. Довуд машваратҳои Абишойро шунид, ва бо фикрҳо дар бораи мудофиаи заруре, ки дар сари худ дошт, розӣ нашуда, амр кард: "Ӯро накуш, зеро кист, ки дасти худро ба масеҳи Худованд дароз карда, беҷазо монда бошад?" Ва Довуд гуфт: "Қасам ба ҳаёти Худованд, ки ӯро ё Худованд маҳв хоҳад кард, ё аҷалаш расида хоҳад мурд, ё ба ҷанг рафта, нобуд хоҳад шуд. Ҳошо аз тарси Худованд, ки ман дасти худро ба масеҳи Худованд дароз кунам!" (1 Под. 26:9-10).

Довуд хизматгори худро аз ин амал боздошт, ва ҳардуи онҳо аз ӯрдугоҳ берун рафтанд. Чаро Худованд ба лашкари Шоул хоби сахт фиристод? Барои он ки қалби Довудро имтиҳон кунад, ки оё ӯ марди табъи дили Худованд мемонад, ё мисли Шоул ҳама чизро ба дасти худ мегирад. Оё ӯ масеҳи Худовандро бешараф карда, Худи Худовандро бешараф месозад? Барои Довуд ин лаҳзаи ҳаётан муҳим буд.

Шоҳ бо ҳар сурат мехост Довудро бешараф созад, Довуд бошад шоҳро ҳурмату эҳтиром мекард. Мукофот беҳад зиёд буд, аз он ки Довуд мунтазир буд. Бубинед, ки Худованд дар бораи ин шахсе, ки ба пешвои золим шараф нишон дод, чӣ мегӯяд:

> "Бандаи Худ Довудро кофта ёфтам; бо равғани муқаддаси Худ ӯро тадҳин кардам, ки дасти Ман муттакои ӯ хоҳад буд; бозуи

> Ман низ ӯро қавӣ хоҳад кард. Душман ӯро фишор нахоҳад дод, ва ноинсофе ба ӯ осеб нахоҳад расонд, ва душманони ӯро пеши ӯ шикаст хоҳам дод, ва бадхоҳони ӯро иҳота хоҳам кард, ва садоқоти Ман ва эҳсони Ман бо ӯст, ва шохи ӯ ба исми Ман баланд хоҳад шуд... Як бор ба қудсияти Худ қасам хӯрдам, ки ба Довуд дурӯғ нахоҳам гуфт. Зурёти ӯ то абад хоҳад буд, ва тахти ӯ мисли офтоб дар ҳузури Ман, мисли моҳ то абад қоим хоҳад буд, ва шоҳиди амин дар фалак".
>
> - Забур 88:21-25, 36-38

Довуд дар Шоул на танҳо золимӣ, балки қудрати илоҳиро медид. Ӯ аз рӯи принсипи шараф зиндагӣ мекард: агар ӯ шахсеро, ки аз ҷониби Худо таъин шудааст, эҳтиром кунад, он гоҳ ин маънои онро дорад, ки Худи Худоро эҳтиром кардааст. Ҳангоме ки ӯ Худовандро эҳтиром мекунад, Худи Худо ӯро эҳтиром хоҳад кард. Мо гуфта метавонем, ки он ҷои Навиштаҷоте, ки пештар хондем, шарафи бузурги Худованд нисбат ба Довуд мебошад. Мукофоташ низ бузург буд!

Баъд аз якчанд вақти ин воқеа Худованд Шоулро доварӣ кард: филиштиён ӯро дар муҳориба куштанд. Ҳангоме ки хабари марги Шоул ба гӯши Довуд расид, ӯ дар бораи Шоул ва Йӯнотон суруди муҳаббат навишта, тамоми Яҳудоро маҷбур кард, ки ин сурудро дар васфи онҳо бихонанд. Ӯ пешвои худро ҳатто баъд аз ҳамчун пешво маҳкум шуданаш низ эҳтиром кард.

Мо якчанд мисолҳоро дидем, ки на инсон, ё қувваҳои иблисона, балки маҳз Худованд роҳбаронро дар мақомашон таъин мекунад. Дар тӯли тамоми таърихи инсоният, новобаста аз хуб ё бад будани роҳбарон, Худованд онҳоро таъин кардааст. Таъин шудани ҳар як роҳбар тасодуфӣ набуда, балки ҳадафи худро дошта буд. Ман боз якбори дигар каломи пок ва тағйирнашавандаро такрор мекунам: "Ҳокимиятҳои мавҷуда аз ҷониби Худо таъин шудаанд".

Дар ҳолате ки ҳоким золим мебошад, ҳокимияти ӯ аз ҷониби Худо таъин шудааст, лекин золимии ӯ аз ҷониби Худованд намебошад. Ин ҳоким пеши Худованд ҷавоб медиҳад, лекин шахсоне, ки зери ҳокимияти ӯ мебошанд, ҳамчун Довуд имтиҳон мешаванд. Агар онҳо пешвоёни худро эҳтиром кунанд, он гоҳ мукофоти онҳо бузург хоҳад буд.

Инак, мо дидем, ки маҳз Худо ҳокимиятҳоро таъин мекунад. Дар боби навбатӣ мо боз дар бораи итоат кардан ба ҳукуматдорони золим ва сахтгир гуфта мегузарем.

## Боби 6

# Ҳокимони сахтгир

Дар боби пештара мо гуфта гузаштем, ки ҳамаи ҳукуматҳои қонунӣ, ҳатто агар онҳо сахтгир бошанд ҳам, аз ҷониби Худованд таъин шудаанд. Чӣ тавр Худованди нек ҳокимони золимро дар қудрат таъин кард? Ҷавобаш осон аст. Худованд муаллифи ҳокимият, на ин ки муаллифи бадӣ ва зулм мебошад. Барои рафторҳои бад ва золимонаи худ худи инсон ҷавобгуй мебошад, на ин ки Худованд. *Ҳамаи ҳукуматҳо аз ҷониби Худо буда, лекин на ҳамаи ҳукуматҳо илоҳӣ мебошанд.*

Ҳоло боз як мавзӯи муҳимро дида мебароем. Оё мо ба ҳукуматҳои сахтгир, ки бо мо нодуруст рафтор мекунанд, итоат кунем? Ҷавоби ин саволро мо аз ҳаёти Довуд дида метавонем, ки иродаи Худо ба мо ин итоат кардан ба ҳукуматдорони нопок ҳам мебошад. Биёед ин мавзӯъро давом дода, ба суханони ҳаворӣ Петрус мурочиат мекунем:

> “Эй хизматгорон (кормандон, донишҷӯён, шаҳрвандон, аъзои калисо ва ғайраҳо) бо камоли тарс ба оғоёни худ (корфармо, раисон, муаллимон, ҳокимони давлатӣ) итоат намоед, на танҳо ба оғоёни нек ва фурӯтан, балки ба оғоёни сахтгир низ”.
>
> - 1 Петрус 2:18 (дар дохили қавсҳо суханони муаллиф)

Пешвоёни нек ва фурӯтан доштан барои рушду камоли мо бисёр хуб мебошад. Лекин ба ҳар ҳол Петрус диққати моро ба он ҷалб мекунад, ки мо на танҳо ба роҳбарони нек ва фурӯтан, балки ба пешвоёни сахтгир низ итоат кунем.

Пайхас кунед, ки маънои асосии амри Петрус дар суханони "бо камоли тарс" мебошад. Дар хотир доред, ки мо гуфтем, шарафи аслӣ дар қалб ба вуҷуд омада, аз тарси Худованд сарчашма мегирад. Мо ҳамчун амрикоиҳо одате дорем, ки ба ҳукуматдорон гӯем: "Аввал шумо сазовори шараф бошед, ва пас ман шуморо эҳтиром хоҳам кард". Лекин мутобиқи гуфтаҳои пайғамбар Ишаъё, Худованд на бар тибқи нигоҳи чашмон, шунидани гӯшҳо, балки аз рӯи ростӣ доварӣ хоҳад кард (Иш. 11:3).

Ана барои ҳамин тарси Худованд дар қалби инсон, ки ҷой гирифтааст, мегӯяд: "Ман аз болои худ ҳокимиятеро мебинам, ки аз ҷониби Худованд мебошад. Барои ҳамин ту сазовори ҳурмату эҳтироми ман ҳастӣ, ва ту набояд ки инро лоиқ гардӣ".

Ба суханони охирини Петрус мутаваҷҷеҳ бошед: "На танҳо ба оғоёни нек ва фурӯтан, балки ба оғоёни сахтгир низ". Боре дар бораи ин оят ман фикр кардам: Чӣ сахтгир? Шояд дар тарҷумаи Китоби Муқаддасе, ки мо дорем, ин калима бисёр дағалона тарҷума шуда бошад? Дар забони юнонӣ ин кадом калима мебошад?

Якум луғате, ки ба дастам афтод, луғати Тайер буд, дар он ман калимаи юнонии "сколиос"-ро вохӯрдам, ки ба ҷои калимаи "сахтгир" истода буд. Тайер калимаи "сколиос"-ро маънидод карда, чунин мафҳумҳоро додааст, "беахлоқ, бевиҷдон, нопок, ҳамлакунанда", аз шунидани ин калимаҳо ба ларза омада, фикр кардам, ки ин мафҳумҳо боз бадтар ҳастанд! Шояд ин муаллиф иштибоҳ карда бошад, ман дигар луғатро нигоҳ мекунам, бо умеди он ки дигар луғатҳо мафҳуми сабуктар додаанд, ба дигар мутахассиси забони юнонии Аҳди Ҷадид У.Е. Винса муроҷиат кардам. Мафҳуми ин калима дар он луғат чунин буд: "ҳокимони (пешвоёни) золим ва беадолат". Ва ман ҷустуҷӯи худро давом дода, ба хулосае омадам, ки дар дигар тарҷумаҳо ин калима сахттар омадааст. Дар Тарҷумаи Асри Нав хондам: "на танҳо ба ононе, ки накӯкор ва одил, балки ба касоне, ки беадолат ҳастанд". Дар Тарҷумаи инглисии нав омадааст: "чунин рафтор кунед, на танҳо бо шахсоне, ки нек ва ғамхор мебошанд, балки низ бо он шахсоне, ки сахтдил ҳастанд". Дар Тарҷумаи нави амрикоӣ ба ҷои ин калима "бехирад" истодааст.

Акнун вақти он расидааст, ки ба дигар савол ҷавоб диҳем. Оё Худо фарзандони Худро озор медиҳад? Не, ҳазор маротиба не! Ӯ Падари меҳрубонтарин дар ин ҷаҳон мебошад! Ӯ на танҳо дорои муҳаббат аст, Ӯ Худаш муҳаббат аст! Акнун биёед дар бораи ин мулоҳиза мекунем: "Инак, Падари меҳрубони ман ба фарзанди Худ мегӯяд, ки ба ҳокимони

сахтгир, золим, беадолат, нопок итоат кунам”. Барои чӣ Ӯ инро на танҳо хоҳиш мекунад, балки амр мекунад? Бо бисёр сабабҳо, лекин агар ҳамаи он сабабҳоро хулоса карда, ба як ибора бигӯем: ба нафъи ман.

Эҳтиром кардани ҳокимони сахтгир барои мо се афзалият дорад. Дар аввал, ҳангоме ки бо шумо беадолатона рафтор мекунанд, итоат ва гапдароии шумо кори шуморо ба дастони Худованд месупорад, ки Ӯ шуморо боадолатона доварӣ мекунад (1 Пет. 2:21-23). Агар мо шароитро дар дастони худ бигирем, Худо Худро як қадам ба қафо мегирад, ва мо бе кӯмаки Ӯ монда, ҳоламон ногувор мешавад. Ба хотири он ки ин шароитҳо бо ҳукумат вобаста аст, мо ҳатман дармебозем. Хеле кам имкон дорад, ки мо ғалаба мекунем, ва дар ҳолати ғалаба ҳам, мо дар рӯҳи худ маҷрӯҳ шуда, дар натиҷа ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда, меваҳои он дар мурури замон маълум мегарданд.

Дар қадами дуввум, Петрус мегӯяд, ки ҳангоми эҳтиром кардан ва ба ивази муносибати бад баракат додан, ин чизҳо рӯй медиҳанд: “Дар ивази бадӣ бадӣ накунед, ё дар ивази лаънат лаънат нагӯед; баръакс, баракат диҳед, чун медонед, ки шумо барои он даъват карда шудаед, ки ворисӣ баракат гардед” (1 Пет. 3:9).

Мо барои он даъват шудаем, ки муносибати беадолатонаро нисбат ба худ аз сар гузаронем. Чӣ тавр? Он шахсоне, ки нисбат ба мо хубӣ намекунанд, онҳоро эҳтирому қадр намоем, итоат кунем ва баракат диҳем. Барои чӣ мо ба ин даъват шудаем? То ки худро дар зери баракат гузорем. Инак, ҳангоме ки касе аз ҳукуматдорон бо мо нодуруст рафтор мекунад, шоду хурсанд бошед, чунки он гоҳ шумо дар мавқеи мукофотёбанда гузошта шудаед!

## Мукофоти болоравӣ

Ман он воқеаро, ки пештар дар дигар китобам нақл карда будам, гуфтанӣ ҳастам. Ин намунаи хубе аст, ки ҳангоме ки бо шумо нодуруст рафтор мекунанд, ва шумо ба ҳар ҳол эҳтиром мекунед, чӣ тавр Худо шуморо баракат медиҳад.

Ман як дӯсти наздик бо номи усқуф Эл Брайс доштам. Якчанд сол пештар ӯ дар шаҳри Даллас усқуф буд. Як субҳи рӯзи якшанбе ӯ аз номаи якуми Петрус мавъиза мекард. Баъд аз он ки Эл мавъизаи худро ба охир расонид, як аъзои калисо (номи ӯро Брайн мегӯем) ба назди ӯ омада,

саволе пурсид. Ӯ гуфт: “Усқуф Брайс, ман ҷонишини раиси як ширкати калони суғуртакунанда мебошам. Ман бисёр кор карда, дар навбати он будам, ки ҷонишини президенти ин ширкат шавам. Ҳамаи кормандон медонистанд, ки ман лоиқи он ҳастам, ки ба ин вазифа таъин шавам. Дар асл ҳам, ман сазовори он ҷой будам. Лекин ин вазифаро ба дигар шахс доданд”.

- Барои чӣ ин тавр шуд? – пурсид усқуф Эл.

- Барои он ки вай одами сафедпӯст ва ман сиёҳпӯст ҳастам. Усқуф, ин нажодпарастӣ аст. Ман инро исбот карда метавонам, ва тайёр будам, ки ҳамин ҳафта аризаи худро ба суд бубарам. Лекин мавъизаи шумо имрӯз маро аз роҳ зад!

Усқуф Брайс ба Брайн нигоҳ карду баъд ҷавоб дод:

-Ту мехоҳӣ ин мушкилиро бо қуввати худ ҳал кунӣ, ё бо қуввати Худо?

Ӯ бе ҳеҷ гуна шубҳа ҷавоб дод:

-Усқуф, ман Худоро бо тамоми дили худ дӯст медорам, ман мехоҳам ин шароитро бо тариқаи Худованд ҳал кунам, ана барои ҳамин ман ин ҷо истода, аз шумо маслиҳат мепурсам.

- Шумо ҳамроҳи ман дуо гуфта метавонед?

-Ҳа, албатта, - ҷавоб дод Усқуф Эл.

Онҳо сари худро хам карда, дуо гуфтанд, ва ин мушкилиро бар дастони Худованд, Довари одил, супориданд.

Дар рӯзи оянда Брайн ба корхона рафта, дар қадами аввал ҳамкори худро, ки ба вазифааш боло рафта буд, табрик кард. Ӯ ба идораи он шахс даромада, бо табассум дар лаб гуфт:

-Ман мехоҳам туро бо болоравӣ дар вазифаат табрик гӯям, ва мехоҳам, то ки ту бидонӣ, ман коргари беҳтарини ту шудан мехоҳам.

Шумо ба худ тасаввур карда метавонед, он шахсе, ки ба вазифаи нав таъин шуда буд, чӣ қадар худро ногувор эҳсос кард, ба хотири он ки медонист, ки ин вазифа ба он шахсе нарасид, ки лоиқи он буд.

Агар ин ҳодиса рӯй намедод, ҳоло Брайн мебоист ки сари он миз нишаста, раиси ин нафар бошад.

Аз ин воқеа якчанд ҳафта гузашт, ва ҳеҷ тағйироте набуд. Мо бояд дарк кунем, ки одатан чунин мешавад. Доварӣ ва раҳоӣ аз ҷониби Худованд меояд, лекин на дар он вақте, ки мо мунтазираш будем! Инак Брайн диққати худро ба он ҷалб накард, ки бо ӯ беадолатона рафтор карданд. Ӯ роҳи эҳтиромро интихоб кард. Ӯ вазифаи худро ба таври олӣ

анҷом доданро давом медод.

Дар як рӯзи аҷоиб аз корхонаи рақиб, ки бисёр калон буда, дар шаҳри Даллас намояндагӣ дошт, ба Брайн занг заданд. Шахсе, ки дар он тарафи гӯшаки телефон буд, гуфт: “Мо кори шуморо, ки бо мизоҷон доштед, мушоҳида кардем, ва кори шумо ба мо хеле писанд омад. Оё шумо дар оянда ҳамроҳи мо кор кардан мехоҳед?”

Брайн як лаҳза фикр кард, баъд ҷавоб дод: “Не намехоҳам. Ман ҷои кори худро иваз кардан намехоҳам. Ман ба ин корхона бисёр солҳо кор кардаам. Ман маоши хуб ва бисёр мизоҷон дорам. Мизоҷон ва ҳамкорони ман дар бораи хислати ман медонанд. Ман дар ҷои хуб ҳастам ва намехоҳам, ки он тағйир ёбад. Барои пешниҳоди шумо миннатдорам, лекин ман онро қабул карда наметавонам”.

Он шахсе, ки аз дигар корхона буд, ба пешниҳоди худ истодагарӣ мекард:

- Илтимос мекунам, як маротиба ҳамроҳи ман вохӯред. Биёед якҷоя таоми нисфирӯзӣ мехӯрем ва дар он ҷой маслиҳат мекунем. Дар ин ҳеҷ чизи бадие нест?

Брайн боз ҷиддитар ҷавоб дод:

- Ман ба шумо мегӯям, шумо вақти худро беҳуда сарф мекунед. Ман ба пешниҳоди шумо шавқманд нестам.

Ин мисли он вонамуд мешуд, ки шахс дар он тарафи гӯшаки телефон овозашро намешунид.

- Биёед! Танҳо як таом бо ҳам мехӯрем!

Аз баҳс кардан бо ин шахс Брайн монда шуда, гуфт:

- Хуб, ман ҳамроҳи шумо вомехӯрам.

Вақти таоми нисфирӯзӣ расид. Брайн он шахсони аз ширкати дигар будаpo ҳолпурсӣ кард, ва пас онҳо барои худ ғизо фармоиш доданд. Яке аз роҳбарони ин корхонаи суғуртавии бузург ба ӯ гуфт:

- Брайн, мо кори туро мушоҳида кардем, ва ба ту гуфтанӣ ҳастем, ки ту корманди бисёр хуб мебошӣ. Кормандон аз корхонаи мо мегӯянд, ки туро дар корхонаи мо дидан мехоҳанд.

Брайн бошад сари худро меҷунбонид:

- Ман аллакай ба шумо ба тариқи телефон гуфтам. Шумо беҳуда вақти худро сарф мекунед. Ба ман ҷои кории ҳозираам хуб аст. Ман даромади хуб дорам. Барои корхонаи худ ман бисёр заҳмат кашидаам. Ман ҳамроҳи шумо кор намекунам.

- Хуб, Брайн, мо туро шунидем. Лекин як хоҳиш аз ту дорем. Ба хона рафта, ҳамроҳи ҳамсарат маслиҳат бикун. Якҷоя фикр карда, маоши мехостаатро аз мо талаб бикун, ва баъд аз як ҳафта боз вомехӯрем.

Брайн як оҳ кашиду пас гуфт:

- Хуб, майлаш.

Ӯ ба хона рафт. Ӯ ин пешниҳодро ҷиддӣ қабул намекард. Як рӯз пеш аз вохӯрии он шом ӯ дар бораи ин пешниҳод ба ҳамсараш гуфт:

- Росташро гӯям, ман ҷои кори худро тағйир доданӣ нестам. Онҳо мехоҳанд, ки худамон маошро таъин кунем. Ман бисёр хаста шудам ва ҳамин тавр карданӣ ҳастам. Ман бо онҳо то ҳамон лаҳзае гап заданӣ ҳастам, ки сухан дар бораи маош меравад, ва баъд ман ягон гапи намешудагиро мегӯям. Ман аз маоши ҳозираам се маротиба бештар талаб мекунам! Онҳо ба ман ханда мекунанд, ва дар ҳамон лаҳза мулоқоти мо хотима меёбад.

Ӯ дар як қоғаз рақамеро навишт, ки аз маоши ҳозирааш се маротиба бештар буд. Аз хотир набаоред, ки дар корхонаи худ вай вазифаи баландро ишғол мекард. Ин адади калон бисёр хандаовар буд.

Дар рӯзи дигар Брайн ба вохӯрӣ рафт. Баъд аз он ки ғизоҳо фармоиш дода шуда буданд, сардори корхона аз Брайн пурсид, ки оё ӯ ягон пешниҳод оиди маош дорад.

“Бале”, - гуфта, Брайн аз кисаи худ он қоғазро мебаровард, лекин он шахс ӯро боздошта, гуфт:

“Не, не, мо намехоҳем бубинем, он ададе, ки шумо пешниҳод кардан мехоҳед. Пеш аз он мо пешниҳоди худро ба шумо гуфтанӣ ҳастем”.

Ӯ ин суханонро гуфта, ба Брайн қоғазчаи худро дароз кард. Брайн ин қоғазчаро кушода диду қариб аз ҳуш рафта буд. Онҳо чор маротиба зиёдтар аз маоши ӯ пешниҳод мекарданд! Брайн он қадар ҳайрон монд, ки сухане барои гуфтан надошт. Ӯ танҳо ба он хат нигоҳ мекард. Он шахсон сокит будани Брайнро нодуруст фаҳмида, хаёл карданд, ки пешниҳоди онҳо кам мебошад. Барои ҳамин онҳо ба маош мукофотҳои пулиро низ илова карданд.

Ва дар анҷом Брайн худро ба даст гирифта, гуфт:

- Ҷанобон, ман як шахси масеҳӣ ҳастам ва мехоҳам, ки роҷеъ ба пешниҳоди шумо дар хона ҳамроҳи ҳамсарам дуо гуфта, иродаи Худоро бипурсам.

- Албатта, албатта, шумо фикр карда метавонед, - дар ҷавоб гуфтанд

онҳо.

Брайн ба хона рафта, тамоми ҳодисаро ба ҳамсараш нақл кард. Онҳо якҷоя дуо карданд ва Рӯҳи Муқаддас бо чунин суханон ҷавоб дод: “Писарам, ту кори худро ба дастони Ман супоридӣ. Ман онро ҳал кардам. Ин болоравӣ аз ҷониби Ман аст. Ту бояд онро қабул кунӣ!”

Аз ин воқеа якчанд сол гузашт, Брайн ҳоло дар Даллас зиндагӣ намекунад. Ӯ сарпрезиденти ҳамин ширкати суғуртавӣ дар шаҳри Вирҷиния мебошад. Ин ширкат ба рушди ҳамон ширкате, ки ба болоравии Брайн монеъ шуда буд, рақобат нишон дод.

Ба кадом хулоса мо мерасем? Албатта, Брайн метавонист худро муҳофизат кунад, ва ҳатто қасди худро бигирад. Ӯ метавонист ба суд ариза кунад. Ӯ ҳаққи қонунии ин корро дошт. Бо ӯ нодуруст рафтор карда буданд, ва ҳатто имкон дошт, ки аризаш дар суд ба нафъи ӯ ҳал шавад. Ҳатто ӯ дар суд ғалаба карда, дар он мавқеъ, ки ҳоло ҳаст, шуда наметавонист. Ӯ он баракатеро, ки барояш омада буд, аз даст медод! Лекин ӯ новобаста аз рафтори нодурусти ҳукуматдорон онҳоро эҳтиром кард, ӯ қасди худро нагирифт, лекин ба дастони Худованд супорид, ки Ӯ мукофоте барояш омода сохт!

## Итоат ва гапдарой

Сеюм сабабе, ки барои чӣ мо бояд ба ҳукуматдорони сахтгир итоат кунем, вақте ки мо худро муҳофизат накарда, ба Худо таваккал мекунем, бо ин амали худ мо хислати илоҳиро дар худ рушд медиҳем. Дар идома Петрус менависад: “Пас, чи тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат кашидааст, шумо низ бо ҳамин фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад” (1 Пет. 4:1).

Моҳияти ин ҷои Навиштаҷот дар он аст, ки аз сабаби муносибати нодурусти ҳукуматдорон нисбати мо, уқубатро аз сар мегузаронем. Аз ин мебарояд, ки мо бо ин фикр мусаллаҳ бошем. Барои чӣ? Ба хотири он ки новобаста аз рафтори нодурусти ҳукуматдорон мо бояд онҳоро эҳтиром кунем.

Петрус мегӯяд, ки чунин рафтор дошта, мо гуноҳ карданро бас мекунем. Бо дигар суханон, мо рӯҳан комилтар мешавем. Павлус роҷеъ ба ин мавзӯъ чунин менависад: “Ҳангоми мушкилӣ ва сахтиҳо мо шодӣ карда метавонем, ба хотири он ки мо медонем, ки ин ба нафъи мо - сабр

карданро меомӯзем. Сабр хислати моро боқувват месозад» (Рум.5:3-4, Тарҷумаи нав). Бо мурури комилшавии хислати рӯҳонии мо, ба мо эҳтиром кардани шахсоне, ки лоиқи шараф нестанд, осон мегардад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳаёти мо тарси Худованд бештар гардидааст, ки он дар навбати худ мукофоти бузургро ба мо меорад.

Биёед ҳоло гуфтаҳои болоро хулоса мекунем. Инак, Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки мо бечунучаро ба ҳукуматдорон итоат кунем, лекин он таълим намедиҳад, ки бечунучаро суханони онҳоро иҷро кунем.

Байни итоат ва гапдароӣ фарқе мавҷуд аст. Итоат бо муносибати мо вобаста аст ва гапдароӣ бо рафтори мо вобастагӣ дорад. Барои ҳамин ба мо гуфта шудааст: “Агар орзуманд бошед ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд” (Иш. 1:19). Боре ман аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас ислоҳ шудам. Ман афсурда шуда будам, барои он ки корҳоям аз рӯи хостам намешуданд. Дар тӯли шаш моҳ ман дар калисоям аз ҷониби Худованд чизе нагирифтам. Мавъизаҳои усқуфамон маро сер намекарданд. Дар вақти дуо, Худо ин ҷои Навиштаҷотро ба ман нишон дода, гуфт, ки ба ин сабаб ман чизе аз ҷониби Ӯ намегирам. Ман муқобилат мекардам: “Ман гапдаро ҳастам! Ҳар чизе, ки усқуф ва роҳбаронам ба ман мегӯянд, амалӣ мекунам”.

Рӯҳи Муқаддас зуд ба ман ҷавоб дод: “Ман нагуфтам, ки агар бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд, балки гуфтам агар бихоҳед ва бишнавед, неъматҳои заминро хоҳед хӯрд. Гапдароӣ бо рафтори ту вобаста аст, хоҳиш бо муносибати ту вобаста аст. Муносибати ту ҳоло бӯи бад дорад!”

Ногаҳон ман аҳамияти муносибати дилро фаҳмидам. Маҳз дар ҳамон ҷой тарси Худованд истиқомат дорад, ва аз тарс шараф ба вуҷуд меояд. Мо тасдиқи онро дар Аҳди Ҷадид пайдо мекунем. Павлус мегӯяд: “Ба сардорони худ фармонбардор ва мутеъ бошед, зеро онҳо ҳамеша ғами ҷонҳои шуморо мехӯранд, чунки ба ҳисобот додан вазифадор мебошанд” (Ибр. 13:17). Диққат кунед, ки ӯ мегӯяд, фармонбардор ва мутеи он касоне, ки аз мо боло меистанд, бошем. Гапдароӣ бо рафтори мо вобаста аст, итоат бо муносибати мо бо ҳукуматдорон алоқа дорад. Боз мутаваҷҷеҳ бошед, агар мо он шахсони роҳбарро эҳтиром накунем, ба нуқси худамон, на ин ки роҳбаронамон, мебошад. Мо мукофоти худро аз даст медиҳем.

Чи тавре ки мо пештар қайд карда гузаштем, Китоби Муқаддас моро таълим медиҳад, ки бечунучаро ба ҳукуматдорон итоат кунем, лекин таълим намедиҳад, ки бечунучаро гапдарои онҳо бошем. Танҳо як

сабабе ҳаст, такрор мекунам, як сабаб, ки Китоби Муқаддас мефармояд, ки ба ҳукуматдорон итоат накунем. Он вақте ки ҳукуматдорон моро барои гуноҳ кардан водор мекунанд (кардани он чизе, ки зидди аҳкоми Худованд мебошад). Дар Китоби Муқаддас бисёр намунаҳо ҳаст, лекин мо танҳо яке онро дида мебароем.

Набукаднесар, подшоҳи Бобил, амр кард, ки ҳама ҳангоме ки садои асбобҳои мусиқиро мешунаванд, ба ҳайкали тиллое, ки ӯ сохт, саҷда кунанд. Онҳое, ки ба ин амр итоат намекунанд, ба кӯраи оташи сӯзон андохта хоҳанд шуд.

Дар он замон дар шоҳигарӣ се ҷавони яҳудӣ: Шадрак, Мешак ва Абднаҷу зиндагӣ мекарданд. Ба хотире ки онҳо боҳикмат ва боистеъдод буданд, шоҳ ба онҳо майли таваҷҷӯҳ дошт. Ба ин нигоҳ накарда, ин се ҷавон бисёр худотарс буданд, ва амри шоҳ бар зидди аҳкоми дуюми Худованд буд, ки аз тариқи Мӯсо дар шариат навишта шуда буд.

Онҳо ба амри шоҳ итоат накарданд. Дер ё зуд Набукаднесар аз беитоатии онҳо бохабар мешуд. Ӯ аз рафтори онҳо ба ғазаб омада, амр кард, ки онҳоро наздаш биёранд. Бубинед, ки ин ҷавонон ба шоҳ чӣ ҷавоб доданд: “Шадрак, Мешак ва Абднаҷу ба подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд: “Эй Набукаднесар! Моро ҳоҷати он нест, ки дар ин бора ба ту ҷавоб диҳем. Моро Худое ҳаст, ки Ӯро ибодат менамоем, ва Ӯ қодир аст моро аз кӯраи оташи сӯзон бираҳонад, ва аз дасти ту, эй подшоҳ, низ раҳо хоҳад кард. Ва ҳатто агар на ин тавр аст, туро, эй подшоҳ, маълум бод, ки мо худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллои ту, ки барқарор намудаӣ, саҷда нахоҳем бурд” (Дон. 3:16-18).

Онҳо ба итоати аҳкоми Худованд устувор истоданд. Лекин бо подшоҳ эҳтиромона сухан меронданд. Онҳо ба ӯ муроҷиат карда, мегуфтанд “алоҳазрат”, на ин ки “эй ту саги хунхӯр, мо ҳеҷ вақт ба амри ту итоат намекунем”. Бо подшоҳ чунин сухан рондан, ин беэҳтиромӣ ба Худое мешуд, ки ин подшоҳро ба ин вазифа таъин кардааст. Мо ҳатто агар бо амри ҳокимон розӣ набошем ҳам, бояд онҳоро эҳтиром кунем.

Шадрак, Мешак ва Абднаҷу подшоҳ ва Худоро эҳтиром мекарданд. Пеш аз ҳама онҳо Худоро эҳтиром карданд, бо вуҷуди он ки медонистанд, ки ба кӯраи оташи сӯзон андохта мешаванд, гуноҳ накарданд. Дар қадами дуввум онҳо подшоҳро эҳтиром карданд. Ҳангоме ки подшоҳ бо хашм ба онҳо гап мезад, ин ҷавонон ба ҳукумату мақоми ӯ эҳтиром нишон дода, бо ӯ эҳтиромона сухан меронданд. Дар ҷавоби подшоҳ онҳо дағалона ҷавоб намедоданд ё суханони

беҳурматона намегуфтанд. Онҳо аз рӯи принсипи шараф зиндагӣ мекарданд. Онҳоро мукофоти бузург ва ғайриқобили қабул мунтазир буд.

Подшоҳ зуд амр кард, ки онҳоро ба кӯраи оташи сӯзон андозанд. Ӯ ин қадар ба хашм омада буд, ки амр кард, ки кӯраро аз оташи муқаррарӣ ҳафт маротиба бештар оташ диҳанд. Ӯ ба аскарони беҳтарини худ амр кард, ки дасту пои Шадрак, Мешак ва Абднаҷуро баста, ба кӯраи оташи сӯзон партоянд. Кӯра он қадар тафсон буд, ки он аскарони онҳоро ба онҷо андохта аз тафсонии он мурданд. Дар идома мо мехонем:

> Ва он се шахс, яъне Шадрак, Мешак ва Абднаҷу дар ҳолате ки бандубаст шуда буданд, андаруни кӯраи оташи сӯзон афтоданд. Он гоҳ подшоҳ Набукаднесар мутаҳайир шуда, саросемавор бархост ва ба мушовиронаш хитоб намуда, гуфт: “Оё мо се шахси бандубастшударо андаруни оташ наандохтем?” Онҳо ба подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфтанд: “Ҳақ асту рост, эй подшоҳ!” Ӯ дар ҷавоб гуфт: “Ман, охир, чор мардро мебинам, ки бе бандубаст андаруни оташ гардиш мекунанд, ва ҳеҷ осебе ба онҳо нарасидааст; ва намуди марди чорум ба писари Худо монанд аст”. Он гоҳ Набукаднесар ба даҳани кӯраи сӯзон наздик омад ва хитоб намуда, гуфт: “Эй Шадрак, Мешак ва Абднаҷу, эй бандагони Худои Таоло, берун омада, наздик шавед!” Он гоҳ Шадрак, Мешак ва Абднаҷу аз даруни оташ берун омаданд. Ва ҳокимон, сардорон, волиён ва мушовирони подшоҳ ҷамъ шуда, он мардонро диданд, ки оташ ба баданҳои онҳо таъсир накардааст, мӯйҳои сарашон парт нашудааст, ва ҷомаашон тағйир наёфтааст, ва ҳатто бӯи оташ ба онҳо нарасидаст.

- Дониёл 3:23-27

Ин се ҷавони яҳудӣ на танҳо аз марги даҳшатнок ва оташ халосӣ ёфтанд, балки дар дохили кӯраи оташ бо фариштаи бузурги Худованд мегаштанд. Оташ танҳо банди онҳоро сӯзонид, лекин либоси онҳо солим монда буд. Дар либоси онҳо бӯи сӯхтанӣ ҳам набуд. Баъд аз он ки онҳо аз оташ берун омаданд, мукофот мунтазири онҳо буд. Мо мехонем:

> “Он гоҳ подшоҳ ба Шадрак, Мешак ва Абднаҷу дар вилояти Бобил бузургӣ бахшид”.

- Дониёл 3:30

Онҳо дар мақоми худ боло рафтанд! Ҳангоме ки касе дар ҳокимият буда, бо мо нодуруст рафтор мекунад, ва мо мисли он шахсе, ки дар корхонаи суғуртавӣ кор мекард, ё мисли ин се ҷавон эҳтиром кунем, он гоҳ мо мукофотонида мешавем. Ин қонуни рӯҳонӣ мебошад: он шахсонеро, ки Худо онҳоро аз болои мо гузоштааст, эҳтиром кунем, он гоҳ Худи Худоро эҳтиром мекунем. Дар ҷавоби он Худованд моро эҳтиром мекунад. Ҳатто агар мо як маротиба аз шароитҳои худ диққати худро дур карда, бо ин қонуни рӯҳонӣ амал кунем, афсурда намешавем. Петрус менависад: "Ва кист, ки ба шумо бадӣ кунад, агар шумо накӯкори ғаюр бошед?" (1 Пет. 3:13). Бо дигар суханон гӯем, шумо агар боре дар дили худ қарор карда бошед, ки аз рӯи принсипҳои шараф зиндагӣ мекунед, дигарон ба шумо чӣ карда метавонанд? Ҳар як муносибати нодурусте, ки махсусан ҳукуматдорони аз болои шумо гузошташуда ба шумо мекунанд, шуморо ба сӯи мукофот мебарад, агар ки шумо ба онҳо бо муносибати дуруст ҷавоб диҳед. Инак, ҳоло аз худ савол кунед, аз сабаби аз рӯи принсипи шараф рафтор накардан, чӣ қадар мукофотро аз даст додаед?

## Боби 7

# Эҳтиром ба ҳукуматдорони давлатӣ

Зеро ки ҳокимон на барои некӯкорон, балки барои бадкорон хавфноканд. Оё мехоҳӣ аз ҳокимият тарсе надошта бошӣ? Кори нек кун, ва сазовори таърифи вай хоҳӣ шуд; чунки вай хизматгори Худост бар нафъи ту. Аммо агар корҳои бад кунӣ, битарс; зеро ки вай шамшерро беҳуда бардошта нагаштааст: вай хизматгори Худост ва бо ғазаб аз бадкорон интиқом мегирад. Бинобар ин на фақат аз тарси ҷазо, балки низ аз рӯи виҷдон итоат кардан лозим аст. Ба ҳамин сабаб шумо андоз ҳам медиҳед: зеро онҳо мулозимони Худо ҳастанд, ки доим бо ин кор машғуланд. Пас ба ҳар кас он чиро, ки дар зиммаи шумо дайн аст, адо кунед: андозро - ба касе, ки андоз меситонад, хироҷро - ба касе, ки хироҷ мегирад: тарсро - ба касе ки лоиқи тарс аст; иззатро - ба касе ки шоистаи иззат аст.

- Румиён 13:3-7

Дар ин оятҳо ҳокимони давлатӣ ду маротиба “хизматгорони Худо” гуфта шудааст ва ба мо амр шудааст, ки онҳоро иззату эҳтиром кунем. Диққат кунед, ки Павлус мегӯяд, ки ҳамаи онҳо хизматгорони Худо мебошанд, на ин ки баъзе аз онҳо чунин мебошанд. Ҳар дафъае ки ман корманди милитсия, корманди сӯхторхомӯшкунӣ, ҳукумати шаҳр, ҳокими шаҳр, судя, депутати маҳаллӣ ва ё дигар кормандони давлатиро вомехӯрам, ман онҳоро иззату

эҳтиром мекунам. Ҳангоме ки ман ба идораи давлатӣ меравам, ман пур аз эҳсосоти шараф ва эҳтиром мебошам. Ман дарк мекунам, ки ин ба хотири тарси Худованд, ки дар қалби ман ҷой гирифтааст.

Боре ман ба ҷаласаи идораи худ равона буда, бисёр вақти кам дошта, саросема будам. Ин дар ибтидои соли таҳсилӣ буд. Дар тӯли дуюним моҳ пештар, ман дар маҳалли худ мошинамро бо суръати 56 км/соат ҳаракат мекардам, лекин баъд аз оғози соли таҳсилӣ, дар баъзе ҷойҳои роҳ суръати иҷозатдодашуда на зиёдтар аз 32 км/соат мебошад. Дар саросемагӣ ман ба нишонаҳои ҳаракати роҳ диққат накарда, бо суръати 49 км/соат ҳаракат кардам. Баъд аз он корманди БДА –ро, ки дар сари роҳ бо мотосикли худ истода буд, дидам. Ӯ ба ман ишора кард, ки биистам. Ман зуд ба канори роҳ мошинамро боздоштам.

Корманди БДА мисли дигар кормандони ин соҳа бисёр ҷиддӣ ҳуҷҷатҳои маро барои тафтишот талаб кард. Ман боэҳтиромона рафтор мекардам ва нишон медодам, ки сабаби барои чӣ маро боздоштанашонро дарк кардаам, ва аз хатогии худ пушаймон ҳастам. Мо дар бораи хатогии ман бо ӯ сухан рондем. Ва баъд ӯ ба ман гуфт, ки бисёриҳо ҳангоми боздошт шуданашон шикоят ва эътироз мекунанд.

Ман дар ҷавоб гуфтам: “Ин гуноҳи ман аст”.

Ӯ ба ман гуфт, ки ҷарима барои баланд кардани суръати ҳаракат, 220 доллар мебошад. Лекин ба тааҷҷуби ман, ӯ ҳуҷҷатҳои маро ба ман дода, гуфт: “Роҳи сафед!”, ва баъд рӯй гардонда, ба сӯи мотосикли худ равон шуд.

Ман дар ҳайрат буда, ба ӯ гуфтам: “Шумо маро ҷарима намекунед?”, ӯ ханда карда, роҳи худро идома дод. Ман аз он ҷо рафта, як ҳисси марҳаматро эҳсос кардам. Ман миннатдор будам.

Лекин на ҳама вақт чунин буд. Дар тӯли сол ба ман якчанд маротиба квитансияи ҷаримаро супориданд, бо вуҷуди он ки ман кормандони БДА-ро ҳурмату эҳтиром мекардам. Як ҳодисаро дар ёд дорам, боре бо корманди нави идораамон ба фурудгоҳ равона будем. Ман боз ба суръати мошинам диққат надода, аз ҷониби корманди БДА боздошт шудам. Ин шахсе, ки бо ҳамроҳи ман буд, корманди БДА-ро мазоҳу масхара кард, ва гумон дошт, ки ман ҳам бо суханони ӯ розӣ мешавам. Ӯ бо амали корманди БДА норозӣ буд, ба хотири он ки ман бо суръати танҳо якчанд км/с зиёд ҳаракат мекардам, дигар корманди БДА инро ба назар намегирифт.

Ман боз бо корманди БДА боэҳтиром ва хушрафтор будам, лекин ӯ мисли корманди пештара раҳмгин ва дилсӯз набуд. Ӯ ҷиддӣ буд, ва мехост ба ман ҷарима нависад. Ман инро дониста, то он даме ки ӯ квитансия навишта кунад, гуфтам: “Ман аз кори кардаам пушаймон мебошам. Ман медонам, ки иштибоҳ кардам. Барои кору хизмати шумо ташаккур изҳор мекунам”. (Ман медонистам, ки баъд аз қайд шудани ҷарима дар компютер ӯ ҳеҷ тағйироте оварда наметавонад.)

Муносибати ӯ дигар шуда, садои овозаш нармтар гашт. Ҳангоме ки ӯ эҳтироми маро нисбати вазифааш дид, муносибаташ беҳтар гашт. Акнун ӯ мехост, ки ҷаримаи худро пас бигирад, лекин ҳардуямон мефаҳмидем, ки ин ғайриимкон мебошад. Ман мехостам ин шахсеро, ки дар рӯ ба рӯи ман истода буд, мутобиқи нома ба Румиён баракат диҳам. Мо сӯҳбати худро дӯстона ба анҷом расонидем.

Ҳангоме ки корманди БДА ба мо иҷозат дод, ки равем, ман ба ёрдамчии худ рӯ оварда, гуфтам: “Агар ту фикр кардӣ, ки ман бо мазоқу масхараи ту розӣ мешавам, он гоҳ иштибоҳ кардӣ”. Баъд ба ӯ боз насиҳат додам. Ӯ зуд дарк кард, ки суханонаш нисбат ба корманди давлатӣ беэҳтиромӣ буд. Рафторе, ки ӯ дуруст фикр мекард, умуман ба таълимоти Каломи Худо оиди ҳокимони давлатӣ мутобиқат намекард. Баъд аз ин воқеа ӯ принсипи шарафро аз худ кард.

## Мукофот аз ҷониби ҳокимони давлатӣ

Иҷозат диҳед, ба шумо як шаҳодат диҳам, оиди мукофот, ҳангоме ки мо ҳукуматдорони давлатиро эҳтиром менамоем. Охирҳои солҳои 80-ум ман сафарҳои худро оғоз кардам. Дар тӯли солҳои аввал ман якчанд маротиба дар калисое, ки дар шаҳри Мидвест ҷойгир шудааст, мавъиза кардам. Калисо як ҳазору панҷсад нафар аъзо доштu вақтҳои охир калон намешуд. Ҳар соле, ки ман ба он калисо меомадам, ҳеҷ тағйироте набуд, ва аъзои онҳо зиёд намешуд. Якчанд сол онҳоро хабар нагирифтам. Баъд аз якчанд сол, онҳо маро даъват карданд, то ки ба конфронси солонаи он калисо мавъиза кунам. (Пештар онҳо ингуна конфронсҳоро барпо намекарданд.) Ман пайхас кардам, ки як қатор воизони машҳур низ даъват шудаанд, ва иштирокчиёни конфронс ҳашт ҳазор нафарро ташкил медоданд. Аз ин хабар ман бисёр хушҳол шуда, кунҷковии ман ба дараҷаи олиаш расида буд.

Баъд аз дуо кардан, ман ба ёрдамчии худ гуфтам, ки бо онҳо ба тамос шуда, дар бораи розигии ман хабар диҳад. Ман ба шаҳри онҳо сафар кардам. Дар назди бинои нави калисо, ҷое, ки мошинҳо меистанд, наздик шуда, дар он ҷо бисёр мошинҳои навро дидам. Ҳангоме ки ба толор ворид шудам, он ҷой пур аз одамон буд, тақрибан ҳашт-нӯҳ ҳазор нафар ҳузур доштанд. Ҳузури Худо дар он ҷой бисёр боқувват буд, пештар ман чунин ҳузурро дар он ҷо эҳсос накарда будам. Ҷаласаи аҷоиб буд.

Баъд аз ҷаласа, ҳангоме ки ман бо усқуф танҳо мондам, аз ӯ пурсидам: “Ҳоло чӣ шуд? Ту якчанд сол дар калисоят ҳеҷ рушд ва афзоиш надоштӣ. Чӣ тавр калисои ту ин қадар калон шуд? Фақат се сол ман ин ҷо набудам”.

Ӯ зуд ба ман ҷавоб дода, сабаби комёбиро нақл кард:

“Ҷон, ман аз шунидани шикоятҳои одамон дар бораи ҳукуматдорони давлатӣ, беадолатии онҳо ва супоридани андозу молияҳо хаста шудам, ва мебоист ягон амале нишон медодам. Ман дуо гуфтанро оғоз кардам ва Худо ба ман як фикр дод”.

Дар идома ӯ нақл кард, ки чӣ гуна ба назди ҳукумати шаҳр рафта, аз онҳо дар бораи аз ҳама мӯҳтоҷии калонашон пурсид. Онҳо дар ҷавоб гуфтанд, ки мӯҳтоҷии калон дар шӯъбаи сӯхторхомӯшкунӣ доранд. Онҳо ба ниқобҳои махсус зарурат доранд, ки кормандони сӯхторхомӯшкунӣ дар даруни дуд ҳам дида тавонанд. Бисёртар ҳолати марг бо кормандони сӯхторхомӯшкунӣ на бо сабаби сӯхтани бадан, балки дуди ғализ мебошад. Мушкилии кормандони сӯхторхомӯшкунӣ дар он аст, ки баъзан онҳо аз сабаби дуди ғализ масофаи як қадам пештарро ҳам дида наметавонанд. Ин ниқобҳои махсус ба онҳо кӯмак мекунад, ки зуд шахси дар оташбударо ёфта, ӯро наҷот диҳанд. Ин мӯҳтоҷии калони он шаҳр буд, лекин дар хазинаи шаҳр барои ин маблағ ҷудо нашуда буд. Нархи як ниқоб бисту панҷ ҳазор доллар арзиш дошт.

Якшанбеи оянда дар ҷаласаи калисо усқуф аз нома ба Румиён боби 13-ум мавъиза кард. Аз рӯи муҳаббат насиҳат карда, дар бораи шикояти нодуруст нисбати ҳукуматдорони давлатӣ таълим дод. Ӯ ба аъзои калисои худ гуфт, ки кормандони давлат хизматгорони Худо мебошанд, ва мо, имондорон, ба онҳо беҳурматӣ карда, ё андозро напардохта, аз баракати Худованд худро маҳрум месозем. Баъд аз он ки ӯ аз рӯи Каломи Худо таҳкурсии мустаҳкамро дар ин мавзӯъ гузошт, дар бораи мӯҳтоҷии ҳукумати шаҳр ба ниқобҳои махсуси сӯхторхомӯшкунон низ гуфт. Ӯ эълон

кард, ки барои ин кори хайр, ба даст овардани ин ниқобҳо, ҳадияи махсус ҷамъ хоҳанд кард. Ӯ ба аъзои калисо гуфт, ки ин тарзи эҳтиром нишон додан ба шахсоне, ки аз ҷониби Худованд барои хизмати онҳо, дар ин шаҳр гузошта шудаанд.

Калисо ба муносибати нодурусти худ тавба кард ва баъд аз он ҳадия ҷамъ карданд, ки бисту панҷ ҳазор долларро ташкил дод. Усқуф ба ҳокими шаҳр занг зада аз ӯ хост, ки бо тамоми аъзои ҳукумат мулоқот дошта бошад, барои он ки калисо пул ба ниқобҳои махсус ҷамъ кардааст, ва ӯ мехост, ки дар ҳузури ҳама ин пулҳоро ба ҳукумат бидиҳад. Усқуф ва ёрдамчиёни ӯ ба бинои ҳукумати шаҳр омада, аз дидани он қадар мансабдорон, ки барои шарафи ғайриоддиро дидан ҷамъ омада буданд, дар ҳайрат буданд. Пеш аз супоридани маблағ, усқуф аз боби 13-уми нома ба Румиён як порчаро қироат карду баъд гуфт, ки аъзои калисои ӯ ҳукумати шаҳр ва кормандони ӯро ҳамчун хизматгорони Худо ҳурмату эҳтиром мекунанд. Ӯ барои ҳамаи хизмат ва муҳофизати кишвар ба онҳо ташаккур баён кард. Мансабдорон аз ин шарафу эҳтиром аз тарафи калисо нисбат ба онҳо бисёр дар тааҷҷуб буданд. (Одатан эҳтиром бо маблағи муайян ҳам нишон дода мешавад, барои он ки шараф аз худ арзиш дорад. Мо пулҳои худро ба он чиз сарф мекунем, ки арзиш дошта бошад.)

Дар идома усқуф ба ман гуфт: “Баъд аз якчанд моҳ ифтитоҳ ва тақдиси бинои нави калисо буд. Дар он рӯз бисёре аз кормандони ҳукумат ва мансабдорон низ иштирок карданд. Бисёре аз онҳо наҷот ёфта, аъзои калисои мо шуданд. Ҷон, ана ҳамин тавр калисои мо калон шуд”.

Мо бояд суханони Исоро дар хотир дошта бошем: “Ҳар касе, ки пайғамбарро ба исми пайғамбар қабул кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт”. Албатта ӯ дар бораи пешвоёни калисо гуфтааст, лекин аз хотир набароред, ки қонунҳои рӯҳонӣ дар ҳар соҳа якхел амал мекунанд. Аз ин мо хулоса карда метавонем: ҳар касе, ки ҳукуматдорони давлатиро ба исми ҳукуматдори давлатӣ қабул кунад, мукофоти ҳукуматдори давлатиро хоҳад ёфт”. Мукофоти онҳо чӣ гуна аст? Ҷавоб - калид ба ҷамъияти инсонҳо. Онҳо ягона шахсоне ҳастанд, ки калиди маҳалҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва кишвари моро доро мебошанд. Ин ба онҳо аз ҷониби Худованд ато шудааст. Агар ҳамаи пешвоёни калисо на ин ки фақат шикоят ё танқид кунанд, ё аз андоз супоридан сарпечӣ кунанд, балки дар ягонагӣ ҳукуматҳои худро эҳтиром кунанд, он гоҳ чӣ қадар халқу миллатҳо барои Инҷил кушода мешуданд.

## Таъмир

Ман дӯсти хубе бо номи Денни дорам. Ӯ усқуфи калисои бузурге дар шаҳри Аделаидаи кишвари Австралия мебошад. Соли гузашта ман дар калисои вай мавъиза кардам, ва ӯ ба ман як воқеаи аҷибро нақл кард. Боре ӯ дар пеши аъзои калисои худ бархоста, дар бораи хоҳиши худ гуфт, ки мехост он касонеро, ки дар ин шаҳр барои муҳофизату беҳбудии онҳо хизмат мекунанд, эҳтиромашонро ба ҷо оварад. Баъд аз дуоҳои бисёр ва андешарониҳо ӯ эҳсос кард, ки ҳоло мӯҳтоҷии бузург ин рушд додани соҳаи маориф ва мактабҳо мебошад. Аз ин сабаб ӯ дар шаҳр он мактаберо ёфт, ки ҳолаш бисёр хароб буд, бино ва саҳнаҳои мактаб вайрона буданд. Усқуф ба ҳукумати шаҳр ариза кард, ки ҳар рӯзи шанбе аъзои калисо ба ин мактаб омада, бинои онро таъмир мекунанд. Онҳо бо хушҳолӣ розигии худро доданд.

Усқуф дар бораи нақшаи худ, ки чӣ тавр мехоҳад ҳукумати шаҳрро эҳтиром кунад, ба аъзои калисо иброз кард. Ӯ аз наҷҷорон ва тоҷирони калисо хоҳиш кард, ки як рӯз омада, хизмат кунанд. Ва баъд аз тамоми аъзои калисо хоҳиш кард, ки ба кори хайр шарик шуда, меҳнат кунанд. Дар тӯли якчанд ҳафта пешвоёни калисо кори калони сохтмониро ташкил карданд. Онҳо маводҳои заруриро барои ободкардани мактаб хариданд.

Баъд аз он ӯ ба ман сабти навори он рӯзро нишон дод. Кормандон деворҳои вайроншударо аз байн мебурданд, ва дигар чизҳои сохтмони кӯҳнашударо табдил мекарданд. Аз дохили мактаб ҷевонҳои кӯҳнаро мебаровარданд, ба ҷояш ҷевонҳои нав дохил мекарданд. Шумораи бисёри коргарон меҳнат мекарданд: рангубор мекаранд. Ман дидам, ки чӣ тавр онҳо ба ҷои тахтаҳои мактабии кӯҳна тахтаҳои нав иваз мекарданд, аз сар то пои мактаб ба ҷои чизҳои кӯҳна чизҳои нав ворид мекарданд, ҳатто дар ҳавлии мактаб гулу буттаҳои нав шинонданд. Дар он видео ӯ ба ман ҳолати мактабро пеш аз таъмир ва баъд аз он нишон дод. Дар асл ин аҷоиб буд: мактаб пурра нав намоён мегардид.

Калисо аз хизмати худ ба мактаб хеле хуш буд. Ҳақиқат бетағйир аст - ҳангоме ки шумо нафарони мунтазири эҳтиром набударо ҳурмат кунед, хурсандӣ дили шуморо пур мекунад. Онҳо ҳис карданд, ки мукофоти корашон ин қаноатмандӣ барои хизмате, ки барои шаҳрашон ба исми Худованд Исои Масеҳ карданд. Ба ҳар ҳол онҳоро боз мукофоти калонтаре мунтазир буд. Ҷон Ховард, сарвазири Австралия, аз кори ин калисо хабардор шуда, хоҳиш кард, ки шахсан ташриф оварда, калисоро

сипосгузорӣ кунад. Ба ман навореро нишон доданд, ки чӣ гуна сарвазир ба саҳнаи калисо мебарояд ва аз сидқи қалб миннатдорӣ мекунад. Дар натиҷаи ин амал, ин калисо дар он шаҳр калисои обрӯмандтарин гашт. Обрӯ ва таъсири онҳо дар шаҳр ва дар кишвар низ бузург гашт.

Ин ҳам ҳоло анҷоми кор нест. Ҳангоме ки усқуф Денни дар бораи ин таъмир ба дигар калисоҳо нақл кард, дар сар то сари кишвар дигаргунӣ ва афзоиши аҷибе омад. Дар натиҷа дигар калисоҳо лоиҳаҳои худро оғоз карданд, ки то имрӯз зиёда аз 200 мактаб дар Австралия, Англия, Шветсия, Сингапур ва Малазия таъмир карда шуданд.

Калисои усқуф Денни кори таъмир доданро давом дода, таъмири маҳбаси занонаро оғоз кард. Дар равиши ин лоиҳа муносибати онҳо бо идораи кор бо маҳбусон бисёр рушд кард, ки дар натиҷаи он ба маҳбусон "рӯзи хабаргирӣ"-и иловагӣ бахшида шуд, ки маҳбусон дар он рӯз калисои худро рафта, хабар мегирифтанд. Бисёре аз он занон наҷот ёфтанд ва барои онҳо хизматгузории занона дар он маҳбас ташкил карда шуд.

## Номи нек

Шумо савол карда метавонед, ки барои чӣ номи нек дар шаҳр он қадар муҳим мебошад. Ҷавобаш оддӣ аст. Дар аввал ин мутобиқи Китоби Муқаддас мебошад. Расул Павлус мегӯяд, ки хизматгузори калисо "бояд номи нек дошта бошад ва ба тӯҳмату шармандагӣ ва тӯрҳои иблис гирифтор нашавад" (1 Тим. 3:7, Тарҷумаи нав). Агар берун аз калисо мо номи нек надошта бошем, он гоҳ мо Инҷилро беобрӯ мегардонем, ки дар натиҷа ба пешрафти он монеа мешавем, ки ин доми иблис аст.

Дар асри аввали мелодӣ як шахси румӣ, ки имондор набуд, дар бораи масеҳиён чунин навиштааст: "Онҳо дар ин замин зиндагӣ мекунанд, аммо шаҳрванди осмонӣ мебошанд. Онҳо ба қонунҳои навишташуда итоат мекунанд, лекин дар айни ҳол бо тарзи ҳаёти худ муаллифи қонуни илоҳӣ ҳастанд" (Нома ба Диогнетус, боби 5).

Китоби Аъмоли ҳаввориён гуфтаҳои болоро нисбат ба калисои Ерусалим тасдиқ мекунад: "Мардум (шахсони берун аз калисо) ба онҳо муносибати хуб дошта, онҳоро эҳтирому ситоиш мекарданд" (Аъм. 5:13, Тарҷумаи нав). Барои чӣ аҳолии шаҳр бо чунин эҳтиром нисбат ба калисо рафтор мекарданд? Ба хотири он ки калисо дар Ерусалим ба сатҳи

баланди зиндагӣ расида буд. Қобилияти баланд бурдани фикрронӣ ва зиндагӣ ба сатҳи малакут - яке аз ҷабҳаҳои қудсияти аслӣ.

Баъзеҳо аз ман шояд бипурсанд:

> “Ҷон, оё мо шабоҳати ин ҷаҳон шавем, то ки эҳтироми ҳукуматдорони давлатиро ба даст оварем?”

Не! Яҳёи Таъмиддиҳанда Ҳиродусро огоҳ кард, ки ӯ гуноҳ содир намуд, аз сабабе ки ҳамсари бародарашро ба занӣ гирифта, бо ӯ зино кард. Дар асл ин фош кардани гуноҳ сабаби он гашт, ки сари Яҳёро аз танаш ҷудо карданд.

Ман як хизматгори Худовандро мешиносам, ҳангоме ки вай бо президент Клинтон вохӯрд, ба ӯ гуфт, ки агар ӯ ва пайравонаш, куштори кӯдакон, яъне исқоти ҳамлро қонунӣ гардонанд, он гоҳ Худованд ӯ ва миллатро доварӣ хоҳад кард. Баъд аз ин кор хизматгори Худованд дар чашмони президент боз боэҳтиромтар гашт. Айни ҳамон тавр, баъд аз фош кардани Ҳиродус аз ҷониби Яҳё, Ҳиродус ӯро бештар эҳтиром кард.

Ҳиродус аз Яҳё, ҳамчун пайғамбар, тарсе дошт. Бисёриҳо ба ҳокимон бо танқид ва маҳкумият меоянд, ва ин муносибат аз шараф дур аст. Шадрак, Мешак ва Абднаҷу новобаста аз он, ки ба амри бутпарастӣ итоат накарданд, бо подшоҳ бо эҳтиром сухан меронданд.

## Фарқият

Боре ҳамсари ман хобе дид, ки ман ҳеҷ вақт онро аз хотир намебарорам. Ин дар давраи президентии Клитон буд. Шабона занам ларза мекард, ва маро аз хоб бедор кард. Ӯ гуфт: “Ҷон, ман хобе дидам, ки ба ту бояд нақл кунам”. (Худо одатан ба Лиза ба тариқи хоб сухан меронад.)

Лиза ба нақли худ шурӯъ карда, гуфт: “Ману ту дар як толори бузург буда, воизро гӯш мекардем. Ман намедонистам, ки ин воиз кӣ буд, лекин як нафари машҳур дар байни масеҳиён буд. Ва ӯ бар зидди президент Клинтон мавъиза мекард. Ӯ суханони худро давом дода, бештар ва бештар дар бораи бад будани президент мегуфт. Аксари шахсоне, ки дар он ҷо буданд, бо суханони ӯ розӣ шуда, “омин” мегуфтанд. Ману ту худро нороҳат эҳсос мекардем”.

Лиза суханони худро идома дода, гуфт: “Баъд ман сояи шахсеро

дидам, ки аз ҷояш бархост, ва ба сӯи дарвоза равона шуд. Ман эҳсос кардам, ки бояд ӯро пайравӣ кунам. Вақте ки ман берун аз толор баромадам, ӯ ба ман нигоҳ кард. Ин президент Клинтон буд. Ӯ пур аз ғаму ғусса ва дилаш шикаста буд, ва баъд ӯ нопадид шуд”.

Дар идома ҳамсарам гуфт: “Дар хоби худ ман медонистам, ки ӯ ба калисо барои кӯмак ва дастгирӣ омада буд. Аммо калисо бо ӯ бадрафторӣ карда, ӯро аз марҳамат ва муҳаббати аслӣ маҳрум сохт. Худо ба ман нишон дод, ки бо чунин рафтор мо дили Ӯро меранҷонем”.

Биёед хоби ҳамсарамро бо рафтори як усқуф аз калисои калоне, ки дар ғарби Амрико ҷойгир аст, муқоиса мекунем. Ин шахс инчунин роҳбари Маркази духонии миллие, ки дар пойтахти кишварамон ҷой гирифтааст, мебошад. Худо ба қалби ӯ хоҳишеро гузоштааст, ки ба Сенат, ҳукумат ва дигар ташкилотҳо дар Вашингтон хизмат кунад. Ӯ ҳар сол 22 ҳафтаро дар Вашингтон, ноҳияи Колумбия, мегузаронад, лекин, ба ин нигоҳ накарда, калисои якчанд ҳазор нафараи ӯ рушд мекунад.

Боре ӯ ба ман гуфт: Ҷон, ман бо ҳамаи роҳбарон танҳо бо як сабаб вомехӯрам, то ки ба онҳо сипосгузорӣ кунам: барои хизмати онҳо ба кишварамон ташаккур гуфта, аз онҳо хоҳиш мекунам, ки барояшон дуо гӯям”.

Ӯ ба ман гуфт, ки бисёр вақт вай роҳбарон ва пешвоёни калисоро таълим медиҳад, ки чӣ гуна онҳо бояд бо ҳукуматдороне, ки ба калисои онҳо меоянд, рафтор кунанд. Пеш аз он ки онҳо бо намояндаи ҳукумат вохӯранд, ин шахс муносибати маҳкумкунандаи пешвоёни калисоро безарар мекунад, барои он ки усқуфон намояндаи ҳукуматҳоро аз ҳад зиёд озодфикр мешуморанд, ва ин ҳолат чашми онҳоро мепӯшад, то ки аз суханони Худо, ки фармудааст, барои ҳукуматдорон дуо кунем, дур созад.

Баъд ӯ дар идома гуфт, ки одатан аъзои калисо барои нарм ва кушод будани роҳбарони ҳукумат тааҷҷуб мекунанд. Ин ба хотири он ки намояндаи калисо бо муносибати эҳтиром кардани онҳо меояд, на ин ки онҳоро таълим диҳад, ё тарзи фикррониашонро дигаргун созад. Ман ба шумо ду шаҳодатеро, ки ин шахс ба ман гуфт, нақл карданӣ ҳастам. Ҳангоме ки эҳтиром кардан мехоҳед, дар ёд дошта бошед, ки ин ду нафаре, ки мо дар борааш сухан хоҳем ронд, бисёр шахсони озодфикр ҳастанд.

Пеш аз ин вохӯрии ман бо ин конгрессмен, ман аллакай якчанд маротиба бо ӯ вохӯрда будам. Дар ин давра ҳамроҳи ман як гурӯҳи

мусиқачиёни ҷавон, синну соли донишгоҳӣ, буданд. Конгрессмен моро ба идораи худ даъват кард, то ки мо бо ӯ ва кормандонаш низ вохӯрӣ дошта бошем. Мулоқоти мо мисли одатӣ оғоз ёфт. Мо конгрессменро барои содиқона ба ноҳияву кишвар хизмат карданаш сипосгузорӣ кардем.

Баъд аз он ӯ баъзе ақидаҳоро ба мо гуфта, якчанд савол пурсид. Баъд аз он ман хоҳиш кардам, ки мо суруд хонем, ва барои ӯ дуо кунем. Ӯ ба хоҳиши мо зид набуд.

Суруд хонданро шурӯъ карда, мо ҳузури Худоро дар он утоқ эҳсос кардем, ва ман дар чашмони нафарони ҳузурдошта ашкро дидам. Мо сурудҳои кишвардӯстӣ ва Инҷилиро хонда, бо дуо хотима додем. Дуо он қадар пурқувват буд, ки баъд аз хотима ёфтани он, ҳеҷ кас, ҳатто конгрессмен ҳам, сухане гуфта наметавонист.

Дар охир, ӯ ба ман назар карда, мехост бо ягон сухан эҳсосоти худро иброз кунад, лекин натавонист. Дар анҷом ӯ гуфт: “Медонед, усқуф, ман дар хона ду кӯдаки хурдсол дорам. Ман бояд онҳоро ба калисо биёрам?”

Бо чунин тарз ӯ миннатдории бузурги худро аз ташрифи мо арз кард.

Ана ин воқеаи дигаре, ки ӯ ба ман нақл кард:

Бо дигар конгрессмен ман бори аввал дар идораи ӯ вохӯрдам, ҳангоме ки бо гурӯҳи усқуфони тазаррӯъкунанда будам, ки понздаҳ нафарро ташкил медоданд. Аз рафтори ӯ ман фаҳмидам, ки ӯ худро боваринок эҳсос мекард, ба хотири он ки ҳанӯз хабар надошт, бо кадом мақсад мо ӯро ташриф намудем. Мо гурӯҳи калисо, аз Маркази дуохонии миллӣ будем.

Ӯ бо мо бисёр хушмуомила буда, пурсид, ки чӣ хизмат аст. Ман дар ҷавоб гуфтам, ки мо наомадаем, ки аз ӯ ягон чиз хоҳиш кунем, баръакс, омадаем, ки барои хизмати ба халқу кишвар кардааш миннатдорӣ баён намоем, ва дар охир барояш дуо кунем.

Ӯ дар курсии худ ором шуду баъд гуфт: “Ин барои ман тӯҳфа аст”. Пас ӯ гуфт, ки ҳар рӯз мардум ба идораи ӯ омада, маблағ мехоҳанд. Дар гузаргоҳи идораи худ ҳисобкуни компютерӣ гузоштааст, ки ҳар рӯз маблағҳоеро, ки аз ӯ дархост мекунанд, ҷамъ мекунад. Баъд ӯ ба тарафи мо нигоҳ карда, гуфт: “Лекин имрӯз шумо ба назди ман омадаед, то ки чизе бидиҳед. Ҳеҷ вақт чунин набуд”.

Баъд мо барои ин шахс дуо гуфтем. Вақте ки мо дуоро ба охир расонидем, ӯ аз мо хоҳиш кард: “Оё шумо барои кормандони ман низ дуо хонда метавонед?” Ӯ кормандони худро даъват кард ва мо барои онҳо низ дуо гуфтем.

Баъд ӯ ба соати худ нигоҳ карда, гуфт: “Ҳоло ман ба як вохӯрии худ дер мондам, агар шумо зид набошед, ҳамроҳи ман биёед, ман ба шумо Капитолияро нишон медиҳам?” (Ин вазифаи конгрессмен намебошад, одатан ин кори кормандони сатҳи поёнтар мебошад.) Дар тӯли якуним соат мо сайр дар дохили Капитолия доштем. Дар охир мо рақами телефони якдигарро гирифтем ва намояндаи ҳукумат рафт.

Тақрибан ду ҳафта пас, усқуфи ин калисо ба ман занг зада, як ҳодисаи аҷоибро нақл кард. Ба ӯ ҳамон конгрессмен занг зада, пурсид, ки оё ӯ якшанбеи оянда калисои ӯро ташриф оварда метавонад. Мо дар бораи рафтори ӯ чӣ гуна бояд бошад, гуфтугузор кардем. Рӯзи якшанбе конгрессмен бо ҳамсараш ва сардори идорааш ташриф овард.

Баъд аз сурудҳои парастиш, усқуф конгрессмен ва ҳамсарашро муаррифӣ карда, ба онҳо сухан дод. Баъд аз сухани ӯ, барои конгрессмен ва ҳамсараш дуо гуфтанд, хонумаш аз чунин муносибат хеле хушҳол буд. Ҳамаи ин натиҷаи эҳтиром ва он дуое, ки барои конгрессмен дар идорааш карда буданд.

Ин дӯсти ман, усқуфи калисо, бисёр воқеаҳои ба ин монандро дорад. Акнун шумо аз ман пурсида метавонед: “Оё мо бояд ки ҳақиқатро ба пешвоёни худ бигӯем?” Бале, айни ҳамон тавре ки Яҳёи Таъмиддиҳанда ва ҳамон хизматгузоре, ки бо президент Клинтон мулоқот дошт, ва дигарон, ки ин корҳоро то мо ба анҷом мерасониданд, ва дар оянда анҷом хоҳанд дод. Вале агар калисо аз тарафи ҳукуматдорон ҳамчун сарчашмаи муҳаббат ва марҳамати Исои Масеҳ ва нафароне, ки ҳукумати онҳоро ҳурмату эҳтиром мекунад, пазируфта нашавад, он гоҳ онҳо ба ҳарфҳои мо гӯш нахоҳанд дод. Мо бояд ҳақиқатро бигӯем, лекин он бояд дар муҳаббат ва тарси Худованд эълон карда шавад.

Замоне хоҳад расид, ки Худо шахсони Худро ба назди ҳукуматдорони давлатӣ бо каломи қавӣ мефиристад, ба монанди пайғамбароне, ки дар Аҳди Қадим назди шоҳон меомаданд. Чӣ хубӣ ҳаст дар он, ки мо пешвоёни худро дар хонаҳои худ, дар ошхонаҳо ё гурӯҳҳои хонагӣ танқид мекунем ва шахсонеро, ки танқид мекунанд, онҳоро тарафдорӣ мекунем? Ин гуноҳи бадзабонии вай ғайбатгӯӣ мебошад. Он суханоне, ки мо дар пинҳонӣ мегӯем, бояд суханони аз сидқи қалб ва пур аз муҳаббат ва эҳтиром ба роҳбарони худ бошад. Агар чунин набошад, он гоҳ рӯҳи моро захмгин месозад.

## Эҳтироми подшоҳ

Ба суханони ҳаввории Петрус диққат кунед. Ӯ мегӯяд: “Аз Худо битарсед, подшоҳро иззат кунед” (1 Пет. 2:17).

Петрус мегӯяд: “Чӣ тавр аз Худое, ки нонамоён аст, шумо тарсе дошта метавонед, дар ҳолате ки роҳбаре, ки аз ҷониби Ӯ қудрати худро гирифтааст, ҳурмат намекунед?” Агар мо аз Худо тарс дошта бошем, он гоҳ роҳбаронро, новобаста онҳо роҳбарони давлатӣ, ҷамъиятӣ, оилавӣ ё калисогӣ мебошанд, эҳтиром хоҳем кард.

Чуноне ки ман пештар қайд карда гузаштам, дар Амрико мо ба роҳбарон мегӯем: “Аввал сазовори эҳтироми ман гардед, ва баъд ман ба шумо итоат хоҳам кард”. Аммо тарси Худованд мегӯяд: “Ман он қудрати илоҳиро аз болои ту мебинам. Ба ҳамин хотир ту лоиқи иззату эҳтироми ман мебошӣ”.

Ман камтар таҳқиқот гузаронидам, ки дар бораи кадом шоҳ Петрус сухан меронад. Албатта, барои Навиштаҷот ҳеҷ маҳдудияти хусусӣ нест, ва он барои имондорони ҳар давру замон муроҷиат мекунад, то ки мо роҳбарони худро эҳтиром кунем. Лекин, ба ҳар ҳол, дар замони Петрус шоҳи золим ва худпарасте бо номи Ҳиродус Ағрипуси 1 салтанат мекард.

Ин шахс ба тахти салтанати худ соли 37 мелодӣ нишаста буд. Яъне баъд аз эҳёи Исо омад. Ин қудратро ӯ бо ҳилаву найранг ба даст овард. Ӯ маҳорати дурбинии худро ба кор бурда, ҳамаи чораҳоро андешид, ки ӯро ба ин мақом бирасонад. Баъд аз марги император Калигула, бо сиёсати моҳирона ва кӯмаки новобастаи Ҳиродус, дар тахти салтанати Рум император Клавдий меояд. Ҳангоми ба мавқеи император расидан, Клавдий кӯмакҳои Ағрипусро қадр карда, ӯро ба мансаб таъин карда, дар зери итоати ӯ Яҳудо ва Сомарияро илова кард. Ӯ мисли бобои худ Ҳиродуси бузург ҳокими кишвари ҳамон қадар бузург гашт. Дар давраи салтанати худ Ҳиродус Ағрипус мебоист дар зиддияти динии яҳудиён ва мазҳаби масеҳиён ягонтои онро тарафдорӣ кунад. Бе шакку шубҳа ӯ ба худ мақоми таъқибкунандаи масеҳиёнро гирифт. Дар Аҳди Ҷадид омадааст: “Дар он замон подшоҳ Ҳиродус дасти тааддӣ ба баъзе аз аҳли калисо дароз кард, то ки онҳоро азоб диҳад. Ва Яъқуб, бародари Юҳанноро бо шамшер кушт; чун дид, ки ин ба яҳудиён писанд афтод, Петрусро низ дастгир кард, ки ин дар айёми иди фатир буд” (Аъм. 12:1-3).

Ин шоҳ нисбати имондорон бисёр золимона рафтор мекард, ба хотири он ки дар сиёсату манфиатҳои шахсиаш ин кор ба нафъи ӯ буд.

Баъд аз ба марг расонидани Яъқуб, ки яке аз се ҳаввории наздиктарини Исо буд, подшоҳ қасди ҷони Петрусро низ дошт.

Нақшаи куштори Петрус ба воситаи дуо ва итоати калисо вайрон шуд (Аъм. 12:5-19). Халосии Петрус ба калисо қуввати тозае бахшид. Мукофоти итоати онҳоро мо дар ояти зерин мебинем: “Аммо каломи Худо торафт бештар интишор меёфт” (ояти 24).

Дуоҳои мунтазам ва итоати боэҳтиромонаи муқаддасон нисбат ба ҳукумат, ба рафти таърих таъсири худро расонд. Дар давомаш мо чунин ҳодисаро мебинем. Дар рӯзи таъиншуда Ҳиродус либоси шоҳонаи худро пӯшида, дар тахти шоҳонаи худ нишаста, бо суханон ба мардум муроҷиат кард. Он гоҳ як чиз рӯй дод: “Ва мардум нидо карда гуфтанд, ки ин овози Худост, на овози инсон. Лекин баногоҳ фариштаи Худованд ӯро зад, зеро, ки ӯ Худоро ҷалол надод, ва кирмҳо ӯро хӯрданд, ва ӯ мурд” (Аъм. 12 :22-23).

Доварӣ на аз ҷониби шахсони Худо, балки аз ҷониби шамшери Худованд омад. Худованд аз болои ҳукуматдорон доварӣ хоҳад кард. Ба мо гуфта шудааст, ки мо бояд барои роҳбарон дуо гӯем ва онҳоро эҳтиром кунем. Агар барои доварӣ зарурат бошад, Ӯ ба мо мегӯяд, ки барои ин доварӣ шароит мусоид кунем. Бо надоштани хоҳиши дуо гуфтану эҳтиром кардан, мо ин доварии одилонаро бозмедорем. Дар асл бо чунин рафтори худ, мо дахолати Худоро, ки ба он кишвар ва халқи мо зарурат дорад, бозмедорем.

## Мисоли ҳозиразамон

Айни ҳамин хел ҳодиса дар замони мо низ дар кишвари Нигерия рӯй дод. Соли 1993 роҳбари золим бо номи Сани Абача бо тағйир додани натиҷаи интихобот ва ба ҳабс гирифтани ғолиби аслии интихобот, Масхуд Абиола, дар сари қудрат омад. Баъд аз он бисёре аз роҳбарони ҳизби демократиро ба қатл расонид, ва бо чунин рафтори хунӣ салтанати диктатории худро оғоз кард. Дар зери фармони ӯ бисёр нафарони бегуноҳ низ ба қатл расонида шуданд. Дар айни замон тақрибан се миллион доллар ба суратҳисоби бонкии ӯ дар Аврупо интиқол карда шуда буд.

Дӯсти наздики ман бо номи Марк ба Нигерия бисёр сафар мекунад. Ӯ бо ду усқуфи нигериявӣ: И.А. Адебойи ва Давид Ойедепо, ки сарвари

ҳаракати ниҳоят бузурги масеҳӣ мебошад, дӯст шуд. Дар ҷаласаи духонии онҳо, ки ҳар моҳ як маротиба баргузор мегардад, одатан як миллион нафар иштирок мекунанд. Ду маротиба дар як сол, моҳи июн ва декабр, онҳо ҷаласаҳои махсуси дуогӯӣ баргузор мекунанд, ки дар он 2 миллион нафар ширкат меварзанд.

Ин дӯсти ман ва дигар шахсоне, ки ба кишвари Нигерия зиёд ташриф меоваранд, мегӯянд, ки имондорони он ҷо ҳукумати худро бисёр эҳтиром мекунанд. Аз дигар тараф, онҳо доимо ба роҳбарони худ ва инчунин барои мамлакат, то ки адолат дар он барқарор гардад, дуо мегӯянд.

Усқуф Марк ба ман нақл кард, ки дар аввали соли 1998 дар ҷаласаи ҳармоҳаи дуогӯӣ усқуфи машҳур аз шимоли кишвар бо номи Эммануел Куре, дар осмон ду фариштаи бузургеро дид, ки дар даст шамшер доштанд. Худо ба ӯ ошкор кард, ки рӯзҳои Абача ба охир расидааст. Дар асл ӯ нубувват кард, ки ин дар тӯли се моҳи оянда рӯй хоҳад дод. Агар ӯ тавба накунад, ҳатман ба доварии Худо дучор хоҳад шуд.

Суханони усқуф Эммануел Куре то ба гӯши президент Абача расиданд. Ба хотири "оштӣ" шудан ва нубувватро пас гирифтан, президент Абача маблағи калони пулиро фиристод. Усқуф Куре ба Марк гуфт, ки Худо он вақт барояш чӣ гуфта буд: "Ба ин пулҳо даст нарасон, ки махави Абача ба ту нагузарад". Баъд усқуф Куре каломе ба президент фиристода гуфт, ки ӯ бояд тавба карда, ба Худованд руҷӯъ намояд.

Худо ба усқуф Адебойи, ки ҷаласаи духонӣ дошт, имконият фароҳам кард, ки бо президент Абача мулоқот дошта бошад.

Усқуф ӯро огоҳ кард, ки агар тавба накунад, ӯ аз вазифааш ба сабаби маргаш меравад.

Ҳангоми ҷаласаи калон дар моҳи июни соли 1998, баъд аз се моҳе, ки усқуф Куре фариштаҳоро дид, усқуф Адебойи ба ҳозирон гуфт, ки ба якдигар рӯ оварда, "Соли нави хушбахтона" таманно кунанд. Одамони ҳузурдошта камтар нороҳат шуданд. Лекин ӯ гуфт, ки юғи ғуломӣ шикаст хӯрдааст, ва дар кӯчаҳо мардум рақсу бозӣ хоҳанд кард.

Дар тӯли бисту чор соат аз сабаби касалии сактаи дил президент Абача аз дунё рафт. Ман дар ахбор (аз Интернет) хондам: "Аз рӯи маълумоти радиои Би-Би-Си, ки аз ахбори маҳаллӣ гирифта шуда буд, халқи Нигерия аз хабари марги президенти диктатор хурсандӣ ва шодӣ мекунанд". Шахсоне, ки дар ҷаласаи духонӣ буданд, фаҳмиданд, ки

усқуф Адебойи ҳангоми юғ гуфтан ҳукмронии сардори давлатро дар назар дошт.

Ҳоло ҳангоми навиштани ин китоб дар идораи президенти Нигерия шахси масеҳие, ки ду усқуфони асосиро ҳамчун устодони рӯҳонии худ мешуморад, кор мекунад. Ба мамлакати Нигерия баракати Худованд ҷорӣ мешавад. Дар давраи салтанати Абача, ба башоратдиҳандаи бузург Райхард Бонке иҷозат надоданд, ки ташриф орад. Баъд аз марги ӯ, президенти навинтихобшуда, Олусеган Обасанчо, дар рӯзи савганд ёд карданаш Райхард Бонкеро дар ин маросим даъват кард. Баъд аз он рӯз президент дарвозаҳои мамлакаташро барои ӯ воз кард. Ҷаласаи аввал бо иштироки Райхард Бонке дар моҳи сентябри соли 1999 баргузор гардид. Дар октябри соли 2006 дар Нигерия дар ҷаласаи Райхард Бонке 42 миллион нафар ҳаёти худро ба Исои Масеҳ бахшида, Ӯро ҳамчун Наҷотбахш ва Худованди худ қабул карданд. Ин ададро он варақҳое, ки баъд аз имон овардан пур мекунанд, тасдиқ мекунад. Инчунин инро ба ман дӯстам, ки дар дастаи Райхард Бонке вазифаи директори иҷроиявиро дорад, гуфта буд.

Дар соли 2000-ум аҳолии Нигерия 123 337 822 нафарро ташкил медод. 42 миллион нафар ин аз се як ҳиссаи аҳолии тамоми мамлакатро ташкил медиҳад. Ин самараи кори усқуфони он мамлакат ва дигар башоратдиҳандагон ва имондорони Нигерия, ки аз соли 1999 инҷониб хизмат мекунанд. (Як чизи ҷолиброро бояд қайд кард, ки дар Нигерия аз чор як ҳиссаи тамоми аҳолии Африқо зиндагӣ мекунад). Ман инро ҳосили аҷоиби наҷоти ҷонҳои инсонӣ меномам. Ба хотир оред, ки баъд аз марги Ҳиродус Навиштаҷот чӣ мегӯяд: “Аммо каломи Худо торафт бештар интишор меёфт” (Аъм. 12:24). Чаро ӯ фавт кард? Дар аввал, ба хотири муқаддасоне, ки дар тарси Худованд зиндагӣ мекарданд (ки ин итоат ба пешвоёнро низ дар бар мегирад), ва дуюмин, барои калисое, ки дуо мегуфт.

Ҳангоме ки халқи Худо он шахсонеро, ки дар ҳукумат ҳастанд, эҳтиром мекунад, барои онҳо дуо мекунад ва дар итоати Каломи Худо зиндагӣ мекунад, мо шоҳиди он мегардем, ки Худо Рӯҳи Худро бар шаҳру деҳаҳо ва кишвари мо бо фаровонӣ мерезад. Хайр, мо мунтазири чӣ ҳастем?

## Боби 8

# Эҳтироми роҳбарони дунявӣ

Ғуломоне, ки зери юғ мебошанд, бояд оғоёни худро сазовори ҳар иззату икром донанд, то ки исми Худо ва таълимоти мо гирифтори мазаммат нашавад.

- 1 Тимотиюс 6:1

Дар ин ҷои Навиштаҷот Павлус дар бораи роҳбарони дунявӣ мегӯяд, ва ин корфармоёни мо, раисон, муаллимон, мураббиёнро дар бар мегирад. Чи тавре ки ман пештар қайд карда гузаштам, ин ҷумла дар замони мо чунин баён мешавад: "Бигзор ҳамаи кормандон раисони худро эҳтиром кунанд, ва корфармоёни худро сазовори ҳар иззату икром донанд". Ё ин ки "Бигзор ҳамаи донишҷӯёне, ки таҳсил мекунанд, муаллимони худро сазовори ҳар иззату икром донанд". Айни ҳамон муносибатҳо байни варзишгарон ва мураббиёни онҳо, ва ба ҳамаи дигар муносибатҳое, ки вобаста ба итоати як нафар ба дигар нафар дар ҷамъият ҳастанд, тааллуқ дорад.

Пайхас кунед, ки Павлус мегӯяд, ки мо бояд ҳукуматҳои дунявро эҳтиром кунем, то ки ба исми Худованд ва таълимоти Инҷил "мазаммат нашавад". Дар Тарҷумаи нави Китоби Муқаддас омадааст: "То ки номи Худо ва таълимоти Ӯ бадном ва таҳқир нашавад". Бадном шудан, яъне "муносибати бади ҷамъият ва беэҳтиромии он нисбат ба Худо ва

таълимоти Ӯ" мебошад. Таҳқир, яъне "беҳурматӣ ва муносибати дағалона нисбат ба Худо ва чизҳои муқаддас" мебошад.

Гуфтаҳои болоро хулоса карда, мо дақиқ мефаҳмем, ки агар мо, ҳамчун имондорон, нисбат ба корфармоён, муаллимон ва дигар роҳбарони ҷамъиятиамон боэҳтиромона рафтор накунем, он гоҳ дар ҷамъият ҳеҷ кас Подшоҳии Худоро эҳтиром нахоҳад кард, ва бо ин рафтори худ мо ба исми Худо ва чизҳои муқаддасамон муносибати беҳурматонаро ҷалб мекунем.

Чӣ тавр ҷамъият нисбат ба Худо ва чизҳои муқаддас беҳурматӣ карда метавонад? Дуоро дар мактабҳо манъ кардем, лавҳаҳое, ки дар он даҳ аҳкоми Худованд навишта шуда буд, аз толори судҳо берун кардем, аксарияти чизҳои тафреҳии мо пур аз гуноҳ ва бадахлоқӣ мебошанд; аксари мусиқиҳои мо Худоро дашном медиҳанд; соҳаи маорифи мо он шахсонеро, ки ба офариниш аз ҷониби Худо бовар мекунанд, ҳамчун касони пасмонда ва нофаҳм нишон медиҳанд, ва ин рӯйхатро то ба охир давом додан мумкин аст. Оё ин имкон дорад, ки мо, ҳамчун имондорон, ба муносибати беҳурматона нисбат ба Худо, ки ҷамъияти мо дорад, кӯмак карда бошем? Аз рӯи суханони Павлус, ки дар боло гуфта гузаштем, ин маҳз ҳамон чизест, ки рӯй медиҳад, ҳангоме ки мо эҳтироми аслиро ба ҷо намеоварем.

## Баъзеҳо Инҷилро бадном мекунанд

Оиди ин мавзӯъ ман бисёр мисолҳоро оварда метавонам, лекин яктои он кифоя аст, ин ҳодиса бо ман якчанд сол пеш рӯй дод, ки суханони Павлусро бисёр возеҳ нишон медиҳад. Ман дар ҳавопаймо аз як шаҳри бузург парвоз мекардам. Ба хотире ки он вақтҳо ман бисёр масруф будам, дар ҳавопаймо дар класси аввал парвоз кардам. Назди ман як тоҷир бо либосҳои зебо нишаста буд, ки нӯшобаи худро менӯшид. Ман хоҳиши бо ӯ ошно шудан ва Инҷилро ба ӯ гуфтанро доштам, барои ҳамин бо ӯ зуд сухан гуфтам. Мо бо ӯ сӯҳбатро шурӯъ карда, якчанд маълумотҳоро ба якдигар гуфтем. Мо бо ин шахс бисёр фикрҳои ҳамоҳанг дошта, ба зудӣ ошно гаштем.

Аз овоз ва тарзи суханронии ӯ ман фаҳмидам, ки ӯ роҳбар аст. Ман аз ӯ пурсидам, ки ӯ чӣ кор мекунад ва маълум гашт, ки ӯ раиси корхонаи

хизматрасонии нақлиётӣ аст, ки дар ҳаҷм дуюмин калон дар ин шаҳр мебошад. Баъд ман сӯҳбатро ба он равона кардам, ки ҳамчун роҳбар корҳои ӯ чӣ тавр аст. Ӯ дар бораи кори худ гуфта, аз ман пурсид, ки ман бо чӣ кор машғулам. Ман гуфтам: "Ба Худованд ҳамчун хизматгори Инҷил кор мекунам".

Ҳамон лаҳза муносибати дӯстонаи ӯ ва хушмуомилагиаш зуд тағйир ёфт. Ӯ чизе буқ-буқ карду рӯйи худро дигар сӯй гардонид. Ман дар ҳайрат мондам. Шахсе ки якчанд лаҳза пеш ҳамроҳ сӯҳбати дӯстона доштем, ногаҳон вонамуд кард, ки моро дигар дидан намехоҳад. Лекин ба сабаби он ки пеш аз ин мо сӯҳбати дӯстона доштем, ман медонистам, ки ин мулоқотро давом додан мумкин аст. Ба ҳамин хотир ман бо садои нарм аз ӯ пурсидам: "Шумо аз ҷавоби ман нороҳат шудед. Чӣ шуд?"

Ӯ ба тарафи ман рӯй оварда, бо чеҳраи ҷиддӣ гуфт: "Шумо ба ман маъқул шудед, барои ҳамин мегӯям, чаро ман бо хизматгорони Худо ва ё умуман бо масеҳиён ҳеҷ алоқае доштан намехоҳам".

Ин суханон диққати моро боз ҳам зиёдтар ҷалб карданд.

Ӯ гуфт: Ман як корманд доштам, ки ин зан, чуноне ки шумо мегӯед, "аз олами боло таваллуд ёфта буд". Тамоми рӯзи корӣ ӯ фақат ба дигар кормандон мавъиза карда, мегуфт, ки онҳо бояд "наҷот" ёбанд. Аз ин ҳам бештар, ӯ кори худро хуб иҷро намекард, ва дигаронро кор кардан намемонд.

Дар охир, ӯ аз кор рафт, ва бо худ якчанд чизҳои корхонаро бурда, бар илова қарзҳои худро барои зангҳои телефонӣ ба кишвари Олмон, ки ҳашт ҳазор долларро ташкил медоданд, ба дӯши корхона монда рафт". (Ин воқеа дар байни солҳои 90-ум рӯй дод, ки зангҳои телефонӣ ба хориҷа бисёр қимат буданд.)

Ман дар ҳайрат будам. Акнун ба ҳар кас дар ин корхона қабул кардани Каломи Худо мушкил буд, барои он ки ин зан бо рафтори худ ба номи Худо нанг овард. Ба ивази он ки кори худро анҷом диҳад, мавъиза карда, боз чунин дуздии даҳшатнокро карда, ин зан на раиси худ, ва на кормандони худро эҳтиром кард. Ӯ мебоист ки аз ҳама корманди хуб ва итоаткор бошад. Ана барои ҳамин Павлус барои ҳамаи коргарон мегӯяд:

> Ғуломонро насиҳат намо, ки ба оғоёни худ мутеъ бошанд,
> дар ҳар хусус дили онҳоро ёбанд, эътироз накунанд, ва дуздӣ
> накунанд, балки камоли вафои некро нишон диҳанд, то ки

таълимоти Наҷотдиҳандаи мо Худоро аз ҳар ҷиҳат зебу оро диҳанд.

- Титус 2:9-10

Ин зан бо рафтори бади худ, он мавъизаҳои худро зери шубҳа гузошт. (Аъмоли мо аз суханони мо дида садои баландтаре доранд.) Ин зан Инҷилро бадном кард. Агар ӯ аз рӯи Каломи Худо рафтор карда, раиси худро эҳтиром мекард, он гоҳ ӯ ба кори худ тамоман дигар муносибат медошт. Эҳтиром кардан, яъне қадр кардан, итоат кардан, ба мисли як чизи қиматбаҳо рафтор кардан мебошад. Агар ӯ дили пур аз эҳтиром ва шараф медошт, он гоҳ муносибат ва рафтори вай умуман дигар мебуд. Он гоҳ ӯ бо тариқи автоматикӣ кори худро ба дараҷаи олӣ анҷом медод. Ва бо ин шарафи худ бештар диққатро ба Инҷили Худованд ҷалб мекард.

Боқии тамоми сӯҳбати худро бо ин сардори корхона бо узрхоҳӣ аз барои рафтори ин зан сарф кардам. Ӯ маро гӯш мекард, вале маълум буд, ки суханони ман вайро на он қадар зиёд тасаллӣ мебахшанд. Ӯ бисёр сахт зарба дида буд, ва ба вай кӯмак кардан хеле мушкил буд. Давоми сӯҳбати мо умуман дигар шакле дошт.

Баъд аз якчанд сол, ман ин воқеаро дар яке аз мавъизаҳои худ дар калисо нақл кардам. Яке аз дӯстоне, ки моро дастгирии молӣ мекунад, ин мавъизаро дар диски сабтшуда гӯш карда, ба калисои мо як хоҳиш равон кард. Ӯ суроға ва маълумотро дар бораи ин корхона ва раиси он дархост кард, ва мехост бо ӯ дар тамос шавад. Ӯ хоҳише дошт, ки ба он шахс номаи узрхоҳӣ барои рафтори он зан, ва бо ҳамроҳи нома, ба хотири шаҳодати муҳаббати Худованд, чеки бонкӣ ба ҳашт ҳазор доллар фиристонад.

Ман ба ин хоҳиши ҳамкорамон бисёр хуш шуда, шахсан барои пайдо кардани ин шахс машғул шудам, то ки раиси ин корхонаро ёфта, ба ӯ зарари молиро ҷуброн кунем. Дар ҷараёни ин ҷустуҷӯ маълум шуд, ки ин тоҷир шаш моҳ пештар аз касалии сактаи дил вафот кардааст. Ин барои ман як зарбаи навбатӣ буд. Ман дар бораи он фикр мекардам, ки оё ӯ он вақт дохили ҳавопаймо суханони маро қабул кард: агар содиқона бигӯям, он вақт рӯҳи вай барои Инҷил он қадар баста буд, ки ман ба ӯ ҳеҷ наздик шуда наметавонистам. Ман фақат орзу дорам, ки ӯ дигар хизматгори Инҷилро дар роҳи худ вохӯрда бошад, ки ба қалбаш таъсир расондааст.

Бисёр вақт ман дар бораи он фикр мекардам, ки оё ин шахс бо Худо ба воситаи Исои Масеҳ оштӣ шуда бошад. Ман мефаҳмидам, дар асл ин мӯъҷиза мешуд, агар ки баъд аз он рафтори коргар-зан ӯ наҷот ёбад.

Агар ин зан дар он корхона роҳбари худро иззату эҳтиром мекард, он вақт дохили он тайёра чӣ қадар осон мешуд, ки ман Инҷилро барояш бирасонам. Ӯ ба зудӣ қабул мекард. Чӣ тавр? Хеле осон, ӯ мегуфт: "Ҷон, ман дарк мекунам, ки ту дар бораи чӣ мегӯӣ. Коргарони беҳтарини ман масеҳиён буданд. Ҳоло дар ҳаёти ман бесарусомонӣ аст, ба ман Исое, ки сарчашмаи ҳаёти абадӣ мебошад, лозим аст. Бале, ман ҳамроҳи ту дуо гуфтан мехоҳам".

Аз дигар сӯй, ба ман раисони беимон дар бораи кормандони худ мегуфтанд, ки онҳо масеҳиёни аслӣ мебошанд, ва на дар мавъизашон, балки дар рафтори онҳо, ки ҳангоми ҳар шароити корӣ, ҳамчун хислати Масеҳ мебошад. Онҳо мегуфтанд, ки ин кормандон аз ҳама коргарони беҳтарин ба шумор мераванд, онҳо аз ҳама содиқ ва вафодор, ҳеҷ вақт беҳуда баҳс намекунанд ва шикояту эътироз надоранд.

Ба ин гуна кормандон чӣ кӯмак мекунад, ки чунин бошанд? Ҷавоби содда дорад - ин тарси Худованд аст, ки ба шахсоне, ки Ӯро дӯст медоранд, шараф ва эҳтироми аслиро дар қалбҳояшон ба вуҷуд меорад.

## Дар синф

Дар тӯли солҳои зиёд ман воқеаҳои бисёрро дар бораи имондорон, ки бо рафтори худ эҳтиромро ба ҷо меоваранд, ё, баръакс, ҳаргуна беэҳтиромӣ мекарданд, ва бо ин аксуламалҳои худ номи Инҷилро боло мебурданд, ё, баръакс, бар номи Инҷил доғ меоварданд, шунидаам. Бори аввал ман шоҳиди ҳам ин ва ҳам он ҳолат шуда будам, ҳангоме ки дар мактаб мехондам.

Ман Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ, ҳангоми донишҷӯи Донишгоҳи Пурду буданам, қабул кардам. Ман дар оилаи католикӣ ба воя расида, доимо калисоро ташриф меовардам, лекин ба ҳар ҳол мӯҳтоҷи наҷот будам. Ман дар хотир дорам, ки диққати маро як донишҷӯ ҷалб кард. Дар аввал, ман пайхас кардам, ки бо вуҷуди он ки ӯ меҳрубон аст, ӯ инчунин хислати устувор дошт. Ӯ варзишгари хуб ва ҷавони ботарбия буд. Ман пай бурдам, ки дар шабнишиниҳои донишҷӯён ӯ

танҳо дар аввали он иштирок мекард, ва ҳангоме ки дигарон нӯшидани нӯшобаҳои спиртиро оғоз мекарданд, ӯ он ҷойро тарк карда, мерафт. Дар шабнишиниҳо бо ҷавонону духтарон ӯ озодона сӯҳбат карда, фақат нӯшобаҳои беспиртиро менӯшид.

Ӯ маро медид, ки ман як ҷавони диндор, лекин аз Худо бисёр дур, будам. Инак, пеш аз ҳама ӯ бо ман дӯст шуд, ва як бегоҳ дари утоқи маро тақ-тақ кард. Ӯ ба ман Каломи Худоро мавъиза кард, ва дар анҷом ногаҳон аз ман пурсид: “Ҷон, ту метавонӣ ба ман дар бораи президенти ИМА нақл кунӣ?”

Ман гуфтам: “Албатта, номи ӯ Ҷимми Картер ва номи ҳамсари ӯ Розалин аст. Пеш аз ин ӯ губернатори иёлоти Ҷорҷия буд, ва аз ин пештар дар замини худ чормағзи заминӣ мепарварид”.

Ӯ гуфт: “Хуб, ҳоло ба ман дар бораи Исои Масеҳ гуфта метавонӣ?”

Ман гуфтам: “Албатта, Ӯ аз Марями бокира ба дунё омад, падари заминии Ӯ Юсуф буд, Исо дувоздаҳ шогирд дошт, ва дар охир Ӯро дар салиб мехкӯб карданд”.

Ӯ гуфт: “Бисёр олӣ. Акнун ту ба ман бигӯй, ту президент Картерро мисли модари худ ҳамон қадар аз наздик мешиносӣ?”

Ман якчанд лаҳза фикр карда, гуфтам: “Не”.

Ӯ аз ман пурсид: “Фарқ дар чист?”

Ман гуфтам: “Модар ин модар аст. Ман модарамро шахсан мешиносам. Бо президенти Амрико ман шахсан шинос нестам”.

Баъд ӯ гуфт: “Инак, ту муносибати шахсӣ ва наздик бо модарат дорӣ ва президентро намешиносӣ. Новобаста аз он ки ту дар бораи президент бисёр маълумот дорӣ, бо ӯ муносибати шахсӣ надорӣ”.

Ман гуфтам: “Дуруст аст”.

Баъд ӯ гуфт: “Ту Исоро аз наздик мешиносӣ, мисли он ки бо модарат ошноӣ дорӣ?”

Ман дар ҳайрат будам. Намедонистам, ки барояш чӣ бигӯям. Баъд ӯ ба ман нишон дод, ки нақшаи Худо дар фиристодани Исо ба рӯи замин на дар он буд, ки мо аъзои калисо шавем, балки дар он буд, ки мо Ӯро шахсан бишиносем, ба хотири он ки Ӯ ҳар яки моро дӯст медорад, ва ҳар як шахс барои Худо муҳим аст. Ҳангоме ки нақшаи офарида шудани худро дарк кардам, дар ҳайрат мондам.

Дар тӯли соли оянда, ман соатҳои зиёд Китоби Муқаддасро мехондам. Ман аз он сер намешудам. Ман Каломи Худоро донистан мехостам. Пеш аз он ки ман ҳаёти худро ба Худованд бахшидам, Китоби Муқаддас барои ман як маҷмӯи қонунҳо ва китоби таърихӣ буд. Акнун он Каломи Худо гардид, ки барои ман муроҷиат мекард, ва дар қалби ман зинда гашт.

Ман донишҷӯи факултаи муҳандисӣ буда, баъзе фанҳои таълимиро аз рӯи хости худ интихоб карда метавонистам. Дар байни рӯйхати фанҳои интихобӣ Нотр Дам низ буд, профессоре, ки ин фанро дарс медод, дар наздикии донишгоҳ зиндагӣ мекард. Ман қарор кардам, ки номи худро дар рӯйхати курсҳои шарҳи Аҳди Қадим 101 сабт мекунам. Дар он замон ман донишҷӯи ҷавон будам ва таълимоти Аҳди Қадим ба ман мушкил буд, барои ҳамин ҳам фикр кардам, ки ин курсҳоро гузарам, онро беҳтар хоҳам фаҳмид.

Дарсҳои мо рӯзҳои душанбе буда, се соатро дар бар мегирифтанд. Дар рӯзи аввал ман суханони профессорро шунида, дар ҳайрат мондам. Ӯ гуфт, ки “Дар Китоби Муқаддас шашсад зиддият мавҷуд буда, аз мурдагон дубора зинда шудани Исоро ҳамчун ҳодисаи таърихӣ исбот кардан ғайриимкон мебошад. Ҳангоме ки Мӯсо бо ҳалқи Исроил аз дохили баҳри сурх мегузашт, он замон ин фақат як бӯтлоқзоре буд. Дар Китоби Муқаддас ин ҳодисаҳо чунин боҳашамат навишта шудаанд, ки онҳо аз насл ба насл нақл карда шуда, ҳар дафъа муболиға карда мешуд, ва ҳамин тавр бӯтлоқзор ба баҳр табдил ёфтааст”.

Оё гуфтани он зарур аст, ки ин семестр дар ҳаёти ман чандон ором набуд. Ман дар хотир дорам, ки ман бо профессор ва дигар донишҷӯён доимо баҳс мекардам. Боре дарсе буд, ки мо бо профессор дар тӯли ду соат баҳс кардем. Дар он вақт бо вуҷуди он ки ман назари худро мустаҳкам исбот мекардам, ӯро ҳамчун устод эҳтиром мекардам.

Дар аввали семестр ба мо вазифа доданд, ки як кори таҳқиқотии калон навишта, дар охири сол онро супорем. Натиҷаи ин кори илмӣ аз се як ҳиссаи баҳои ҷамъбастиро ташкил медод. Ман аз болои кори илмии худ бисёр кор кардам. Дар дарси охир профессор кори тафтишшудаи моро пас ба худамон баргардонид. Кори илмии худро дар даст гирифта, ман баҳои ҳарфи “I” дидам. Ман дар ҳайрат будам. Баъд аз дарс ман назди профессор омадам, ва ӯ ба ман гуфт: “Ҷон, ту як дафъа ба идораи

ман биё, ва ман маънои ин баҳо чӣ аст, хоҳам гуфт".

Баъд аз якчанд рӯз ман ба идораи ӯ даромадам. Ӯ маро бо чунин суханон пешвоз гирифт: "Ҷон, ману ту дар ҳар гуна оламҳо зиндагӣ мекунем. Барои ҳамин ман фикр кардам, ки ман кори туро баҳо дода наметавонам. Ман ба кори ту нишонаи "I" гузоштам, ин маънои онро дорад, ки дар натиҷаи ҷамъбастии ту он таъсир намерасонад, аммо ҳамчун ду имтиҳони комёб дар ҳамин семестр ба ҳисоб меравад".

Баъд ӯ гуфт: "Ҷон, ман дар гурӯҳи худ бисёр донишҷӯёни "фундаменталист" доштам, ки бисёр мушкилиҳо барои ман ба вуҷуд меоварданд. Қариб ҳамаи онҳо, ё бетартибӣ дар гурӯҳ ба амал меоварданд, ё аз гурӯҳ хориҷ мешуданд, ё ки фикрҳои худро тағйир медоданд".

Баъд ӯ овози худро боз ҳам нармтар карда, гуфт: "Ҷон, ту умуман дигар хел будаӣ. Ту эътиқоди худро тағйир надодӣ. Ту ба эътиқоди худ қавӣ буда, лекин дар айни замон маро эҳтиром мекардӣ. Инчунин, ту лоиқи эҳтироми ҳамсинфонат низ гаштӣ. Ман барои мардонагӣ ва шарафи ту, ки нисбат ба ман зоҳир мешуд, миннатдорам".

Дар ин сӯҳбат Худо чизеро ба ман аён кард. Агар мо дар Калом ва ростии Худо устувор бимонем ва дар ҳар ҳолат роҳбарони худро эҳтиром кунем, он гоҳ шоҳиди он мегардем, ки Худо чӣ тавр ба хотири ростӣ амал мекунад. Мумкин ки ҳамаи ин "фундаменталистон" имондорони аз олами боло таваллудёфта буданд. Онҳо танҳо дар бораи Исои Масеҳ ба ҳамсинфон ва устодон нақл мекарданд, лекин шаҳодати онҳо мутобиқи аъмолашон набуд. Бо рафтори беэҳтиромона ва баҳсҳои бефоидаи худ, онҳо Инҷилро ба назари донишҷӯён ва устодон беқадр карда, бетартибиро дар синф барпо карданд. Аз барои он ки онҳо принсипи шарафро намедонистанд, имконияти хуби башоратдиҳиро аз даст доданд.

Мо набояд ки ҳеҷ гоҳ аз Каломи Худо дур шавем. Мо бояд дар он устувор бошем, аммо, ба ғайр аз ин, он шахсонеро, ки иштибоҳ мекунанд, ва касонеро, ки зидди мо ҳастанд, онҳоро бо фурӯтанӣ ва муҳаббат ислоҳ кунем.

Хоҳ ин роҳбар, ё мураббӣ, ё муаллими мо бошад, мо масеҳияти аслиро ба онҳо бояд нишон диҳем. Ҳангоме ки имконияти сухан гуфтанро меёбем, он гоҳ ростиро дар муҳаббат ва эҳтиром ба роҳбарони худ баён кунем.

## Эҳтироми ҳокимияти дунявӣ

Чӣ тавр мо роҳбарони дуниявиро эҳтиром карда метавонем? Биёед як маротибаи дигар ба мафҳуми шараф назар мекунем. Қадр кардан, бо эҳтиром муносибат кардан мисли ба як чизи қиматбаҳо ва арзишманд, то он ҷое ки ин мутобиқи Каломи Худо мебошад, итоат карда, гапдаро будан.

Агар мо дар бораи фаҳмиши ин мафҳум дуо гӯем, ва андеша кунем, он гоҳ рафтори мо дар корхона, мактаб, ё донишгоҳ, ё дар дигар ҷои ҷамъиятӣ ба тарафи мусбиаш тағйир меёбад. Агар мо аз Худо хоҳиш кунем, ки қалби моро бо эҳтиром ба роҳбарони дуниявӣ пур кунад, он гоҳ муносибати мо ба онҳо тамоман дигар хел мешавад. Ба ҷои он ки баҳсҳои бефоида кунем, мо ба хоҳишҳои онҳо низ назар мекунем. Новобаста аз он ки онҳо моро мепазиранд ё не, ва новобаста аз он ки онҳо ба мо маблағи сазовор медиҳанд ё не, мо ҳар имкониятро меҷӯем, то ки ба онҳо кӯмак кунем. Чӣ тавр мо ба ин сатҳ расида метавонем? Навиштаҳо мефармояд:

Эй ғуломон (кормандон), ба оғоёни (корфармо, раис) башарии худ бо тарсу ларз ва бо соддадилӣ, мисли он ки ба Масеҳ бошад, итоат намоед, на бо ҳозирхизматии зоҳирӣ, ҳамчун одампарастон, балки ҳамчун ғуломони Масеҳ, ки иродаи Худоро аз таҳти дил ба ҷо меоваранд. Ғайратмандона хизмат кунед, мисли он ки ба Масеҳ бошад, на ба одамон, зеро медонед, ки ҳар кас, хоҳ ғулом бошад, хоҳ озод, ба андозаи кори неке, ки кардааст, аз Худованд мукофот хоҳад гирифт.

- Эфсӯсиён 6:5-8 (дохили қафс суханони муаллифи ин китоб)

Ба суханони "ғайратмандона хизмат кунед, мисли он ки ба Масеҳ бошад" диққат кунед. Агар чунин муносибат дар дили мо зинда бошад, он гоҳ мо, ғуломон, ба хизматгорон табдил мегардем. Шумо мегӯед: "Ман ғулом нестам". Пеш аз он ки бо саросемагӣ зуд чунин бигӯед, ба ман иҷозат диҳед, ки фарқ байни ғулом ва хизматгорро маънидод кунам. Аз ғулом талаботҳои минималӣ ё камтарин аст, лекин хизматгор қобилияти калон дорад. Аз ғулом ба зӯрӣ мегиранд, хизматгор бо розигии худ медиҳад; ғулом маҷбур аст, ки кор кунад, хизматгор бошад, бо хости худ кор мекунад. Хизматгор имконияти хизмат карданро меҷӯяд, на ин ки мунтазири фармон мебошад. Ӯ пешакӣ мӯҳтоҷии шахсро дида,

пеш аз хоҳиши он нафар, барояш кӯмак мекунад.

Агар шумо фикр кунед, ки раисатон нисбат ба шумо беадолатона ва дағалона рафтор мекунад, шумо дар ҷавоби он набояд ки муносибати бад дошта бошед. Шахсе ки ба муносибати бад аксуламал карда, шикоятро шурӯъ мекунад, он гоҳ ӯ ғамгину бепарво шуда, кори худро хуб анҷом намедиҳад. Шахсе ки мехоҳад, бадиро бо некӣ ғалаба кунад (Рум. 12:21), вай ба раиси беадолати худ омада, чунин суханонро мегӯяд: “Ман мебинам, ки барои ман кори зиёде ҳаст, ба ҳамин хотир аз ҳафтаи оянда ман ду соат пештар ба кор меоям, ва ҳамаи кори заруриро анҷом медиҳам, ва барои ин ба шумо зарур нест, ки ба ман маблағи иловагӣ диҳед”.

Агар шумо мушкилиро ба ҳамин тариқ ҳаллу фасл кунед, он гоҳ ба зудӣ шоистаи марҳамати Худованд ва дар анҷом раисатон низ мегардед. Ман инро аз куҷо медонам? Дар китоби Масалҳо 3:3-4 навишта шудааст, ки мо бояд эҳсон ва ростиро бар лавҳаи дили худ бинависем, он гоҳ “марҳамату пазироиро дар назари Худо ва одамон пайдо хоҳем кард”.

Агар шумо дар назари раиси худ марҳамат наёбед ҳам, он гоҳ Худо барои шумо дигар дарвозаҳоро воз хоҳад кард, ки дар он ҷой эҳсон ва марҳамат хоҳед ёфт, мисли он шахсе ки мо дар боби пештар дар борааш гуфта гузаштем, ҳамоне ки дар корхонаи суғуртавӣ кор мекард. Ҳангоме ки ӯро қадр намекарданд, ба ҳар ҳол вай корфармои худро эҳтиром мекард. Дар натиҷа Худо пеши рӯи ӯ дарвозаи дигар ширкати бузургро воз кард, ва ҳоло ӯ раиси ширкати бузурги суғуртавӣ гашта, шоистаи мукофоти пурра гашт.

Ин қонун аст. Агар шумо дар ҳаёти худ пешвоёни ҷамъиятиро эҳтиром кунед, он гоҳ шумо сазовори мукофоти пурра мешавед. Шояд ин мукофот аз ҷониби раис, муаллим ё мураббии шумо наояд, лекин он ҳатман меояд. Худо аз паси Каломи Худ назар мекунад, то ки он иҷро шавад!

## Боби 9

# Эҳтиром ба роҳбарони хонаводагӣ

Биёед дар ин боб дар бораи оила дида баромада, аз фарзандон оғоз мекунем: "Падар ва модари худро иззат намо", ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: "То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ" (Эфс. 6:2-3).

Эҳтиром кардани падару модар ин на хоҳиш, на пешниҳод, балки аҳкоми Худованд мебошад. Ё шояд баъзеҳо аз хотир баровroutardanд, ки мо имондорони Аҳди Ҷадид низ бояд аҳкомро риоя кунем? Ин исботи он ки муҳаббати Худо дар мо амал мекунад. Исо мегӯяд: "Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад" (Юҳ. 14:21). Ҳаввории Юҳанно дубора суханони худро тасдиқ карда, мегӯяд: "Ва муҳаббат аз он иборат аст, ки мо бар тибқи аҳкоми ӯ рафтор кунем" (2 Юҳ. 6).

Ҳамон лаҳзае, ки мо Исои Масеҳро ҳамчун Худованди худ қабул кардем, мо тағйир ёфтем: шахсе ки пештар буд, аз байн рафт. Мо махлуқи нав гаштем. Қалбҳои мо дигар шуданд, ҳоло акнун дар он тарси Худованд ва муҳаббати Ӯ ҷой гирифтаанд. Акнун ҳамаи хоҳишҳои мо дар Худованд мебошад, мо ташнаи он ҳастем, ки ба Ӯ писанд оем, чунки табиати аслии мо ҳамин аст. Мо ҳамон тавр зиндагӣ мекунем, ки мисли "иҷро кардани аҳкоми Худо аз ҳама муҳимтар аст" (1 Қӯр.7:19).

Бо дигар суханон бигӯем, он шахсоне, ки қасдан ё аз рӯи одати пештара ба аҳкоми Худо итоат кардан намехоҳанд, дар асл ҳеҷ вақт Исои Масеҳро ба воситаи Рӯҳи Муқаддас нашинохтаанд, шояд онҳо ба ном

масеҳӣ бошанд, лекин чи хеле ки Исо гуфтааст, мо аз рӯи аъмоламон шинохта мешавем (Мат. 7:20). Агар онҳо қасдан аҳкоми Худоро рад, ё ба он хунукназарона муносибат дошта бошанд, ин маънои онро дорад, ки онҳо қалби Ӯро надоранд. Юҳанно менависад: “Касе ки гӯяд: “Ман Ӯро (Исои Масеҳро) менишосам, аммо аҳкоми Ӯро риоя накунад, вай дурӯғгуй (фиребхӯрда) аст, ва дар вай ростӣ нест” (1 Юҳ. 2:4). Юҳанно аниқ мегӯяд, ки чунин шахс фарзанди Худо нест, балки гумроҳ мебошад. Шояд ӯ фикр мекунад, ки наҷот ёфтааст, лекин дар асл ин он тавр нест.

Биёед як маротибаи дигар мафҳуми калимаи шарафро мебинем: “қадр кардан, эҳтиром кардан, ҳурмат кардан, муносибати нек доштан, бодиққат муносибат кардан”. Агар мо муносибати бошарафонаро нисбат ба волидайн бубинем, ин бо эҳтиром ва муҳаббат бо онҳо рафтор кардан мебошад. Дар хотир меорем, ки шараф ба тариқи аъмол низ изҳор мегардад, аммо шарафи аслӣ аз қалб ҷорӣ мешавад. Инак, писарон ва духтарони ҷавон, агар бо падару модари худ бепарвоёна, беҳурматона муносибат дошта бошед, ин нишонаи беэҳтиромии шумо нисбат ба волидайн мебошад. Даҳон аз пурии дил сухан мегӯяд (Мат. 12:34). Муносибати беэҳтиромонаи онҳо ба воситаи рафтор, тарзи гап задан, бепарвоӣ ҳангоми сухангӯии волидайн, хунукназарӣ, шикоят дар овоз ҳангоми иҷрои ягон амали фармуда, сустрафторӣ ва ғайра зоҳир мегардад.

Дар Амрико беҳурматӣ нисбат ба волидайн як чизи одатӣ шудааст. Дар фарҳанги мо меъёрҳои ахлоқӣ аз байн меравад. Бисёр филмҳои машҳури “оилавӣ” вуҷуд доранд, ки ман, ба ҳеҷ ваҷҳ, ба фарзандони худам иҷозат намедиҳам, ки онҳоро бубинанд. Ҳатто баъзеи онҳо бо ҳарфи “G” нишонӣ шуданд, ки маънои онро дорад, ки ин филмҳо аз тарафи “Компанияи филмбардорони хубу боваринок” ба навор гирифта шудааст. Яъне безарар ҳастанд. Одатан дар ин филмҳо ҳодисаҳои таъсирбахши ҳаётӣ оварда шудаанд. Аммо тарзи гапзании фарзандон бо волидайн умуман ғайриахлоқӣ мебошад. Муносибати онҳо бо волидайн, мисли ба як шахсони нофаҳме, ки дар ин зиндагӣ ҳеҷ чизро намедонанд, мебошад. Онҳо бо волидайн дағалона гап мезананд, ба суханони онҳо итоат намекунанд, ва дар охири филм, бо вуҷуди он ки дар тамоми тӯли он ин фарзандон беэҳтиромӣ ба волидайни худ нишон медоданд, қаҳрамон мешаванд, ё ба мақсади худ мерасанд. Шумо фикр мекунед, ки суханони ман бисёр сахт мебошанд, бубинед, ки Каломи Худо чӣ мефармояд: «“Малъун

(лаънат) бод касе ки падару модари худро хорӣ диҳад!" Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт: "Омин!"» (Так. Шариат 27:16).

Оё шумо медонед, ки калимаи лаънат кадом қувватро дорост? Аз тарафи Худо лаънат шудан, ин чизи ҷиддӣ мебошад. Мо фикр мекунем, ки танҳо чунин суханонро мешунавем: "Ҳар касеро, ки ба куштор даст мезанад, дуздӣ мекунад, зино мекунад, ё ҷодугарӣ мекунад, лаънат бод". Лекин Худованд мегӯяд, ки ҳар кӣ падар ё модари худро хорӣ медиҳад, лаънат мешавад. Биёед мафҳуми калимаи хорӣ доданро дида мебароем: "ба як чизи оддию беарзиш, мисли ғулом, муносибат кардан мебошад". Агар бисёр боэҳсос ифроз кунем: шарманда кардан, паст задан мебошад.

## Лаънате, ки як насл давом кард

Дар Китоби Муқаддас бисёр мисолҳо ҳастанд, ки одамон ба хотири беҳурматии худ нисбат ба волидайнашон, лаънатро ба ҳаёти худ оварданд. Яке аз намунаҳои возеҳ ин Ҳом, писари хурдии Нӯҳ, мебошад.

Баъд аз тӯфон Нӯҳ ба коркарди замин шурӯъ кард. Як шом ӯ шароб нӯшида маст шуд. Чаро ӯ ин корро кард? Шояд ӯ бо ғамгинии худ мубориза мебурд, чунки ӯ дар тамоми рӯи замин ягона падар боқӣ монда буд, ё имкон дорад, ки бо фишоре, ки ба сараш баъд аз тӯфон омада буд, мубориза мебурд. Маълум мешавад, ки ӯ бисёр зери фишор буд ва оромӣ меҷуст. Лекин тариқи нодурустро интихоб кард. Шаробро нӯшида, маст шуду ба хаймаи худ дохил шуда, либосашро кашид, ва ҳамон тавр бараҳна хобаш бурд.

Ҳом ба хайма даромада, падари худро, ки бараҳна хобида буд, дид, ва берун рафта, ин ҳодисаро ба дигарон нақл кард. (Дар он замон одамони бисёр набуданд, танҳо Сом ва Ёфат.) Ба худ тасаввур карда метавонам, ки бо чӣ қадар мазоқ ин ҳодисаро ба бародаронаш нақл кард: "Бачаҳо шумо бовaратон намеояд, падари мо маст шуда, дар он ҷо бараҳна, мисли баррача хобаш бурдааст! Биёед бубинем".

Ҳангоме ки Сом ва Ёфат мазоқи бародари худро шуниданд, рафтори онҳо тамоман дигар хел буд. Онҳо ҷомаро ба китфи худ партофта, бо ақиби худ дохили хайма шуда, бараҳнагии падари худ, Нӯҳро пинҳон карданд. Онҳо шармандагии падарашонро дидан намехостанд.

Субҳи дигар Нӯҳ аз хоб хеста фаҳмид, ки Ҳом чӣ тавр рафтор кард. Ҳамин тавр навишта шудааст:

> “Канъон малъун бод; пеши бародарони худ бандаи бандагон бошад”. Ва гуфт: “Муборак аст Худованд Худои Сом; бигзор Канъон бандаи Сом бошад. Худо Ёфатро вусъат диҳад; ва дар хаймаҳои Сом маскан гирад; ва Канъон бандаи онҳо бошад”.
>
> - Ҳастӣ 9:25-27

Нубуввати Нӯҳ ба наслҳои бисёр таъсир расонд. Мутобиқи Каломи Худованд Канъон, насли Ҳом, лаънат ёфта, доимо дар ғуломии халқи Исроил буд.

Ҳом ба падари худ беҳурматӣ карда, лаънатро ба ҳаёти худ ва насли ояндааш овард. Ҷолибаш он аст, ки рафтори Ҳом натиҷаи бисёр сахте дошт. Новобаста аз он ки Нӯҳ маст шуда буд, Каломи Худо дар бораи ҷазои вай ҳеҷ чиз намегӯяд. Аз он ҳам бештар, ҳангоме ки дар боби 11-и нома ба Ибриён дар бораи шахсони қаҳрамони имон гуфта мешавад, яке аз онҳо Нӯҳ аст, шахсе ки шароб менӯшид. Аз ин маълум мегардад, ки ӯ ба гуноҳи худ тавба карда ва бахшида шуд. Лекин дар он боб дар бораи Ҳом чизе навишта нашудааст, ва умуман дар ҳеҷ ҷои Китоби Муқаддас шумо ягон чизи мусбиро дар бораи Ҳом пайдо карда наметавонед.

Ахлоқи баъди Нӯҳ барои се писараш озмоиши эҳтироми шараф гашт, ки дар он замон дохили қалби онҳо аён шуд. Яке аз онҳо ба ҷои шараф, беҳурматӣ кард, дутои дигар падари худро ҳурмат карда, аз ҳар гуна доварӣ худдорӣ карданд, ба хотири он ки ин салоҳияти онҳо набуд, ки аз болои падари худ ҳукм кунанд. Рафтори Нӯҳ бадахлоқона буд, лекин бо ин на писарони ӯ, балки Худо мебоист сарукор дошта бошад. Ду писари ӯ инро дарк карда, эҳтироми худро нигоҳ доштанд; сеюмин бошад, ба дӯши худ масъулияти доварӣ карданро гирифта, обрӯи падари худро резонда, ба худ лаънат овард.

Боз як чизи ҷолиб он аст, ки Ҳом ба иродаи худ бисёр дақиқ буд. Аз рӯи мантиқ рафтори ӯро сафед кардан мумкин буд: ӯ фақат он чиро, ки дид, “ҳақиқатро”, гуфта буд. Лекин принсипи шараф ва ҳокимият дар подшоҳии Худо умуман дигар хел амал мекунад.

## Бо мурури замон беэҳтиромӣ зиёд мешавад

Боз як шахс дар Китоби Муқаддас ҳаст, ки падари худро эҳтиром намекард, ин нахустзодаи Яъқуб, аз зани аввалааш Леё, ки номаш Реубен буд. Чӣ тавр Реубен ба падараш беҳурматӣ кард? Ӯ бо Билҳо, канизи падари худ, хобид.

Лекин ман боварм мекунам, ки дар рафтори ӯ аз гуноҳи ҷинсӣ бо канизи падараш чизи бештаре буд. Яъқуб ду зан дошт; хоҳарон бо номи Роҳел ва Леё. Билҳо канизи Роҳел буд. Роҳел ва Леё бо якдигар рақобат мекарданд. Торафт рақобати онҳо сахттар ва сахттар мешуд, барои он ки Яъқуб Роҳелро бештар дӯст дошт. Аз аввали рӯзи оиладоршавии худ, Яъқуб Роҳелро зиёдтар дӯст медошт. Ҳангоме ки Худо дид, ки Леё аз ҷониби шавҳараш бемеҳр мондааст, батни ӯро воз кард, ва вай ҳомиладор шуда, нахустзодаи худ Реубенро ба дунё овард. Баъд аз таваллуди Реубен вай чунин суханонро гуфт: “Худованд мусибати маро дид ва акнун шавҳарам маро дӯст хоҳад дошт” (Ҳас. 29:32).

Баъд аз якчанд вақт вай дуюм фарзандашро ба дунё овард. Баъд аз таваллуди ӯ, чунин суханҳоро гуфт: “Зеро Худованд шунид, ки ман номаҳбуб ҳастам ва инро низ ба ман бахшид”, ва ӯро Шимъӯн (*маънояш “шунидашуда”*) номид (ояти 33).

Ва баъд дафъаи сеюм писардор шуд. Баъд аз таваллуди ӯ дар суханони вай афсурдагӣ шунида мешавад: “Акнун ин дафъа, шавҳарам ба ман хоҳад пайваст, зеро ки ба вай се писар зоидам”. Бинобар ин ӯро Левӣ (*маънояш “пайвастшуда”*) ном ниҳод (ояти 34).

Роҳел комёбии хоҳари худро мушоҳида карда, ҳангоме ки худаш фарзанддор шуда наметавонист, як нақша ба фикраш омад, ки чӣ тавр замини зери пои хоҳарашро биҷумбонад. Ӯ қарор кард, ки ба Яъқуб канизи худро бидиҳад, ва ба ӯ чунин гуфт: “Инак канизи ман Билҳо; бо вай бихоб, то ки бар зонуям бизояд, ва ман низ аз вай фарзанд ёбам” (Ҳас. 30:3). Ҳангоме ки кӯдак ба дунё омад, Роҳел гуфт: “Ба гӯштинҳои Худо бо хоҳари худ гӯштин гирифтам, ва ғолиб омадам” (ояти 8).

Реубен писари калонӣ буда, шоҳиди мубориза ва рақобати модараш бо Роҳел буд. Ӯ писарбачаи калон буд, ва дар ин мубориза ва дар натиҷаи бепарвоии падараш, вай он дардеро, ки модараш дошт, эҳсос мекард. Ҳамин тавр шуд, ки Реубен ба саҳро рафта, барои модари худ меҳргиёҳ

пайдо кард. Ҳангоме ки Леё ин меҳргиёҳро гирифт, Роҳел ба ӯ ҳасад бурд, ва ин меҳргиёҳро хоста, ба хоҳари худ пешниҳоде кард, ки ба хотири он меҳргиёҳ, шавҳарашон Яъқуб як шаб аз они ӯ мешавад.

Ва бегоҳӣ Яъқуб аз саҳро омад, Леё ба пешвози ӯ баромада, гуфт: "Назди ман даро; зеро ки музди туро бо меҳргиёҳҳои писарам адо кардам". Ва ҳамон шаб бо вай хобид (Ҳас. 30:16). Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Яъқуб шабҳоро бештар бо Роҳел мегузаронд. Леё бо шавҳари худ танҳо бо музд якҷоя шуда метавонист.

Аз ин ҳолати оилаи онҳо ба Реубен дарднок буд. Ман боварӣ дорам, ки эҳсосоти норозигӣ ва ранҷ дар Реубен нисбат ба бемеҳрии падараш ба модараш торафт зиёд мешуд.

Ин танҳо бо як ҳамбистар шудан бо канизи ӯ ба хотима нарасид. Ранҷидагии вай дар ҳама ҷой ба назар меояд. Вақт мегузашт, ва баъд аз соҳиби даҳ фарзанд шудани Яъқуб, Роҳел низ ба ӯ Юсуфро ба дунё овард. Ҳангоме ки Реубен дид, ки падараш ягона писари Роҳелро аз дигар фарзандонаш бештар дӯст медорад, нафрати вай дучанд шуд. Чизҳои беҳтарин насиби Юсуф мешуд, аз дигар бародарон дида, ӯро бештар дӯст медоштанд, либоси зеборо ба ӯ тӯҳфа карданд, ки ин нишонаи беҳтарии Юсуф аз дигарон буд.

Ҳангоме ки оила аз назди Лобон, падари Роҳел ва Леё, рафтанд, ба гӯши онҳо расид, ки Эсов бо чорсад нафар ба пешвози онҳо баромадааст. Яъқубро ҳарос фаро гирифт, ба хотире ки ӯ суханони бародарашро дар хотир дошт. Ӯ қасам хӯрда буд, ки ӯро барои бо фиреб гирифтани нахустзодагиаш ба қатл бирасонад.

Яъқуб барои наҷот додани ҷони худ ва насли ояндааш, оиларо ба ду қисм ҷудо кард. Як қисми онро ба пешвози Эсов фиристод, ва қисми дуюм мебоист ки камтар дар қафо бимонад. Нақшаи ӯ дар он буд, ки агар қисми аввалро Эсов ба қатл бирасонад, он гоҳ Яъқуб бо боқимондагон фирор карда, ҷони худ ва наздиконашро наҷот хоҳад дод. Биёед мебинем, ки оилаи худро чӣ тавр тақсим кард: "Ва канизон ва бачаҳошонро пеш гузошт, ва Леёро бо бачаҳошон дар ақиби онҳо. Ва Роҳел ва Юсуф дар охир" (Ҳас. 33:2). Ҳоло акнун норозигӣ ва эътирози Реубенро ба худ тасаввур карда метавонед? Ӯ ва модарашро дар сафи аввал ба дами марг гузоштанд, дар ҳоле ки падараш бо Роҳел ва писари вай дар охир пинҳон шуданд. Вақт мегузарад, ва норозигӣ бештар

мешавад. Роҳел дуюм писарро ба дунё оварда, ҳангоми таваллуд фавт мекунад. Яъқуб аз марги ҳамсараш бисёр ғамгин мешавад, ва дар сари қабри вай санги хотиравиро мегузорад, ки мебоист дар наслҳои оянда ҳамчун хотира бимонад. Аҷибаш он аст, ки шумо дар бораи санги хотиравӣ барои Леё дар ҳеҷ ҷой намехонед, ӯ танҳо ба Роҳел санги хотиравӣ гузошт. Имкон дорад, ки ин санг бисёр калон ва зебо буд. Маҳз дар ҳамин вақт афсурдагӣ қалби Реубенро пур мекунаду тоқаташ тоқ мешавад.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки маҳз баъд аз марги Роҳел "Реубен рафта, бо суррияи падари худ Билҳо хобид" (Ҳас. 35:22). Реубен ба рақиби худ, ки калон мешуд, назар карда, нафраташ зиёд мешуд. Ӯ бо он фикре, ки падараш Роҳелро дӯст медорад ва модари вайро дӯст намедорад, розӣ намешуд. Ӯ бо Билҳо на танҳо барои шаҳвати ҷинсӣ хобид, балки барои беобрӯ ва шарманда кардани хаймаи Роҳел ин амалро анҷом дод, ва барои азобу уқубати худ аз падараш қасд гирифтан мехост.

Акнун мо мебинем, ки Худо дар бораи Реубен, баъд аз марги ҳамаи бародарон, чӣ мегӯяд: "Ва писарони Реубен, нахустзодаи Исроил, - зеро ки ӯ нахустзода буд, вале вақте ки бистари падарашро палид кард, нахустзодагии ӯ ба писарони Юсуф ибни Исроил дода шуд, ва дар насабномаи ӯ нахустзодагӣ инъикос наёфт" (1 Вақоеъ. 5:1).

Аз ҳама аҷибаш он аст, ки рафтори худи Яъқуб нодуруст буд, вай Роҳелро дӯст дошта, бо Леё хунукназарона рафтор мекард. Дар назари чашмони Худо ин хуб нест, ва мо мехонем: "Ва чун Худованд дид, ки Леё номаҳбуб аст, батни ӯро кушод" (Ҳас. 29:31). Дар Тарҷумаи васеъ гуфта шудааст: "Ҳангоме ки Худованд дид, ки аз Леё нафрат мекунанд", он гоҳ Худованд Леёро баракат дод. Дар он бадбахтие, ки ӯ аз шавҳараш дошт.

Реубен шароитро возеҳ дарк кард. Ӯ беасос падари худро баҳо надод, ҳама чиз дар асл буд. Аммо он чизе, ки ӯ дар қалби худ ҷой дод, дар натиҷа худашро нобуд кард. Вай он эҳтиромеро, ки Худованд дар қалби ҳар фарзанд гузоштааст, тарк кард, ва иҷозат дод, ки хафагӣ ва радшавӣ дили ӯро фаро гирад ва бешарафӣ ӯро иҳота кунад. Ранҷ то ба ҳадде дар қалби вай ҷой гирифт, ки беэҳтиромии худро нисбат ба падараш сафед карда метавонист. Лекин чунин муносибат барояш гарон тамом шуд. Ӯ нахустзодагии худро аз даст дод.

Дар хотир биёред, он занро бо номи Ҳанно, ки коҳин ӯро тамасхур

карда буд, лекин, ба ҳар ҳол, вай иҷозат надод, ки беҳурматӣ ба қалби вай ҷой гирад, ва аз амри Худованд, ки мефармояд роҳбаронро эҳтиром кунем, берун нашавад. Ӯ сазовори мукофоти пурра гашт. Реубен, баръакс, мукофоти худ, меросашро аз даст дод. Ӯ бар баҳодиҳии худ як қатра ҳам иштибоҳ накард, аммо аксуламали вай комилан иштибоҳ буд.

## Ба ҳеҷ кас иҷозат надиҳед, ки бо рафтори нодурусташ ба шумо таъсир расонад

Дар тӯли солҳои охир, ман дарк кардам, ки мо иҷозат дода метавонем, ки рафтори нодурусти шахсоне, ки моро иҳота мекунанд, ба фаҳмиш ва рафтори дурусти мо таъсир расонда тавонанд. Ин ҳақиқат дар зиндагии Мӯсо бисёр аён аст.

Фарзандони Исроил, мисли Яъқуб, доимо бо рафтори худ ба Худованд писанд намеомаданд. Яъқуб аз ҳамсари худ нафрат дошт, онҳо бошанд, доимо шикоят мекарданд. Мисли Реубен, Мӯсо низ аз рафтори нодурусти онҳо азоб мекашид. Ба хотири онҳо ӯ дар тӯли чил сол дар биёбон гашта, иҷозати ворид шудан ба замини ваъдашударо надошт.

Акнун онҳо боз шикоят мекарданд, ки об надоранд. Он гоҳ Худо ба Мӯсо гуфт, ки ба сахра бигӯяд, ва аз он ҷо об ҷорӣ хоҳад шуд. Лекин дар он вақт Мӯсо аз халқи Исроил он қадар хаста шуда буд, ки ҳамаи онҳоро ҷамъ карда, бо садои баланд гуфт: «“Бишнавед, эй саркашон! Оё аз ин сахра об барои шумо берун оварем?” Ва Мусо дасти худро бардошта, сахраро бо асои худ ду карат зад, ва оби бисёре берун омад; ва ҷамоат ва чорпоёни онҳо нӯшиданд» (Адад. 20:10-11).

Ба хотири рафтори худ Мӯсо аз афзалияти роҳнамоӣ кардани халқи Худо ба замини ваъдашуда маҳрум шуд. Баъд аз гузаштани солҳо забурсарой менависад: “Ва назди оби Мерибо ба ғазаб оварданд, ва Мусо аз боиси онҳо ҷазо дид; зеро ки рӯҳи ӯро ба ҳаяҷон оварданд, ва бо лабонаш носазо гуфт” (Заб. 105:32-33).

Мӯсо аз рафтори бади онҳо хаста шуд. Ӯ маҷбур шуд, ки бар зидди каломи Худо рафтор кунад. Барои ин рафтораш Мӯсо нархи гарон супорид! Ман дар Китоби Муқаддаси худ зери ин оят навиштаам: “Мо рафтори бади худро бо рафтори бади дигарон сафед карда наметавонем”. Барои ҳамаи мо ин як дарси мушкил мебошад.

Рафтори падари Реубен нисбат ба модараш беҳурматона буд, лекин ин рафтори беэҳтиромона вайро нисбат ба падараш сафед намекунад. Худо ба мо амр кардааст, ки мо падару модари худро новобаста аз хуб ё бад, сазовор ё носазовор будани рафтори онҳо эҳтиром кунем.

Иҷозат диҳед, як принсипи муҳимро, ки дар боби пештар гуфта будем, ба хотиратон биёрам. Мо бояд ҳамеша роҳбаронро ҳурмат ва ба онҳо итоат кунем; инчунин мо бояд ба ҳукуматдорон гапдаро бошем, танҳо агар амри онҳо барои мо зидди Каломи Худо набошад. Масалан, агар волидайн аз фарзанди худ бихоҳад, ки ба муаллим дурӯғ бигӯяд, он гоҳ ҷавоби он фарзанд чунин шуда метавонад: “Падар ва модари азиз, ман шуморо ҳурмату эҳтиром мекунам, лекин ман дурӯғ гуфта наметавонам, чунки ин гуноҳ зидди Худованд мебошад”. Ё дигар мисоле, ки даҳшатноктар аст, ҳангоме ки падар фарзанди худро таҷовуз кардан мехоҳад, он гоҳ ин фарзанд ба хотири муҳофизати худ аз дигарон кӯмак мехоҳад. Агар онҳо кӯмакро барои худ ва барои ин волидайн аз дигар шахсон бихоҳанд, ин аз тарафи онҳо беэҳтиромӣ намебошад.

## Мукофоти дучанд

Биёед як маротибаи дигар ба он ҷои Навиштаҷот назар мекунем, ки ин мавзӯъро аз он оғоз карда будем: “Падар ва модари худро иззат намо”, ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: “То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ” (Эфс. 6:2-3).

Аз ин оят маълум мегардад, ки мукофоти шараф дучанд мебошад. Дар аввал, он барои мо бисёр кӯмак мекунад. Шумо шоҳиди комёбӣ дар ҳаёти худ ва инчунин соҳиби осоиштагӣ, хурсандӣ, муҳаббат ва саломатии бардавом мегардед. Шумо аз ҳаёт лаззат мебаред, ки ин мукофоти сазовор аст. Дар қадами дуввум, дар рӯи замин шумо умри дароз мебинед. Шумо ваъда доред, ки аз рӯзатон пеш дар ягон фоҷиаи автомобилӣ, ё касалӣ, ё дигар бадбахтӣ намемиред.

Шояд шумо фикр кунед: “Ман шахсонеро мешинохтам, ки падару модари худро эҳтиром мекарданд, лекин дар синни ҷавонӣ фавт карданд”. Шояд дар ҳақиқат чунин бошад. Он гоҳ шумо аз ман мепурсед: “Чаро ин ваъда дар зиндагии онҳо амалӣ нагашт?” Ҷавоби аз ҳама осон он аст, ки ваъдаҳои Худо ба тариқи автоматикӣ кор намекунанд, онҳоро

бояд бо имони худ фаъол кунем. Шояд ин мисол шуморо ба тааҷҷуб оварад, лекин ман онро аз Китоби Муқаддас нишон медиҳам.

Худо ба Иброҳим ваъдаи аҳдро дод, ки ба воситаи писари ӯ, Исҳоқ, насли ваъдашуда бармеояд. Худо каломи мушаххас дод: "Ва аҳди Худро бо ӯ барқарор хоҳам кард, то ки бо насли ӯ баъд аз ӯ аҳди ҷовидонӣ бошад" (Ҳас. 17:19). Барои тасдиқи гуфтаҳои боло, мо боз мехонем: "Насли ту аз Исҳоқ хонда хоҳад шуд" (Рум. 9:7). Аз ин бармеояд, ки дар ҳар сурат Исҳоқ мебоист ки соҳиби фарзанд шавад.

Ба Исҳоқ кӣ занро интихоб кард? Худи Худо. Ба хотир оред, он ғуломи Иброҳимро, ки барои Исҳоқ, аз байни хонадони Иброҳим мехост зане биёбад. Пеш аз ба сафар баромадани худ, ӯ дуо гуфт:

> "Эй Худованд, Худои оғоям Иброҳим! Имрӯз ба муродам бирасон, ва ба оғоям Иброҳим эҳсон бикун. Инак, ман дар сари чашмаи об истодаам, ва духтарони аҳли ин шаҳр барои обкашӣ мебароянд. Ва чунин бишавад, ки он духтаре ки ба вай гӯям: "Кӯзаи худро хам кун, то бинӯшам", ва ӯ гӯяд: "Бинӯш, ва шутуронатро низ нӯшонам", -ҳамон бошад, ки барои бандаи Худ Исҳоқ ихтиёр кардаӣ; ва аз рӯи ин бидонам, ки ба оғоям эҳсон кардаӣ".
>
> - Ҳастӣ 24:12-14

Дар асл ин шахс як дуои бисёр мушаххас кард. Барои тасодуф ҳеҷ имконе ҳам намебошад. Шутурҳо миқдори зиёди обро менӯшанд ва теъдоди ками шахсони бегона розӣ мешуданд, ки чунон қадар миқдори зиёди обро аз чоҳ бикашанд, танҳо агар он шахс аз ҷониби Худо набошад. Ғуломи Иброҳим мехост, ки сад фоиз боварӣ дошта бошад, барои ҳамин хоҳиши худро бисёр дақиқ ва мушкил сохт. Ва инчунин пайхас кунед, ки шахсе ки ин корро анҷом медиҳад, он шахси интихобкарда мебошад. Бо дигар суханон, вай он зане мебошад, ки барои Исҳоқ интихоб шудааст.

Пеш аз он ки ӯ суханони худро ба поён бирасонад, Ривқо, яке аз хешовандони Иброҳим, кӯза дар китфи худ гузошта, назди чоҳ омад. Ғуломи Иброҳим шитобон ба сӯи ӯ давида, аз ӯ хоҳиш кард: "Як ҷуръа об аз кӯзаи худ бар ман бинӯшон" (Ҳас. 24:17). Пайхас кунед, ки роҷеъ ба шутурони худ чизе нагуфт. Ӯ вайро айни ҳамон тавр хост, ки пештар, то вохӯрдан бо вай, дуо карда буд. Духтар розӣ шуда, бароям об дод. Акнун

бубинед, ки баъд чӣ рӯй медиҳад: “Барои шутуронат низ об мекашам, то даме ки аз нӯшидан бозистанд” (ояти 19).

Ҳама чиз мутобиқи дуои он хизматгори Иброҳим шуд. Вай дар ҳаяҷон буда, аз хурсандӣ пур гашт. Ҳатто вазифаи вай ҳоло комилан ба анҷом нарасида буд, лекин ӯ дар тааҷҷуб буд, ки чӣ қадар зуд ба дуояш ҷавоб омад. Акнун мебоист қадами охиринро карда, он интихоби Худовандро барои Исҳоқ бо худ бурд. Оё оилаи ин духтар розӣ мешавад, ки фарзанди худро ба шахси бегонае, ки пештар надиданд, супорида, ва вайро ба ҷои номаълум ба шавҳар бидиҳанд?

Ҳангоме ки хизматгори Иброҳим тамоми воқеаро ба хонадони Ривқо нақл кард, ҳамаи мардони он хонавода дар ҷавоб гуфтанд: “Ин амр аз Худованд содир шудааст; мо ба ту чизи бад ё нек гуфта наметавонем” (ояти 50). Дар рӯзи оянда аҳли оила духтарашонро ба сафар гусел карданд, ва хизматгори Иброҳим вайро ба назди Исҳоқ овард, ва ҳарду онҳо издивоҷ карданд.

Акнун қисми аҷоиби воқеа оғоз меёбад. Худо бо мӯъҷиза ва аломот занро барои Исҳоқ интихоб кард. Вақте ки онҳо издивоҷ карданд, баъд аз якчанд вақт маълум гашт, ки Ривқо нозой аст ва фарзанд ба дунё оварда наметавонад. Чӣ? Ҳангоме ки Худованд ваъда кард, ки насли оянда аз Исҳоқ бармеояд, чаро Ӯ барои Исҳоқ зани нозойро интихоб кард? Ҷавоб дар он аст, ки ваъдаҳои Худо ба таври автоматикӣ намеоянд, балки онро бояд бо имон дастрас кард. Мо мехонем: “Ва Исҳоқ пеши Худованд дар ҳаққи зани худ зорию илтиҷо кард, чунки вай бенасл буд; ва Худованд илтиҷои ӯро қабул кард, ва занаш ҳомила шуд” (Ҳас. 25:21).

Дар тарҷумаи дигар гуфта шудааст: “Исҳоқ барои зани худ ба Худованд сахт дуо кард, то ки ӯ фарзанде ба дунё биоварад, Худованд дуои вайро шунид, ва Ривқо ҳомиладор шуд. Чӣ тавр ӯ дуо гуфт? Ӯ фиғон мезад: “Худоё, ту ваъда кардӣ, ки шоҳон ва халқҳо аз насли ман бармеоянд, ва насли Ваъдашуда аз авлоди ман ба дунё меояд. Ҳангоме ки зани ман нозой аст, ин чӣ тавр рӯй медиҳад? Худованд, ман дуо мекунам, ки батни Ривқоро воз кунӣ, то ки насли Ваъдашудаи Ту барояд”.

## Қонуни рӯҳонӣ

Қонуни рӯҳоние вуҷуд дорад, ки мо онро бояд дарк кунем. Дар Навиштаҷот омадааст: “Каломи Ту, эй Худованд, то абад аст; дар осмонҳо

қоим аст” (Заб. 118:89). Пайхас кунед, ки дар ин ҷо гуфта нашудааст: “Каломи Ту то абад дар осмону замин қоим аст”. Не, балки аниқ гуфта шудааст, ки каломи Ту то абад дар осмон қоим аст. Дар бораи замин ҳеҷ гапе гуфта нашудааст. Пас чӣ тавр каломи Ӯро дар замин устувор гардонем? Дар таҳқиқотҳои Навиштаҷот мо боз мебинем: “Бо гувоҳии (бо суханони) ду ё се шоҳид ҳар сухан исбот (дар тарҷумаи инглисӣ “устувор”) хоҳад шуд” (2 Қӯр.13:1). Бубинед, ки аз суханони ду ё се шоҳид ҳар як калом устувор мегардад. Акнун бубинед, ки Худо дар ин маврид чӣ мегӯяд:

> “Ончунон каломе, ки аз даҳони Ман мебарояд хоҳад буд: вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт, балки он чиро, ки Ман хостаам, ба ҷо хоҳад овард, ва ба иҷрои он чи, ки барояш варо фиристодаам, муваффақ хоҳад шуд”.
>
> – Иш. 55:11

Чӣ тавр каломаш сӯи Ӯ бармегардад? Ҷавобаш осон аст, аз даҳони мо. Аввал Худо, ва пас мо ҳам. Инак, ҳангоме ки мо каломи Ӯро бо даҳони худ мегӯем, ки аз даҳони Вай берун омадааст, он гоҳ мо каломи Ӯро дар замин устувор мегардонем. Шумо ин ҳақиқати аҷиброфаҳмидед? Худо ба Исҳоқ ваъда карда буд, ки аз ӯ насли бузург бармеояд, лекин барои ин худи Исҳоқ мебоист ки бигӯяд, ва каломро дар замин, дар оила ва ҳаёти худ устувор гардонад.

Худо мефармояд, ки агар мо падар ва модари худро эҳтиром кунем, он гоҳ Ӯ умри дароз ба мо мебахшад. Агар мо бо даҳони худ дар имон ин ваъдаро эътироф кунем, он гоҳ чизеро, ки Ӯ ваъда кардааст, мо дар ҳаёти худ устувор месозем. Мо даҳони дуввум ҳастем, ки каломро дар ин рӯи замин устувор мегардонад. Ман аз ин ваҳй ба ҳаяҷон меоям, ки бо сухан изҳор карда наметавонам! Ин маънои онро дорад, ки мо далерона ба рӯи касалиҳо назар карда, ваъдаи аҳди Худоро эътироф карда метавонем, ки мо дар рӯи замин умри дароз хоҳем дошт, ва он касалиҳо бояд ки итоат кунанд. Мо дар сафарҳои худ дар бораи бехатарӣ эътироф карда метавонем, дар ҳар ҷое, ки набошем, хоҳ дар хона, хоҳ дар берун, ва муҳим нест, ки бо кадом хатарҳо мо рӯ ба рӯ мешавем. Мо далерона эътироф карда метавонем: “Аз беварҳои мардум, ки маро муҳосира кардаанд, наметарсам” (Заб. 3:7). “Аз умри дароз ӯро сер хоҳам кард, ва наҷоти Худро ба ӯ нишон хоҳам дод” (Заб. 90:16).

Ҳангоме ки мо бо мушкилоти сахт ва ноумедӣ дучор мешавем, мо он вақт ҳам дар бораи ваъдае, ки бо мо ҳама чиз хуб хоҳад буд, гуфта метавонем. Мо далерона эътироф карда метавонем: “Ман доимо бо падару модари худ эҳтиромона рафтор мекунам, ваъдаҳои Худованд бо ман ҳастанд, бо ман ҳама чиз хуб хоҳад буд. Ба исми Исо ман ба монеаҳои мушкилӣ, афсурдахотирӣ ва ҳама шароитҳои вазнин фармон медиҳам, ки шикаст хӯрда, аз байн раванд!”

Мо бо ҳар як ваъдаи аҳди Худованд чунин амал карда метавонем. Ягона фарқ байни онҳое, ки бо ҳаёти фаровонӣ зиндагӣ мекунанд, ва ононе, ки аз норасогиҳо азоб мекашанд, дар он аст, ки мо бо даҳони худ эътироф мекунем. Худо мегӯяд: “Имрӯз осмон ва заминро ман пеши шумо ба шоҳидӣ даъват менамоям, ки ҳаёт ва мамотро, яъне баракат ва лаънатро ба шумо пешниҳод кардам; пас ҳаётро ихтиёр намо, то ки ту бо насли худ зинда бимонӣ” (Так. Шариат 30:19). Мутаваҷҷеҳ бошед, ки мо бояд ҳаётро интихоб кунем. Чаро? Мо бояд ҳаётро (яъне баракат аз рӯи ваъдаро) интихоб кунем, чунки марг аллакай дар рӯи замин амал мекунад. Чӣ тавр мо ҳаётро интихоб кунем? Боз мо мехонем: “Мамот ва ҳаёт дар дасти забон аст, ва дӯстдорони он меваи онро мехӯранд” (Мас. 18:21).

Мо бояд, ё ваъдаҳои аҳди Худованд, ё лаънати шайтон, норасогӣ, касалӣ ва маргро интихоб кунем. Фиреб хӯрдан бисёр осон аст. Барои ҳамин ҳам Яъқуб менависад:

> Зеро ки ҳамаи мо бисёр пешпо мехӯрем. Касе ки дар сухан пешпо намехӯрад, вай одами комил аст, ки метавонад ҷилави тамоми ҷисмро бикашад. Инак, мо ба даҳони аспҳо лаҷом меандозем, то ки ба мо итоат кунанд, ва тамоми ҷисми онҳоро идора мекунем... Ҳамчунин забон низ узви хурд аст, вале бисёр лоф мезанад. Бубин, оташи хурде чӣ гуна ҷангали бузургро месӯзонад.
>
> - Яъқуб 3:2-3,5

Оташи хурд ҷангали бузургро сӯзонда метавонад. Айни ҳамон тавр суханоне, ки дар тарс гуфта шудаанд, метавонанд ҳаётро барбод диҳанд. Хабари хуш дар он аст, ки мо ваъдаҳои аҳди Худовандро дорем. Ҳангоме ки онҳо ба қалби мо ҷой гиранд, аз даҳони мо суханони зарурӣ берун хоҳанд омад. Дар идома Яъқуб мегӯяд, ки забони мо мисли фаввораи об

мебошад: аз он дар як вақт ҳам оби тоза, ва ҳам оби талх берун намеояд. Гап дар сари фаввора нест, балки сарчашмаи об аз кадом замин мебошад. Айни ҳамон, гап дар забони мо нест, балки дар сарчашмае, ки дар дили мо мебошад. Исо гуфтааст: “Аз пурии дил, забон сухан мегӯяд” (Луқ. 6:45).

Агар шумо падару модари худро эҳтиром кунед, Худо ба шумо умри хубу дароз ваъда мекунад. Ҳоло ҳангоме ки шумо ин саҳифаҳоро мехонед, Рӯҳи Муқаддас ин ҳақиқатро ба қалбҳои шумо ҷой мекунад, ва шумо суханони лозимиро хоҳед гуфт. Имони худро ба Худо аз таҷрибаҳои дигарон бино накунед, онро дар ҳақиқати Каломи Худо бисозед. Ман медонам, ки аз рӯзи таъиншуда пеш фавт намекунам; ин ваъда дар қалби ман ҷой гирифтааст, ва Худо аз болои каломи Худ нигоҳ мекунад, то ки он иҷро шавад.

## Зан ба он даъват шудааст, ки шавҳари худро эҳтиром кунад

Дар бораи мавқеи зан мо чунин суханонро мехонем: “Зан бигзор шавҳари худро иззату эҳтиром намояд, ба гапи ӯ гӯш кунад, ӯро ҳурмат кунад, ӯро қадр кунад, ба ӯ гузашт кунад, ва беандоза ба шавҳари худ меҳру муҳаббат дошта бошад” (Эфс. 5:33, Тарҷумаи васеъ).

Ана ин рӯйхат аст! Бубинед, ки чӣ қадар Павлус дақиқ менависад, ки зан бояд кадом чизҳоро риоя кунад, ва чӣ тавр шавҳари худро эҳтиром кунад. (Баъдтар ман дар бораи бо кадом муносибат ва эҳтиром шавҳар бояд бо зани худ рафтор кунад, мегӯям, лекин мо ҳоло дар бораи он шахсоне мегӯям, ки аз болои мо қудрат доранд.)

Шавҳар сардори оила аст. Ин на фикри инсонӣ аст, балки Худо чунин таъин кардааст. Дар он хонае, ки зан ҳама чизро идора мекунад, ё назари ӯ аз ҳама чиз муҳим аст, ва шавҳар ҳамчун сардори он оила қабул карда намешавад, оромӣ ва баракати аслӣ доштан ғайриимкон мебошад. Баръакс, агар зан худотарс бошад, вай шавҳари худро эҳтиром хоҳад кард, ба ӯ ҳамчун сардори оила муносибат мекунад, он гоҳ вай сазовори мукофот мегардад, ва ин мукофот аз тарафи шавҳараш, ё бо дигар роҳ, ба ҳар ҳол, ӯро пайдо мекунад.

Ба наздикӣ ман дар Аврупо дар як калисои калон хизмат мекардам. Як зан ба ман гуфт: “Ҷон, ман имрӯз ба калисо танҳо ба хотири ту ҳастам”.

Ман камтар нороҳат шудам. Баъд ӯ воқеаи худро нақл кард. Якчанд

сол пеш дар байни роҳбарони калисои онҳо якчанд тағйиротҳо омадааст. Вай бо шавҳараш барои ҷаласа ба масофаи дур ба як калисо мерафтанд, ва онҳо фикр карданд, ки хуб мешуд, ягон калисои дигар наздиктарро пайдо кунанд. Ба ҷамъомади якчанд калисоҳо ширкат варзида, онҳо як калисои на он қадар калонро дар наздикии хонаи худ интихоб карданд. Аммо шавҳараш фикр мекард, ки ба онҳо хуб нест, ки маҳз ба ҳамин калисо биравад, вай фикр мекард, ки беҳтар аст, ба калисои собиқаи худ биравад. Зан ҳамроҳи вай хосту нохост мерафт, ва айни замон рӯзҳои якшанбе ба танҳоӣ ба ин калисои хурд ҳам ташриф меовард.

Торафт ба ин калисои нав ташриф овардаи худ дилчасп шуда, ҳатто ба хизматгузорӣ оғоз намуд. Дар натиҷа роҳбарони он калисо барояш гуфтанд: "Кай ту ҳамроҳи шавҳарат гап зада мегӯӣ, ки Рӯҳи Худо туро ба ин калисо роҳнамоӣ мекунад?" (Чунин шакли роҳбарият маро ба ҳайрат меоварад.) Суханони онҳо ба ин зан таъсири калон расониданд. Вай ба шавҳараш дар бораи қарори ниҳоии худ, ки фақат ҳамин калисои навро ташриф меоварад, гуфт, ва баъд як рӯзро барои вохӯрӣ бо усқуфи калисои аввалин таъин кард, то ки ба вай бигӯяд, ки новобаста аз он ки шавҳараш ба калисои онҳо меравад, худи ин зан ба дигар калисо хоҳад рафт. Шоми пеш аз вохӯрӣ ӯ китоби маро бо номи "Зери паноҳи Худованд" гирифт, ки дар он китоб ман дар бораи аҳамияти бузурги итоат кардан ба роҳбарон навиштаам.

Он зан ба ман гуфт: "Ҷон, ман тамоми шаб китоби шуморо хонда, гиря мекардам. Ман фаҳмидам, ки зидди Худо ва шавҳарам қиём кардаам. Дар рӯзи оянда ман назди шавҳарам ва усқуф тавба кардам".

Ӯ пас бо хурсандӣ ба он калисо баргашт, ки мехост, аз он биравад. Баъд аз якчанд моҳ зани усқуф ӯро бо як хонуми дигар аз калисо ошно сохт. Маълум гашт, ки ҳардуи онҳо бо як тиҷорат машғул шуданӣ буданд, ва онҳо якҷоя тиҷоратро шурӯъ карданд. Дар айни ҳол, онҳо дар тиҷорати худ бисёр комёб шуда, маблағи бисёрро барои Подшоҳии Худо медиҳанд.

Он зан гуфт: "Ҷон, агар ман аз он калисо мерафтам, дар натиҷа ман шавҳарамро аз даст медодам, ва ба ин тиҷорат ҳеҷ вақт машғул намешудам, ва ба он даъвати Худованд бар зиндагии худ дохил намешудам". Баъд ӯ гуфт, ки он калисои хурде, ки роҳбаронаш вайро водор мекарданд, ки ба шавҳари худ беитоатӣ кунад, барҳам хӯрд. Ин зан шавҳари худро эҳтиром карда, сазовори муҳофизат ва мукофот гашт.

## Занҳое, ки шавҳаронашон наҷот наёфтаанд

Ҳаввори̅ Петрус ҳамчунон мисли Павлус навиштааст:

> Ҳамчунин шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед (ба онҳо гапдаро бошед, ба онҳо ёрдамчи̅ бошед, аз шавҳарони худ вобаста бошед), то ки, агар баъзе аз онҳо мутеи калом (Каломи Худо) набошанд, ба воситаи рафтори (наку̅коронаи) занон бе калом тобеъ гарданд. Вақте ки рафтори поки худотарсонаи шуморо мушоҳида кунанд.
>
> – 1 Петрус 3:1-2

Петрус нишон медиҳад, ки агар зан шавҳари беимон дошта бошад ҳам, бо рафтори неки худ, на ин ки бо таълимот ва мавъизааш, метавонад вайро ба су̅и наҷот биоварад. Ман шавҳаронеро мешиносам, ки маҳз бо чунин рафтори занҳои худ барои Худованд дастрас шуданд. Мисоли аҷоиб Смит Виггилсворт, ки яке аз мардони бузурги Худованд буд, ки дар аввали асри бистум дар Аврупо зиндаги̅ кардааст, мебошад.

Виггилсворт устои сантехник буд, ва муносибати вай ба Худованд торафт сард мешуд. Ӯ дар бораи масеҳият ҳатто шунидан ҳам намехост. Зани вай, Полли, баръакс, шахси худотарс ва хонуми муқаддас буд. Муҳаббати он зан ба Худованд ҳар ру̅з бештар мешуд. Шавҳараш аз ин рафтори ӯ нафрат мекард, ва ҳатто ба он дараҷае расид, ки танҳо ҳузури вай шавҳарашро ба хашм меовард.

Шавҳараш ба хотири имони вай бо ӯ дағалона рафтор карда, ҳатто манъ кард, ки калисо биравад. Ӯ ба фармони шавҳараш итоат накард, чунки ин зидди аҳкоми Худованд буд. (Боз такрор мекунам, мо то ба ҳадде ба фармонҳо итоат кунем, ки он фармонҳо зидди аҳкоми Худованд, ки дар Каломи Худо зикр шудааст, набошанд.)

Ба шавҳари худ таоми шомро тайёр карда, худаш зуд ба ҷаласаи бегоҳии ру̅зи якшанбе гурехта мерафт. Боре як шом ӯ аз ҷамъомад аз ҳарвақта дертар омад. Ҳангоме ки Полли ба хона даромад, Смит ҷидди̅ ба ӯ гуфт: “Ман хӯҷаини ин хонадон ҳастам, ва агар ту фикр куни̅, ки ҳар вақте, ки хоҳи̅ ҳамон вақт вориди ин хона мешави̅, ту ба ман даркор нести̅!”

Полли оромона ҷавоб дод: “Ман медонам, ки ту шавҳари ман ҳасти̅, аммо Масеҳ Хӯҷаини ман мебошад”.

Виггилсворт ба хашм омада, дарро воз кард, ва ӯро берун ронда, дарро қулф кард.

Аммо Полли то ба охир ба Худованд итоат карда, шавҳари худро эҳтиром мекард, ки ин муносибат ба шавҳараш таъсири ғайриоддӣ расонд. Дар натиҷа Смит ҳаёти худро пурра ба Худованд ва ба хизматгузорӣ ба Исои Масеҳ бахшид. То имрӯз бисёриҳо дар бораи хизматгузории вай суханони нек мегӯянд. Бисёр одамон ба воситаи хизматгузории Смит Виггилсворт шифо ёфтанд, наҷот ёфтанд, аз мурдагон эҳё шуданд.

Мукофоти Полли дар назди тахти Масеҳ бузург хоҳад буд, ба хотире ки ба воситаи хизматгузории шавҳараш ҳаёти садҳо ҳазор нафар тағйир ёфтанд. Ин зан мукофот на танҳо ба шакли шавҳари наҷотёфта ва пурра дигаргуншуда ба даст овард, балки соҳиби дарави бузург дар солҳои оянда гашт.

Акнун шумо фаҳмидед? Ба мо гуфта шудааст, ки эҳтиром кунем, на танҳо ба хотири он шахси эҳтиромшаванда, балки барои худамон низ гуфта шудааст. Агар мо шахсонеро, ки лоиқи эҳтиром ҳастанд, эҳтиром накунем, худамон бисёр чизҳоро аз даст хоҳем дод.

## Боби 10

# Эҳтироми роҳбарони калисо

Чи тавре ки ман пештар гуфтам, Подшоҳии Худо ин Подшоҳӣ аст. Барои ҳамин дар калисо ҳамеша ҳокимият ва тартиботи дақиқе хоҳад буд. Ба роҳбари калисо бо шараф рафтор карда, мо Худи Исоро эҳтиром мекунем, ва ба Исо бо ҳурмат рафтор карда, мо Худои Падарро эҳтиром мекунем (Мат. 10:40-41). Чӣ тавр мо нисбати роҳбар муносибат мекунем, чӣ тавр бо вай гап мезанем, дар бораи ӯ чӣ фикр мекунем, муносибати бевоситаи моро нисбат ба Он шахсе, ки ин роҳбарро таъин кардааст, нишон медиҳад. Худо мегӯяд: "Зеро, ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд" (1 Под. 2:30). Муносибати мо ба Худо, аз муносибати мо ба роҳбарони калисо маълум мегардад. Ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки аз Худо тарсе дорад, дар сурате ки ӯ роҳбарони калисоро эҳтиром накунад.

### "Ман аз Худо тарс дорам, на ин ки аз инсон!"

Ман дар як ҷаласа вохӯрии ғайриоддие доштам, ки ҳеҷ гоҳ аз хотирам намебарояд, ва ин гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунад. Баъд аз мавъизаи ман дар бораи озодӣ аз хафагӣ (ранҷидан, афсурдахотирӣ) бисёриҳо даъвати маро қабул карда, пеши саҳна омаданд, то ки барояшон дуо кунам. Дар байни онҳо як ҷавон буд, ман ҳамон лаҳза эҳсос кардам, ки вай дар зиндагиаш бисёр азоб кашидааст. Ман аз ӯ хоҳиш кардам,

ки болои саҳна бароял, то ки барояш дуо кунем. Ҳангоме ки ӯ ба саҳна баромад, аз қафои ӯ як шахси қоматбаланд ҳам баромада, дар наздаш истод. Ин шахс мӯи дарозе дошт, ки дар пушти сари вай баста шуда буд, ва дар тан футболка, шими ҷинс, курткаи чармӣ дошта, ва баданаш пур аз расмҳо (татуировка) буд. Вай назари ваҳшиёна дошта, тайёр буд, ки ҳамла кунад. Ман пайхас кардам, ки ин ҷавон, ки мехостам барояш дуо кунам, тарсид, ва ба қабул кардани ҳеҷ чиз омода набуд. Ман ба ин мард рӯй оварда, аз ӯ хоҳиш кардам, ки аз саҳна поён шавад.

Ӯ ба ман назар карда, бо хашм гуфт: “Не! ”

Баъд аз ҷавоби нохуши ӯ ман худро ба даст гирифта, боз оромона аз ӯ хоҳиш кардам: “Мӯҳтарам, то он лаҳзае, ки шумо аз саҳна поён нафароед, ман ҷаласаро идома намедиҳам”.

Ӯ боз гуфт: “Не!”

Ман камтар ташвиш кашида, фикр кардам, ки чаро ташкилотчиён ба ман кӯмак намекунанд, ва ин мардро аз саҳна поён намефароранд. Баъд ман дарк кардам, ки онҳо низ тарсиданд. Он гоҳ ман фаҳмидам, ки пеши назари ман шахсе ҳаст, ки ба ҳеҷ ягон ҳокимият итоат намекунад, ва ба ҳар ҳол мебоист ки ман оромии худро нигоҳ дошта, ба Худованд таваккал намоям. Ман фаҳмидам, ки дар ин шароит ба ин ҷавон кӯмак карда наметавонам, ва ман таслим нашуда, ба он шахс гуфтам: “Ман ба шумо амр мекунам, ки аз саҳна поён фароед”. Ӯ ба ман боз назар карда, гуфт: “Не!”, ва баъд аз якчанд лаҳза ногаҳон гуфт: “Ман аз Худо тарс дорам, на ин ки аз инсон!”

Лекин аз Худо ҳеҷ тарсе надошт. Ӯ танҳо аз он шакли Худое метарсид, ки дар фикри худ сохта буд ва дар қалби худ дошт. Дар асл ин шакл бо Худованди аслӣ, ки замину осмонро офаридааст, ҳеҷ умумияте надошт. Агар ӯ дар асл аз Худо тарсе медошт, он гоҳ вай ба хизматгузори Худо эҳтиром ба ҷо оварда, итоат карда, аз саҳна поён мефаромад.

Лекин ман таслим намешудам, ва дар фикри худ Ба Рӯҳи Муқаддас барои кӯмак руҷӯъ намудам. Ногаҳон мисле ки касе ба ман гуфт, ин шахс падари он ҷавоне мебошад, ки ман барояш дуо гуфтан мехостам. Ман инро аз он ҷавон пурсидам, ва ӯ дар асл тасдиқ кард, ки ин шахс падараш мебошад. Ман гуфтам: “Мӯҳтарам, агар шумо мехоҳед, ки Худованд ба писари шумо кӯмак кунад, шумо бояд ки аз саҳна поён фароед: агар шумо

ин корро накунед, он гоҳ худатон масъули он мешавед, ки иҷозат надодед, ки қуввати шифодиҳандаи Худованд ба фарзандатон таъсир расонад".

Ҳамин тавр намудор мешуд, ки суханони ман ба вай таъсир расониданд, ва ӯ хоҳу ноҳоҳ аз саҳна поён мефаромаду бо ҳамон назари ҷиддӣ ба ман нигоҳ мекард. Он гоҳ писари вай ором шуда, қалбашро воз кард, ки ман барояш дуо карда, ба вай хизмат кунам, ва Худованд ӯро ламс кард. Эҳсосоти бисёр аҷибе буд, аз дидани он ки Худованд ба ӯ чӣ гуна таъсир карда истодааст. Ӯ дар ҳузури Худованд пурра шикаст хӯрда, гиря мекард.

Баъд аз ҷамъомад ман дар идораи усқуф бо падари ин ҷавон вохӯрдам. Ӯ аъзои гурӯҳи байкерон (мотосиклронон) буд, ва дар назар бисёр нафари сахтдил намоён мегардид, ки ҳеҷ чиз ба вай таъсир расонда наметавонад, лекин ман таслим намешудам. Новобаста аз он ки ман бо вай оромона сухан меронам, сӯҳбати мо бисёр душвор буд, ва ҳамин тавр намоён мегашт, ки ӯ омода буд, маро бизанад.

Ман ба вай гуфтам, ки ғайриимкон аст аз Худованд тарсе дошта бошӣ ва дар айни замон хизматгузори Ӯро эҳтиром накунӣ. Тарси Худованд, ин яъне эҳтироми ҳокимияте, ки Ӯ таъин кардааст, мебошад. Ман ба ӯ гуфтам, ки ҳангоме ки аз саҳна поён фаромадан намехост, вай ноҳақ буд.

Дар охир вай камтар нарм гашт. Лекин ман ба ҳар ҳол суханони худро идома дода, аз рӯи каломи Худованд таълим медодам. Дар охир вай шикаст хӯрд. Маълум гашт, ки вайро дар кӯдакиаш падараш бисёр сахт озор додааст. Дар натиҷаи ин муносибати дағалона, вай назари хосе ба зиндагӣ ва ҳокимияти Худованд пайдо кард. Ба хотири он ки вай падари худро набахшида буд, ин муносибати нодурустро ба писараш татбиқ мекард, ва айни ҳамон тавр ӯро озор медод. Пеш аз он ки ман суханонамро ба хотима расонидам, ин мард мисли кӯдак гиря мекард.

Ҳамон лаҳзае ки ин мард иштибоҳи худро дарк кард, ӯ дар усқуф ва ман роҳбаронро эътироф карда, узрхоҳӣ кард. Он гоҳ вай аз ҷониби Худованд ба пуррагӣ қабул карда тавонист. Ҷолибаш он аст, ки баъд аз вохӯрии мо ӯ ба ман мисли ба як қаҳрамон назар мекард. Ин шахсе, ки дар аввал ба ман муносибати бад ва дағалона дошт, дар охир маро дӯст дошта, эҳтироми беандоза нишон дод.

## Беҳурматии пинҳонӣ

Мисоле, ки дар боло овардам, бисёр ҳолати экстрималӣ мебошад, аммо чунин рафторро мо дар байни имондорон ҳам вомехӯрем. Беҳурматии ин шахс бисёр аён ва равшан буд. Вай ҳеҷ чизро пинҳон намекард, ба ҳамин хотир ба қалбаш таъсир кардан осон буд. Вай муносибати худро возеҳ нишон медод, бисёр одамоне ҳастанд, ки тамоман дигар хел рафтор мекунанд: онҳо муносибати беҳурматонаи худро рӯйпӯш мекунанд. Аз хатари он ки онҳоро фош мекунанд ва шахсони бетарбия ва бетартиб мешуморанд, ин нафарон ниқобро рӯйи худ мепӯшанд, ва аз зоҳир хуб намоён шуда, дар дохил пур аз беҳурматӣ ва беэҳтиромӣ ҳастанд. Онҳо дохили худро моҳирона зери ниқоб нигоҳ медоранд.

Ман ҳоло дар бораи онҳое мегӯям, ки бо забони худ роҳбаронро эҳтиром мекунанд. Лекин қалби онҳо аз ҳурмат кардани хизматгузорони Худованд дур мебошад. Муносибати онҳо ҳангоми даъвати роҳбар ба тағйир додани ҳаёташон, қурбонӣ кардан ва ё ягон хоҳиши дигар ошкор мегардад. Усқуф хоҳиш мекунад, ки аъзои калисо ба ҷаласаи махсуси парастишӣ биёянд, ва танҳо аз даҳ як ҳиссаи калисо ташриф меоварад. Ё ки ӯ аз аъзои калисо хоҳиш мекунад, ки дар ҷаласаи башоратдиҳӣ, ки дар як моҳ як маротиба баргузор мегардад, ташриф намоянд, ва танҳо аз панҷ як ҳиссаи калисо меояд.

Ман бисёр калисоҳоро ташриф меоварам, дар ҷаласаҳо якчанд ҳазор нафар меоянд, қариб ҳамеша мо аз ду то чор ҷаласа дар рӯзи якшанбе мегузаронем. Дар ҳар ҷамъомад толор пур аз мардум мебошад. Лекин агар усқуф ба ҷаласаи дуохонӣ, бегоҳии рӯзи душанбе даъват кунад, одатан якчанд сад нафар меояд. Барои чӣ ин тавр аст? Ба хотири он ки ҳеҷ кас усқуфро эҳтиром намекунад.

Шояд шумо фикр мекунед: “Ҷон, ту аз ҳад гузарондӣ”. Ман ба шумо як мисоли дигарро меоварам, ва баъд шумо бо ман розӣ хоҳед шуд. Тасаввур кунед, ки рӯзи якшанбе усқуф ба тамоми калисо эълон мекунад: “Ин моҳ бегоҳии ҳар рӯзи душанбе мо ҷаласаҳои махсуси дуохонӣ хоҳем дошт. Бегоҳии рӯзи душанбе аз соати ҳафт то ҳашти шом мо дар бинои калисо ҷамъ хоҳем шуд”. Ҳадди ақал ҳаштод фоизи калисо ба ин эълон

диққат намекунанд. Махсусан агар ин вақти дуохонӣ бо бозии футбол дар як соат бошад.

Тасаввур мекунем, ки усқуф ба эълони худ боз чунин суханонро илова мекунад: “Дар охири ҷаласаи чорум ба шахсоне, ки дар ҳар ҷаласа иштирок доштанд, чеки бонкӣ ба миқдори панҷсад ҳазор доллар супорида хоҳад шуд”.

Шумо чӣ тавр фикр мекунед, оё ҳама ташриф хоҳанд дошт? Ман боварӣ дорам, ки дар толор ягон ҷои холӣ намемонад. Одамон аз тарси берун аз толор мондан, аз вақти таъиншуда барвақт меоянд.

Акнун ҷавоби шумо чӣ тавр хоҳад буд? Фақат худро фиреб надиҳед, ба Худо иҷозат диҳед, ки ба шумо нишон диҳад, ки дар қалбатон чӣ аст. Барои худ ду саволи осон бидиҳед; аввалин: оё шумо дар ин ҷаласа иштирок мекардед, агар усқуф дар бораи чеки бонкӣ зикр намекард? Дуюмин: оё шумо дар ин ҷаласа иштирок мекардед, агар ба шумо ним миллион доллар пешкаш кунанд? Камтар фикр кунед, бо ин пулҳо шумо хона ва мошин харида метавонед, ва боз ба дигар чизҳо ин пулҳо кифоят мешуд.

Агар шумо ба саволи аввал “не”, ва ба саволи дуюм “бале” ҷавоб додед, акнун шумо фаҳмидед, ки суханони усқуфи шумо бароятон то чӣ андоза ночиз мебошанд. Дар хотир дошта бошед, эҳтиром ин қадр кардан аст.

Худо мегӯяд: “Ба сардорони худ фармонбардор ва мутеъ бошед, зеро онҳо ҳамеша ғами ҷонҳои шуморо мехӯранд” (Ибр. 13:17). Ин насиҳати Худованд барои халқи Худ мебошад: мо бояд ба роҳбарони калисои худ итоат кунем. Оё наход ки шумо ба хотири пул ба усқуфи худ итоат мекунед, вале ҳамчун намояндаи Исои Масеҳ дар рӯи замин ба вай итоат нахоҳед кард? Пас ман бояд аз шумо бипурсам, ки хӯҷаини шумо кист? Исо мегӯяд, ки танҳо ба яке хизмат кардан мумкин аст: ба Худо ё ба мамуно (Мат. 6:24).

Биёед пеши рӯи худ саволҳои мушкилро мегузорем: оё шумо дар ҷаласаҳо дер намемонед? Ҳангоме ки усқуф ягон ҳадияи иловагӣ аз шумо мехоҳад, дар дили худ муқобилат эҳсос намекунед? Оё шумо ҳамеша аз даъвати роҳбар ба хизматгузории кӯдакон, кӯмак ба корҳои амалии калисо, ё башоратдиҳӣ сарпечӣ мекунед? Оё шумо барои ташриф

наовардан ба ҷаласаҳои дуохонии калисо ҳамеша баҳонаҷӯӣ мекунед? Акнун ба худ савол диҳед, агар ба шумо панҷсад ҳазор доллар пешкаш мекарданд, қарори шумо чӣ тавр мешуд? Барои чӣ? Ҷавобаш содда аст: ба хотири он ки пул барои мо нисбат ба намояндаи Худо, ки ба зиндагии мо гузошта шудааст, аҳамияти зиёдтар дорад. Суханони Исоро ба ёд оред: "Ҳар кӣ шуморо қабул кунад, Маро қабул мекунад, ва ҳар кӣ Маро қабул кунад, Фиристодаи Маро қабул мекунад" (Мат. 10:40). Боз як маротиба гуфта метавонем: "Касе ки шуморо эҳтиром мекунад, Маро эҳтиром кардааст, ва ҳар кӣ Маро эҳтиром кардааст, Фиристодаи Маро эҳтиром мекунад". Агар шумо каломи усқуфро эҳтиром кунед, шумо каломи Худоро эҳтиром кардаед, барои он ки Худо ӯро ба шумо фиристодааст.

Акнун маълум гашт, ки чаро бисёр одамон дар зиндагии худ пешравӣ надоранд. "Онҳое, ки дар хонаи Худованд шинонда шуданд, дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт" (Заб. 91:14).

Агар мо дар калисои маҳаллӣ шинонда шуда бошем, он гоҳ мо ҳоло ҳам дар ҳамин ҳаёт ва ҳам дар ҳаёти абадӣ нашъунамо меёбем. Диққат кунед, ки забурнавис намегӯяд, ки: "ташрифкунандагони хонаи Худо". Чунки калисоро ташриф оварда, лекин дар он реша надавонидан мумкин аст. Реша давонидан ин маънои дар он ҷо буданро дорад, он ҷое ки ҳаётатро ба хизматгузории Худованд мебахшӣ. Маънои даҳяк овардан, хизмат кардан, ба роҳбар итоат карданро дорад. Ҳангоме ки мо дар калисои худ реша давондаем, монанди он дарахте, ки аз реша ҳама чизи ба ҳаёт даркориро дарёфт мекунад, мо низ онро қадр мекунем.

Шояд он касоне, ки дар калисо шинонда шудаанд, дар ҳаёти худ нишонаи шукуфоӣ, комёбӣ ва хушбахтиро дошта бошанд, лекин бо ин дар муддати дароз ҳаловат нахоҳем бурд. Ба мо зарур нест, ки дар ҷӯёи баракатҳои тасодуфӣ бошем, лекин мо бояд ба он ҳаракат кунем, ки қаноатмандии абадӣ ва оромӣ ба солҳои зиёд, махсусан дар назди тахти доварии Масеҳ, меоварад, чунки он ҷой ҳар чизи пинҳонӣ ошкор хоҳад шуд.

Агар шумо дар калисо реша давонда бошед, он гоҳ суханони роҳбарони калисои худро қадр хоҳед кард. Шумо ба суханони онҳо бепарвоӣ нахоҳед кард. Шумо аз Худо тарсе дошта, ва дар тарси

Худованд роҳбаронеро, ки аз ҷониби Ӯ гузошта шудаанд, эҳтиром хоҳед кард. Роҳбарони аз ҷониби Худо таъиншударо эҳтиром карда, шумо сазовори мукофоти пуррае, ки Ӯ бароятон омода кардааст, мешавед.

## Дар бораи онҳо фикри хуб дошта бошед

Барои мо гуфта шудааст: “Аммо аз шумо, эй бародарон, илтимос мекунам, ки он касонро қадрдонӣ намоед, ки дар миёни шумо меҳнат мекунанд, ва сарварони шумо дар Худованд буда, шуморо насиҳат медиҳанд, ва онҳоро барои фаъолияташон бо камоли муҳаббат иззат кунед; бо якдигар дар сулҳ зист кунед” (1 Тас. 5:12-13).

Дар тӯли бисту панҷ соли хизмати худ, ки аз он ҳафт солашро дар хизмат ба калисоҳои маҳаллӣ ва боқимондаашро дар сафарҳо гузаронидаам, ба хулосае омадам, ки имондорони пур аз Рӯҳулқудс, ки соҳиби осоиштагӣ, хушбахтӣ, комёбӣ ва баракат мебошанд, он имондороне ҳастанд, ки дар бораи роҳбарони худ фикри хуб дошта, тамоми муҳаббат ва вафодории худро ба онҳо нишон медиҳанд. Чунин муносибатро Худованд ба мо таълим медиҳад, ва оё дар он ки зиндагии онҳо пурбаракат мебошад, ягон чизи аҷибе ҳаст? Инчунин баръакс низ дуруст мебошад.

Дар тӯли тамоми солҳои хизмати худ, ман бисёр маротиба ҳам шахсони вафодор ва ҳам бевафоро вохӯрдаам. Ман бо имондороне вохӯрдам, ки худро бо усқуфашон баробар медонистанд. Онҳо бо дигар роҳбарон низ хунукназарона рафтор мекарданд. Ин шахсон фикр мекарданд, ки кори онҳо дар калисо низ дорои айни ҳамон аҳамият мебошад, ё аз шахсони ба хизматгузорӣ таъиншуда онҳо хизмат ва калисоро беҳтар роҳбарӣ хоҳанд кард. Одатан онҳо мунтазири шароити мусоид буданд, ки чӣ вақт Худо онҳоро дар хизматашон “болотар” бардорад. Онҳо ба усқуф мисли ба шахси оддие назар мекунанд, ки ба осонӣ аз ҷояш ҷумбонидан ё тағйир додан мумкин аст.

Инчунин шахсоне вомехӯранд, ки аз хизматгузорӣ умуман шод нестанд, онҳо ба корхонаҳои худ кор карда, калисоро аз рӯи одат ташриф меоваранд. Ин одамон дар фарқият аз гурӯҳи пештара, усқуфро ҳамчун одами оддие қабул мекунанд, ки дар ҷои вай ҳар шахси дигар

шуда метавонист. Ҳатто худи онҳо ҳам шуда метавонистанд, фақат фарқ дар он аст, ки онҳо шуғли дигарро интихоб карда, дар корхонаҳои давлатӣ кор мекунанд. Онҳо ба усқуф ҳамчун шахси аз ҷиҳати дониш поёнтар назар доранд, ва фикр мекунанд, ки маҳз ба ҳамин сабаб вай дар ин хизматгузорӣ боқӣ мондааст.

Дар ҳар сурат шумо ин нафаронро пурра комёб ва баракатёфта намебинед. Шояд онҳо дар тиҷорат ва хизмати худ хуб бошанд, лекин онҳо дар калисои худ реша надавондаанд, ва усқуфро қадр намекунанд, ва дар ӯ бахшоиши Худоро намебинанд. Одатан онҳо дар оилаҳои худ, тарбияи фарзандон, бо саломатӣ ва дигар соҳаҳои зиндагӣ мушкилӣ доранд.

## Воқеаи таъсирбахш

Ман мисоли бисёр шахсонеро оварда метавонам, ки роҳбарони худро қадр намекунанд ва ҳатто аз онҳо нафрат доранд. (Мо кӯтоҳ тарафи мусбии ин мавзӯъро дида мебароем.) Вале ман якчанд мисолеро мегӯям, ки ин фоҷиаро бисёр равшан нишон медиҳад. Ман дӯсте дорам, ки вай усқуфи як калисои калон мебошад. Ман доимо дар тӯли даҳ сол дар калисои вай хизмат кардаам, ва тақрибан бист сол бо ӯ ошноӣ дорам. Вай дар калисо шахси обрӯманд аст, ва дар кишварамон ва ҳатто дар сатҳи ҷаҳонӣ ӯро эҳтиром мекунанд.

Якчанд сол пеш вай ба як ҷавон кӯмак кард, ки ҳидояти Худоро дар зиндагиаш дарк кунад. Ин марди ҷавон, биёед ба вай Билл номгузорӣ мекунем, дар таълимоти рӯҳоние рушд мекард, ки дар он гурӯҳ бисёр ҳақиқатҳои каломи Худованд ба пуррагиаш истифода намешуд. Дӯсти ман, биёед вайро Ренди мехонем, ин ҷавонро ба пур шудан аз Рӯҳи Муқаддас ҳидоят кард. Ба воситаи ин усқуф ҷавон ба хизматгузории пурқувват ворид шуда, ба Подшоҳии Худо бисёр самара овард.

Ба зудӣ ба хотире ки Билл аз Рӯҳи Муқаддас таъмид ёфта, бахшоишҳои Ӯро қабул кардааст, ӯро аз калисо хориҷ карданд, ва ҳамаи чизҳои ӯро ба кӯча партофтанд. Усқуф Ренди бо аъзои гурӯҳи худ он ҷо омада, ин чизҳоро гирифта, барои Билл як ҳуҷраро иҷора карданд.

Дар натиҷа Билл усқуфи калисои бисёр хубе дар як шаҳри дигар

гашт. Ин калисо аз чизи хурде оғоз ёфта, дар натиҷа ба хотири бахшоиши Худованд зуд калон шуд. Баъд аз якчанд сол, онҳо як кинотеатрро харида, аз бинои иҷоравӣ ба толори таъмиршуда кӯч карданд. Вай усқуф Рендиро барои воз кардани бино ва бахшидани он ба хизматгузорӣ даъват кард, ба хотири он ки Ренди ба ҳаёти ӯ таъсири калон расонида буд. Онҳо вақти аҷоибе доштанд.

Калисо торафт рушд мекард, лекин Билл ба вобастагии алкоголӣ дучор шуд, ва ин ҳолат барои хизматгузорӣ монеа гашт. Вобастагии вай сахттар ва сахттар мешуд, ва дар натиҷа пирони калисо аз ин ҳолат бохабар шуданд.

Билл ҳар гоҳ ба Ренди занг зада мегуфт, ки фикр дорад, хизматгузориро тарк кунад, лекин сабаби онро намегуфт. Усқуф Ренди ҳар вақт Биллро дастгириву ташвиқ мекард, ва ин то он даме давом ёфт, ки боре яке аз пирони калисо ба вай занг зада, дар бораи вобастагии Билл нақл кард. Ренди зуд ба тайёра нишаста, ба шаҳри Билл парвоз кард, то ки ба ӯ кӯмак кунад. Афсӯс ки пирони калисо аз гуноҳи Билл хабар дошта, ба ҳар ҳол мехостанд, ки вай аз минбар хизмат кунад.

Ҳангоме ки Ренди суханони пирони калисоро шунид, вай гуфт: “Агар шумо ҳамин рӯзи якшанбе ба Билл иҷозат диҳед, ки мавъиза кунад, ман дар он ҷаласа иштирок карда, ба ҳама эълон мекунам, ки дар ин ҷо чӣ ҳолат рӯй додааст. Шумо умуман дар бораи оилаи вай фикр намекунед. Шумо танҳо дар фикри калисо ва худатон мебошед. Агар шумо ба истеъфои вай розӣ гардед, он гоҳ ман кӯмак мекунам, ки калисо аз ин зарба ба худ ояд”.

Дар ҳамон рӯз Ренди Билл ва оилаашро наҷот дод, вай хона дар наздикии калисо ба онҳо ёфт, то ки онҳо ба он ҷо бираванд, ва барои худи Билл кори хуб бо маоши баланд пайдо кард. Баъд аз мурури замон Билл боз ба хизматгузорӣ дар калисои усқуф Ренди барқарор гашт.

Баъдтар усқуф Ренди Биллро ёрдамчии худ таъин кард. Вай ёрдамчии усқуф гашта, боз бо рашк ба Худованд хизмат карданро шурӯъ кард. Дар айни замон дар маҷаллаҳои масеҳӣ дар бораи озодшавии аҷиби Билл мақолае баромад, ва рӯз аз рӯз вай ба хотири шаҳодати худ машҳур мегашт. Баъд аз якчанд вақт ба ӯ дар дигар хизматгузорӣ

коре пешниҳод карданд, ки дар он ҷо вай таълим дода метавонист, ва дар оянда хизматгузории худро ҳамчун воизи сафаркунанда дошта метавонист. Усқуф Ренди эҳсос мекард, ки Билл ҳоло ба ин гуна тағйиротҳо тайёр намебошад, ва ба вай маслиҳат дод, ки ин пешниҳодро рад кунад. Билл маслиҳати вайро ҳамчун назорат ва монеа барои ҳаёти худ қабул карда, ба гапи усқуф Ренди надаромада, он пешниҳодро қабул карда, рафт.

Бо мурури замон, ман Билл ва ду роҳбари дигарро вохӯрдам. Мо якҷоя барои хӯрдани таоми шом рафтем, Билл ҳангоми ғизо хӯрдан фақат аз усқуф Ренди шикоят мекард. Ӯ вайро ҳамчун усқуфи калисо танқид мекард, аз муносибати вай ба коргарон норозигӣ баён мекард ва мегуфт, ки Ренди бо иваз кардани ҷои кории вай норозӣ буд. Ман хуб дар ёд дорам, он зангӯлае, ки ба қалби ман садо медод. Ман фаҳмидам, ки вай хафа мебошад, ва маҳз ба ҳамин хотир дар бораи он одам, ки ин қадар хубӣ барояш кардааст, суханони бад мегӯяд.

Дар ин сӯҳбат ман бо ҳар саъю кӯшиш усқуф Рендиро муҳофизат мекардам, аммо мефаҳмидам, ки ин натиҷа нахоҳад дод. Инчунин медонистам, ки дар бораи Ренди ҳангоме ки вай ҳузур надорад ва тарафи худро иброз карда наметавонад, гап задан хуб нест. Барои ҳамин ман ин баҳсро хотима дода, ба хотири Билл расонидам, ки Ренди падари рӯҳонии вай буд, ва ҳатто агар ҳоло ӯ иштибоҳ мекунад (ва дар айни ҳол ман ба вай мефаҳмонидам, ки ин чунин нест), танқид ва беобрӯ кардани вай аз тарафи Билл низ нодуруст мебошад. Ман якчанд ҳодисае, ки аз рӯи Китоби Муқаддас мебошад, ки пештар дар ин китоб ҳам онҳоро зикр кардем, ба вай гуфтам, лекин Билл то охир усқуфи худро танқид мекард.

Баъд аз якчанд моҳ ба ман усқуф Ренди занг зад. Ман то ҳол овози ғамгинонаи вайро дар ёд дорам. Овози ӯ чунин буд, мисле ки ягон нафар фавт карда бошад. Билл китоберо нашр кард, ки як фасли онро ба чӣ тавр ба назорати роҳбарони калисо ҷавоб бояд дод, бахшидааст. Ренди гуфт: “Ҷон, ман аз ин китоб чор саҳифаашро ба ту хонданӣ ҳастам”. Вай дар бораи суханони баде, ки Билл дар бораи усқуф Ренди, роҳбарони он калисо навишта буд, барои ман хонд. Новобаста аз он ки номҳо дар он ҷо навишта нашуда буданд, барои ҳама маълум буд, ки

Билл танҳо дар калисои усқуф Ренди ёрдамчӣ буд. Аз рӯи китоби Билл маълум мегардид, ки усқуф Ренди як золими даҳшатнок ҳаст, ки тамоми аъзои калисоро назорат мекунад. (Дар ҳамин ҷо бояд қайд кард, ки дар тӯли даҳ соле, ки ман калисои усқуф Рендиро ташриф меовардам, аъзои роҳбарони ин калисо тағйир намеёфт, барои он ки ҳамаи ёрдамчиёнаш вайро дӯст медоштанд ва эҳтиром мекарданд.)

Ин чор саҳифаро барои ман хонда, Ренди гуфт: "Ҷон, шахсан ман ин зарбаро аз сар гузаронда метавонам, лекин ҳангоме ки аъзои калисо ин китобро бихонанд, ва бисёриҳо ин корро хоҳанд кард, ба хотире, ки вай дар ин калисо ёрдамчии усқуф буд, дилам ба онҳо месӯзад (ҳазорон нафар). Китоб барои онҳо заҳре хоҳад буд, ки баъд аз он барои онҳо мушкил мешавад, ки Каломи Худоро аз калисои мо қабул кунанд".

Шунидани чунин суханон ба ман ҳам дардовар буд. Ман ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам. Ренди Биллро аз шароите халос кард, ки бисёр кам нафарон барояш карда метавонистанд. Ӯ дар бораи вай ғам мехӯрд, вайро дар пой устувор гардонида, ӯро барқарор кард. Чаро Билл ин корро кард? Ман медонистам, ки вай тухмии беэҳтиромиро коштааст, ва ҳосили бадӣ мунтазири вай буд. Агар ӯ тавба накунад, ҳаёти вай барбод хоҳад рафт.

Баъд аз якчанд сол Билл боз усқуфи калисо шуд. Боз ба хотири он бахшоиши Худованд дар ӯ, калисо рушд мекард. (Ҳатто агар мо аз қалби Худо дур шавем ҳам, бахшоиши Ӯ кори худро карда, комёбӣ меорад.) Вале дарави вай дар пеш буд. Вай боз ба гуноҳи собиқа афтод. Дар ин дафъа ҳолат вазнинтар буд, ба хотири он ки як оилаи дигар низ зарба хӯрд. Натиҷааш ба калисо ва он маҳалли зисти вай низ паҳн гашт. Калисо маҷрӯҳ шуда, бисёр одамон ранҷида, афсурдахотир шуданд. Ҳоло Билл дар хизматгузории Худованд намебошад.

Агар вай роҳбари худро эҳтиром мекард, ман боварӣ дорам, ки он гоҳ ӯ ба хизматгузории худ ворид шуда, дар гуноҳ намеафтод. Ҷалолро барои озодӣ аз гуноҳ ва барқарор гаштани худ ба Худованд медод. Лекин вай роҳбари худро беобрӯй кард, ин фоҷиаро, ки ба ҳаёти худаш ва атрофонаш таъсир расонд, аз он фарор кардан мумкин буд. Ман умед дорам, ки бисёре аз шумо, ки ин ҳодисаро хондед, ба ҳаёти худ ин гуна фоҷиаҳоро роҳ намедиҳед.

Билл бахшоиши аҷоиб барои таълим додани Каломи Худо дошт. Ман ҳатто ба чизҳое, ки ба вай ошкор мешуд, шунида дар ҳайрат будам. Аз шахсоне, ки дар хизматгузории ӯ буданд, қудрати таълимоти вайро шунидаам. Чӣ қадар ғамовар аст. Агар Билл падари рӯҳонии худро эҳтиром мекард, ҳаёти вай тамоман дигар хел мешуд, ва таъсири ӯ ба дигарон низ дигаргун мебуд.

Ҳаворӣ Павлус навиштааст: “Зеро ки агар шумо ҳазорон носеҳон дар Масеҳ доред, лекин падарони бисёр надоред” (1 Қӯр. 4:15). Худованд мегӯяд, мо бояд дар хотир дошта бошем, агар мо падари худро эҳтиром накунем, зери лаънат мешавем. Албатта, ин на танҳо ба падари заминии мо, балки ба падари рӯҳонии мо низ вобаста аст. Шахсан ман боварӣ дорам, ки агар мо дар қалби худ муносибати ҳурмат ва эҳтиромро нисбат ба падар ва модари рӯҳонии худ парварида, дили худро аз хафагӣ ва ранҷ нигоҳ медоштем, бисёр ҳодисаҳои фоҷиавӣ рӯй намедоданд.

## Ду ва ё се шоҳид

Шахсе ки маро ба хизматгузорӣ роҳнамоӣ карда буд, худаш калисои бузурги ҳашт ҳазор нафарaро аз даст дод. Имрӯз он калисо вуҷуд надорад, ба хотири он ки усқуф зани худро талоқ дода, бо як духтари ҷавон издивоҷ кардааст. Вай ба тамоми ҷамъомад эълон кард, ки ҳамсари худро талоқ медиҳад, ва ҳар касе, ки инро хуш надорад, аз калисо биравад, ё ба дигар калисо гузарад. Ин зарбаи бисёр сахте буд. Фоҷиа дар он аст, ки бисёр шавҳарҳо ба мисоли вай пайравӣ карда, занҳои худро талоқ доданд. Бисёре аз хизматгузороне, ки мо якҷоя дар он калисо хизмат мекардем, ӯро танқид мекарданд. Ман низ дар аввал ҳамроҳи онҳо будам, ба хотире ки аз рафтори ин шахс ба хашм омада будам. Ҳурмате, ки дар тӯли солҳо дар қалби худ нисбати ӯ доштам, зуд-зуд аз байн мерафт. Панҷ сол пеш аз ин ҳодиса ман аз он калисо рафта будам. Ин усқуф ман ва Лизаро ба хизматгузорӣ дар дигар иёлот баракат дода буд, ва новобаста аз он ки ман дигар дар он калисо набудам, ба ҳар ҳол аз ин ҳодиса ман торафт бештар ба хашм меомадам.

Баъд дар тӯли ду ҳафта ман чор маротиба дар бораи усқуфи худ хоб дидам. Ман умуман хобҳои дидаамро дар ёд надорам. Лекин чор дафъа дар ду ҳафта умуман ба ман хос намебошад, ман ҳоло аз навиштани ин суханон худро нороҳат эҳсос мекунам, лекин баъди чорум маротиба дидани хоб ман фаҳмидам, ки Худованд чизе ба ман гуфтанӣ аст. Ман дуо карда, пурсидам: “Падар, Ту ба воситаи ин хобҳо ба ман чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?”

Дар айни замон дар дили худ садои ҷиддиро шунидам: “Вай хизматгори Ман аст, ӯро дигар маҳкум накун!”

Ман умуман ягон ҳаққе надоштам, ки усқуфи пештараи худро, ки ба ман ҳамчун падари рӯҳонӣ буд, танқид ва маҳкум кунам. Ҳангоме ки ман хатогии худро дарк кардам, ҳамон лаҳза ба вай нома навишта, узрхоҳӣ кардам.

Баъд аз якчанд ҳафтаи талоқи худ он шахс бо як духтари ҷавонӣ малламӯй издивоҷ кард, ва ба зудӣ калисо то чор ҳазор нафар кам шуд. Вай ҳаракат мекард, ки калисоро нигоҳ дорад, аммо вақт гузашта буд, ва ҳеҷ чиз карда намешуд. Агар усқуфи калисо ошкоро гуноҳ карда, тавба накунад, оё дуруст аст, ки аз он калисо биравӣ? Ҷавобаш возеҳ: “бале”. Павлус менависад:

> Ба шумо дар нома (пештара) навиштаам, ки бо зинокорон алоқа (на каму на зиёд) накунед. Лекин на умуман бо зинокорони ин ҷаҳон, ё бо ҳаромризқон, ё бо ғоратгарон, ё бо бутпарастон, зеро дар ин сурат ба шумо лозим меомад, ки аз ҷаҳон берун шавед. Балки ба шумо навиштам, ки бо касе алоқа накунед, ки худро бародар (дар Масеҳ) номида, зинокор, ё ҳаромризқ, ё бутпараст, ё бадзабон, ё бадмаст, ё ғоратгар шуда мондан мегирад; бо чунин одам якҷоя хӯрок ҳам нахӯред.
>
> - 1 Қӯринтиён 5:9-11

Павлус мегӯяд, ки бо “масеҳиёне”, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекунанд, алоқа надошта бошем. Дар ин ҳолат бо роҳбаре, ки зани худро талоқ дода, бо дигар зани ҷавон издивоҷ кардааст, ин гуноҳи бадахлоқона мебошад. Дар ин маврид Исо низ возеҳ мефармояд: “Аммо Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ зани худро, ба ҷуз сабаби зино, талоқ диҳад, ва дигареро

никоҳ кунад, зино карда бошад; ва ҳар кӣ зани талоқшударо гирад, зино карда бошад” (Мат. 19:9).

Инак, агар ба мо бо “масеҳие”, ки қасдан дар гуноҳ зиндагӣ мекунад, якҷоя хӯрок хӯрдан иҷозат дода нашуда бошад, пас возеҳ аст, ки набояд аз рӯҳи онҳо низ чизе қабул кунем: роҳбаре, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекунад, мо дар хизматгузории вай буда наметавонем. Агар вай тавба кунад, пас мо аз ӯ қабул карда метавонем.

Шумо аз ман пурсида метавонед: “Ҷон, оё бо чунин рафтор мо вайро маҳкум намекунем?” Ҷавоб он аст, ки мо самараи хизмати вайро маҳкум мекунем. Мо набояд ангезаи қалби инсонро, балки самараи вайро бояд доварӣ кунем. Павлус навиштааст: “Зеро ки чаро ман аз онҳое, ки дар берунанд, доварӣ кунам? Оё шумо ба онҳое, ки дар дохиланд, доварӣ намекунед?” (1 Қӯр. 5:12).

Ҳоло ҳар лаҳзаашро мушаххас накарда, ман гуфта метавонам, ки ман ангезаи қалби усқуфи худро доварӣ кардам, ва ба ҳамин хотир Худо маро дар хоб огоҳ кард. Ангезаи дилро танҳо Худо доварӣ карда метавонад. Павлус мегӯяд:

> “Бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз вақт, яъне то даме ки Худованд биёяд, ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ чизҳои дар торикӣ пинҳонро равшан ва ниятҳои дилҳоро ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби Худо таҳсин хоҳад ёфт”.
>
> - 1 Қӯринтиён 4:5

Маҳз барои ҳамин сабаб ман дар тағйироти ҳаёти усқуфи собиқаам умедвор ҳастам.

Дирӯз ман бо як нафар сӯҳбат доштам, ки ба вай мавъизаи як воиз дар конфронс умуман писанд наомад. Дӯсти ман маънои он мавъизаро мухтасар бо телефон гуфту баъд ба Каломи Худо рӯй оварда, хост, ки иштибоҳоти ин номаро бигӯяд. Ман бо ҳамаи далелҳои вай нисбат ба мавъиза розӣ шудам. (Дигар хизматгузороне низ буданд, ки бо ин мавъиза розӣ набуданд.) Лекин дӯсти ман дар телефон чунин суханонро гуфт: “Ман фикр мекунам, ки ин хизматгузор қасдан ин мавзӯъро интихоб кард, то ки ба пешрӯи ӯ дарвозаҳои калисоҳо ва конфронсҳои бузург воз шаванд”. Ман ҳамон лаҳза ӯро боздошта, гуфтам: “Ту ҳоло ангезаҳои

вайро доварӣ мекунӣ ва ин кор дуруст нест".

Ман ба дӯсти худ гуфтам, ки самараҳоро доварӣ кардан мумкин аст, на ин ки ангезаро, дар ин ҳолат самара мавъизаи он шахс мебошад. Танҳо Худо метавонад ангезаҳоро доварӣ кунад. Маҳз ангезаҳои усқуфи худро ман доварӣ мекардам, ва барои ҳамин ҳам Худо ба ман огоҳии ҷиддӣ дод. Баъд аз он ки усқуфи пештари ман дубора издивоҷ кард, он чорсад нафаре, ки дар зери роҳбарии вай монданд, ҳолати хуб надоштанд. Вафодории онҳо бо Каломи Худо ҳеҷ вобастагие надошт. Онҳо на дар муҳити Рӯҳи Муқаддас, балки дар муҳити тамоман дигари рӯҳ монданд. Новобаста аз он ки усқуфи ман дафъаи сеюм издивоҷ кард, ман то ҳол вайро эҳтиром мекунам. Агар ҳоло ӯ роҳбари ягон калисо мебуд, ман зери итоати вай намеистодам, аммо дар қалби худ то охири ҳаёт, ман нисбат ба он шахс ҳурмату эҳтиромро нигоҳ хоҳам дошт. Дар хотир доред, ҳатто ҳангоме ки Худо Шоулро доварӣ кард, дар он сурат ҳам Довуд вайро бо суруди муҳаббат ҳурмат карда, тамоми Яҳудоро маҷбур кард, ки ҳамроҳаш он сурудро бихонанд. Агар имрӯз усқуфи ман занг зада, ягон кӯмак бихоҳад, ман як лаҳза ҳам фикр накарда, ба вай бо ҳар чизе, ки аз дастам меояд, ёрдам мерасонам. Ӯ ба ман он қадар ҳақиқатҳоро аз Каломи Худо ошкор карда буд, ки ман то имрӯз аз онҳо баҳраманд ҳастам; ӯ ба ман бовар кард, ва ӯ ягона шахсе буд, ки ба ман имконият дод. Ҳангоме ки ман ҷавон будам ва бисёр хатогӣ мекардам, ӯ маро мебахшид ва рӯҳбаланд мекард. Ман ҳамеша вайро эҳтиром хоҳам кард. Ҳатто ҳамин ҳоло ҳам, ҳангоме ки ин саҳифаҳоро менависам, дардро эҳсос мекунам, ки ӯ ҳаёти худ ва ҳаёти дигаронро шикаст. Ҳадафи навиштан кӯмак кардан ба шахсоне, ки дар ҳамин гуна ҳолат афтоданд, мебошад. Умедворам, ки ӯ тавба мекунад, ва мисли пештара як роҳбари бузург мешавад. Каломи Худо мефармояд, ки умеди Худованд ҳама чизро аз сар мегузаронад, ва ҳеҷ вақт хотима намеёбад (1 Қӯр. 13:7).

Аз дигар тараф, танҳо овозаи онро, ки усқуф гуноҳ мекунад, шунида, ҳазорон нафар тайёр ҳастанд, ки аз калисо бигрезанд. Не, не, ва боз ҳам не! Набояд ки ин тавр бошад! Мо набояд ба овозаҳо гӯш диҳем! Чуноне ки навишта шудааст: "Шикоятро дар ҳаққи пире, бе он ки ду ё се шоҳид бошад, қабул накун" (1 Тим. 5:19).

Шоҳид ин он шахсе, ки далели раднашаванда дорад, ки дар доварӣ онро баён карда метавонад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он ду шахсе,

ки байни худ гуноҳ кардаанд, ё гурӯҳи шахсоне, ки овозаҳоро паҳн мекунанд, намеравад, балки дар бораи ду ё се нафаре, ки аз якдигар новобаста далели худро доранд, гуфта шудааст. Барои чӣ Павлус дар бораи ин менависад? Барои он ки моро муҳофизат кунад.

Танҳо дар бораи ин фикр кунед. Агар мо ба овозаҳо нисбати роҳбарони худ гӯш диҳем, он гоҳ дарвозаро барои дурӯғ, шак ва ҳаргуна ифлосӣ воз мекунем. Беэҳтиромӣ ба осонӣ ба дили мо ҷой хоҳад гирифт. Агар мо пешвои худро эҳтиром накунем, он гоҳ сазовори он мукофот намешавем, ки Худо ба воситаи ин роҳбар ба мо доданӣ аст. Ана барои ҳамин ба бисёр имондорон дар Ғарб мушкил аст, ки аз ҷониби Худо чизеро қабул кунанд. Дар замони мо дар калисоҳо бисёр ҷанҷолҳо мавҷуд ҳастанд, ки онҳо дар қалби одамон бисёр тухмии шакку шубҳаро мекоранд. Бисёр масеҳиён дар калисоҳо дар имони худ заиф мешаванд, афсурдахотир ва танқидчӣ мешаванд; ва чунин муносибат умуман шараф ва эҳтиромро тавлид намекунад. Ин нақшаи душман аст, ки моро аз баракати осмонӣ дур нигоҳ дорад, то ки мо аз ҷониби роҳбарони худ ҳеҷ чиз қабул карда натавонем.

Ҳанно аз ҷониби Элӣ баракат ёфт, ҳатто дар натиҷа барои хасисӣ ва нафси сернашавандаи худ барои Элӣ ва хонадони вай доварӣ аз ҷониби Худованд омад. Ҳатто ҳангоме ки вай ин занро ба бадмастӣ айбдор кард, Ҳанно қалби худро аз танқид кардан нигоҳ дошта, аз ӯ қасд намегирифт. Бисёре аз имондорони имрӯза ба афтодани хизматгузорон аксуламал нишон медиҳанд, ва баъзе роҳбарони калисоҳои ғарбӣ дар асл зери ҳамлаи сахт дучор мешаванд.

Дар тӯли солҳои хизмати худ ман бисёр суханони бадро нисбати роҳбарони калисо шунидаам, лекин шахсан барои худ ман қарор қабул кардам, ки ҳамеша аз рӯи каломе, ки дар номаи аввали Тимотиюс, ки дар боло онро зикр кардам, амал хоҳам кард. Агар маълумоти манфӣ аз тарафи як нафар ва беасос бошад ва онро дигарон тасдиқ накунанд, ман онро ба таври автоматикӣ рад карда, ба он бовар намекунам. Агар ман ба ин суханҳо танҳо ба як лаҳза ҳам бовар кунам, он гоҳ роҳи баракати осмониро барои ҳаёти худ мебандам. Ҳар як пешво дар худ мукофоти осмониро дорад. Шахсан ман он чиро, ки Худо барои ман дорад, аз даст додан намехоҳам, ва фикр мекунам, шумо ҳам инро барои худ намехоҳед.

## Дигар тараф

Ба дигар тарафи ин мавзӯъ назар карда, ман бисёр аъзои калисоро, ки роҳбарони худро эҳтиром мекарданд ва муҳаббат карда, аз тамоми қалб вафодор буданд, дӯст доштам. Баъзе аз онҳо дар идораи калисоҳо кор мекунанд, баъзе ёрдамчии роҳбарон шуданд, бисёриҳо танҳо аъзои калисо, ё ба ягон хизматгузорӣ кӯмак мекунанд.

Чӣ хел хуш аст дидани он, ки Худо онҳоро бештару бештар боло мебардорад. Баъзан чунин одамон боло рафта, вазифаи хубтар мегиранд. Баъзан ин бисёр номаълум рӯй медиҳад, лекин дар тӯли даҳ сол, бист сол ва бисту панҷ сол ба ҳаёти онҳо нигоҳ карда, рушди доимиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ман дар хотир дорам, ки бисёр имондорон аз усқуфи мо хафа шуданд, аз он ҳодисае, ки ман ба шумо нақл кардам, онҳо муносибате нисбат ба он шахс пайдо карданд, ки бо шараф ҳеҷ умумияте надорад. Онҳо танқидчӣ шуда, ва бисёриҳо дар ҳаёти худ фоҷиа аз сар гузарониданд, баъзеҳо бо ҳамсарашон талоқ шуданд, дигарон аз дасти фарзандони худ дар тангӣ буданд, ва баъзеҳо ба ҳолати сахти молиявӣ дучор шуданд. Шахсоне буданд, ки калисоҳои худро кушоданд, лекин дар тӯли солҳо ва заҳматҳои бисёр калисои онҳо аз сад ё дусад нафар бештар нашуд.

Ман як ҳодисаи даҳшатнокро, ки бо як зан рӯй дод, дар ёд дорам, вай ҳамроҳи ман дар телевизион кор мекард, ва суханони бадеро нисбат ба усқуф (ки тамоми калисоро аз даст дода буд) гуфт. Вай саломатии бардавоме дошт, ва ногаҳон дар тӯли ду моҳ аз васеъшавии рагҳои майнаи сар фавт кард. Ҳодисаи тасодуфӣ? Фикр намекунам. Павлус мегӯяд, ки бисёр имондорон дар бораи бадани Масеҳ мулоҳиза намекунанд, ва ба ҳамин хотир “бисёриҳо мариз, нотавон ва баъзеҳо (пеш аз мӯҳлат) мемиранд” (1 Қӯр. 11:30). Павлус ин суханонро дар мавриди Таоми шоми Худованд навиштааст. Аммо ин ҳақиқат ба тамоми соҳаҳои ҳаёти масеҳиёт вобастааст. Дар бораи бадани Масеҳ мулоҳиза кардан, танҳо аз нӯшидани шарбати ангур ва шикастани нон бештар мебошад.

Аз дигар тараф, ман бисёр мардон ва занонро мешиносам, ки аз дасти усқуфи пештараи ман озор ёфтаанд, лекин, ба он нигоҳ накарда, мисли

Довуд ин шахсон дар қалби худ муҳаббат ва шарафро нисбат ба он шахс нигоҳ доштанд, ва имрӯз дар ҳаёти онҳо ҳама чиз хуб аст! Ман шоҳиди комёбии онҳо дар хизматгузорӣ, тиҷорат ва оилаашон будам. Оилаи онҳо мустаҳкам ва устувор монда, фарзандони онҳо пайравони Исо гашта, Худовандро аз тамоми қалб дӯст медоранд. Ба хотире ки дар дили онҳо эҳтироми аслӣ ва самимият ҷой гирифтааст, онҳо ҳаёти пурбаракат доранд. Онҳо қалби худро муҳофизат карда, забони худро зери назорат нигоҳ медоштанд. Онҳо ба дили Худованд писанд омаданд.

Барои чӣ ба ҳар яки мо чунин ҳаёте, ки Худованд мехоҳад, орзу накунем? Ё бояд танқидкунанда ва ғайбатгӯй бошем? Кадом самараро мо ба вуҷуд меоварем? Ба ояндаи дур назар карда, ман мехоҳам, ки новобаста аз рафтори роҳбаронам нисбат ба ман, ман ҳатто як қатра ҳам танқид ва бадзабониро нисбат ба онҳо дар зиндагиам ҷой надиҳам. Фақат ба ин кор ҳеҷ зарурат нест. Аз ҳама сабаби муҳим, ки чаро ман як қатра танқидро дар қалби худ ҷой намедиҳам, дар он аст, ки ҳамаи шахсоне, ки дар Китоби Муқаддас роҳбарони худро эҳтиром мекарданд, ба Худованд писанд меомаданд. Наздик будан ба қалби Худованд барои ман мукофоти бузурге мебошад. Аз ин чизи беҳтаре дар зиндагӣ вуҷуд надорад.

# MessengerX

***Барномаи шумо барои шогирдсозии ҳаррӯза***




## Комилан ройгон!

Ба дастгоҳи мобилии худ зеркашӣ карда, ба истифода бурдан шурӯъ кунед!
Ё аз веб-версия дар сайти зер истифода баред:

**MessengerX.com**

**115+ забонҳо, ва ҳанӯз бо ин маҳдуд намешавад**

- Маводҳоро дар зиёда аз 115 забонҳо тамошо ва зеркашӣ кунед.
- Маводҳоро бо дӯстон мубодила кунед ё гурӯҳи таълимӣ шурӯъ намоед.
- Маводҳои нав пайваста илова карда мешаванд.

## Тамошо кунед. Хонед. Шунавед.

Китобхонаи васеи манбаъҳоро, ки аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ, филмҳои кӯтоҳметраж иборат мебошад, ба ғайр аз он чизҳое, ки тамошо карда, хонда ва шунида метавонед, омӯзед.



## Рушд дар самтҳои муҳимтарин

Мавзӯъҳоеро аз қабили оила, муносибатҳои солим, ҳадафи шумо дар зиндагӣ, озодӣ аз порнография, мустаҳкам кардани имони шумо, шунидани овози Худо, роҳбарӣ дар соҳибкорӣ ва чизҳои дигарро биомӯзед!

## Роҳ ба сӯи рушди шумо

**MessengerX** мақсад дорад, ки ба шумо барои гузоштани қадами оянда кӯмак кунад. Мо роҳҳои шогирдсозӣ ва асбобҳои тавоноеро таҳия кардаем, ки ба шумо барои равона шудан дар ин роҳ кӯмак мекунанд.




## Функсияҳои аҷоибе, ки ба шумо писанд хоҳанд омад!

- Воситаҳои содда ва осоне, ки барои мубодила ва ҳатто шурӯъ кардани гурӯҳҳои таълимӣ ба шумо ёрӣ медиҳанд.
- Chromecast и AirPlay барои тамошо дар телевизорҳои интелектуалии шумо.
- Пешрафти худро дар тамоми дастгоҳҳои худ захира кунед. Маводҳои писандидаатонро барои зуд дастрас кардан дар китобхонаатон захира кунед.
- Маводҳоро барои бо тариқи офлайн дидан зеркашӣ кунед.
- Ҷустуҷӯи интелектуалӣ ва филтр барои ёфтани маҳз он чизе, ки ҷустуҷӯ мекунед.
- Ба таври автоматикӣ бобҳои мураттаби аудиокитобҳо, аудиои Китоби Муқаддас ва ҳатто сурудҳои парастиширо дар забони худатон бишнавед!

# MessengerX - Осон ҳамчун 1-2-3!




1 Барномаи **MessengerX**-ро аз Apple Store иGoogle Play зеркашӣ кунед

2 Аккаунт тартиб диҳед ва барномаеро, ки бо забони шумост, истифода баред

3 Манбаъҳои ба шумо писандро тамошо кунед, хонед, бинед, шунавед ва зеркашӣ кунед ва онҳоро бо дигарон мубодила кунед

## Шогирд шавед, шогирдсозӣ кунед

Шумо, ҳамчун ҳамкори **MessengerX** , ба мо дар расонидани маъхазҳои тарҷумашуда ба одамони тамоми ҷаҳон кӯмак хоҳед кард.

***Зеро ҳама сазовори донистан ҳастанд!***

MessengerX.com

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

</> Available on all browsers

# Боби 11

# Эҳтироми дучанд

> Пироне ки нағз сардорӣ мекунанд, эҳтироми дучандро сазоворанд, алалхусус онҳое ки дар ваъз ва таълим меҳнат мекунанд. Зеро ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст: “Вақте ки барзагов хирман мекӯбад, даҳонашро набанд”; ва боз: “Меҳнаткаш музди худро сазовор аст”.
>
> - 1 Тимотиюс 5:17-18

Ин ягона ҷои Китоби Муқаддас, ки дар бораи мукофоти дучанд гуфта шудааст. Ин ҷой моро таълим медиҳад, ки мо хизматгорони Инҷилро аз дигарон ду маротиба бештар эҳтиром кунем.

Дар амал ин чӣ маъное дорад? Мо бояд роҳбарони рӯҳонии худро эҳтиром карда, ба онҳо танҳо “усқуф”, “оға”, “ҷаноб” ё “хонум” гуфта муроҷиат кунем. Истисно танҳо дар ҳолате вуҷуд дошта метавонад, ки агар худи онҳо хоҳиш кунанд, ки шумо дигар тавр ба онҳо муроҷиат кунед. Дар вақти сӯҳбат мо ба чашмони онҳо нигоҳ карда, то сухани онҳо ба поён нарасад, набояд ки аз назди онҳо биравем.

Ҳангоме ки роҳбар моро бо Каломи Худо таълим медиҳад, мо бояд бодиққат гӯш кунем. Фикрҳои парешон ва хаёлҳое, ки дар ҳаво парвоз мекунанд, ин нишонаи беҳурматӣ мебошад. Ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки шараф на танҳо дар рафтор ва гуфтор, балки дар фикрҳо низ аён мегардад. Павлус моро таълим дода, мегӯяд: “То вақти омаданам ба қироат, насиҳат, ва таълим машғул бош” (1 Тим. 4:13).

Дар вақти ҷаласа бо овози паст бо шахсе ки дар назди ту нишастааст,

сӯҳбат кардан, на танҳо беэҳтиромӣ ба воиз, балки ба худи Рӯҳи Муқаддас мебошад. Ҳар гуна муомилаҳои шахсӣ то ба охири ҷаласа сабр карда метавонанд. Инчунин паёмҳо, смс-и дӯстонамон, ҷавоб ба зангҳои телефонӣ, ё берун рафтан аз маҷлис низ то поёни расмии ҷамъомад мунтазир шуда метавонанд. Ба ҷамъомад дер мондан низ хуб намебошад. Агар ҳар субҳ мо ба корхонаи худ понздаҳ дақиқа дер мемондем, корфармои мо ба ин рафтори мо чӣ гуна аксуламал мекард? Мо ин гуна рафтор намекунем. Пас барои чӣ мо дар ҷаласаи калисо дар он вақте, ки аз тарафи роҳбари мо таъин шудааст, намеоем?

Фурсатҳоро биҷӯед, то ки ба роҳбари худ хизмат карда тавонед, ҳатто агар худи онҳо аз шумо хоҳиши кӯмак надошта бошанд. Инро пешакӣ ба назар гиред, вазифаҳои дарпешистодаро фаҳмида, онро ба дараҷаи олиаш анҷом диҳед. Ҳамаи корро барои онҳо ба шакли беҳтаринаш анҷом диҳед.

Агар назди шумо ягон вазифа гузошта шавад, онро тез ва хуб иҷро кунед. Ба вазифаи худ бо либос ва мошини поку тоза биравед, чунки шумо намояндаи пешвои худ мебошед. Ҳангоме ки маро дар фурудгоҳ бо мошинҳои ифлос ва бадбӯй пешвоз мегирифтанд, ман фикр мекардам, ки “Агар роҳбари ин хизматгузор хабардор мешуд, ки корманди вай меҳмонро бо кадом мошин пешвоз гирифтааст, вай чӣ кор мекард? Бо ин кораш вай на танҳо маро, балки усқуфи худро шарманда мекунад”.

Мо бо Лиза кормандони аҷоиберо дорем. Онҳо ҳамагӣ панҷоҳ нафарро ташкил медиҳанд. Ман ба муносибати онҳо нисбат ба мо дар тааҷҷуб ҳастам. Ҳамеша ба идора омада, ман болои мизи худ як стакон оби тозаро мебинам. Бисёр вақт ҳангоме ки ман бехабар будам, онҳо калиди мошини маро гирифта, бо бензин пур мекардаанд, нововбаста аз он ки дар он сӯзишворӣ буд. Онҳо ҳамеша мошини маро тоза нигоҳ медоранд. Ман ҷои махсуси истгоҳи мошинро надорам, лекин, ба ин нигоҳ накарда, кормандони ман ҳамеша як ҷойро дар назди дарвозаҳои умумӣ барои ман ва Лиза холӣ мегузоранд. Ҳангоме ки ман вориди утоқ ё толор мешавам, онҳо аз ҷои худ мехезанд, ва ба ман “ҷаноб” гуфта, муроҷиат мекунанд. Пеш аз он ки ба ман бо ягон масъала муроҷиат кунанд, онҳо аввал ин мавзӯъро хуб меомӯзанд.

Онҳо саволҳои маро пешбинӣ карда, пеш аз он ки ман чизе пурсам, онҳо ҷавобҳои мукаммал медиҳанд. Ҳар як хоҳиши ман ба зудӣ иҷро мешавад. Агар дар ҷараёни иҷрои кор ягон монеа ба вуҷуд ояд, онҳо онро то аз байн бурдан кӯшиш карда, вазифаи дарпешистодаро бомуваффақият ба охир мерасонанд. Фақат вазифаҳои ғайриимкон

иҷро намешаванд. Лекин то он даме ки ба ман хабар мерасад, онҳо ҳамаи вариантҳои ба ақл меомадаро месанҷанд. Онҳо ба вазифаи ман алтернативаи ҳалли онро пешниҳод мекунанд.

Эҳтироме, ки онҳо ба ман ба ҷо меоваранд, пурқувват ва боҳадаф мебошад. Ман ҳамеша дар хотир дорам, ки онҳо маро эҳтиром карда, дар аввал Исоро эҳтиром мекунанд. Дар қадами дуввум, ман имон дорам, ки онҳо соҳиби мукофот мегарданд. Сеюм, онҳо ба ман хизмат карда, мехоҳанд, ки ман ба чизҳои майда-чуйда диққати худро ҷалб карда, аз даъвати асосии худ дур нашавам. Чи қадаре ки ман ва Лиза диққати худро ба даъватамон ҷалб кунем, ҳамон қадар зиёдтар мо ба мардум хизмат карда метавонем. Ҳангоме ки мо эҳтиром карда, ба якдигар хизмат мекунем, дар Подшоҳии Худо ин роли муҳимро дорад (дар бораи эҳтиром кардани кормандони худ мо дар дигар боби ин китоб гуфта мегузарем), ва ҳар яки мо дар хизмат ба Худованд самараноктар мегардем.

Мо бо Лиза муштоқи шараф нестем. Роҳбаре, ки хоҳони шараф ва эҳтиром нисбат ба худ мебошад, табъи дили Худованд нест. Исо гуфтааст: “Хоҳони ҷалоли инсонӣ нестам” (Юҳ. 5:41). Ӯ танҳо толиби ҷалоле, ки аз ҷониби Падар буд. Ӯ бо таъкид ба роҳбарони дин гуфт: “Шумо чӣ тавр метавонед имон оваред, дар сурате ки ҷалол аз якдигар металабед, лекин ҷалолеро, ки аз Худои ягона аст, толиб нестед?” (Юҳ. 5:44). Ин роҳбарон толиби ҷалолу шарафи инсонӣ буданд, то ки ғурур, худпарастӣ ва дигар хислатҳои бади худро сер кунанд. Исо шарафро аз мардону занон танҳо ба хотири беҳбудии худи онҳо ва ҷалоли Падар қабул мекард.

Инчунин мо низ дар хотир дошта бошем, ки он иззату эҳтироме, ки барои мо дода мешаванд, ба Исо ва Падар тааллуқ доранду мо фақат барои он шахсоне, ки ин эҳтиромро ба ҷо меоваранд, хурсандӣ кунем. Мо пурра боварӣ дорем, ки шахсоне, ки моро эҳтиром мекунанд, дар ҷавобаш Падар онҳоро эҳтиром хоҳад кард. Онҳо мукофоти худро ба даст меоваранд. Чӣ қадар ман шуморо ба он боварӣ кардан мехостам, ки агар шумо он шахсе бошед, ки ҳамеша эҳтиромро нисбат ба худ хоҳон ҳастед, ин роҳ шуморо ба ҳаёти пурбаракат ва хуб оварда намерасонад.

## Маблағҳои дучанд

Ман бисёр ҳодисаҳоро дар бораи баракати махсус ба хотири эҳтироми хизматгузорони Инҷил навишта метавонам. Аммо ман то ҳол дар бораи он

нагуфтаам, ки Рӯҳи Муқаддас дар бораи ҳавворӣ Павлус дар номаи аввал ба Тимотиюс 5:17-18 барои мо чӣ гуфтание дорад. Хонданро идома дода, мо мебинем, ки ин оят бевосита бо пулҳо вобастагӣ дорад. Суханони худро Павлус чунин хотима медиҳад: “Меҳнаткаш сазовори музди худ мебошад”. Дар Тарҷумаи нави инглисӣ чунин омадааст: “Ходимони калисо, ки кори худро хуб анҷом медиҳанд, сазовори маоши хуб мебошанд”. Дар Тарҷумаи ҳозиразамони инглисӣ чунин омадааст: “Маоши ходимоне, ки кори худро хуб анҷом медиҳанд, бояд дучанд бошад”. Дар анҷом дар Тарҷумаи васеи инглисии Китоби Муқаддас мо мушоҳида мекунем: “Ходимоне, ки вазифаи худро олӣ анҷом медиҳанд, сазовори музди дукарата (аз маоши оддӣ) мебошанд”. Мо ин қонунро дар суханони Исо, ки ба шогирдон равона шуда буд, низ мебинем: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ фиристодаи Маро эҳтиром кунад, Маро эҳтиром кардааст, ва ҳар кӣ Маро эҳтиром кунад, Фиристандаи Маро эҳтиром кардааст” (Юҳ. 13:20, дар ин ҷо муаллифи китоб калимаи *қабулро* ба *эҳтиром* иваз кардааст). Ба калимаи “фиристодаи Ман” диққат кунед. Павлус низ дар бораи хизмати панҷгона менависад:

> Ӯ (Исои Масеҳ) баъзеро ҳавворӣ (фиристодашудагони махсус), баъзеро анбиё (воизони ташвиққкунанда, каломро маънидодкунанда), баъзеро башоратдиҳанда (воизони Хушхабар, миссионер), баъзеро шубон (чӯпони рамаи Худ) ва муаллим таъин кард.
>
> - Эфсӯсиён 4:11

Калимаи “таъин кард”, яъне маънои онро дорад, ки дар хизмати панҷгонӣ Худи Исо шахсан таъин мекунад. Ин ходимоне, ки дар бадани Масеҳ “дар ваъз ва таълим меҳнат мекунанд” (1 Тим. 5:17). Худо махсусан таъкид мекунад, ки онҳоро бояд “дучанд эҳтиром” кард. Дар тӯли бештар аз бист соли хизмати худ, ман ҳеҷ вақт истисноро аз ин қоида вонахӯрдаам. Лекин ба ҳар ҳол ман калисоҳоро дидам, ки ба усқуф ва ёрдамчии вай маоши ночизе медоданд. Дар ҳоле ки аъзои калисо мошинҳои нав, хонаҳои беҳтарин ва фарзандонашон ба мактабҳои қимат мерафтанд, роҳбарони калисо бошанд, савори мошинҳои кӯҳна буданд, ва дар хонаҳои иҷора ва ё дар шароитҳои бад истиқомат мекарданд. Аммо фоҷиа дар он аст, ки агар вазъияти молии аъзои калисоро дида бароем, ҳолати онҳо он қадар хуб ҳам нест, ва аксарият мушкилоти молӣ доранд. Тоҷирон

доимо ноком шуда, маблағҳои калонро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа ҳама дар қарзҳо ғарқ шуданд. Бисёр оилаҳо танҳо бо захираҳои худ зиндагӣ мекунанд. Ҳамин тавр намоён мешавад, ки ҳеҷ кас пули нақд барои кӯмак кардан ба бенавоён надорад. Оё ин натиҷаи беэътиноӣ ба амри Худованд нисбат ба маоши хуб доштани роҳбарони калисо буда наметавонад?

Ба ин мавзӯъ боз ҳам равшанӣ андохта, дигар тарафи онро дида мебароем. Ман калисоҳоеро низ ташриф овардам, ки ба усқуф ва ёрдамчиёни вай маоши хуб медоданд. Онҳо савори мошинҳои хуб буданд ва дар хонаҳои хуб зиндагӣ мекарданд, фарзандони онҳо мӯҳтоҷи ҳеҷ чиз набуданд ва ба рухсатӣ барои таътил ҳар ҷое, ки мехостанд, сафар карда метавонистанд ва ин рӯйхатро идома додан мумкин аст. Аъзои калисо доимо ба онҳо тӯҳфаҳои хуб мехариданд, барои онҳо хӯрокҳои махсус тайёр мекарданд ва дигар саховатмандиҳоро низ нисбат ба роҳбарони худ нишон медоданд. Умуман, агар оила дар калисо реша давонда бошад, он гоҳ ин оилаҳо ҳаёти хуб ва фаровон доштанд. Тоҷирон ҳамеша корҳои навро оғоз карда, аз он фоидаи хуб медоштанд. Онҳо ҳамеша барои кӯмак ба бевазанон, ятимон ва мӯҳтоҷони калисо омода мебошанд, барои он ки онҳо ҳама вақт маблағи изофагӣ барои ин корҳо доранд. Ин калисоҳо қодир ҳастанд ба корҳои миссионерӣ бештар маблағгузорӣ кунанд, нисбат ба он калисоҳое, ки ба усқуфи худ маоши хуб намедиҳанд. Ман ягон истисноро вонахӯрдам ва ҳайратовар нест, чунки ин бо принсипи шараф вобаста мебошад.

Дар бораи ин мулоҳиза кунед. Гурӯҳи аввали калисоҳое, ки ман дар бораи онҳо гуфтам, бо он фахр мекунанд, ки пули зиёди калисоро ба маоши усқуф ва кормандони вай масраф намекунанд. Онҳо фикр мекунанд, ки он гоҳ онҳо зиёдтар барои кори Подшоҳии Худо, миссия, кӯмак ба фақирон ва ғайраҳо дода метавонанд. Дар ҳолате ки ба амри Худо, ки мефармояд, меҳнаткаш сазовори музди дучанд аст, итоат намекунанд, айни замон онҳо ба фақирону бечорагон низ кӯмак карда наметавонанд, барои он ки тоҷирон дар калисо ҳолати молиявии хуб надоранд ва одатан дар ягон лоиҳаи калисо иштирок намекунанд. Барои чӣ мо дарк карда наметавонем, ки ҳикмати Худо моро ба роҳи комёбии аслӣ равона мекунад? Ҳангоме ки мо ба аҳкоми Худованд итоат накарда, боварӣ дорем, ки барои Худо бештар хизмат хоҳем кард, дар асл ин ғурур ва фурӯтании қалбакӣ мебошад. Бо ин аъмоли худ мо нишон медиҳем, ки аз Худо донотар ҳастем, ҳатто Каломи Ӯ мегӯяд, ки мо меҳнаткашро дучанд мукофот диҳем, лекин мо мегӯем, ки вай гуфтааст, мо ба фақирон кӯмак кунем.

Ман дарк мекунам, ки дар Амрико ба ин ҳақиқат бепарвоӣ кардаем, ва

ин фоизи ками хизматгузорон нест, ки доимо дар бораи пул ва чизҳои моддӣ фикр мекунанд, ва ин ҳолат маро ғамгин месозад. Ҳаёти ин хизматгузорон комёб нест, онҳо фикри худро на барои дастрас кардани гумроҳон ва ҷонҳои инсонӣ, балки барои чизҳои моддӣ ва ҳаёти бофароғат равона кардаанд. Ҳақиқатро дониста, онҳо ҳадафи асосиро гум карданд, ва дар роҳи муздуркорон истодаанд. Мавъизаҳои онҳо қудраташро аз даст дода, самара намеоваранд. Бубинед, ки Худо дар бораи чунин роҳбарон чӣ мегӯяд:

> Посбонони (роҳбарони) вай ҳамаашон кӯр ҳастанд ва нодон;
> ҳамаашон сагони гунг ҳастанд, ки наметавонанд ак-ак кунанд;
> хобида сафсата мегӯянд, пинак рафтанро дӯст медоранд. Ва инҳо
> сагони ҳарисанд, ки сериро намедонанд; ва онҳо чӯпононанд, ки
> наметавонанд фаҳм кунанд; ҳамаашон ба роҳи худ мераванд.
>
> - Ишаъё 56:10-11

Ба суханони “ҳамаашон ба роҳи худ мераванд” диққат кунед. Дар Тарҷумаи ҳозираи забони инглисӣ гуфта шудааст: “Шумо чӯпононе, ки бо рамаи худ бад рафтор карда, танҳо хоҳони ҳадафҳои шахсии хеш ҳастед”. Баъзе роҳбароне ҳастанд (хуш ҳастам, ки онҳо зиёд нестанд), ки занон, пулҳои калисо ва дигар чизҳои хизматгузориро барои манфиати шахсӣ истифода карданд. Онҳо ҳақиқат дар бораи эҳтиромро дигаргун кардаанд. Фикррониии онҳо аз сар ба по чаппа гашта, онҳо ҳамин тавр карданд, ки хизматгузории Худованд танҳо ба шахсияти онҳо кор мекунад. Онҳо аз ақидаи аввалини масеҳият, ки хизмат ба халқи Худо ва ин ҷаҳон мебошад, дур шуданд. Агар онҳо тавба накунанд, охираташон дар торикӣ мебошад.

Албатта, дар тӯли солҳои хизмати худ, ман бо сӯиистифодаи принсипҳои шараф дучор шудаам, ва мо инро ҳатто дар Китоби Муқаддас дида метавонем. Лекин аз худ бояд бипурсем, оё ин ҳолатҳо ба мо ҳақ медиҳанд, ки мо аз аҳкоми Худованд дар бораи мукофоти маблағии дучанд барои хизматгузорони вай дур шавем? Ин ду каноре ҳаст, ки ҳеҷ вақт бо онҳо мо худро дар назари Худованд сафед карда наметавонем.

## Ҳодисаи ҳайратовари чаппагардон

Дар солҳои аввали хизмати худ ман шоҳиди ҳодисаи ҳаётие шудам, ки хеле равшан нишон медиҳад, ки натиҷаи боздоштани баракати Худованд аз хизматгузори Ӯ ба чӣ оварда мерасонад.

Дар хотир дорам, ки ман ва Лиза як калисоро ташриф овардем, ки аз 120 нафар иборат буд. Ин калисо дар тӯли солҳо вуҷуд дошт, лекин шумораи аъзои он аз 35 то 120 нафарро ташкил медод. Он калисо ба сатҳи нави пурмаҳсул, барои дастрас кардани аҳолии он шаҳр, ки 250 000 нафарро ташкил медод, баромада наметавонист.

Мо мебоист ҳамроҳи онҳо чор рӯз мебудем. Усқуф хоҳиш кард, ки ин рӯзҳоро мо дар хонааш гузаронем, ба хотире ки моро дар меҳмонхона ҷой кардан, барои калисо бори гарон буд. Мо розӣ шудем, барои он ки то хизматгузории худро оғоз кунем, мо бо ин шахс дӯст шуда будем. Шоми рӯзи шанбе мо омада фаҳмидем, ки онҳо на дар ҳавлӣ, балки дар хонаи иҷора истиқомат мекунанд. Онҳо соҳиби як мошини кӯҳна ва якчанд амвол дар дохили хона буданд ва ҳамаи ин чизҳоро ба хизмати мо пешкаш карданд. Меҳмоннавозии зани усқуф бисёр ба дараҷаи олиаш буд, онҳо як ҷуфти меҳрубон ва дилсӯз буданд. Ман дар ҳайрат будам, ки зани ин усқуф коре дошт, ки ҳар вақт сафарҳои тӯлонии кориро талаб мекард. Дар тӯли як моҳ вай тақрибан 15-18 рӯз берун аз шаҳр буд.

Ҷаласаҳо дар он калисо хуб мегузашт, лекин, ба ҳар ҳол, дар муҳит фишоре эҳсос карда мешуд. Мо пурра ба ҳузури Худо, тадҳин ва қуввати Ӯ дохил шуда наметавонистем. Ҳамин тавр эҳсос мешуд, мисли он ки дар роҳ монеае бошад. Аммо аъзои калисо хушмуомила буданд, ва ҳамин тавр намоён мешуд, ки Худовандро аз сидқи дил дӯст медоранд. Ман намедонистам, ки чӣ бояд кард.

Дар рӯзи сеюми ҷамъомад ман вақти зиёдро дар дуо гузаронидам. Рӯҳи ман ором набуд, ва ман ҳалли ин мушкилиро пайдо карда наметавонистам, ва аз он ташвиш халосӣ ҳам надоштам. Дуо хонда, фикр мекардам, ки чаро калисо дар бораи усқуфи худ ва оилаи вай ғамхорӣ намекунад. Дар анҷом ман овози Исоро шунидам, ки ба ман муроҷиат карда, мегуфт: “Ту бояд ин мушкилиро ҳамин шом ҳаллу фасл бикунӣ”.

Аз Худо ҳалли ин мушкилиро пурсида, ман чунин ҷавобро барои бардоштани он монеаҳо гирифтам: таълим додани одамон дар бораи аҳамияти баракати молӣ додани усқуф. Ман заруратро ба ҷамъ кардани ҳадяи махсус шахсан барои усқуф эҳсос мекардам. Лекин то ҳол намедонистам, ки чӣ тавр дуруст ин корро анҷом диҳам.

Пеш аз ҷаласаи шом усқуф ба ман гуфт: “Ҷон, ман ба хизматгузории ту ҳадя ҷамъ намекунам. Ин корро худат бояд бикунӣ”.

Табассум карда, ман фаҳмидам, ки ҳоло имконият назди ман воз шуд.

Ба ҷои он ки ман барои хизматгузории худамон ҳадя ҷамъ кунам, ман тасмим доштам, ки имондоронро ба ҳадя кардан ба усқуф ва оилаи вай даъват кунам. Баъд аз он ки усқуф маро муаррифӣ кард ва ман ба саҳна мебаромадам, усқуф аз қафои ман бо овози паст гуфт: "Ҷон, аз хотир набарор, озодона худро эҳсос карда, ҳадя ҷамъ бикун".

Ман ҳамту табассум кардам. Ман медонистам, ки вақте ки вай суханони маро мешунавад, тааҷҷуб хоҳад кард. Дар минбар истода, ман аз калисо хоҳиш кардам, ки 1 Тим. 5:17-ро воз кунанд. Дар тӯли 45 дақиқа дар бораи аҳамияти баракати молӣ додани усқуфи худ таълим додам.

Ман бе ҳеҷ гуна муболиға гуфта метавонам, ки ин барои калисо дарси ҳаётан муҳим буд. Ман гуфтам: "Барои чӣ ҳамсари усқуфи шумо маҷбур шудааст берун аз калисо кор пайдо кунад, ки нисфи моҳ дар хонааш ҳузур надошта бошад? Шумо бояд дар бораи оилаи онҳо ғамхорӣ кунед, то ки зан дар хона, пеши шавҳари худ бошад".

Усқуф бисёр шарм дошта, рӯяш торафт сурх мешуд. Вай метарсид, ки одамон фикр мекунанд, ки ӯ маро хоҳиш кардааст, ки чунин суханонро бигӯям, ва дар натиҷа баъзе оилаҳо аз калисо хоҳанд рафт. (Гуфтанӣ ҳастам, ки ба калисо омада, ман он таълимотеро, ки роҳбари калисо бо он розӣ нест, таълим намедиҳам, дар ин ҳолат ман намедонистам, ки усқуф бо ман розӣ ҳаст ё не. Танҳо дар вақти мавъизаи худ дар рӯйи вай ташвишро дидам.)

Хушбахтона ман гуфта метавонам, ки он калисо суханонеро, ки Худованд ба дили ман гузошта буд, қабул кард. Дар охири ҷаласа ман чунин суханонро гуфтам: "Ин шом аз ман хоста буданд, ки барои хизматгузориамон ҳадя ҷамъ кунам. Аммо мо ин корро нахоҳем кард. Имрӯз мо барои усқуф ва оилаи вай ҳадя ҷамъ мекунем, ва вақте ки ҳадя мекунед, аз он андоз наситонед. Барои бахшоиши Худованд дар ҳаёти худ, ки усқуфатон мебошад, шукргузории худро нишон диҳед".

Мо ҳадя ҷамъ карда, ҷаласаи худро бо ин ба охир расонидем. Баъд бо мардум сӯҳбат карда истода, ман пайхас кардам, ки усқуф зуд ба сӯи идораи худ равон шуд. Ва инро дида, ман аз қафои вай рафтам. Вайро ёфта, ман дидам, ки рӯяш мисли пештара сурх набуд. Акнун рӯи вай мисли девор сафед буд. Чизе ба ман гувоҳӣ медод, ки хабаре, ки вай барои ман мегӯяд, хабари хуш аст. Табассум карда, ман аз ӯ пурсидам: "Чӣ қадар ҳадя ҷамъ шуд?"

Вай он ададро гуфт. Аз шунидани он, наздик буд, ки беҳуш шавам. Ин

ҳадя аз ҳадяи болотарине, ки рӯзҳои якшанбе ҷамъ мешуд, се маротиба зиёдтар буд. Албатта, ман мунтазир будам, ки ҳадяи хуб ҷамъ мешавад, лекин ин ададе, ки вай ба ман гуфт, ба калисо бо чунин теъдоди мардум беҳад зиёд буд.

Рӯзи душанбе ба ман занги телефонӣ омад. Ин ҳамон усқуф буд, ва вай бо овози пурҳаяҷон гуфт: "Ҷон, ман ба ту кассетаро бо сабти ҷаласаи рӯзи якшанбе мефиристам".

Ман мунтазири ягон аксуламали махсус набудам, барои ҳамин ҳам гуфтам: "Хуб аст, ман мавъизаи туро гӯш мекунам".

Дар ҷавоб вай гуфт: "Ҷон, ман мавъиза накардам. Дар давоми ду соат имондорони калисои мо ба саҳна баромада, дар бораи мӯъҷизаҳои пулие, ки дар ҳаёти онҳо, оилаҳои онҳо ва тиҷораташон рӯй дода буд, шаҳодат медоданд". Ман дар ҳайрат набудам, лекин тарси муқаддасе маро фаро гирифт. Ман медонистам, ки Худованд чизҳои аҷиберо хоҳад кард, лекин мунтазири ҷавоби ин қадар зуд набудам".

Аз байн чанд сол гузашт, ва ман боз ба ҳамон калисо ташриф овардам. Онҳо дигар ҷамъомадҳои худро дар толори мағоза намегузарониданд, балки толори мактабро таъмир карда, дар он ҷо ҷамъ мешуданд. Ин ҳам ҳамаи тағйиротҳо набуданд. Калисо ин бинои мактабро иҷора намегирифт, онҳо ин биноро харида буданд! Теъдоди аъзои калисо панҷ маротиба афзуда буд. Дар натиҷаи ғамхории хуби калисо дар бораи усқуф ва оилаи вай, ҳамсари усқуф аз кори пештарааш рафта буд, оилаҳо ва тоҷирон дар калисо нашъунамо меёфтанд.

## "Нагӯй, ки ин ба ман маъқул аст"

Ин ҳақиқат ҳеҷ гоҳ дигаргун намешавад. Эҳтироми роҳбарони рӯҳониамон ба ҳаёти мо нашъунамо меорад. Ман ба доктор Девид Йонги Чо, усқуфи калисои калонтарини ҷаҳон, ки дар шаҳри Сеули Кореяи ҷанубӣ ҷойгир аст, назар мекунам. Ӯ калисои худро чандин сол пеш дар давраи қаҳатӣ оғоз кардааст. Ба наздикӣ яке аз роҳбарони он калисо ба ман гуфт, ки ҳоло дар калисои онҳо зиёда аз панҷоҳ ҳазор нафар миллионерҳо ташриф доранд. Якчанд маротиба ман ҳамроҳи усқуф Чо ва дӯстони вай дар ресторан ғизо хӯрда ва баъд бо онҳо ба бозии голф рафта будам. Одатан дар сафарҳои худ ин шахс якчанд тоҷирон ва нафаронеро, ки онҳоро дастгирии молӣ мекунанд, ҳамроҳаш мегирад, ва

ин шахсон дар бораи вай ғамхорӣ мекунанд, ва ҳамаи чизҳои заруриро барояш мехаранд. Ман пайхас кардам, ки онҳо ҳеҷ вақт сари дастархон намешинанд, то он даме ки доктор Чо нашинад. Онҳо ин шахсро бисёр ҳурмат мекунанд. Оё ин сабаби он шуда метавонад, ки калисое, ки дар як маҳалли фақир оғоз ёфта буд, ҳоло чунин шахсони сарватмандро дорад?

Ман дӯсти наздике бо номи Эл Брайс дорам, вай усқуф дар ИМА ва аъзои шӯрои идоравии хизматгузории мо мебошад. Эл соли 1980 дар мусобиқаи голф иштирок кардааст, ва ӯ бозингари хуб ба шумор меравад. Йонги Чо ҳамроҳи дӯстон ва шарикони худ бозии голф мекунад ва ба ҳамин хотир Эл хуши вай омад.

Ва боре ҳангоме ки Йонги Чо бо дастаи худ дар сафари навбатӣ ба ИМА буд, онҳо мехостанд бо Эл вохӯрда, голф бозӣ кунанд. Яке аз ҳамсафарони Йонги Чо аз мошини иҷорагирифтааш берун омада, дар дасти худ клюшкаи бозии голф ва аҷноси даркориро дошта буд, ки онро якчанд лаҳза пештар аз мағозаи ИМА бо арзиши якчанд ҳазор доллар харида буд. Аз рӯи одоб Эл аҷноси бозии вайро таъриф кард. Ногаҳон ин шахс клюшкаи нави худро аз қуттиаш берун оварда, мехост бо клюшкаи кӯҳнаи Эл иваз кунад. Эл ташвиш кашида, аз вай пурсид: “Як лаҳза, бубахшед шумо чӣ мекунед?” “Ман туро эҳтиром мекунам ва мехоҳам, ки клюшкаи нави ман тӯҳфае барои ту бошад”, гуфт дар ҷавоб ин шахси кореягӣ. Дӯсти ман мехост вайро аз ин кор боздорад, аммо ин кӯшишҳои ӯ бенатиҷа буданд.

Якчанд моҳ баъдтар, Эл дар яке аз сафарҳои худ ба Корея, мехост, ки боз бо доктор Чо ва шарикони вай голф бозӣ кунад. Эл дар мағозаи махсуси барои голф буда як ҷуфт пойафзоли хуберо барои ин бозӣ дида, нидо кард: “Чӣ қадар пойафзоли зебост!”

Ҳамон лаҳза яке аз ёрдамчиёни доктор Чо ин пойафзолро гирифта, ба сӯи кассаи мағоза рафт. Эл эътироз карда, гуфт: “Не, не, ба ман пойафзол лозим нест, ман танҳо фикри худро гуфтам, ки ин пойафзол зебост”. Он мард гуфт: “Ҷаноб, ман шуморо эҳтиром мекунам ва мехоҳам, ки шумо чунин пойафзол дошта бошед”.

Ин воқеаро ба ман нақл карда, Эл хандакунон гуфт: “Ман фаҳмидам, ҳангоме ки ёрдамчиёни усқуф Чо назди ман мебошанд, ман набояд ки суханони “ин ба ман маъқул аст”-ро гӯям, дар акси ҳол онҳо зуд ба ман онро мехаранд”. Ин имондорон дар сатҳи болои шараф роҳ мераванд, ва ба ҳамин хотир баракат ёфтаанд.

## Ҳаёти пурбаракат

Ман дӯсти дигаре бо номи Ҷек ҳам доштам, ки ҳоло вай дар осмон бо Худованд мебошад. Вай бисёр ҳаёти комёб ва пурқувват дошт. Ҳаёт ва хизматгузории ӯ ба садҳо ҳазорон одамон таъсир расондааст.

Ҳангоме ки Ҷек ҷавон буд ва танҳо хизматгузории худро оғоз мекард, усқуфи вай дорои калисои калон буда, дар ИМА шахси мӯътабаре буд. Баъд аз якчанд соли хизмати худ ба усқуфаш, Ҷек барои оғози калисои нав дар дигар гӯшаи мамлакат фиристода шуда буд.

Ҳамагӣ дар тӯли якчанд сол аъзои калисои вай ба панҷ ҳазор нафар расид. Ман ҳар гоҳ ба калисои вай мавъиза мекардам, ва якҷоя мо вақти хубе доштем. Ман дар хотир дорам, ки ӯ мегуфт, ки чӣ қадар усқуфи худро дӯст медорад ва вайро ҳурмат мекунад. Ӯ мегуфт, ки ба усқуфи худ мисли ба падари рӯҳониаш муносибат мекунад. Баъд ӯ чунин суханонро гуфт: “Ҷон, ҳар дафъае, ки ман усқуфи худро вомехӯрам, ман ба вай чеки бонкӣ ба ҳазор доллар медиҳам”. Ман ба сатҳи эҳтироми вай қоил будам. Суханони ӯ маро ба фикре андохтанд, ки чаро вай ин ҳаёти пурбаракатро дошт. Аъзои калисояш беандоза ӯро дӯст медоштанд. Маросими дафни Ҷек чор соат идома ёфта, толори калисо пур аз мардум буд. Тақрибан панҷ ҳазор нафар иштирок доштанд, ва на танҳо аъзои калисо, балки кормандони ҳукумати шаҳр ва аҳолии шаҳр низ ҷамъ омада буданд. Дар ҷамъият бисёриҳо ӯро эҳтиром мекарданд.

Ҷекро аъзои калисояш низ бисёр ҳурмат мекарданд. Онҳо бисёр мехостанд, ки ба Ҷек маош таъин кунанд, лекин, аз сабаби сармоягузории боҳикматонаи худ, Ҷек ба маоши калисо зарурат надошт. Баръакс, ӯ аз фоидаи худ ба калисо медод. Ман бисёр кам одамонеро вохӯрдаам, ки мисли вай чунин ҳаёти пурбаракат дошта бошанд. Зану фарзандонаш вайро сахт дӯст медоштанд. Ӯ дар хонаи хубе зиндагӣ карда, соҳиби дӯстони зиёде буд. Ҷек падари рӯҳонии худро аз тарафи молиявӣ баракат медод, ва ин сабаби ҳаёти пурбаракат дар соҳаҳои бисёри зиндагиаш гашт.

## Дар ҷамъомадҳои мо

Эй маҳбуб! Дар ҳар коре ки барои бародарон, ҳатто барои ғарибон мекунӣ, рафтори ту амин аст. Онҳо ба ҳузури калисо дар бораи муҳаббати ту шаҳодат додаанд; ва ту рафтори хубе

> мекунӣ, агар онҳоро гусел намоӣ, чунон ки ба ҳузури Худо шоиста аст, зеро ки онҳо ба хотири исми Ӯ сафар кардаанд, дар ҳолате ки аз халқҳо кӯмак нагирифтаанд. Пас мо бояд чунин касонро дастгирӣ намоем, то ки дар кори ростӣ шарик шавем.
>
> - 3 Юҳанно 5-8

Дар калисоҳои тамоми ҷаҳон сафар намуда ва дар онҳо мавъиза карда, ман фарқияти калонро байни калисоҳое, ки бо мо бисёр меҳмоннавоз буданд ва калисоҳое, ки ба мо ба мисли як шахси оддӣ рафтор мекарданд, мушоҳида кардам.

Дар баъзе ҷойҳо ман дар тааҷҷуб мемондам, ки барои чӣ онҳо маро даъват карданд. Моро ба меҳмонхонаҳои вазъияташ хароб, ки дар он ҷой ҳатто чизҳои зарурӣ мисли об ҳам набуд, ҷойгир мекарданд. Дар утоқи усқуф маро на бо муносибати гарм ва миннатдорӣ пазироӣ мекарданд, балки, баръакс, бо чунин муносибат: “Ана ин чизҳоро ман аз ту мунтазир ҳастам”, пешвоз мегирифтанд. Баъзеи онҳо бо чунин муносибат: “Мо дар ин ҷо корҳои муҳимро анҷом медиҳем ва ту бояд фахр кунӣ, ки ин ҷо мавъиза мекунӣ”, рафтор мекарданд.

Ҳангоме ки маро дар ин ҷойҳо муаррифӣ мекарданд, аъзои калисо ба ман ҳамчун бепарвоёна назар мекарданд. Ман ҳатто фикри онҳоро шунида метавонистам: “То ҳол мо бисёр чизҳоро шунидаем, ту ба мо чӣ чизи махсусе хоҳӣ гуфт?”. Мавъиза кардан ба чунин нафарон ба ман мисли озмоише мебошад.

Баъд аз чунин мавъизаҳо ман худро мисли лимӯи фишурдашуда эҳсос мекунам. Дар чунин ҷаласаҳо, ба ҷои он ки қалбҳои ташнаро дастрас кунӣ, ҳамеша бояд ки ба монеаҳо муқобилат нишон диҳӣ. Баъд аз он усқуф ба ман як чеки бонкиро месупорад, ки он қадар пули ночизе дорад, ки ба он барои калисояш ба як ҳафта ҳам кифоят намекунад. Ман бисёр хуш ҳастам, ки чунин ҳолатҳо бисёр вонамехӯранд.

Дар хотир дорам, ки маро бо ҳамроҳи як хизматгузори дигар дар як конфронс даъват карда буданд, ки мебоист ҳардуямон як ҳафта он ҷо мавъиза мекардем. Усқуф ба мо гуфт, ки дар тӯли тамоми ҷаласаҳо бештар аз дусаду панҷоҳ ҳазор доллар ҷамъ шудааст. Ман ба хурсандии онҳо шарик будам. Аммо пеш аз рафтан ба ман чек ба шашсад доллар доданд. Ин миқдори пулро ҳатто чойпулӣ гуфтан ҳам мушкил буд, даҳ фоизи ҳадя бисту панҷ ҳазор долларро ташкил медод. Ин адад ба 0.2% баробар буд.

Лекин ман як дарси соддаро аз худ кардам - Худованд ба ҳар ҳол

ғамхори хизматгузории мо мебошад ва мӯҳтоҷиҳои мо аз дигар тараф пур карда мешаванд. Ҳар дафъае, ки калисоҳо ба мо чунин “чойпулиҳо”-ро медоданд (дигар калимаро истифода карда наметавонам, ҳатто чойпулиҳои одатӣ низ фоизаш аз ин зиёд мебошад), дар он ҳафтаҳо мо ба тариқи почта ё ба воситаи дигар калисое, ки мо дар он мавъиза карда будем, ҳадяи калонеро мегирифтем. Ин ҳолат ба ман маъқул мебошад, чунки ба ин восита Худованд мегӯяд: “Ман аз шароити шумо бохабар ҳастам”. Ман вафодории Худоро барои таъминоти мо медонам, ва ягон рӯз ҳам дар бораи ин ташвиш накашидаам. Дили ман ба он шахсоне, ки ба мо маблағи ночиз доданд, месӯзад, барои он ки онҳо шахсонеро, ки Исои Масеҳ ба наздашон фиристода буд, эҳтиром накарда, мукофоти худро аз даст доданд.

Аз дигар тараф, ман дар ҷаласаҳое иштирок кардаам, ки маро аз лаҳзаи аввалин, ки дар фурудгоҳ пешвоз гирифтанд ва то дами охирин, ки маро гусел карданд, онҳо меҳрубон ва меҳмоннавоз буданд.

Дар утоқи меҳмонхона маро як сабади пур аз мева, нӯшоба ва хӯрданиҳое, ки ба як ҳафта ҳам барои ман кифоят мекарданд, мунтазир буданд. Онҳо ҳатто аз кормандони ман мепурсиданд, ки чӣ гуна хӯрданиҳоро ман хуш дорам. Ҳатто чунин мешуд, ки дар утоқам маро тӯҳфае: шамъ, қалами зебо, либос ё атри хушбуй интизор буд. Маро дар меҳмонхонаи беҳтарини шаҳр, ки дар сафар худро ҳамчун дар хона эҳсос мекардам, ҷойгир мекарданд. Онҳо на танҳо бо ман, балки бо ҳамсафаронам низ чунин рафтор мекарданд.

Дар чунин калисоҳо ҳангоме ки ман рӯи саҳна мебароям, ширкаткунандагон аз ҷои худ бархоста, маро бо кафкӯбиҳо пешвоз мегиранд. Онҳо аз Худо шукргузорӣ мекунанд, ки Ӯ шахси Худро барои онҳо фиристодааст, ва барои шунидани Каломи Худо омода мебошанд. Дар вақти ҷаласаҳо ҳеҷ кас аз ҷояш намехезад, барои он ки онҳо намехоҳанд, чизеро аз даст диҳанд. Бо рафтори худ онҳо ҳузури Худоро дар он ҷой қадр мекунанд, ва баъди ҷамъомад бошад, ба тарафи китобхона шитоб карда, “хӯшаҳои боқимондаро”, ки китоб ва дигар маводҳои хизматгузории мо мебошад, ҷамъ мекунанд.

Чунин калисоҳо дар тӯли моҳҳо ва ҳатто солҳо бо ман ва кормандонам равобитро нигоҳ дошта, чунин номаҳо мефиристанд: “Баъд аз ташриф овардани шумо, мо умуман ба як сатҳи нав баромадем”, “Кормандон ва аъзои калисои мо пурра тағйир ёфтанд”. Баъзан ман дар дили худ ханда карда, фикр мекунам, ки як ҳафта пеш аз ин мо дар дигар калисо будем, ки моро мисли як шахсони оддӣ қабул карданд. Ман айни ҳамон паёмро

мавъиза кардам, ва бо айни ҳамон ҳадаф он калисоро низ ташриф оварда будам, аммо натиҷааш бисёр кам буд, ва баъд аз рафтани мо ҳам ҳеҷ суханони сипосгузорӣ наомад.

Исо гуфтааст: “Касе ки шуморо қабул мекунад, Маро қабул кардааст, ва касе ки Маро қабул мекунад, Фиристодаи Маро қабул кардааст”. Агар Исо усқуфи калисои шумо бошад, ё агар Вай ягон рӯзи якшанбе ба калисои шумо ташриф меовард, шумо Вайро чӣ тавр мепазируфтед?

Далел он аст, ки ҳамон тавре ки мо фиристодагони Ӯро мепазирем, ҳамон тавр мо Ӯро пазируфтаем. Ҳамон тавре ки Ӯро пазируфтем, Падари Ӯро пазируфтаем.

## Худовандро эҳтиром кунед

Боз як маротиба ба принсипи шараф назар мекунем: “Зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд” (1 Под. 2:30).

Ин ҷои Навиштаҷотро мо бояд ки дар қалбҳои худ навишта кунем. Худо шахсонеро, ки Ӯро эҳтиром мекунанд, эҳтиром хоҳад кард. Бо садои баланд бигӯед: “Агар ман Худовандро ҳурмат кунам, Ӯ маро ҳурмат хоҳад кард”. Ин суханонро борҳои зиёд такрор кунед, то он даме ки онҳо дар қалби шумо ҷой бигиранд. Эҳтиром кардани Худо, ин яъне эҳтироми Ӯро ба худ ҷалб кардан аст. Чӣ қадар ҳақиқати аҷоиб! Биёед омӯзиши ин мавзӯъро давом медиҳем.

> “Аз дороии худ ва аз гузини тамоми ҳосилоти худ Худовандро ҷалол деҳ (дар тарҷумаи инглисӣ “эҳтиром кун”)”.
>
> - Масалҳо 3:9

Каломи Худо таълим медиҳад, ки мо аз дороии худ Худовандро ҳурмат кунем. Дар Тарҷумаи васеи инглисӣ чунин омадааст: “Худовандро аз сармоя ва дорои худ (меҳнати ҳалол) ва аз фоидаҳои аввалини худ ҳурмат кун”. Дар Тарҷумаи инглисии ҳозиразамон чунин омадааст: “Худовандро бо ҳадя кардани пулҳои худ ҳурмат кун”. Ҳадияи пулӣ, ин як намуди эҳтироми Худованд мебошад. Савол он аст, ки чӣ тавр мо пулҳои худро ба вай дода метавонем? Худованд ин пулҳои моро истифода карда наметавонад-ку. Ҷавобаш осон аст, мо бояд пулҳои худро ба шахсе, ки Вай фиристодааст, бидиҳем.

Агар шумо мавзӯи ҳадя ва даҳякро дар Китоби Муқаддас бодиққат

биомӯзед, он гоҳ се сабаберо меёбед, ки ба хотири чӣ даҳяк ва ҳадя меоварданд. Дар аввал, барои қонеъ гардонидани мӯҳтоҷиҳои хизматгузорони Худо, чи тавре ки дар боло гуфта гузаштем, онҳо сазовори маоши дучанд мебошанд. Дуюмин, барои қонеъ гардонидани хизматгузорон дар мӯҳтоҷиҳои хизмати онҳо. Сеюмин, шарик шудан ба хизматгузорон дар кӯмаки онҳо ба бевазанон, ятимон ва камбағалон. Роҷеъ ба ҳар як аз ин нуқтаҳои зикршуда, ман мехостам якчанд оятҳоро ба шумо пешкаш кунам. Ояти аввалро мо аз суханони Павлус, ки ба қӯринтиён муроҷиат кардааст, мебинем: "Модоме ки мо дар миёни шумо чизҳои рӯҳониро коштаем, оё ин кори бузург аст, ки агар назди шумо чизҳои ҷисмониро дарав кунем?... ҳамчунин Худованд фармудааст, ки воизони Инҷил аз башорат додани Инҷил зиндагӣ кунанд" (1 Қӯр. 9:11,14).

Дар тарҷумаи дигар ин оят чунин омадааст: "Худованд фармудааст, нафароне, ки Хушхабарро мерасонанд, аз ҷиҳати молӣ аз тарафи нафароне, ки аз ин баҳра мебаранд, бояд дастгирӣ шаванд". Айни ҳамин принсипро мо дар Аҳди Қадим низ мушоҳида карда метавонем. Ҳаққи коҳинон ва левизодагон он буд, ки аз ҳисоби даҳяки халқ зиндагӣ кунанд. Онҳо мисли дигар сибтҳои Исроил соҳиби замини шахсӣ набуданд.

Дуюмин сабаб тасдиқи худро дар номаи Павлус ба филиппиён пайдо мекунад:

> Ва шумо, эй филиппиён, медонед, ки дар ибтидои башорат, вақте ки аз Мақдуния баромадам, ҳеҷ як калисо дар кори додану гирифтан бо ман шарикӣ накард, ба ғайр аз шумо. Ҳатто ба Таслӯникӣ шумо як-ду карат барои эҳтиёҷоти ман фиристодед... Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти Эпафрӯдитус гирифтам.
>
> - Филиппиён 4:15-16,18

Чи тавре ки шумо мушоҳида карда метавонед, дастгирии молии онҳо барои Павлус кӯмак мекард, ки даъвати худро иҷро намояд. Осон карда гӯем, барои ҳар гуна хизматгузорӣ пул зарур аст. Аз рӯи суханони Павлус "ба қадри барзиёд дорам" маълум мешавад, ки ба воситаи ҳадияҳои худ филиппиён дар башоратдиҳӣ шарики кори Павлус гаштанд.

Он оятҳоеро, ки ба нуқтаи сеюм вобастааст, мо дар Аҳди Қадим мебинем, ҳангоме ки Худо амр мекунад, ки даҳякро ба левизодагон

(хизматгузорон), бевазанон, ғарибон ва ятимон бидиҳанд (ниг. Так. Шариат 26:12). Дар Аҳди Ҷадид бо ин ҳамаи пешвоён розӣ шуданд: "Фақат ин ки мо бенавоёнро дар хотир нигоҳ дорем, ва ман иштиёқманд будам, ки маҳз ҳаминро ба ҷо оварам" (Ғал. 2:10).

Ба ҷумлаи бенавоён муҳоҷирон, ятимон ва бевазанон ба шумор мераванд. Ба воситаи дастгирӣ кардани хизматгузорон, мо ба он шахсон кӯмак карда метавонем, ки худамон ҳеҷ вақт бо онҳо вонамехӯрем.

Чи гунае ки мо дар боло зикр кардем, бо дастгирии молии шахсоне, ки аз ҷониби Худованд ба хизматгузорӣ интихоб шудаанд, мо бо ин маблағҳои худ ба Худо эҳтиром нишон медиҳем. Ба ҳамин хотир мо бояд аз худ пурсем, ки чанд нафар одамон бо нигоҳ доштани он маблағе, ки ба хизматгузориҳо бояд дода мешуд, ба Худованд беэҳтиромӣ нишон медиҳанд? Бисёриҳо ба он шахсоне, ки ҳақиқатҳои рӯҳониро ба ҳаёти онҳо кoштаанд, даҳяк ва ҳадя намеоваранд. Онҳо шикоят мекунанд, ки хизматгузорон аз онҳо пул талаб мекунанд ва чунин суханонро мегӯянд: "Чаро онҳо танҳо мавъиза карда, дар бораи пул нагуфта наметавонанд? Бе ҳамин ҳам моҳҳои охир вазъияти молии ман хуб нест". Оё сабаби нохушии онҳо суханони худашон буда наметавонанд? Оё онҳо Каломи Худоро дар ҳаёти худ дар ҷои аввал гузоштаанд? Онҳо дигар на Худоро, балки худро эҳтиром мекунанд.

> Ва акнун Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: дилҳои худро бар роҳҳои худ нигаронед. Бисёр кишт мекунед, вале ҳосили кам мебардоред; мехӯред, вале сер намешавед; менӯшед, вале на ба қадри кофӣ; либос мепӯшед, вале он гармӣ надорад; ва ҳар кӣ муздурӣ мекунад, музди худро гӯё ки дар ҳамёни сӯроxдор мегузорад. Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: ба пешомади зиндагии худ таваҷҷӯҳ кунед. Ба кӯҳ баромада, чӯб биёред ва хонаро бино кунед; ва Ман ба он таваҷҷӯҳ намуда, ҷалол хоҳам ёфт, мегӯяд Худованд. Бисёрро мунтазир мешавед, ва инак кам аст, ва онро ба хона меоваред - Ман онро барбод медиҳам. Аз барои чӣ? – мегӯяд Худованди лашкарҳо. - Аз барои хонаи Ман, ки хароб аст, ва ҳол он ки шумо ҳар яке ба кори хонаи худ машғулед.
>
> - Ҳаҷҷай 1:5-9

Аз ин возеҳтар куҷост? Тасаввур кунед, ки касе аз қаҳрамонони Китоби Муқаддас ҳамон муносибатро нисбати сухан нагуфтани хизматгузорон дар бораи пул, ки ҳоло бисёриҳо доранд, медошт, чӣ мешуд. Дар замони Илёси набӣ бисёр бевазанон аз гуруснагӣ мурданд. Вале яке аз сабабе,

ки принсипи шарафро ба кор бурд, зинда монд. Ин зан ғизое барои сер шудани худаш ва писараш барои як маротиба дошт, ва баъд аз он мебоист ки онҳо бимиранд. Ба ин нигоҳ накарда, пайғамбар хост, ки ин зан аввал барои вай кулчае бипазад. Оҳ, агар ин ҳодиса дар замони мо рӯй медод, ин пайғамбарро аз ҷониби калисо ва ахбори умум чӣ қадар бадном мекарданд! Бисёриҳо эрод гирифта, мегуфтанд: "Чӣ тавр ту нони охирини бевазанеро, ки аз гуруснагӣ азоб мекашид, гирифтӣ? Баръакс, ӯ он шахсе буд, ки ту барояш чизе медодӣ". Ба ин шароит нигоҳ накарда, пайғамбар Каломи раҳнамокунандаи Худовандро барои ин зан дошт, то ки вай хизматгори Худовандро сер карда, бо ин аъмоли худ, Худоро дар мақоми аввал гузорад. Агар вай бо чунин рафтори худ Худовандро эҳтиром кунад, Худованд дар навбати Худ ӯро эҳтиром хоҳад кард. Ин зан мутобиқи каломи пайғамбар амал кард. Худованд он чиро, ки ба воситаи пайғамбар ваъда карда буд, иҷро намуд. Дар тӯли тамоми хушксолӣ ва қаҳатӣ, орд ва равғани ин зан хотима намеёфт (3 Под. 17).

Ба шахсоне, ки Худованд фиристодааст, мо ҳадя ва даҳякро аз онҳо боздошта, фақат ба худамон зарар мерасонем, барои он ки бо ин кори худ мо Худоро беобрӯ мекунем. Худи Худо ба воситаи пайғамбар ба мо мегӯяд:

> «Оё равост, ки одамизод Худоро ғорат кунад? Ва ҳол он ки шумо Маро ғорат мекунед, ва мегӯед: "Дар чӣ бобат мо Туро ғорат кардаем?" Дар бобати ушр (даҳяк) ва ионат (ҳадя)».
>
> - Малокӣ 3:8

Агар назди ман танҳо ду интихоб бошад, ман бонкро ғорат мекардам, нисбати он ки Худовандро ғорат кунам. Барои чӣ? Барои он ки аз инсон карда, ман аз Худованд тарси бештаре дорам. Ман хурсандам, ки лозим нест чунин интихобро кунам, ва ман ҳеҷ вақт ғоратгар шудан ҳам намехостам. Лекин, ба ҳар ҳол, Худованд мегӯяд, ки: "Шумо Маро ғорат мекунед!" Пайхас кунед, ки Ӯ намегӯяд: "Шумо хизматгузорони Маро ғорат мекунед". Не, балки даҳяк ва ҳадяро ба хизматгузорони Ӯ надода, мо Худи Худоро ғорат мекунем. Ба давоми ин суханон назар кунед: "Тамоми ушрро (даҳякро) ба хазинахона биёред, то ки дар хонаи Ман хӯроке бошад, ва бо ин Маро имтиҳон намоед, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ки оё Ман равзанҳои осмонро барои шумо намекушоям, ва баракати аз ҳад зиёде бар шумо фурӯ намерезам?" (ояти 10). Бубинед, ки Худи Худованд мегӯяд, ки барои баракати Вай шумо ҳатто ҷои кофӣ ҳам дошта наметавонед, "аз ҳад

зиёд”. Инак, дар асл баракат он қадар зиёд мешавад, ки онро мо ҷо ба ҷо ҳам карда наметавонем. Дар давоми солҳо ман аз ҷониби хизматгузорони Худованд мешунидам, ки Худо моро бо молу пул он қадар баракат хоҳад дод, ки мо ғунҷоиши онро дошта наметавонем. Ман бо ин гуфтаҳо баҳс карданӣ ҳастам. Пул ҳамеша ҷои худро дорад. Агар ман пули тамоми дунёро медоштам, ба ҳамаи онҳо ҷояшро пайдо мекардам. Хайр, Худованд ҳангоме ки мегӯяд мукофоти Вайро ғунҷонида наметавонӣ, чиро дар назар дорад? Ҷавобро мо дар китоби Масалҳо меёбем:

> “Аз дороии худ (ин ҳадя ва бахшоишҳои шумо бар хизматгузорони Худо) ва аз гузини тамоми ҳосилоти худ (ин даҳяки шумо) Худовандро ҷалол деҳ. Ва анборҳои ту то ба ҳадди фаровонӣ пур хоҳад шуд, ва чархуштҳои ту аз шираи ангур лабрез хоҳад гардид”.
>
> -3:9-10 (калимаҳое ки дар дохили қафс ҳастанд аз тарафи ман илова карда шуданд).

Анборҳо - ин ҷои захираҳои шумо. Ин метавонад кортҳои бонкӣ, сандуқ, ҳатто бензини мошини шумо, гараж ва ғайраҳо бошад. Он ҷое, ки мо амволи худро нигоҳ дошта метавонем. Барои он ки Худо моро бо пул баракат додан мехоҳад. Он гоҳ кадом баракатҳоро ғунҷонида наметавонем? Хондани худро давом дода, мо мебинем: “ва чархуштҳои ту аз шираи ангур лабрез хоҳад гардид”. Чархушт ин зарфи калон барои нигоҳ доштани шираи ангур мебошад. Бубинед, ки ин он зарфест, ки баракатҳои Худовандро ғунҷонида наметавонад, он *лабрез* мешавад. Шарбати ангур нишонаи чӣ мебошад? Дар Китоби Муқаддас шароби нав ин рамзи ҳузури тозаи Рӯҳи Муқаддас дар ҳаёти мо мебошад. Худованд мегӯяд, ки ҳангоме ки мо бо ҳадияи худ пешвоямон ва калисоямонро эҳтиром мекунем, он гоҳ сазовори мукофоти пурраи ҳузури тозаи Худованд дар ҳаёти мо мегардем! Ин аз ҳама мукофоти бузург барои мо мебошад!

Ҳар бор ман шоҳиди он будам, ки имондороне, ки саховатмандона бо пулҳои худ роҳбаронашонро эҳтиром мекарданд, онҳо аз тарафи моддӣ бисёр баракатёфта буда, даъвати худро ба пуррагӣ иҷро мекарданд. Лекин аз он ҳам бештар, ман пайхас кардам, ки ин нафарон ба пуррагии ҳузури Худо роҳ мерафтанд. Барои чӣ моро ин ба тааҷҷуб биёрад, оё ҳамин тавр дар Каломи Худо ваъда нашудааст? Ошкор шудани ин ҳақиқат ба ман кӯмак кард, то дарк кунам, ки барои чӣ дар он маконҳое, ки ба мо

ба мисли як шахси оддӣ муносибат мекарданд, ё дар он ҷое, ки эҳтиром набуд, ва усқуфҳо бо ким-кадом чизҳо мубориза мебурданд, - ман ҳузури Худоро эҳсос карда наметавонистам. Одамон саховатманд набуданд. Валекин ҳангоме ки онҳо озодии худро мегирифтанд, дар он калисо ҳузури Рӯҳи Муқаддас бештар ва бештар мешуд.

Агар шумо аз ин боби китоб ҳақиқатро дарк карда, бо тамоми Китоби Муқаддас муқоиса кунед, он гоҳ мебинед, ки ҳар ҷое, ки одамони Худо саховатмандона медоданд, он ҷо наҷот, мӯъҷиза, озодӣ, нашъунамо ва ҳузури Худо бо фаровонӣ буд. Мо баракати Худоро харида наметавонем, лекин ин принсипи рӯҳоние, ки Худо аз рӯи файзи Худ муқаррар кардааст. Бубинед, ки Павлус дар бораи калисои Мақдуния чӣ гуфтааст: “Шуморо, эй бародарон, дар бораи файзи Худо, ки ба калисоҳои Мақдуния ато шудааст, огоҳ менамоем; зеро ки дар миёни имтиҳони бузурги андӯҳҳо фаровонии шодии онҳо ва бенавоии сахти онҳо дар ҳиммати баландашон пурра зоҳир шуд; зеро ман шоҳиди онам, ки онҳо алоқадри қувваташон ва берун аз қувваташон сахӣ буданд” (2 Қӯр. 8:1-3). Павлус файзи Худоро, ки онҳо доштанд, натиҷаи саховатмандии онҳо медонист. Маҳз файзи Ӯ кӯмак шуд, ки онҳо “аз қувваташон берун” саховатманд бошанд. Чуноне ки мо файзи Худоро харида наметавонем, ҳамчунон мо назари неки Вайро харида наметавонем, лекин мо онро сазовор шуда метавонем. Бо нишон додани эҳтироми молии дучанд ба шахсоне, ки ба мо Каломи Худоро мавъиза мекунанд, мо худро дар он мавқеъ мегузорем, ки Худо моро эҳтиром мекунад, ки он низ некӣ ва файзи Ӯро дар худ дорад.

# Боби 12

# Эҳтироми шахсоне, ки бо мо дар як сатҳ мебошанд

Ҳар кӣ шуморо эҳтиром кунад, Маро эҳтиром кардааст, ва ҳар кӣ Маро эҳтиром мекунад, Фиристандаи Маро эҳтиром мекунад. Ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар эҳтиром мекунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт, ва ҳар кӣ одилро ба исми одил эҳтиром мекунад, мукофоти одилро хоҳад ёфт. Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард бинӯшонад, чунки исми шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод.

- Матто 10:40-42
(дигаргункунии калимаҳо аз ҷониби муаллифи китоб)

Акнун вақти он расид, дар бораи онҳое бигӯем, ки бо мо дар як сатҳ мебошанд. На мо роҳбарони онҳо ҳастем, ва на онҳо роҳбарони мо мебошанд. Ин гурӯҳро Исо ин тавр таъриф додааст: "Ҳар кӣ одилро ба исми одил эҳтиром мекунад, мукофоти одилро хоҳад ёфт".

## Мукофоти дучанд

Иҷозат диҳед, ба шумо як мисолро биоварам, ки эҳтиромро дар ин сатҳ бараъло нишон медиҳад. Дар тӯли якчанд соли охир, ҳар сол як

маротиба, ман ҳамроҳи оилаам ба сафари саёҳатӣ меравам. Ба хотири сафарҳои тӯлонии ман ва Лиза дар тамоми ҷаҳон, ки барои мавъизаи Каломи Худо мо аз хона дур мешудем, фарзандони мо ҳеҷ гоҳ шикоят намекарданд. Онҳо ҳамеша моро дастгирӣ мекарданд, ва ба сафарҳо моро бо хурсандӣ гусел мекарданд. Ба ман ғамхории Худованд маъқул аст, ки Ӯ ба мо имконият медиҳад, то ки мо дар охири сол сафари якҷоя бо фарзандонамон дошта бошем. Писарони мо аз ин сафари саёҳатӣ хушҳол ҳастанд, чунки дар он на зангҳои телефонӣ ва на номаҳои электронӣ моро ташвиш медиҳанд. Мо як шарт дорем: компютерҳоро дар як сӯй гузошта, ва ҳеҷ корҳои расмиро анҷом намедиҳем. Дар тӯли як ҳафта мо пурра аз они онҳо ҳастем.

Якчанд сол пеш аз ҳамин гуна сафар баргашта, ман ба шахсе, ки дар шӯъбаи кадрҳои мо кор мекунад, занг задам. Ӯ ба ман як хабари нохушро гуфт. Ҳангоме ки мо дар сафар будем, усқуфе, ки ман ӯро мешинохтам, коргари беҳтарини моро барои кор ба сӯи худаш ҷалб кардааст. Ин зан масъули тарҷумаи китобҳои мо ба забонҳои хориҷӣ буд. Аз сабаби он ки ӯ бо нашриёти тамоми ҷаҳон сарукор дошт, вазифаи вай дониш, маҳорат ва таҷрибаи хосеро талаб мекард. Рушди равобит ва муносибатҳо бо дигарон барои мо аввалиндараҷа буда, дар тӯли солҳо сохта шуда буд.

Ман афсурдахотир буда, бо эҳсосотҳои баде, ки нисбат ба ин усқуф пайдо карда будам, мубориза мекардам. Мо нӯҳ моҳи худро сарф карда, ин занро барои он вазифа тайёр карда будем, ин усқуф бошад, ҳатто аз рӯи одоб як маротиба телефон карда ҳам напурсид, ки рафтани вай аз корхонаи мо чӣ натиҷаҳо барои мо хоҳад дошт. Агар вай имондор набуда, дар корхонаи ҷаҳонӣ кор мекард, ман рафторашро дарк мекардам, лекин барои хизматгузор як коргарро аз дигар хизматгузорӣ гирифтан, ва пешакӣ бо роҳбарони вай гап назадан, ин аз рӯи масеҳият намебошад. Бар иловаи он вай дӯсти ман буд.

Якчанд рӯз дар дуо ман бо эҳсосот ва ғазаби худ мубориза мебурдам. Чӣ тавр дигар нафареро биёбем, ки ин коргарамонро иваз карда тавонад? Ман ташвиш мекашидам, ки чӣ қадар вақт барои тайёр кардани коргари нав мегузарад, ва ҳаргуна фикрҳои баде ба сарам меомаданд. Аъмоли он шахсро фаҳмиданӣ шуда, дар рафтораш ман ҳеҷ гуна мантиқро пайдо карда наметавонистам. Чӣ тавр вай он қадар беэҳсос шуда метавонад? Баъд аз ду ё се рӯз Худованд дар дуои ман ҷавоб дода, гуфт: “Писарам, Ман мехоҳам, ки ту ба ҳамон усқуф соати нави худро ҳамчун баракат бидиҳӣ”. Ҳангоми сафари худ дар кишвари Ямайка

ман соати нав харида будам. Ин соати нав бисёр хушрӯй, бо батареяи офтобӣ, тамғаи “Citizen” буд. Дар давоми солҳои охир ман барои худ соат нахарида будам, барои ҳамин бо ин соати наву зебои худ ман ҳаловат мебурдам.

Ҳоло акнун, ки Худованд ба ман ин суханонро гуфт, барои фаҳмидани ҳикмати Вай ба ман мӯҳлати зиёде зарур буд. Ӯ ба ман имконияте дод, ки бо эҳтиром кардани ин шахс, ман аз он фикрҳо ва ангезаҳои нодурусте, ки дар қалбам ҷой гирифта буданд, озод шавам. Худованд маро аз ранҷидан нигоҳ дошта, мехост, ки ман муносибати худро бо Вай ва инчунин бо ин шахс нигоҳ дорам. Дар вақти дуо ман табассум карда, ва дар охири он бо садои баланд ханда кардам. Ман ба ҳикмат ва муҳаббати Падар, ки ба нафъи ҳарду писараш буд, қоил шудам. Бо пешниҳоди Худованд розӣ шуда, ҳамон лаҳза эҳсос кардам, ки чӣ гуна хашм ва норозигӣ нисбат ба ин усқуф маро тарк карданд. Ин озодшавии зудтарин буд. Ман бо баракат додани бародари худ дар Масеҳ бо чизе, ки барои ман арзиши зиёд дошт, хурсанд будам.

Бегоҳии рӯзи оянда мо бо вай тариқи телефонӣ сӯҳбат доштем. Озодии худро ба даст оварда, ман барои сӯҳбат кардан омода будам. Дар анҷом сухан дар бораи иштибоҳоти вай рафт. Вай худро сафед карда ва иқрор шуда, гуфт, ки тамоми тарафҳои ин мавзӯъро андеша накарда буд. Акнун баъд аз сӯҳбати мо дарк кардааст, ки нодуруст рафтор карда буд. Ба ҳар ҳол, агар то ин вақт Худо бо қалби ман кор намекард, як сӯҳбати даҳшатнок ва зараровар мешуд. Садои нодуруст ва муносибати бади ман метавонистанд оташро дар ин сӯҳбат аланга диҳанд.

Дар ин ҷо иҷозат диҳед бигӯям, ки муқобилат кардан ба шахс танҳо бо ҳамроҳии муносибати дурусти қалб хуб мебошад. Ин муқобилат ба нафъи шахси дигар, на ба нафъи шумо бояд бошад. Ман дар кадом ҷо вай ноҳақ буданашро нишон дода, суханони худро бо муҳаббати аслӣ рӯйпӯш кардам, ки ин ислоҳотро қабул кардан ба вай ҳам осон буд. Баъд аз сӯҳбати телефонӣ ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба идораи вай биёям, ӯ розӣ шуда, вақтро таъин кард.

Вай маро дар идораи худ мунтазир буд, лекин сабаби ташриф овардани маро намефаҳмид, барои он ки ба он мавзӯъ мо нуқта гузошта будем. Ман ба вай гуфтам, ки хоҳиш дорам, ба ӯ соате тӯҳфа кунам. Вай дар ҳайрат монда, гуфт: “Ҷон, ман соат надоштам. Ин соат ба ман даркор буд”. Инро шунида, ман бисёр хуш шудам. Ман соатро аз қуттиаш кашидам, ва ӯ ба дасти худ пӯшид. Банди соат ба дасти вай хурд буд,

чунки банди дасти вай аз банди дасти ман калон буд, ва занҷирҳои иловагиро ман дар мағозаи Ямайка гузошта будам, барои ҳамин барояш гуфтам: “Ман аз компанияе, ки ин соатро баровардааст, бароят як дастбанди нав фармоиш медиҳам”. Ӯ маро аз ин кор боздошта, худаш дастбанд харидан мехост, лекин ман намехостам, ки тӯҳфаро дар ин ҳолат ба вай бидиҳам.

Аз он вақт мо бо ҳамдигар аз пештара дида наздиктар шудем. Байни мо эҳтиром вуҷуд дорад. Фикри он ки он соатҳо дар дастони вай аст ба ман хурсандӣ меоварад. Дидани соатҳо дар дастони ӯ нисбат дар дастони худам бештар шодмонӣ меоварад. Барои корманди собиқаамон, ки ҷои кори хубтаре ёфт, низ хуш ҳастам. Якчанд маротиба бо он зан ҳам вохӯрӣ доштем.

Лекин, ба ҳар ҳолат, мо ба як корманди нав эҳтиёҷ доштем. Ман медонистам, ки дар ин соҳа ҳам, Худованд ғамхори мо мебошад, барои ҳамин дарҳои баракатро боз мондам.

Ана рӯй дод. Якчанд ҳафта пас, коргари мо дар шӯъбаи кадрҳо як занро бо номи Дарси ба кор қабул кард. Дар бораи ин зан сухан гуфта, ман ҳамеша мегӯям, ки вай мисли шер аст. Пеш аз ин ҳам, ман якчанд нафарро вохӯрда будам, ки бо чунин хоҳиши сахт Каломи Худоро дар тамоми ҷаҳон пахш мекунанд. Ҳамон лаҳзае ки ин зан омад, зуд ба кор кардан оғоз кард. Дигарон ба ин кор омада, мунтазири фармонҳои мо буданд, Дарси бошад, дуо карда ва ба нашриётҳои байналхалқӣ муроҷиат кард, ки китобҳои моро чоп кунанд. Корманди пештараамон кори хуберо анҷом дода буд. Дар тӯли нӯҳ моҳе, ки бо мо кор карда буд, тарҷумаи китобҳои моро аз ҳаждаҳ забон ба бисту се забони ҷаҳон расонида буд. Дарси бошад, дар нӯҳ моҳи аввали кории худ аз бисту се забон то чил забонҳои хориҷӣ тарҷумаи китобҳои моро расонд! Бале, шумо дуруст фаҳмидед. Корманди пештараи мо дар тӯли нӯҳ моҳ тарҷумаи китобҳои моро ба панҷ забони нав илова кард, Дарси бошад, дар айни ҳамон қадар мӯҳлат се маротиба зиёдтар, ҳабдаҳ забони нав, илова кард. Дар айни замон бо файзи Худо, ҳоло вақте ки ман ин китобро менависам, китобҳои мо ба 100 забони ҷаҳон тарҷума мешаванд. Барои боз як қадам пештар рафтан, мо бояд омода бошем, ки зиёда аз 20 миллион маводҳоро ба усқуфон ва пешвоёни зиёда аз 200 кишвари дунё дастрас намоем.

Ман бовар мекунам, ки ин дар натиҷаи эҳтироми ман ба он усқуф, ки корманди моро ба кор гирифт, рӯй додааст. Мо сазовори

мукофот гаштем: Каломи Худо ба ҳаёти бисёр одамон мерасад. Яке аз дастовардҳои мо ин аст, ки китобҳои мо ба даҳҳо ҳазор пешвоёне, ки дар кишварҳои барои Инҷил баста ҳастанд, рафта мерасанд. Ба хотири он ки ин пешвоёни рӯҳонӣ зери таъқибот дучор нагарданд, ман ҳатто барои ҳамкорони худ низ он кишварҳоро номбар карда наметавонам, ки он ҷо китобҳои мо рафта расиданд.

Аз ин мукофоти бештаре нест, ки Каломи Худо ба чунин теъдоди зиёди мардум дастрас шавад. Аммо ин ҳам тамоми сухан нест. Худованд барои ман боз як мукофот тайёр карда буд, ки ман ҳатто дар бораи он хабар надоштам. Баъд аз якчанд моҳи ин воқеа, ман як рӯзи якшанбе дар як калисо мавъиза мекардам. Баъд аз ҷаласа мо ҳамроҳи усқуф барои хӯрдани ғизо рафтем. Як тоҷир низ аз калисо ба мо ҳамроҳ шуд. Дар он ҷо ин тоҷир аз ман пурсид: “Ҷон, чӣ гуна соатҳоро доштан мехоҳӣ?” Ин савол маро дар ҳайрат гузошт. Ман чизе гуфта натавониста, гуфтам: “Ту худат хубтар медонӣ?” Ӯ боз пурсид: “Не, Ҷон, ман дар асл донистан мехоҳам, ки кадом намуди соатро ту доштан мехостӣ?” Хоҳиши сахти ӯ маро маҷбур кард, ки ҷавоб диҳам: “Солҳои охир ман дар бораи тамғаи “Брайтлинг” орзу мекунам”.

Соатҳои тамғаи “Брайтлинг” баъд аз ҷудошавии компанияи “Бентли Мотор Компани” истеҳсол мешаванд. Ин соатҳо бисёр қимат мебошанд, ва харидани онҳо кори осон нест. Ин гуна соатҳо ҳатто дар ҳар шаҳр дар фурӯш ҳам нестанд. Ҳангоме ки ман дар дасти яке аз дӯстонам ин соатро дидам, бисёр хуш кардам. Сохту намуди ин гуна соатҳо диққати маро ҷалб кард, ва ман фикр кардам, ки чӣ гуна хуб мешуд, агар ман ҳам ҳамин тамғаи соатҳоро медоштам. Ман дар тайёраҳо парвоз карданро дӯст медорам (ҳатто пилот набошам ҳам), ин тамғаи соатҳо, ки аслан барои пилотҳо ихтироъ карда шуда буд, ба ман писанд омад. Боре дар як шаҳри калон мо ба он ҷо рафтем, ки ин гуна соатҳо дар фурӯш буданд. Нархи ин соатҳо беҳаду беандоза баланд буданд, ва гарчанде ки ман ин соатҳоро хуш доштам, қарор кардам, ки ин гуна маблағро танҳо барои як соат масраф кардан ҷоиз нест.

Ҷавоби маро шунида, ин тоҷир остини худро барзада, аз банди дастони худ соати тамғаи “Брайтлинг”-ро, ки хронографи “navitimer” дошт, ки якчанд вақт пештар харида буд, кашид. Онро ба дастони ман пӯшонида ва бо табассум гуфт: “Ҷон, ҳангоме ки ин субҳ ту мавъиза мекардӣ, Худованд ба ман гуфт, ки ин соатро ба ту бидиҳам”. Ман дар ҳайрат монда, ҳеҷ сухане гуфта наметавонистам. Агар Худо ба ӯ намегуфт,

дар ҳеҷ сурат вай намедонист, ки соатҳои тамғаи “Брайтлинг”-ро ман хуш дорам. Холиқ ба ман тӯҳфаи аҷиброро дар шакли соати модели авиатсионӣ тӯҳфа кард. Чӣ қадар имкон дошт, ки дар дасти ин тоҷир маҳз ҳамин гуна соат мешавад?

Баъд аз якчанд лаҳза ман ба худ омада, ба хотир овардам, ки якчанд моҳ пештар ман соати нави худро ба усқуф тӯҳфа карда, бо ин ба ӯ эҳтиром нишон додам. Акнун ман суханони Исоро, ки гуфта буд: “эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард” (1 Под. 2:30), ба ёд овардам. Шумо бо ин норозӣ шуда, гуфта метавонед: “Лекин, Ҷон, ту на Худоро, балки усқуфро эҳтиром кардӣ”. Исо гуфтааст: “Касе ки хизматгузори Маро эҳтиром мекунад, он гоҳ вай Маро ва Падарро эҳтиром кардааст” (Мат. 10:40, тағйироти оят аз ҷониби муаллифи китоб).

Ҳар дафъае ки ман ба ин соат назар мекунам, ки ҳоло ҳам, ҳангоме ки ин саҳифаҳоро менависам, дар дасти ман мебошад, он дар бораи бахшоиши аҷоиби Падар шаҳодат медиҳад. Бахшоиши Ӯ аз он, ки ман ин соатро дар мағоза мехаридам, пурарзиштар мебошад. Ҳоло он боз пурарзиштар аст, нисбати он ки ин шахс назди ман омада, бе ҳеҷ сухан тӯҳфа мекард. Гап дар сари соат нест, гап дар сари он эҳсосоте, ки аз пушти ин соат меистад. Худо айни ҳамин корро бо онҳое анҷом хоҳад дод, ки хизматгузорони Ӯро ҳурмат карда, дар асл Худи Худоро эҳтиром мекунанд.

## Муҳаббат бо ҳамкории Рӯҳи Муқаддас

Ман умедворам, ки то ин лаҳза мо дарк кардаем, ки эҳтиром ин муҳаббати самимӣ мебошад. То ки дар муҳаббати аслӣ бимонем, бояд ки дорои тарси муқаддас ва муҳаббати бешарт бошем. Ба мо гуфта шудааст:

> “Муҳаббати шумо бигзор бе риёкорӣ бошад; аз бадӣ нафрат кунед, ба некӣ бичаспед; якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред; ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед”.
>
> - Румиён 12:9-10

Ин ду оят мафҳуми зиёдро дар бар гирифтааст. Дар аввал Павлус қайд мекунад, ки муҳаббати аслӣ риёкорӣ надорад. Мафҳуми риёкорӣ - ин “пинҳон кардани ангеза ё хислатҳои аслии худ” (*Луғати Вебстер,*

1828). Чунин тарзи рафторро ин гуна таъриф мекунем: тасаввур кунед, ки зоҳиран шахс нишон медиҳад, ки шуморо ҳурмат мекунад, лекин ботинан вай шуморо танқид, маҳкум мекунад ва ҳатто аз шумо нафрат дорад. Дар ҷануби ИМА фарҳангу одатҳо ёрӣ мерасонанд, ки чунин тарзи рафтор ҳамчун риёкорӣ рушд кунад. Ҳамаи мо дар бораи меҳмоннавозии мардуми ҷануб шунидаем, ё дар бораи мард ва занони хушмуомилаи ҷанубӣ маълумот дорем. Ҳамаи ин суханон нишон медиҳанд, ки мардуми ҷануб хушмуомила ва босадоқат мебошанд. Лекин чӣ рӯй медод, агар касе ба шумо бигӯяд, ки онҳо чунин рафтор мекунанд, ба хотире ки аз онҳо ин гуна рафторро мунтазир мебошанд, ва дар асл онҳо чунин намебошанд.

Якчанд вақт пештар ман ба якчанд нафари ҷанубӣ шаҳодат медодам. Онҳо ҳангоми ҳузур надоштани баъзе шахсон дар бораи онҳо суханони баде мегуфтанд, лекин баъди омадани ҳамон шахсон онҳо намуди эҳтиромкунанда, муҳаббат ва шарафро дар қиёфаи худ мегирифтанд. Дигар қисми ИМА худро дигар гуна нишон медиҳанд. Аз онҳо риёкориро мунтазир нестанд, барои ҳамин онҳо ҳар фикри худро рӯйрост мегӯянд. Ман дар хотир дорам, ки мардуми шимол як бор маро аз хонаашон берун ронданд. Агар ту ба онҳо маъқул нашавӣ, онҳо рӯйрост инро ба ту мегӯянд. Онҳоро дар рӯҳияи риёкорӣ тарбия намекунанд, баръакс, ҳақиқати онҳоро иҳотакардаро нишон медиҳанд.

Эҳтироми аслӣ танҳо бидуни риёкорӣ вуҷуд дошта метавонад. Риёкорона эҳтиром кардан ғайриимкон мебошад, ин ба фиреб меорад, ва аён аст, ки барои эҳтироми риёкорона ҳеҷ мукофоте намебошад. Ин мавзӯъро Павлус ин гуна давом медиҳад: “Муҳаббати шумо бигзор бе риёкорӣ бошад; аз бадӣ нафрат кунед, ба некӣ бичаспед”. Аз бадӣ нафрат кардан, ба некӣ часпидан - ин аст тарси Худованд. Инак, тарси Худованд моро аз фиреб нигоҳ медорад. Он моро аз васвасаи рафтори риёкорона нигоҳ медорад. Биёед оиди ин мавзӯъ таълимоти Худовандро меомӯзем. Ишаъё менависад: “Азбаски ин қавм бо даҳони худ ба Ман наздик мешаванд ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд, вале дили худро аз Ман дур кардаанд, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани аҳкоми инсонист” (Иш. 29:13).

Калимаи “аз ёд”, маънояш “такрори калимаҳо ё овозҳое, ки маъно ва мафҳуми онро дарк накардан” мебошад. Худо мегӯяд, ки одамон бо даҳони худ Ӯро ҳурмат мекунанд, лекин қалби онҳо бо Худо намебошад. Сухан дар бораи эҳтироми риёкорона меравад, ки ҳеҷ умумият бо шараф

надорад. Чаро онҳо ин тавр рафтор мекунанд? Аз барои надоштани тарси Худованд, “ва тарси онҳо аз Ман” як чизи одатӣ шудааст.

Чунин тарзи рафторро мо дар дохили калисо низ мушоҳида карда метавонем. Мо он қадар диққати худро ба он ҷалб кардаем, ки бояд хушмуомила бошем, ки моҳияти аслиро, ки мо бояд аз сидқи дил сухан ронем, аз даст додаем. Иҷозат диҳед, як мисолро барои шумо биёрам. Стив ба ҷаласа саросема аст. Ӯ панҷ дақиқа дер монада истодааст, барои вай хеле муҳим аст, ки дар вақти муқарраршуда бирасад. Ӯ аз кӯчаҳои пуродам қадам зада, дар он тарафи роҳ бародарро аз калисо бо номи Ҷим мебинад, ки ба самти муқобил равона мебошад. Стив фикр мекунад: “Оҳ не, умедворам вай маро намебинад. Ман вақт надорам, ки бо Ҷим гап занам, ва умуман бо ин шахс рӯ ба рӯ шудан намехоҳам”.

Ногаҳон онҳо бо чашмони худ вомехӯранд ва Ҷим барои салом додан бо бародар дар Масеҳ аз он тарафи роҳ ба ин тараф гузаштанӣ мешавад. Стив дарк мекунанд, ки бояд ба Ҷим салом гуфта, ҳолпурсӣ кунад, дар акси ҳол ин беодобӣ мебошад. Барои ҳамин Стив пешрӯйи бародари худ, ки роҳро мегузашт, қадам мезанад. Ба хотире ки ӯ саросема аст, худаш аввал гапро шурӯъ мекунад: “Ҷим, аз дидори ту хуш шудам, Худоро шукр ”.

Ҷим низ салом дода, ҳолу аҳволи Стивро мепурсад.

Дар ҷавоб Стив мегӯяд: “Ту медонӣ, ҳама чиз хуб аст, лекин ман ба ҷаласа саросема ҳастам. Шояд ман ба ту занг мезанам, ва мо вохӯрда, якҷоя хӯрок мехӯрем?” Баъд аз ин ҳардуи онҳо бо роҳи худ равона мешаванд.

Биёед ин мулоқоти кӯтоҳи Стив ва Ҷимро дида мебароем. Дар аввал, Стив мегӯяд ки: “Худоро шукр, ки туро вохӯрдам”. Дар он лаҳза Стив дар бораи Худо фикр намекард, ӯ одат кардааст, ҳангоми бо масеҳиён рӯ ба рӯ шудан, барои нишон додани хурсандӣ ва имони худ, чунин суханонро бигӯяд. Дар қадами дуввум, ӯ аз дидори Ҷим хуш нест, барои он ки вай вақт надошт, ва фикр мекард, ки Ҷим ӯро надида мегузарад. Аз ин бармеояд, ки аз суханони аввал ӯ содиқ нест, ва фиреб дода, ҳатто қатрае маҳкумиятро ҳам эҳсос намекунад.

Суханони охирини Стив: “Шояд ман ба ту занг мезанам, ва мо вохӯрда, якҷоя хӯрок мехӯрем?” Ӯ тасмим надорад, ки ба Ҷим телефон кунад, ва бо вай якҷоя ғизо бихӯрад. Ин танҳо як тарзи аз ҳолати ногувор, ки худро дар он ҷо мебинад, берун баромадан мебошад. Ин боз як дурӯғи дигар мебошад.

Оё ин дурӯғҳои Стив қасдан буданд? Эҳтимолан, не. Барои чӣ вай зери бори фош шудан дучор намегардад? Аз сабаби набудани тарси Худованд дар ҳаёти вай, ки ӯро водор намуд, ки муҳаббати қалбакӣ дошта бошад. Ин тарзи ҳаёт, ки аз ёд шудааст, гӯё ки муҳаббат ва шарафро нишон медиҳад, ки дар асл як шакли беҷони ин муҳаббат мебошад. Тарси Худованд ба мо фаҳмиши онро медиҳад, ки Худо аз ҳар фикр, хоҳиш ва суханони мо бохабар мебошад. Ба ҳар як сухани худ мо дар рӯзи доварӣ ҷавоб хоҳем дод (Мат. 12:36). Мо мехонем: “Биёед, эй фарзандон, маро бишнавед: тарси Худовандро ба шумо таълим хоҳам дод ...Забонатро аз бадӣ нигоҳ дор, ва лабҳоятро аз гуфтори макромез. Аз бадӣ дур шав ва некӣ бикун; талабгори осоиштагӣ шав ва дар паи он бош” (Заб. 33:12,14-15).

Мо бояд ки ҳақиқати аслӣ дошта бошем, ва ин имкон дорад, вақте ки мо хоҳиши сахт дошта, дар тарси Худованд роҳ меравем! Дар фиреб ва риёкорӣ зиндагӣ кардан чӣ қадар даҳшатнок мебошад: танҳо тарси Худованд моро аз ин нигоҳ хоҳад дошт.

## Дигаронро аз худ боло гузоштан

Дар нома ба Румиён Павлус идома дода, менависад: “Якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред; ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед” (12:10). Шараф афзалиятро ба каси дигар медиҳад, он дигаронро қадр карда, аз худ болотар медонад. Павлус бори дигар дар бораи ин дар дигар нома менависад:

> Пас, агар тасаллое дар Масеҳ бошад, агар хушнӯдии муҳаббат бошад, агар алоқаи рӯҳ бошад, агар марҳамат ва дилсӯзӣ бошад, пас шодии маро пурра кунед, ба тавре ки дорои як фикр бошед, дорои як муҳаббат буда, якдил ва ҳамфикр бошед, аз рӯи рақобат ва шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед, ва ҳар яке на танҳо дар бораи худаш, балки дар бораи дигарон низ ғамхорӣ намояд. Зеро дар шумо низ айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд.
>
> - Филиппиён 2:1-5

Дигаронро аз худ авло донистан, ин яъне онҳоро эҳтиром кардан мебошад. Дар ҳамаи аъмол ва рафтори худ мо бояд дар бораи ин фикр кунем ва дуо гӯем. Агар мо ёд гирем, ки худро аз дигарон боло нагирем, иҷозат диҳем, ки фурӯтанӣ дар дилҳои мо ҷой гирад, мо дар баракати аслӣ роҳ хоҳем рафт, ки ин шарафи аслӣ мебошад. Диққат кунед, ки Павлус мегӯяд: "Зеро дар шумо низ айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд". Ман суханони Худовандро, ки вақте ки масеҳии ҷавон будам, гуфта буд, ҳеҷ вақт аз хотир намебарорам. Ман мошинро мерондам, ва Ӯ ба ман сухан ронд: "Ҷон, оё медонӣ, ки Ман туро аз Худ боло мегузорам?"

Аз шунидани ин суханон ман ба ларза омада, фикр кардам, ки душман мехоҳад, суханони ғуруронаи худро дар дили ман ҷой кунад. Ин чӣ тавр имкон дорад, ки Холиқи коинот ба ман, як шахси аз хок сиришташуда, бигӯяд, ки Ӯ маро аз Худ авло мешуморад? Ман гуфтан мехостам: "Аз ман дур шав, эй шайтон, ту барои ман васваса ҳастӣ". Дар умқи дили худ мефаҳмидам, ки ин овози Исо мебошад. Лекин, мебоист ин санҷида мешуд, чунки аз давраи ҷавонии масеҳигии худ ман мефаҳмидам, ки Каломи Худо мегӯяд, ки "ҳар рӯҳро биозмоед" (1 Юҳ. 4:1).

Фикрҳои худро ба тартиб оварда, ҷавоб додам: "Худованд, то он даме ки Ту се шаҳодат аз Аҳди Нав, ки ин суханонро исбот мекунанд, надиҳӣ, ман ба ин суханон бовар карда наметавонам", - овози ман меларзид. Лекин ман медонистам, ки кори дуруст мекунам.

Дар дили худ эҳсос кардам, ки Худованд бо хоҳиши ман зид намебошад. Дар асл Ӯ ҳатто фахр мекард, ки ман чунин талабот гузоштам. Ҷавоби тезтарини Ӯ ин буд: "Ман дар нома ба Филиппиён 2:3 чӣ гуфтаам?"

Ман ин оятро аз ёд медонистам, барои ҳамин бо овози баланд ин ҷои Навиштаҷотро баён кардам: "Аз рӯи рақобат ва шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед".

Исо ба ман гуфт: "Ин шаҳодати аввал".

Ман эътирози худро давом дода, гуфтам: "Аммо, Павлус дар бораи ин нагуфтааст, ӯ ба филиппиён навиштааст, ки якдигарро эҳтиром кунанд, на ин ки Ту маро эҳтиром мекунӣ".

Зуд ҷавоб омад: "Ман аз фарзандонам онро талаб намекунам, ки Худам онро иҷро накарда бошам!" Ман эътироф кардам, ки Ӯ ҳақ аст.

Пас Ӯ ба ман гуфт: "Ин ҷо мушкилии бисёр оилаҳо мебошад.

Волидайн аз фарзандони худ он корҳоро талаб мекунанд, ки худашон он корҳоро анҷом намедиҳанд. Бисёр волидайн ба фарзандони худ мегӯянд, ки ҷанҷол накунанд, худашон бошанд пешрӯйи онҳо ҳамеша ҷанг мекунанд. Баъд падару модар дар ҳайрат мемонанд, ки чаро фарзандони онҳо ҷанг мекунанд. Ман чунин рафтор намекунам”.

Камтар бо найранг ман гуфтам: “Ин танҳо як ҷои Навиштаҷот мебошад, ба ман дутои дигар лозим аст”.

Баъд ман дар ҷавоб шунидам: “Кӣ дар салиб ҷон дод, ту ё Ман?”

Ман дар тааҷҷуб мондам.

Ва суханоне, ки ман шунидам чунин буданд: “Ман дар салиб мехкӯб буда, гуноҳ, касалӣ, бенавоӣ, фақирӣ ва маҳкумияти туро ба Худ гирифтам, барои ки Ман туро аз Худ авло донистам” (ҷои навиштаҷоте, ки аз рӯи он Худованд ба ман сухан меронд, 1 Петрус 2:24 буд).

Ба ман фаҳмише омад, ки дар ҳақиқат ман овози Худовандро шунидаам. Ӯ маро эҳтиром кардааст (аз Худ боло гузоштааст), дар акси ҳол Ӯ ба ҷои ман маҳкум намешуд, ва барои ман ҷон намедод. Ман медонистам, ки сеюм ҷои навиштаҷот дар роҳ аст ва ҳатто савол надода, ман дар дили худ шунидам: “Якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред; ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунад” (Рум. 12:10). Баъд аз ин суханон Ӯ ба ман гуфт: “Ман дар миёни бародарони бисёр нахустзода мебошам (Рум. 8:29), ва дар эҳтиром Ман бародару хоҳарони Худро аз Худ боло мегузорам”.

Албатта ин на танҳо ба ман, балки ба бисёр бародарон ва хоҳарон тааллуқ дорад. Наҷотдиҳандаи мо ҳар яки моро аз Худ авло медонад. Дар ин муҳаббати ҳақиқии Худованд мебошад.

Шумо гуфта метавонед: “Лекин, Ҷон ин Худи Исои Масеҳ аст”. Мо ҳеҷ вақт мисли Вай муҳаббат дошта наметавонем. Аҷиб аст, лекин мо метавонем. Рӯҳи Муқаддас муҳаббати Худоро дар дилҳои мо ҷой кардааст (Рум. 5:5). Тасдиқи суханони болоро мо дар номаҳои Павлус мебинем:

> Дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ намегӯям, виҷдонам дар Рӯҳулқудс ба ман шаҳодат медиҳад, ки ғуссаи бузургест барои ман, ва сӯзи дили ман поён надорад: зеро ман мехостам, ки ба хотири бародаронам, ки ба ҳасби ҷисм хешони мананд, худам аз Масеҳ маҳрум шавам.
>
> - Румиён 9:1-3

Аз чунин суханони Павлус ман ба ларза меоям. Маълум аст, ки ин суханон бе риёкорӣ навишта шудаанд, вай барои дидани наҷоти халқи худ, мардону занони Исроил, тайёр буд, ки аз наҷоти абадии худ маҳрум шавад. Чӣ тавр як шахси оддӣ бо ин гуна муҳаббат ва шараф зиндагӣ карда метавонист? Аз рӯи қуввати инсонӣ ин ғайриимкон мебошад. Вале бо кӯмаки муҳаббати Худо, ба Павлус ин имконпазир гашт. Вай чунин муҳаббат ва шарафро дар дили худ парвариш карда тавонист. Ин муҳаббат дар дуои Павлус барои халқи худ ошкор гардид. Агар ин суханон ҳақиқат намебуд, он гоҳ Худо иҷозат намедод, ки онҳо дар Каломи Ӯ ҷой гиранд. Вақте ки муаллифи Навиштаҷот мебошӣ, он гоҳ дурӯғ гуфта наметавонӣ.

Акнун шумо дарк мекунед, ки ҳамаи мо, ки аз олами боло таваллуд ёфтаем, ин қобилиятро дорем? Павлус дар нома ба Румиён 5:5 бо боварӣ иброз мекунад: “Муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст”. Ана барои ҳамин Исо ба мо мефармояд: “Ба шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман шуморо дӯст доштаам, шумо низ якдигарро дӯст доред” (Юҳ. 13:34). Ин аҳкоми наве буд, чунки дар Аҳди Қадим мардум дар ин муҳаббат зиндагӣ карда наметавонистанд. Он замон муҳаббати Худо дар дилҳои онҳо ҷорӣ нашуда буд. Ба суханони “чунон ки Ман шуморо дӯст доштам” диққат кунед, Ӯ Худро пурра ба хотири мо тақдим намуд, Ӯ аз Падар ҷудо шуда буд, Ӯ фарёд мекард: “Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардӣ?” (Мат. 27:46). Исо бо розигӣ фақирӣ, ҷудоӣ бо Худоро интихоб кард, то ки мо ҳаёти абадӣ биёбем. Ӯ моро дар сатҳи болотарин ҳурмат кардааст. Павлус низ халқи худро эҳтиром кард. Оҳ Падар, ба мо низ кӯмак бикун, ки дар чунин муҳаббат зиндагӣ кунем! Ту ин лаёқатро дар мо гузоштаӣ, ва иҷозат бидеҳ, ки мо инро дар худ ба воситаи Рӯҳи Муқаддас рушд диҳем.

Бародарон ва хоҳарони азиз, ин аст муҳаббати аслӣ: аз худ авло шуморидани бародарон дар имон ва онҳое, ки мӯҳтоҷи Масеҳ мебошанд. Ҳангоме ки мо ба онҳо бо арзиш ва муҳаббат назар мекунем, чунин муносибат ба мо имконият медиҳад, ки дар тамоми соҳаҳои кори Малакути Худо: хизматгузорӣ, дуо ё молия пурра бахшида шуда бошем. Ин моро мисли мақдуниявиҳо ба амал водор месозад. Онҳо ба Масеҳ монанд буданд. Павлус муҳаббати онҳоро ҳамчун намунаи ибрат гузошта, имондорони Қӯринтӯсро ба амал кардан ташвиқ мекард:

> Шуморо, эй бародарон, дар бораи файзи Худо, ки ба калисоҳои Мақдуния ато шудааст, огоҳ менамоем; зеро ки дар миёни имтиҳонҳои бузурги андӯҳҳо фаровонии шодии онҳо ва бенавоии сахти онҳо дар ҳиммати баландашон пурра зоҳир шуд; зеро ман шоҳиди онам, ки онҳо алоқадри қувваташон ва берун аз қувваташон сахӣ буданд: онҳо бо камоли исрор аз мо илтимос карданд, ки дар кори хайр ба мадади муқаддасон шарики мо бошанд; ва на фақат ба тавре ки мо чашм доштем, балки худашонро пешкаш карданд, аввалан ба Худованд ва сониян ба мо низ мувофиқи иродаи Худо; бинобар ин мо аз Титус хоҳиш намудем, ки ӯ, чӣ тавре сар кардааст, ҳамон тавр ин кори хайрро ҳам дар миёни шумо ба анҷом расонад. Аммо, чунон ки шумо дар ҳама чиз: дар имон ва калом, дар дониш ва ҳар гуна ҷидду ҷаҳд ва дар муҳаббати худ нисбат ба мо афзунӣ доред, ончунон дар ин кори хайр ҳам афзунӣ зоҳир намоед. Инро ба таври фармон намегӯям, балки ба воситаи ҷидду ҷаҳди дигарон самимияти муҳаббати шуморо низ меозмоям. Зеро шумо файзи Худованди мо Исои Масеҳро медонед, ки Ӯ сарватдор буда, барои шумо бенаво шуд, то ки шумо ба воситаи бенавоии Ӯ сарватдор шавед. Дар ин хусус ман фикри худро баён мекунам; зеро ки ин ба шумо фоиданок аст, чунки на танҳо ба ин кор шурӯъ намудаед, балки соли гузашта онро орзу ҳам карда будед. Ва акнун худи корро ба охир расонед, то ки он чи шумо орзуи ба амал овардан доштед, алоқадри ҳолатон анҷом ёбад. Зеро, кас агар ҳиммат дошта бошад, аз рӯи он чи ӯ дорад, мақбул меафтад, на аз рӯи он чи ӯ надорад. На он тавр, ки ба дигарон сабук ва ба шумо гарон афтад, балки ба таври баробарӣ: алҳол зиёдатии шумо камии онҳоро пур мекунад, то ки баъд зиёдатии онҳо низ камии шуморо пур кунад, ва баробарӣ ба амал ояд.
>
> \- 2 Қӯринтиён 8:1-14

Павлус эҳтироми мақдуниявиҳоро, ки дар кӯмак ба бенавоён зоҳир мегардид, намунаи ибрат гузошт, то ки имондорони дар шаҳри Қӯринтӯс бударо, барои бо муҳаббати дар дили онҳо ҷоришуда зиндагӣ намудан, водор намояд. Дар дилҳои мо муҳаббати Худо ҳаст. Барои рушди он муҳаббат мо бояд ки бо Рӯҳи Муқаддас ҳамкор бошем. Нагӯед ки:

“Ман он шахс нестам ва чунин рафтор карда наметавонам”. Ин суханон шуморо аз ҳаёти комил ва пур аз шодӣ бозмедорад, ва инчунин барои дастраси мукофоти шумо на танҳо дар ин ҳаёт, балки ба ҳаёти абадӣ низ монеъ мегардад. Ба қафо наравед, шахсонеро, ки бо шумо дар як сатҳ мебошанд, эҳтиром кунед. Он гоҳ дар абадият шумо аз рафтори хеш хушнуд хоҳед буд.

## Боби 13

# Эҳтироми шахсоне, ки пайрави мо ҳастанд

Ҳар кӣ шуморо эҳтиром кунад, Маро эҳтиром мекунад; ва ҳар кӣ Маро эҳтиром кунад, Фиристандаи Маро эҳтиром мекунад; ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар эҳтиром кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт; ва ҳар кӣ одилро ба исми одил эҳтиром кунад, мукофоти одилро хоҳад ёфт. Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат бо як пиёла оби сард эҳтиром кунад, чунки исми шогирдро дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод.

- Матто 10:40-42
(дигаргункунии калимаҳо аз ҷониби муаллифи ин китоб)

Дар ин боб мо дар бораи шахсоне, ки пайрави мо мебошанд, онҳое, ки зери итоати мо ҳастанд, сухан меронем. Ин гурӯҳ бо суханони Исо чунин гуфта шудааст: “Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат бо як пиёла оби сард *эҳтиром кунад*, чунки исми шогирдро дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки мукофоти худро аз даст нахоҳад дод”.

### Ин хурдон

Дар Навиштаҷот калимаи “ин хурдон” роҷеъ ба фарзандони хурд ё он нафароне, ки зери итоати мо мебошанд, гуфта шудааст. Дар ин боби

навбатӣ мо мавзӯи эҳтироми фарзандонро бо диққат дида мебароем. Бо бисёре аз “ин хурдон”, шахсоне, ки аз болои онҳо меистанд, нодуруст рафтор мекунанд ё ҳатто онҳоро паст мезананд. Ин хашми Худоро ба вуҷуд меорад, Исо возеҳ гуфтааст:

> Ва ҳар кӣ яке аз ин тифлонро, ки ба Ман имон меоваранд, ба васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш овехта, вайро дар қаъри баҳр ғарқ кунанд. Вой бар ҳоли ҷаҳон ба сабаби васвасаҳо, зеро ки вуқӯи васвасаҳо ногузир аст; лекин вой бар ҳоли касе ки сабаби васвасаҳо гардад. Зинҳор, ҳеҷ яке аз ин тифлонро хор нашуморед; зеро ба шумо мегӯям, ки фариштаҳои онҳо дар осмон ҳамеша рӯи Падари Маро, ки дар осмон аст, мебинанд.
>
> - Матто 18:6-7,10

Чӣ қадар суханони бедоркунанда! Ҳангоме ки Исо “вой бар ҳоли” мегӯяд, беҳтар аст, ки ба Ӯ бовар кунем, ки дар асл “вой бар ҳоли” он шахс аст. Барои чӣ Ӯ ин қадар ҷиддӣ мегӯяд?

Худо бо мо салоҳият медиҳад. Худи Худо муҳаббат аст ва салоҳияти Ӯ барои муҳаббат ва муҳофизат озод шудааст. Лекин агар ба ҷои ин аз он сӯиистифода карда, ба дигарон зарар расонида ва бартарии худро нишон диҳем, ин таҳқири рӯйрости Худо мебошад. Шумо фикр карда метавонед: “Ин таҳқири Худо намебошад, балки таҳқири халқи Худо аст”. Ин чунин нест! Барои он ки Исо мегӯяд: “Ба ростӣ ба шумо мегӯям, агар инро ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед” (Мат. 25:40). Мо бо шахсони зери итоати худ буда чӣ гунае рафтор кунем, ҳамон гуна мо бо Исо рафтор кардаем. Инро дар хотир дошта бошед, ва вақте ки сухан дар бораи фарзандон, ҳамсар, кормандон, талабаҳо ва дигар шахсоне, ки аз шумо мавқеи поёнтар доранд, меравад, инро дар хотир дошта бошед.

Онҳое, ки дорои салоҳият мебошанд, ӯҳдадор ҳастанд, ки шахсони зери итоати онҳо бударо таълим ва тарбия диҳанд. Баъзе аз пешвоён ба “ин хурдон” иҷозат медиҳанд, ки иштибоҳ кунанд. Ҳангоме ки зарурат ҳаст, онҳоро ислоҳ мекунанд. Фарзанде, ки дар ҳоли худ гузошта шудааст, агар вайро ислоҳ накунӣ, эҳтимоли зиёд дорад, ки бо роҳи нодуруст меравад. Павлус дар нома ба Қӯринтиён аҳамияти тарбияи илоҳиро нишон медиҳад: “Шумо фикр карда

метавонед, ки ман аз салоҳияти худ сӯиистифода мекунам, лекин ман таслим намешавам. Ҳар як сухани ман барои бунёдкории шумо, на ин ки барои харобкории шумо мебошад" (2 Қӯр. 10:8, Тарҷумаи ҳозиразамон). Мо номаҳои Павлусро ба қӯринтиён хонда, ба хулосае омада метавонем, ки ӯ ба тарбияи онҳо ҷиддӣ буд. Вай "ин хурдонро" қадр карда, онҳоро ислоҳу тарбия мекард. Ӯ хеле возеҳ мегӯяд, ки салоҳият ин ободонӣ, хизмат ва муҳофизати дигарон мебошад. Худро ҳамчун як роҳбар бипурсед: "Оё ангезаи ман низ чунин мебошад?" Агар шумо "ин хурдонро" эҳтиром кунед, ба онҳо хизмат кунед, онҳоро муҳофизат кунед, он гоҳ ангезаи шумо дуруст мебошад ва дар вақти зарурӣ онҳоро ислоҳ хоҳед кард.

Дигар паҳлӯи ин мавзӯъ низ вуҷуд дорад. Он шахсоне, ки баръакс рафтор мекунанд. Онҳо салоҳияти худро танҳо барои манфиати худпарастона истифода мекунанд. Ман инро мегӯям, то ки ба "он хурдоне", ки бо рафтори чунин ашхос пешпо хӯрдаанд, кӯмак кунам. Ислоҳи чунин роҳбарон хеле хатарнок аст. Дар дили ин гуна роҳбарон нисбат ба он шахсоне, ки зери итоаташон мебошанд, муҳаббат вуҷуд надорад. Онҳо ин муҳаббатро ба тариқи дуо ва фикр кардан, ба хоҳиши дидани нашъунамои шахсоне, ки зери салоҳияти онҳо мебошанд, дар худ рушд надодаанд. Оё онҳо иштибоҳ хоҳанд кард? Албатта. Танҳо дар хотир дошта бошед, ки худи шумо ҳам ҷавон ва нофаҳм будед ё шумо инро ба зудӣ аз хотир баровардед? Ман ба шахсоне, ки аз болои ман буданд, даъватҳо мепартофтам. Ман иштибоҳоти аҳмақона карда, гуноҳ мекардам. Ман бисёр боэҳсос ва дағал будам, ҳайратоварона рафтор мекардам ва дар вақтҳои ногувор суханони аҳмақона мегуфтам. Ман бисёр хуш ҳастам, ки роҳбарони ман маро дар ин ҳолат нагузоштанд.

Ман дар хотир дорам, вақте ки ман ва Лиза хизматгузории худро оғоз карда, чӣ гуна кормандони худамонро тарбия мекардем. Дар он вақт теъдоди онҳо бисёр набуд (ҳоло вақте ки ин китобро менависам, мо панҷоҳ корманд дорем). Мо барои хатогиҳои онҳо афсурдахотир мешудем. Ман дар хотир дорам, он суханоне, ки ба Лиза гуфтам, ҳоло боварӣ дорам, ки ин суханон нубувватӣ буданд, ва ба мо бисёр кӯмак карданд: "Лиза, агар ба он шахсоне, ки Худо зери итоати мо гузоштааст, аз мо ҳеҷ чиз лозим набошад, хайр, пас чаро Худо онҳоро зери итоати мо гузоштааст?" Ҳарду мо бо розигӣ сари худро ҷунбонидем.

## Роҳбарияти калисо

Дар тӯли солҳои зиёд ба ҳазорҳо калисоҳо сафар карда, ман бо ҳар гуна гурӯҳи имондорон ошноӣ пайдо кардам. Махсусан ман аз ошноӣ бо роҳбарони эҷодфикр хуш будам. Онҳо хонаи Худоро ба тариқи ғайримаъмулӣ бино мекунанд. Тарзи кори онҳо барои ҷаҳон фаҳмо мегардад. Онҳо муҳити фароҳам месозанд, ки дар он беимонон нисбат ба анъанаҳои қадимае, ки ба онҳо нофаҳмо мебошанд, дар он фазои нав худро бароҳат эҳсос мекунанд. Онҳо худро аз либосҳои махсус, сурудҳои бист сол пештара ва калимаҳои танҳо барои калисо фаҳмо буда озод месозанд. Онҳо барои эълони маросимҳои калисо мултимедиаро ба ивази эълонҳои оддӣ истифода мебаранд. Шахсан ман бовар мекунам, ки ин ҳикмат аз ҷониби Худо аст.

Камтар аз мавзӯъ дур рафта, ман инро гуфтанӣ ҳастам. Худо тарафдори тарзу усулҳои нав ва ҳозиразамон, лекин Ӯ зидди номаҳои дигаргуншуда ва ҳозиразамон мебошад. Павлус возеҳ мегӯяд: “Оё ман алҳол назди одамон ҳусни таваҷҷӯҳ меҷӯям, ё назди Худо? Оё саъю кӯшиш менамоям дили одамонро ёбам? Агар ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам” (Ғал. 1:10). Ҳеҷ вақт барои дастрас кардани одамон аз рӯи Каломи Худо ба гузашт наравед. Бо ин аъмоли худ шумо рамаи масеҳиёни қалбакиро ба вуҷуд меоред, ки хатаре дорад, ки дар рӯзи доварӣ чунин суханони Исоро бишнавед: “Ман ҳеҷ вақт шуморо намешинохтам, аз Ман дур шавед” (Мат. 7:20-23). Он гоҳ хуни онҳо бар гардани шумо мешавад. Павлус ба гурӯҳи имондорон муроҷиат карда, гуфт: “Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни ҳамаатон мубарро ҳастам, зеро ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо тамоми иродаи Худоро бифаҳмонам” (Аъм. 20:26-27). Мо наметавонем танҳо ҷойҳои хуби Китоби Муқаддасро бигӯем, мо бояд ки огоҳ ва ислоҳ кунем (Қӯлас. 1:28).

Исои Масеҳ возеҳ мегӯяд, ки Рӯҳи Муқаддас “ҷаҳонро бар доварӣ мулзам хоҳад кард” (Юҳ. 16:8). Гурӯҳи имондороне, ки шахсони дар гуноҳ зиндагӣ мекардаро бо номаҳои “боодобӣ” фош намекунанд, аз калисои Лудкия, ки дар китоби Ваҳй навишта шудааст, ҳеҷ фарқе надоранд. Ин калисо ба хотири он ки иҷозат надод, ки покшавии Худо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас биёяд, наздик буд, ки аз назди Исо ронда шавад. Дар натиҷа Ӯ ба ин калисо гуфт: “Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам” (Ваҳ. 3:20). Ин нишонаи он аст, ки агар мо номаҳои худро дигаргун созем, бисёр хатарнок аст.

Павлус роҷеъ ба ингуна тағйиротҳои Каломи Худо чунин менависад:

> Зеро, бо вуҷуди он ки аз ҳама озод будам, худро ғуломи ҳама гардондам, то ки шумораи бештари одамонро ба Масеҳ ҷалб намоям; барои яҳудиён чун яҳудӣ шудам, то ки яҳудиёнро ҷалб намоям; барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам, то ки аҳли шариатро ҷалб намоям; барои бешариатон чун бешариат шудам, - гарчанде ки ман пеши Худо бешариат нестам, балки аз аҳли шариати Масеҳам, - то ки бешариатонро ҷалб намоям; барои нотавонон чун нотавон шудам, то ки нотавононро ҷалб намоям. Барои ҳама кас ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам.
>
> - 1 Қӯринтиён 9:19-22

Ба ин суханон диққат кунед: "Ман ба олами онҳо даромада, ҳар чизро бо назари онҳо нигоҳ кардам". Якчанд вақт пештар ман ба якчанд сад усқуф мавъиза карда, аз онҳо хоҳиш кардам, ки ба ҷаласаҳои худ мисли як шахси беимон дохил шуда, аз нигоҳи онҳо бубинанд. Баъд ман гуфтам: "Агар шумо содиқ ва шахси кушода бошед, бисёр чизҳоро ба хизматгузории худ тағйир медиҳед".

Дар бадани Масеҳ мо бояд дар истифода кардани технологияҳои наву ҳозиразамон ва воситаҳои ахбори умум пешсаф бошем. Аз навовариҳо ва эҷодкориҳои мо ҷаҳон бояд илҳом ёбад. Барои чӣ ҷаҳон соҳиби чизҳои беҳтарин бошад, ва мо дар Подшоҳии Худо ҳамчун дуюминдараҷа бошем? Не, чунон ки Дониёл ва он ҷавонони яҳудӣ нисбат ба дигарон бохирад буданд, мо низ бояд фикрҳои наву тоза ва эҷодкорона дошта бошем.

Биёед Каломи Худоро дар қуввати Рӯҳи Муқаддас ва бе гузашт таълим дода, лекин онро бо чунин шакл пешниҳод мекунем, ки ба беимонон қабул кардани он осон шавад. Номаи мо бояд беимононро дар гуноҳашон фош кунад. Мо бояд ба пуррагии итоат ба Исои Масеҳ даъват кунем, ки он тавба кардан ба гуноҳҳо, ба ҳаёти бехудоёна, хоҳишҳои ҷаҳонӣ ва сад фоиз бахшидани худ ба Масеҳро дар бар мегирад. Мо инро бо хурсандӣ ва тарзҳои ҳозиразамон анҷом дода метавонем. Масеҳӣ будан, ин маънои аз даст додани эҷодкорӣ ва хушҳолиро надорад. Аммо, баръакс, дар Масеҳ, мо ин хислатҳоро бо фаровонӣ ёфта метавонем. Агар мо "ин хурдонро" эҳтиром кунем, ва вақти худро дар ҷустуҷӯи фикрҳои нав ва эҷодкорӣ гузаронем, ин ба Худо писанд меояд.

## Рӯҳбаланд ё пахш кардан

Бубинед, ки Петрус ба роҳбарони калисо чӣ менависад:

> Аз пирони шумо (усқуфон ва роҳбарони калисо) хоҳишмандам ман, ки низ пир ... Рамаи Худоро, ки назди шумост, бичаронед (сер кунед, ҳимоя кунед, роҳнамоӣ кунед) ва ба он назорат кунед, на ба таври маҷбурӣ, балки ба таври ихтиёрӣ, чунон ки мақбули Худост, ва на барои тамаи нангин, балки аз сидқи дил. Ва на ҳамчун касоне, ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд, балки ба рама намунаи ибрат нишон диҳед.
>
> - 1 Петрус 5:1-3

Дар калисои асри бисту якум ҳар гуна тарзи роҳбарият мушоҳида карда мешавад: анъанавӣ, пешрафткарда, риоякунандагони қонунҳо, роҳбарияте, ки дастаро бино мекунад, диктаторӣ, назораткунанда ва ин рӯйхатро идома додан мумкин аст. Лекин ба ҳар сурат мо онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо карда метавонем: рӯҳбаландкунанда ва пахшкунанда. Фарқият аз ҳолати дили роҳбар муайян карда мешавад.

Баъзе роҳбарон зоҳиран самаранок вонамуд шуда, лекин аз паси худ пайравони маҷрӯҳ, зарбахӯрда ва ҳатто мурдаро боқӣ мегузоранд. Аз дигар тараф, роҳбарони дигаре, ки аз онҳо на камтар дастовард доранд, пайравони худро ташвиқ ва рӯҳбаланд мекунанд. Сабаби асосии ин дар эҳтиром ва ё беҳурматие, ки дар қалби он роҳбар ҷой гирифтааст.

Мардону занон барои дастрас кардани рӯъёи худ, аз ин ду роҳ якеро барои худ интихоб мекунанд. Роҳбаре, ки дар қалби худ эҳтиром надорад, барои "ин хурдон" васвасае мегардад. Ӯ ба одамон ҳамчун ба як механизми иҷрокунандаи рӯъёи худ назар мекунад. Роҳбари воқеӣ, ки пайравони худро рӯҳбаланд мекунад, ӯ ба рӯъё ҳамчун ба як механизм назар мекунад, ки ба он одамон хизмат мекунад. Чунин роҳбар он касонеро, ки зери салоҳияти вай меистанд, эҳтиром мекунад. Бисёр аҷиб аст, ки чӣ гуна ангезаи дил барои одамон таъсири гуногун дорад. Исо гуфтааст: "Ва ҳикмат аз тарафи фарзандонаш тасдиқ карда мешавад" (Мат. 11:19). Ман дар баъзе калисоҳо шахсони бисёр хасташударо дидам (ва хуш ҳастам, ки ин гуна калисоҳо зиёд нестанд), ва дар дигар калисоҳо ман ба чеҳраҳои хуш ва шодон шаҳодат додам. Сабаби ҳамаи ин аз он аст, ки ба онҳо бо эҳтиром муносибат мекунанд ё не, мебошад.

Роҳбаре, ки эҳтиром мекунад, одамонро барои рушд ва пешрафт рӯҳбаланд мекунад. Барои чунин роҳбар хурсандӣ дар он аст, ки одамонро дар муносибати наздик бо Худованд ва дар даъвати худ нашъунамоёфта бубинад. Ҳамоҳангии ин ду ҷабҳаи масеҳият, роҳ рафтан дар ростӣ номида мешавад. Ба суханони ҳавворӣ Юҳанно дар бораи одамоне, ки зери нигаҳбонии мо мебошанд, назар кунед: “Зеро ки ман бағоят хурсанд шудам, вақте ки бародарон омада, дар бораи ростии ту шаҳодат доданд, чунон ки ту дар ростӣ рафтор мекунӣ. Барои ман хурсандии бештаре нест аз шунидани он ки фарзандони ман дар ростӣ рафтор мекунанд” (3 Юҳ. 1:3-4).

Дар ростӣ роҳ рафтан, ин донистани Холиқ ва хизмат кардан ба Ӯ мебошад. Исо мегӯяд, ки дар рӯзи доварӣ шахсоне хоҳанд буд, ки ба исми Худованд бисёр корҳоро анҷом додаанд, лекин Вай ба онҳо хоҳад гуфт: “Аз Ман дур шавед, Ман ҳеҷ вақт шуморо намешинохтам”. Онҳо чизи аз ҳама муҳимро - шахсан донистан ва ошноӣ пайдо кардан бо Худоро аз даст додаанд. Роҳбарони Худо муносибати худро бо Ӯ зери савол намегузоранд.

Дигар нафароне хоҳанд буд, ки Худоро шахсан мешинохтанд, лекин Ӯ бо онҳо розӣ нест. Онҳо бахшоишҳое барои бинои хонаи Худо доштанд, аммо ба масъулияти худ бепарвоёна назар карданд. Хӯҷаин ба онҳое, ки талантҳои худро гӯр кардаанд, чунин хоҳад гуфт: “Ғуломи танбал ва фиребгар!” (Мат. 25:26, Тарҷумаи нав).

Ҳар як имондор даъват шудааст, то ки хонаи Худоро обод кунад. Нома ба Эфсӯсиён 2:10 возеҳ мефармояд: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем”. Мо офарида шудаем на танҳо ба хотири он ки ягон чизро дастрас кунем, балки барои он ки чизеро иҷро кунем. Афсӯс ки баъзан одамон дар ин таълимот мувозинатро аз даст медиҳанд. Ман шунидаам, ки чӣ гуна воизон эълон мекунанд: “Муҳим нест, ки мо кадом корҳоро мекунем, муҳим он аст, ки мо кӣ ҳастем, мо инсонҳои роботшакл нестем, мо инсонҳои халқ шуда мебошем”. Суханони зебо ҳастанд, лекин ин суханон бо ҳаёти масеҳиёт мувозинат наёфта мебошанд. Бале, ҳангоме ки мо масеҳӣ мешавем, аз бори гарони худ халос мегардем. Аммо Навиштаҷот мефармояд, ки ҳамон лаҳзае ки мо наҷот меёбем, мо бори Ӯро дар худ мегирем. Мо самара меоварем, ки ин тасдиқи имони аслии мо мебошад (Яъқуб 2).

Чунин таълимот нуқтаро ба он гузошт, ки мо кӣ ҳастем, дар айни

ҳол даъвати моро бе назар мегузорад. Ин гуна таълимот водор менамояд, ки масеҳиён ҳафтае як маротиба калисоро ташриф оварда, ва аз реша давондан ва фаъол будан дар хонаи Худо худдорӣ намоянд. Имондороне, ки зери таъсири чунин таълимот рушд кардаанд, дар рӯзи доварӣ онҳоро лаҳзаҳои нохуш мунтазир мебошад. Мо дар Исои Масеҳ барои иҷрои вазифаҳои муайян офарида шудаем. Ин вазифаҳо пеш аз он ки мо дар батни модарамон ба вуҷуд оем, таъин шуда буданд. Мо барои он масъулияте, ки дар дӯши мо гузошта шуда буд, ҳисобот хоҳем дод. (Заб. 138:16).

Ҳадафи роҳбаре, ки шахсони ба вай супоридашударо эҳтиром мекунад - ин дидани он ки “ин хурдон” дар ростӣ роҳ рафта, ва ба пеш ҳаракат мекунанд. Падар ва модари хуб хоҳони он мебошанд, ки фарзандони онҳо аз комёбиҳои онҳо бештар дастовард дошта бошанд. Исо хоҳиш дошт, ки мо аз Ӯ бештар самара биоварем. Мо бояд низ нисбати пайравони худ чунин хоҳиш дошта бошем. Чӣ гунае ки ҳаворӣ Юҳанно дар номаи худ навиштааст, роҳбарон дар дили худ хоҳиши дидори дар ростӣ қадам задани шогирдони худ бояд бошанд. Ана ҳамин чиз бояд ба мо хурсандии бештаре биоварад.

## Дар бораи он фикр кунед

Роҳбари ҳақиқӣ ҳамеша комёбӣ ва пешрафти худро ҳамчун натиҷаи хизмати пайравони худ медонад. (Албатта, ҳама шараф, сипосгузорӣ ва ҷалол аз они Худованд мебошад, лекин мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Худо одамонро истифода мекунад.) Роҳбар шарафро ба аъзои дастаи худ бо таъриф кардани онҳо нишон медиҳад. Таърифи вай рӯякӣ намебошад, балки аз дил мебарояд. Ман, ҳамчун як роҳбар, дар бораи он шахсоне, ки ба дастрас кардани рӯъёи мо кӯмак мерасонанд, доимо фикри олӣ дорам, ман ба онҳо ҳамчун як бахшоиши илоҳӣ ба хизматгузории мо назар мекунам. Ман худро аз фикрҳои манфӣ нисбат ба ин шахсон нигоҳ медорам. Бо ин кори худ ман эҳтиромро дар қалби худ нигоҳ медорам. Павлус мефармояд:

> Хуллас, эй бародарон, ҳар он чи рост аст, ва ҳалол аст, ва боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва шоёни таҳсин аст, ва ҳар эҳсон ва ҳамде ки бошад, - дар бораи он фикр кунед.
>
> - Филиппиён 4:8

Ман дар хотир дорам, ки дар издивоҷи мо вақте буд, ки ман нисбат ба Лиза афсурдахотир шуда будам. Рӯйрост гӯем, умуман ман аз ӯ розӣ набудам. Муносибати нодурусти ман дар тӯли солҳо сохта мешуданд. Торафт ман бадтар мегаштам. Боре ҳангоми баҳс ман аз хона баромада, ба сӯи саҳро равона гаштам. Ман намехостам, ки бо ҳамсари худ якҷой бошам. Ман мехостам, ки муносибати ӯро нисбат ба худам дарк кунам, ва дар дами роҳ ба саҳро ман пеши Худованд дар бораи ин фикр мекардам. Ба саҳро расида, ман дар қалби худ шунидам: “Писарам, Ман мехоҳам, ки ту дар бораи корҳои хуби Лиза фикр карда, барои онҳо аз Ман сипосгузорӣ кунӣ”.

Возеҳ аст, ки дар он вақт фикрҳои ман бисёр манфӣ буданд. Ба ҳар ҳол, ман як кори хуби Лизаро ба ёдам овардам. Ӯ бисёр модари хуб буд. Он вақт табъи нохуш дошта, ман хаёл ҳам намекардам, ки ин руйхатро давом додан мумкин аст. Лекин, ба ҳар ҳол, ҳамон лаҳзае ки ман Худоро барои ин шукр кардам, дар фикри ман боз як ҷиҳати хуби Лиза омад. Ман боз Худоро шукр гуфтам. Баъд боз як хислати хуби ӯ ба ёдам омад. Ин тавр якчанд лаҳза идома ёфт, ва ман дидам, ки чӣ гуна хонуми хубро дорам. Як чизи аҷиб рӯй дод, ман ба ин шароит тамоман аз дигар тараф назар кардам. Ин ба ман кӯмак кард, то бубинам, ки ман як шавҳари ношоиста ҳастам. Ман фикрҳои худро ҷо ба ҷо карда, ба ҳама чиз аз дигар тараф назар кардам. Ман ба ин вазъият бо нигоҳи Худо назар кардам.

Ба хона баргашта, ман хислатҳои хуби Лизаро, ки ман онҳоро қадр доштам, ба вай гуфтам. Ман суханони худро идома медодам, ва ин суханон мисли дарё аз дили ман ҷорӣ мешуданд. Вақте ки ман аз хона мерафтам, ӯ бисёр хафа вонамуд мешуд. Барои барқарор кардани муносибати дӯстонаи мо якчанд вақт зарур буд. Лекин дар натиҷаи эҳтироми ман ба ӯ, ҳамон лаҳза оштӣ шудем. Муносибати мо аз он лаҳза дигар бад нашуд.

Ҳангоме ки мо он чиро, ки дар нома ба Филиппиён 4:8 навишта шудааст, риоя мекунем, айни ҳамон чиз бо фарзандон, талабагон, кормандон ва аъзои калисои мо рӯй хоҳад дод. Нисбат ба касоне, ки дар зери парастории шумо ҳастанд, дар фикри хушу хуб бошед. Дар бораи он фикр кунед, ки онҳо назди Падари осмонӣ чӣ қадар арзиш доранд, онҳо писарон ва духтарони Ӯ мебошанд. Агар онҳо ҳоло наҷот наёфта бошанд, ба он диққат кунед, ки то чӣ андоза онҳо арзиш доранд, ки Исо барои

онҳо ҷон дод. Бо чунин рафтори худ мо қалби худро аз беэҳтиромӣ нигоҳ медорем. Он гоҳ мо баракатёфта мебошем.

Боз ҳам такрор мекунам, ки дар вақтҳои зарурӣ мо аз ислоҳ кардани онҳо худдорӣ намекунем. Мо ислоҳ карда, дар самти дуруст равона мекунем. Фарзандон ва кормандони мо медонанд, ки ман ва Лиза норозигиро дар худ нигоҳ намедорем. Онҳо мегӯянд, ки мо ҳангоми ислоҳ кардан ҷиддӣ мебошем, вале баъд аз он бо онҳо зуд шӯхиву ханда мекунем. Ман ин дарсро аз Худи Худо омӯхтаам. Баъд аз он ки Ӯ ислоҳ мекунад, ҳангоме ки мо тавба мекунем, Худованд моро ҳамон лаҳза мебахшад. Ӯ норозигиро дар Худ нигоҳ намедорад. Ӯ тамғаи гуноҳро дар мо намегузорад, то ки он шармандагӣ ҳамроҳи мо бошад, баръакс, Ӯ гуноҳҳои моро дар уқёнуси бахшиш мепартояд. Ҳама чизе, ки Ӯ аз мо талаб мекунад, ин итоат ба каломи Ӯ ва дубора такрор накардани ин иштибоҳот мебошад. Фикрҳои Падарамон оиди муҳаббат, шараф ва умед роҷеъ ба мо мисли регҳои дарё бешумор мебошанд (Заб. 138).

Ҳангоме ки роҳбар “ин хурдонро” эҳтиром мекунад, ин бахшоишҳои Худоро ба зиндагии ин шахсон воз мекунад, ки он дар навбати худ ба ин роҳбар кӯмак мешавад, то ки рӯъёи ӯ ба воситаи бахшоишҳои ин шахсон иҷро шавад. Ман аз суханони баъзе усқуфон дар бораи кормандонашон дар ҳайрат мемонам. Онҳо бо ҳамкорони худ дағалона, сахт ва бо талабот сухан меронанд. Баъд ман аз ин усқуфон шунидаам: “Ман барои худ ҳамкорони хубе ёфта наметавонам. Ба ман кормандони беҳтарин зарур мебошанд”. Ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест. Онҳо кормандони худро қадр намекунанд, ва маҳз барои ҳамин соҳиби мукофот ҳам намегарданд.

## Тарафи молиявии ин мавзӯъ

Ҳамон тавре ки мо роҳбарони худро бо пулҳои худ эҳтиром мекунем, мо бояд кормандони худро эҳтиром кунем. Якчанд сол пештар ман ба ёрдамчии Лиза кӯмаки пулӣ мекардам. Мо мавзӯи буҷети моҳонаи ӯро ҳал кардем. Дар он вақт мо ба кормандони худ маоши миёнаи моҳонае, ки ҳукумати Колорадо Сити ба кормандони худ муқаррар карда буд, медодем. Ман масрафҳои он шахсро ҳисоб карда, дидам, ки маоши вай барояш кифоят намекунад. Ман ба ӯ гуфтам: “Ту бо ин маош зиндагӣ карда наметавонӣ”. Хонумам, ки назди ман истода буд, бо суханони ман

пурра розӣ шуд.

Ман ҳамон лаҳза ба сардори идораи молиявиамон занг зада, гуфтам: “Ман ҳоло буҷети ёрдамчии Лизаро дида баромада, ба хулосае омадам, ки мо ба вай маошро ба қадри кофӣ намедиҳем. Ҳеҷ як корманди мо набояд ки аз ҷиҳати молиявӣ азоб кашад. Ман мехоҳам, ки ба ҳамаи кормандони худ маоши моҳонаи онҳоро то ин сатҳ (ман як миқдорро гуфтам) баланд бардорем. Муҳим нест, ки онҳо кадом корро анҷом медиҳанд, хатҳоро мебаранд ё ба зангҳои телефонӣ ҷавоб медиҳанд”.

Якчанд лаҳза дар он тарафи гӯшаки телефон хомӯшӣ буд, ва баъд шахси масъули молиявии мо ҷавоб дод: “Агар ту чунин рафтор кунӣ, бисёриҳо мехоҳанд, ки дар хизматгузориат кор кунанд”.

Дар ҷавоб ман гуфтам: “Ин муҳим нест. Кормандони мо ҳаёти худро бахшиданд, то ки бо мо якҷоя ба Худованд хизмат кунанд. Онҳо бояд ки маоши хуб дошта бошанд”.

Дар он рӯз маоши аксарияти кормандони мо афзуд. Ин ногаҳон рӯй дод, ва аз шунидани ин хабар онҳо сипосгузор буданд. Дар он ҳафта як духтар мехост аз вазифаи худ истеъфо дода биравад. Ӯ мехост пас назди оилаи худ ба иёлоти Индиана баргардад, вазъияти молии вай хуб набуд. Дар он рӯз ба ҳисоби маоши солонои худ панҷ ҳазор доллар афзоиш гирифт, ва ин кӯмак кард, ки ӯ аз кор наравад.

Ҳоло баъд аз гузашти солҳо ӯ бо мо кор карда, то ба вазифаи роҳбари яке аз шӯъбаҳо расидааст. Ӯ яке аз кормандони беҳтарин ва самараноктарини мо мебошад. Ман мебинам, ки чӣ тавр зуд ӯ рушд мекунад. Ман ҳатто аз фикри он ки ӯ ба хотири мушкилоти иқтисодӣ аз мо истеъфо дода мерафт, ба ларза меоям.

Мукофоти мо на танҳо аз ҷониби ин духтар омада буд. Самаранокии кори мо аз он вақт сар карда, ба якчанд маротиба бештар афзудааст. Мо ба як сатҳи нави самаранокӣ қадам задем. Мо кормандони худро эҳтиром кардем, ки ин ба мо мукофотро дар намуди самаранокии кор оварда расонид.

Якчанд ақидаҳо роҷеъ ба ин мавзӯъ. Чи тавре ки ман пештар зикр кардам, эҳтиром ба қалби Худованд таъсир мерасонад. Мо бояд бо ду сабаб хоҳони шараф бошем: аввалин, барои он ки мо он шарафро аз қалби худ ба Худованд тақдим кунем. Дуюмин, ба хотири онҳое, ки моро эҳтиром карда, сазовори мукофот мегарданд. Дар оғози хизмати худ ман

ёрдамчии усқуф дар як калисои бузург будам. Ба мо маоши минималӣ медоданд. Маоши моҳонаи мо фақат ба масрафи зарурии мо баробар буда, барои харидани либос ё дигар лавозимоти хона пул намемонд. Ин гуна маош барои мо пешкаш шуда буд, ва мо бо ин пешниҳод розӣ шуда будем. Мо намехостем, ки муздури талабгор бошем.

Як сол ва баъд соли дигаре ҳам сипарӣ шуд, лекин маоши мо зиёд намешуд. Акнун мо на як, балки ду фарзанд доштем. Масрафҳои мо зиёд шуданд, аммо маоши мо дар як сатҳ монда буд. Дар тӯли ин ду сол дӯсти ман, ӯ ҳам яке аз ёрдамчиёни усқуф буд, ба идораи ман даромаду пурсон шуд, ки оё ман намехоҳам ба онҳо шарик шавам. Онҳо тасмим доштанд, ки назди мудир ва усқуфи калон рафта, дар бораи баланд бардоштани маош сӯҳбат кунанд. Ҷавоби ман чунин буд, ки ман ҳеҷ вақт ба ин кори онҳо шарик намешавам, ва ба ӯ низ маслиҳат медиҳам, ки аз ин кор даст бикашад. “Ин дар салоҳияти ман нест, ки ба онҳо бигӯям, ки чӣ тавр маро эҳтиром бояд кард”, гуфтам ман ба ӯ.

Дӯсти ман эътироз карда, гуфт: “Ҷон, то ки мо рӯзғори худро пеш бибарем, ман маҷбур шудам, ки аз падару модари худ пул бигирам. Волидайни мо пул мефиристанд, то ки ман нӯг ба нӯг зиндагӣ кунам”.

Ман гуфтам, ки дар бораи ин ҳолат афсӯс мехӯрам, лекин ман ба Худованд таваккал карданро идома медиҳам. Ман бо кӯшиши он ки ба вай кӯмак кунам, гуфтам, ки на чеки бонкӣ, балки Худо сарчашмаи мо аст. Ҳамин тавр вонамуд мешуд, ки вай аз гуфтаҳои ман ҳеҷ чизро бардошт накард.

Ман гуфта наметавонам, ки оилаи ман зери фишори иқтисодӣ набуд, бо вуҷуди мушкилоте, ки мо доштем, мо инчунин осоиштагӣ ва таъминоти Худовандро низ доштем. Дар хонаи мо бисёр мебели кам буд: қолиби кроват, ки ҷои нишаст надошт, ду креслои хурд, якчанд чароғдони рӯимизӣ ва мизи ошпазхона бо курсиҳояш ва ҳамаи инро мо дар манзили аввал доштем. Аммо дар тӯли як сол ба таври фавқултабиӣ Худо хонаи моро бо мебел пур кард, ки бисёре аз ин мебелҳо шаклу намуди зеборо дошта, бо фармоиш сохта шуда буданд. Мо аз таъминоти Худованд хушнуд будем.

Ва баъд аз як сол усқуф моро ба хизмати худамон ҳамчун воизони сафаркунанда баракат дод. Ба мо дигар маош намедоданд. Мо сесад доллар пасандоз доштем ва танҳо қарзи мо барои пардохти мошин ва хона ҳар моҳ як ҳазор долларро ташкил медод. Бар замми ин, Худованд

дар вақти дуо ба ман сухан ронда, гуфт, ки ман ба усқуф набояд ки занг зада, аз ӯ ҷои кор барои хизматгузорӣ талаб кунам. Ӯ мехост, ки ман ба Худаш таваккал кунам.

Дар охири моҳи ноябри соли 1989 ман танҳо ду ҷойро дар нақша доштам, ки хизмат кунам. Ҷои аввал ин калисои хурде, ки аз сад нафар аъзо иборат буда, хизматгузории худро дар толори маросими ҷанозагузаронӣ дар ҷануби иёлоти Каролина мегузарониданд, буд. Ин дар нақшаи ман дар ҳафтаи охири моҳи январ ба назар гирифта шуда буд. Дуюм ҷой, ки мебоистам ҷаласа гузаронам, ин калисои хурде, ки аз дусад нафар иборат буд, ки дар иёлоти Тенисси ҷойгир шуда буд. Аз охири моҳи декабр инҷониб дигар ба ман маош намедоданд. Ману Лиза мебоист ки ба таври ҷиддӣ ба Худованд таваккал мекардем.

Агар ҳангоме ки ман ёрдамчии усқуф будам, таваккал кардан ба Худовандро ёд намегирифтам, он вақт ман ба дигар фишорҳо ҳам истодагарӣ карда наметавонистам. Он гоҳ ин монеа хеле калон ба назар вонамуд мешуд. Агар ман на ба Худованд, балки ба инсон назар мекардам, он гоҳ ба зудӣ ба ҷои ҷустуҷӯи Худо ва номаи Ӯ, ба мардум ман ҳар гуна макру ҳилларо ба кор бурда, то қонеъ гардонидани мӯҳтоҷиҳои оилаамон аз мардум пул талабида, қувваи худро беҷой масраф мекардам.

Ин маоши хурди ман боис шуд, ки ман бисёр баракатҳоро ба даст биоварам. Агар ман ба гапи он дӯсти худ даромада, бо усқуфи калон дар бораи маоши худ гап мезадам, ман дар он мавқее, ки ҳоло ҳастам, ҳеҷ вақт намерасидам. Дар соли аввали хизмати худ, мо ба Худованд барои як ҳазор доллар дар ҳар ҳафта бояд ки имон меовардем. Ҳоло вақте ки ҳамин китобро менависам, мо барои пешбурдани хизматгузории худ, бояд ки ба сад ҳазор доллар дар як ҳафта имон биоварем.

Агар шумо ба каси дигаре кор мекунед, аз таҳти дил ба он маоше, ки розӣ шуда будед, кор кунед. Ҳангоме ки шумо корфармои худро эҳтиром карда, кори худро ба дараҷаи олиаш анҷом медиҳед, он гоҳ Худо шуморо мукофот хоҳад дод. Мукофот аз ҷониби корфармо ё аз ҳар роҳи дигаре, ки Худованд интихоб мекунад, сӯи шумо хоҳад омад. Лекин гап дар сари он аст, ки шумо ба ҳар ҳол баракат меёбед. Ҳангоме ки калисо ба мо маоши кам медод, Худо моро ба таври олиаш эҳтиром кард. Хонаи мо пур аз мебели хуб буд, мо мошинҳои беҳтаринро доштем, ва аз ҷиҳати озуқаворӣ ҳам мо ҳеҷ вақт камбудӣ надоштем. Мо ба маоши худ нигоҳ накарда, бисёр ҳаёти хубе

доштем. Ҷои Навиштаҷот: “Чизи ками одил беҳ аз сарвати шарирони бисёр” (Заб. 36:16), шиори зиндагии мо буд. Худованд моро эҳтиром кард.

Дар хулоса чӣ гуфтан мумкин аст? Агар шумо коргар бошед, инро ҳамеша дар ёд дошта бошед: агар шумо Худовандро бо он, ки ба корфароми худ 100 фоиз дода шуда, эҳтиром кунед, шумо сазовори мукофот мешавед. Баръакс, агар шумо корфармо бошед, бидонед, ки бо эҳтиром кардани кормандони худ, шумо аз бахшоишҳое, ки дар ҳаёти онҳо рушд мекунанд, баҳраманд мегардед. Корфармоён, усқуфон, шумо бисёр мукофотро аз ҷониби Худо ба воситаи он бахшоишҳои пинҳонии кормандони худ хоҳед ёфт. Иҷозат диҳед, то ки ин бахшоишҳо дар зиндагии онҳо озод ва фаъол гарданд. Бо ҳар гуна тарз онҳоро эҳтиром кунед.

## Боби 14

# Эҳтиром дар хона - фарзандон

Баъд аз якчанд соли хизмат дар калисои маҳаллӣ ва зиёда аз бист соли хизмат ҳамчун воизи сафаркунанда, ман пайхас кардам, ки зарурат ба эҳтиром на дар калисо, на дар корхона, балки дар оила мебошад. Ҳақиқат дар он аст, ки барои соҳаҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва калисоҳо кӯмаки бисёр дар он ҳолат мешавад, ки агар падару модарон дар хонаҳои худ намунаи эҳтиромро нишон диҳанд, то ки ин фазои эҳтиром ба дигар ҷойҳо низ пахш гардад.

### Қуввати каломи волидайн

Аз ин пеш мо дар бораи аҳамияти эҳтироми фарзандон ба волидайн гуфта гузашта будем. Лекин ба волидайн низ муҳим аст, ки фарзандони худро эҳтиром кунанд. Эҳтиром, ин яъне қадр кардан мебошад. Агар мо фарзандони худро қадр кунем, он гоҳ мо тавре бо онҳо сухан мегӯем ва рафтор мекунем, ки ин ба онҳо имконият медиҳад, ки қуллаҳои баланди зиндагиашонро дастрас кунанд.

Гоҳ-гоҳ ба гӯши ман суханони волидайн мерасад, ки бо фарзандони худ бо суханоне, ки иззату обрӯи онҳоро паст мезананд, муроҷиат мекунанд, ки аз ин суханон ман худро нороҳат эҳсос мекунам. Ин метавонад падаре бошад, ки бо духтари ҷавони худ дағалона гап мезанад, ё падаре, ки писарбачаи худро, ки дар майдони варзишӣ иштирок мекунад, танқид мекунад. Ё модаре, ки фикр мекунад, гӯё

фарзандонаш бо рафтори худ обрӯи вайро пеши дигарон мерезонанд ва ӯ дар навбати худ онҳоро назди дигарон сарзаниш мекунад. Ин гуна рӯйхатро идома додан мумкин аст.

Ҳангоме ки ҳамсари ман ҳоло ҷавон буд, дар зиндагии ӯ мушкилиҳое пайдо шуданд, ки бо осонӣ метавонистанд ҳалли худро биёбанд. Лиза ҷавондухтари фаъол буда, ҳеҷ вақт дар бораи вазни изофагӣ ташвиш надошт. Ҳар сол дар таътили тобистона вазни ӯро месанҷиданд. Ҳар гуна вазни зиёдатиро ҳамчун як чизи оддӣ вобаста ба рушди синнусолӣ шумор мекарданд.

Лиза бо шиноварӣ машғул шуда буд. Тақрибан дар тӯли як сол ӯ ба ду дастаи шиноварӣ ширкат карда, ба вай иҷозат дода мешуд, ки ҳар вақт ва ҳар чизе, ки бихоҳад, метавонад истеъмол кунад. Ӯ маҷрӯҳ шуда, маҷбур шуд, ки аз шуғли варзиш канорагирӣ намояд. Он вақт ӯ дар синфҳои болоӣ таҳсил мекард. Сатҳи фаъолияти вай кам шуд, лекин ӯ ҳамон қадар ғизое, ки ҳангоми машқҳои варзишӣ доштанаш истеъмол мекард, ҳамон миқдорро давом дод.

Боре ҳангоме ки вай аз мактаб баргашт, падараш хост, ки Лиза назди ӯ биёяд. Ӯ Лизаро аз сар то по нигоҳ карда, ба вай гуфт, ки чарх бизанад. Ӯ гуфт: “Ин шими ҷинс ба ту танг шудааст. Вазни ту чанд кило аст?”

Ӯ он вазнеро, ки дар таътили тобистона дошт, ба падараш гуфт.

Падар эътироз карда, гуфт: “Наход, ту ақаллан 135 фунт вазн дорӣ (61.2 кг). Бирав ва дар тарозу вазни худро бисанҷ!”

Аз шарму ҳаё сурх шуда, Лиза ба ҳаммом, он ҷое ки тарозу буд, равона шуд. Вазни худро дида, Лиза дар тааҷҷуб монд. Вазни ӯ 140 фунт (63.5 кг) буд.

Лиза вазни худашро ба падараш гуфт. Падараш бо рафтор ва аксуламали худ нишон дод, ки ин вазн барои ӯ бисёр зиёд аст. Ӯ гуфт, ки ин зебо нест ва писарбачаҳо вайро аз барои фарбеҳ буданаш ба вохӯриҳо даъват нахоҳанд кард. Баъд аз суханони сахти падараш, Лиза ба ҳаммом даромада, лисоби худро кашида, дар оина ба бадани худ назар кард. Ин бори аввал буд, ки вай аз андоми худ нафрат пайдо кард. Аз ҳамон лаҳза вазн барои ӯ аз ҳама чизи муҳим дар зиндагӣ шуд. Ӯ ғизои рӯзонаи худро кам кард, ва ин натиҷа дод. Писарбачаҳо ба ӯ диққат медоданд, ва ин ба вай писанд омад. Дар натиҷа дар фикри вай як ақида ҷой гирифт: “Ҳангоме ки ман хароб ҳастам - ман боқувват, сазовори муҳаббат ва таваҷҷӯҳи дигарон ҳастам, вале ҳангоме ки

фарбеҳ мешавам - ман беқувват ва бе таваҷҷӯҳ мемонам”.

Чунин тарзи фикрронӣ боис шуд, ки ӯ ба монанди чархи об поён фарояд. Бо мурури замон ҳолати вай то касалии булимилия (бе иштиҳо) ва анерексия (ҳолати психологие, ки доимо барои кам кардани вазн водор месозад) омада расид. Лиза ба ғизо муносибати дӯст доштан-нафратро дошт. Ӯ ғизо хӯрданро дӯст медошт, вале аз фарбеҳ шудан нафрат дошт. Ӯ ба хӯрдани доруҳое, ки ғизоро аз бадан зуд хориҷ мекунанд, оғоз кард. Дар солҳои аввали донишҷӯии худ, организми Лиза ба ин доруҳо вобаста шуда буд. Дар натиҷа, ӯро дар беморхона хобониданд, чунки дар тӯли як моҳ ӯ хироҷи ғизо аз бадан ба таври табиӣ надошт. Ҳангоме ки ӯ бисту ду сола шуд, вай аз ҷониби Худо пурра шифо ёфт. Шаҳодати пурқуввати ӯро шумо дар китобаш бо номи “Ту ин вазни ту нест” хонда метавонед. Оё агар падараш дигар хел рафтор мекард, ба ин ҳолат дучор нашуданаш мумкин буд? Чӣ мешуд, агар вай бар ивази суханҳои сахти худ, суханҳои дастгирикунанда ва рӯҳбаландкунанда мегуфт? Он вақт Лиза ба худ назари дигар медошт?

Ман исботи инро дар издивоҷи худамон мушоҳида кардам. Ҳангоме ки ман бо Лиза издивоҷ кардам, вазни вай 116 фунт (52.6кг) буд. Ман доимо ба вай мегуфтам, ки ӯ андоми зебо дорад. Баъд аз гузаштани як сол низ ман ба ташвиқ ва таъриф кардани Лиза идома медодам. Ҳатто ҳангоме ки ӯ ҳомиладор буд, ва он вақте ки ба кӯдакамон шир медод, ман боз ҳам ӯро дастгирӣ мекардам. Ман фақат мегуфтам: “Ту зебо ҳастӣ!” ё ки: “Вақте ки ман бист сола будам, агар касе ба ман мегуфт, ки хонуми ман баъд аз солҳои зиёди издивоҷ ҳам ин қадар зебо мемонад, ман ҷашн мегирифтам” ё боз: “Ту имрӯз аз рӯзи тӯйи мо ҳам зеботар ҳастӣ”. Ин суханон рост аст ва онҳоро аз қалби худ мегӯям. Боварӣ дорам, ки гуфтани ин суханон бисёр муҳим мебошад. Аз ин бармеояд, ки ман доимо тарзҳои таъриф кардани ҳамсарамро меҷӯям. Ман шавҳари вай мебошам ва ин вазифаи ман аст. Павлус ин суханонро дақиқтар карда мегӯяд: “Ҳамин тавр бояд шавҳарон занони худро мисли ҷисми худ дӯст доранд: он ки зани худро дӯст медошта бошад, худро дӯст медорад. Зеро ки ҳеҷ кас ҳаргиз ҷисми худро бад намебинад, балки онро *ғизо медиҳад* ва гарм мекунад, чунон ки Худованд низ Калисоро” (Эфс. 5:28-29). Ба калимаи “ғизо медиҳад” диққат кунед, ин маънои “чизҳои заруриро барои рушд медиҳад”-ро дорад. Ман доимо имкониятеро меҷӯям, то ки хонуми худро бо суханони нек ғизо бидиҳам. Дар бораи ин мо дар боби навбатӣ сухан хоҳем ронд, барои он ки ин қисми эҳтироми зан мебошад.

Он замоне ки ман чизҳои заруриро ба Лиза медодам, вай ба он ваъдаҳои додаи Худованд, ҳангоми шифо ёфтанаш, устувор мегардид. Худо бо вай корро идома медод. Ӯро дастгирӣ карда, ман он муҳитеро барояш фароҳам сохтам, ки ба Лиза бораи имон оварданаш осонтар гардад. Баъд аз бисту панҷ соли оиладорӣ ва чор фарзанд ба дунё овардан, вазни Лиза ҳамон тавре, ки рӯзи тӯйамон буд, то ҳол мондааст. Ӯ зиёд заҳмат намекашад ва баъзеҳо фикр мекунанд, ки организми вай тавре ҳаст, ки фарбеҳ намешавад. Лекин ман беҳтар медонам, чунки ман дар солҳои аввал он духтари ҷавонеро, ки ба хотири вазни зиёди худ бисёр тарсу бим дошт, дар хотир дорам.

## Фарзандон ин мукофот мебошанд

Волидайн фарзандони худро на танҳо бо суханон ва рафтори дағалона, балки дар вақтҳои зарурӣ онҳоро таҳсин ва таъриф накарда, инчунин иштибоҳ мекунанд. Фарзандон доимо ба таъриф, рӯҳбаландкунӣ, роҳнамоӣ ва тасдиқи дуруст будани аъмолашон зарурат доранд. Бо онҳо бо суханон ва рафтори худ бояд нишон диҳем, ки онҳо азиз ва боарзиш мебошанд. Агар ин аз ҷониби волидайн нашавад, он гоҳ онҳо ин муҳаббат ва пазироиро дар дигар ҷой ҷустуҷӯ хоҳанд кард. Духтарон ва писарон эътимодро аз ҷониби волидайн мунтазир мебошанд ва агар волидайн ҳамеша диққати худро ба камбудӣ ва ноқисиҳои онҳо ҷалб кунанд, он гоҳ онҳо бо суханони худ тухмии нодурустро ба ҳаёти фарзандонашон кишт мекунанд, ки дар натиҷа он ҳосили бадро ба вуҷуд меоварад. Ба воситаи пазироӣ ва эътимод аз бисёр натиҷаҳои нохуше, ки ба воситаи каломи нодуруст ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, эмин мебошем. Тааҷҷубовар он аст, ки волидайн натиҷаи рафтори худро намебинанд. Аз бероҳагӣ онҳо ба дӯстони худ шикоят мекунанд, ки чӣ қадар фарзандони онҳо барои тарбия кардан мушкил мебошанд. Ҳол он ки он норасогиҳое, ки дар борааш шикоят мекунанд, ба осонӣ ба воситаи эҳтиром кардани фарзандон аз байн хоҳад рафт.

Суханони падарон ва модарон барои зиндагии фарзандон бисёр аҳамияти калон доранд. Ҳангоме ки суханони нокомӣ, бохт ва заифӣ эътироф карда мешаванд, натиҷаи он аз чизҳои хурд оғоз ёфта, то ба мушкилоти бузург омада мерасад. Одатан волидайн аз бадшавии рафтори фарзандонашон хаста мешаванд. Ин ба як давраи беохир монанд мебошад. Агар дар ҳамин вақт волидайн ба фарзанди худ

ғамхорӣ накунанд, он гоҳ мукофотеро, ки аз ҷониби Худо ба онҳо ба воситаи фарзандонашон таъин шуда буд, дур месозанд. Мо мехонем:

> “Инак, фарзандон мерос аз ҷониби Худованд ҳастанд; самараи батн муздест аз ҷониби Ӯ”.
>
> - Забур 126 :3

Аз ин ҷо мо мебинем, ки мукофоти ваъдашуда аз ҷониби фарзандон мебошад. Пас барои чӣ волидайни бисёр аз он муносибатҳои хуби бо фарзандон ваъдашуда лаззат намебаранд? Мисле ки ҳама чиз баръакс бошад. Одатан ман мешунавам, ки чӣ гуна волидайн аз фарзандони худ шикоят карда, мегӯянд: “Оҳ, агар ман имконияте медоштам, ин навраси худро то синни бист солагиаш дар ягон утоқ қулф мекардам” ё “Чаро ин вақти наврасӣ ҳаст, кошки ҳеҷ намебуд”. Ман ин гуна суханонро ҳангоме ки писарони худам ҳоло хурд буданд, мешунидам. Ин маро ба ташвиш оварда, ман фикр кардам: “Наход ки ин писарбачаҳои ман низ ҳангоме ки ба синни наврасӣ мерасанд, ваҳшӣ хоҳанд шуд?”

Валекин ман аз дохил чизеро аз сар гузаронидам, ки дигар волидайн ин таҷрибаро надоштанд. Иҷозат диҳед, ин таҷрибаро, ки ба нафъи шумо мебошад, изҳор кунам. Ҳангоме ки ду писарбачаи хурдсол доштам, ман ҳамчун усқуфи ҷавонон дар калисо хизмат мекардам. Дар ин мавқеъ буда, ман одамонро дар хонаашон хабар гирифта, ба шароитҳое, ки онҳо дучор мешуданд, ҳамчун усқуф маслиҳат медодам. Дар ҳамон вақт ман ин принсипро барои худ кашф кардам. Ман дарк кардам, фарзандоне, ки волидайнашон рафтори онҳоро танқид мекарданд, бо мурури замон хислаташон бадтар мешуд. Фарзандоне, ки волидайни онҳо суханон ва ваъдаҳои Худоро ба ҳаёти онҳо эътироф мекарданд, дар натиҷа онҳо мутобиқи он калом хуб мешуданд. Дар номаи дуюм ба Қӯринтиён Павлус ба ин мавзӯъ рӯшноӣ меандозад: “Ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист” (4:18).

Дар Каломи тағйирнопазири Худо ҳақиқатҳои нонамоён навишта шудаанд, ки онҳо бояд маркази ҳаёти мо бошанд. Мо бо Лиза доимо Каломи Худоро бар зиндагии фарзандонамон эътироф мекунем. Пеш аз он ки онҳо сухан гуфтанро ёд гиранд, мо фарзандони худро “шогирд” мехондем, ки маънои “аз Худованд омӯхта ва ба иродаи Ӯ гапдаро”-ро дорад. Мо мегуфтем: “оромӣ ва осоиштагии бузург мешавад” (Иш. 54:13),

мо эътироф мекардем, ки онҳо “тирҳои мо” мебошанд (Заб. 126:4), ки барои мӯъҷиза ва аломот ба дунё омадаанд (Иш. 8:18). Инчунин дигар ваъдаҳои аҷоиби Худоро ба зиндагии онҳо эътироф мекардем.

Мо пеш аз таваллуд шудани фарзандонамон дуо хонда ва маънои номро омӯхта, ба онҳо номгузорӣ кардем. Мо ба онҳо он номҳоро гузоштем, ки дар оянда мехостем фарзандони мо мутобиқи номашон бошанд. Номи фарзанди нахустзодаи мо Эддисон Давид мебошад, ки маънояш: “азиз, сазовори боварӣ”. Номи писари дуюмамон Остин Майкл, ки маънои: “шоҳона, он касе ки монанди Худо”-ро дорад. Писари сеюмамон Ҷошуа Александр, ки маънои номаш “Худо одамизодро наҷот медиҳад ва муҳофизат мекунад” мебошад. Чоруминро мо Арден Кристофер ном гузоштем, ки маънои “гарму оташин, он касе ки монанди Масеҳ аст”-ро дорад.

Ҳар маротибае, ки мо онҳоро бо номашон садо мекунем, мо медонем, ки чиро ба ҳаёти онҳо эътироф мекунем. Мо ҳамчун волидайн аз болои ҳаёти онҳо қудрат ва афзалияти эътироф кардани баракатҳоро дорем. Ҳар яке аз писарони мо ба воя расида, ба номи худ монандӣ пайдо мекунанд, ин ба хотире ки мо ба ҳаёти онҳо эътироф мекунем, ва ба суханони худ боварӣ дорем.

Оё мо имкониятҳои ба ин суханон бовар накарданро доштем? Бале, ин вақтҳо буданд. Замоне буд, ки онҳо пурра хилофи номи худ рафтор мекарданд. Мо мебоист ки онҳоро ислоҳ ва тарбияи дуруст мекардем, мо бо хислати онҳо кор карда, эътирофи худро муҳофизат мекардем. (Як эзоҳи хурд: агар мо на ба рафтор, балки ба шахсияти фарзанд ҳамла кунем, он гоҳ ба вай зарар хоҳем расонид.)

## Фоҷиаи оилавӣ

Ҳангоме ки ман усқуфи ҷавонон будам, боз як дарсро омӯхтам. Фоҷиа, ки аз набудани тарбияи зарурӣ рӯй дод. Пеш аз он ки ман шаҳодати худро бигӯям, иҷозат диҳед, ки як мисолро аз Навиштаҷот биёрам.

Шоҳ Довуд писарони бисёр аз занҳои зиёд дошт. Мо дар бораи ду писари вай мегӯем: писари калонии ӯ Амнӯн ва писари сеюмин Абшолӯм. Амнӯн бо хоҳарандари худ Томор, ки хоҳари аслии Абшолӯм буд, рафтори баде анҷом дод. Ӯ худро бемор вонамуд карда, аз падари худ хост, ки Томорро назди вай фиристонад, то ки ба ӯ ғизое омода кунад. Ҳангоме ки

Томор ба утоқи вай дохил шуд, Амнӯн хизматгорони худро берун ронда, бар Томор таҷовузи ҷинсӣ кард. Баъд аз ин аз ӯ нафрат карда, Томорро аз хаймаи худ берун ронд. Амнӯн духтари бокираи шоҳро бе нангу номус карда, ҳаёти ӯро барбод дод.

Аз ин рафтори бади бародараш бохабар шуда, Абшолӯм аз вай бисёр ба хашм омада буд. Барои шарманда кардани хоҳараш ӯ ба бародарандари худ нафрат пайдо кард. Ӯ фурсате меҷуст, ки қасд гирад: албатта, шоҳ Довуд метавонист боадолатона Амнӯнро ҷазо диҳад. Вақт мегузашт, лекин шоҳ ҳеҷ чора барои ин кор наандешид. Новобаста аз он ки рафтори Амнӯн хуши Довуд наомада буд, лекин шоҳ ҳеҷ аксуламале нишон надод. Абшолӯм бисёр ба хашм омада буд. Ӯ хоҳари худро ба хонааш оварда, вайро нигаҳбонӣ ва ғамхорӣ мекард.

Замоне буд, ки Томор либоси рангорангро, ки духтарони бокираи шоҳ доштанд, дар тан мекард. Акнун бошад вай либоси шармандагиро дар тан дошт. Духтари ҷавони зебо, ки як вақт дар байни халқи худ арзиши баланд дошт, ҳоло зиндагонии танҳо ва гӯшанишин дошт. Ҳангоме ки вай нобокира буд, кӣ бо ӯ издивоҷ кардан мехост? Ин он қадар беадолатона буд. Ҳаёти ин духтар ба охир расида буд, ҳол он ки ҳаёти шахсе, ки ин ҷиноятро содир карда буд, мисли пештара идома меёфт. Томор ин бори гаронро ба дӯши худ гирифта буд.

Ҳар рӯз Абшолӯм шоҳиди он буд, ки чӣ тавр хоҳараш аз дарду ғам азоб мекашад. Орзуи шоҳдухтар ба даҳшати шабона мубаддал гашта буд. Абшолӯм як сол мунтазир буд, лекин Довуд ҳеҷ коре накард. Дар қалби Абшолӯм бо якҷоягии нафрат ба Амнӯн, инчунин норозигӣ ба рафтори падараш ҷой гирифт.

Аз ин ҳодиса ду сол гузашт, ва нафрати Абшолӯм ба бародараш, ба фикри куштори бародараш мубаддал гашт, ӯ фикри онро дошт, ки чӣ тавр қасди хоҳарашро бигирад. Агар ҳокимияти қонунӣ ҳеҷ амале нишон намедод, чаро не? Абшолӯм барои ҳамаи писарони Довуд зиёфате ороост, ва ҳангоме ки Амнӯн аз ҳеҷ чиз бохабар набуд, Абшолӯм ӯро ба қатл расонида, ба шаҳри Ҷашур гурехт. Интиқоми вай қонеъ гардид. Лекин хафагии торике, ки дар қалби вай нисбат ба падараш буд, дар ин солҳои ғарибии ӯ аз байн нарафт. Ин гуна фикрҳо ба вай оромӣ намедод: “Чаро падарам барои хабар гирифтани ман ҳеҷ касро намефиристад?” Дар натиҷа хафагии Абшолӯм ба нафрат табдил гашт.

Он замоне, ки фикри Абшолӯм бо заҳри хафагӣ пур мегашт, ӯ ҳамаи нуқтаҳои заифии падарашро медонист. Ҳаёти вайро пардаи хатар дар бари

худ гирифт, лекин то ҳол вай умеде дошт, ки падараш барои аҳволпурсии ӯ ягон шахсро мефиристад. Аммо Довуд ин корро намекард, ва ин ҳолат ранҷу хафагии Абшолӯмро ба ҷӯш меовард. Тасаввур кунед, ки ӯ чӣ фикрҳоро дошт: “Мардум падари маро дӯст медоранд, лекин онҳо кӯр ҳастанд. Онҳо табиати аслии вайро дида наметавонанд. Ӯ аз паси суханҳои Худо руст шуда, фақат манфиати худро хоҳон аст. Ӯ аз шоҳи пештара Шоул ҳам бадтар аст! Шоул тахти худро ба хотире ки шоҳи Амолиқ ва бузу гӯсфандони вайро ба қатл нарасонид, аз даст дод. Падари ман бошад, бо зани яке аз шахсоне, ки бисёр ба вай вафодор буд, зино карда, баъд худи ин шахсро ба қатл расонида, ҳамин тавр гуноҳи худро рӯйпӯш кард. Ӯ қотил ва зинокор аст, хайр, пас чаро Амнӯнро ҷазо надод!”

Абшолӯм се сол дар шаҳри Ҷашур монд. Баъд аз он ки Довуд аз марги писари худ, Амнӯн, тасаллӣ ёфт, Юоб инро пайхас намуд, ки дили подшоҳ ба Абшолӯм моил аст, аз ӯ хоҳиш кард, ки писарашро ба Ерусалим пас бихоҳад.

Вақт сипарӣ мешуд. Нафрати Абшолӯм бештар мегардид. Вай дар гирди худ шахсонеро, ки аз Довуд норозӣ буданд, ҷамъ карданро оғоз намуд. Ӯ ба тамоми мардуми Исроил дастрас буд, шикоятҳои онҳоро гӯш мекард, ва ба онҳо мегуфт, ки агар вай ба ҷои шоҳ мебуд, ҳамаи ин мушикилотро ҳаллу фасл мекард. Ӯ он масъалаҳоро ҳал мекард, ки шоҳ барои онҳо вақт надошт. Мумкин аст, ки Абшолӯм ба ҳалли ин масъалаҳо даст мезад, барои он ки дар зиндагии худ шоҳиди беадолатӣ буд. Ӯ ба мардум ғамхории ҳақиқиро нишон дод. Китоби Муқаддас мефармояд, ки Абшолӯм ба дилҳои мардум роҳ ёфт. Оё аслан ӯ дар фикри мардум буд ё роҳҳоеро меҷуст, то ки падари худро аз тахт маҳрум созад?

Абшолӯм мардуми Исроилро ба тарафи худ кашида, бар зидди падараш шӯриш кард. Муқовимат он қадар сахт шуд, ки Довуд маҷбур шуд, барои наҷоти ҳаёти худаш аз шаҳр бигурезад. Дар як вақт ҳамин тавр намоён мешуд, ки Абшолӯм худро шоҳи нави Исроил эълон мекунад, лекин ҳангоме ки вай Довудро таъқиб карда, худаш ба марг дучор шуд, ҳама чиз барбод рафт. Новобаста аз он ки Довуд амр карда буд, ки ба Абшолӯм осебе нарасонанд, ҷазо вайро фаро гирифт.

Абшолӯм ба воситаи ранҷу хафагии худ аз байн рафт. Ӯояндаи хубе дошт, вай меросгирандаи тахти падараш буд, лекин дар айёми ҷавонӣ талаф шуд. Оё мумкин буд, ки агар падараш Амнӯнро ҷазо медод, ин воқеа рӯй надиҳад? Бе шубҳа, бале! Ман боварӣ дорам, ки агар Довуд фарзандони худро бо худотарсӣ тарбия карда, бо ин аъмоли худ онҳоро

эҳтиром мекард, ин фоҷиа рӯй намедод. Якеро ислоҳ накарда, Довуд ба ҳамаи фарзандонаш беҳурматӣ кард.

## Беэҳтиромӣ ба воситаи худдорӣ кардан аз тарбия

Биёед ҳоло бармегардем, ба чизе, ки ҳангоми усқуфи ҷавонон буданам, аз худ карда будам. Бисёре аз волидайне, ки назди ман барои маслиҳат роҷеъ ба мушкилоти фарзандонашон муроҷиат мекарданд, ба тартибу тарбия аҳамият намедоданд. Ба монанди шоҳ Довуд онҳо фарзандони худро ҷазо намедоданд. Чунин волидайн фикр мекунанд, ки онҳо бояд фарзандони худро "дӯст дошта", набояд ҷазо диҳанд, лекин чунин рафтори онҳо натиҷаи хуб намедиҳад. Одатан фарзандони онҳо муносибати бад дошта, беитоат ва бетарбия буданд, ва ин муносибати онҳо ба ҳар соҳаи зиндагии онҳо: мактаб, кор, гурӯҳи ҷавонон ва дигар соҳаҳо таъсири манфии худро мерасонид.

Ҳайратовар он буд, ки ин фарзандоне, ки "муҳаббати" бештаре насибашон мешуд, ба падару модари худ зиёдтар беҳурматӣ мекарданд. Ин аҷиб ва дар айни ҳол фоҷианок аст. Аҷиб барои он ки он муҳаббате, ки волидайн мехостанд ба даст биоваранд, онро аз даст доданд. Фоҷиа дар он аст, ки ин фарзандон дар роҳи хатарнок пой гузоштаанд, ки баъдтар интихоби онҳо ба оила зарари зиёд хоҳанд расонд.

Ман дар хотир дорам, ки як духтари ҷавон бо волидайни худ дар идораи ман буданд, ва ҳангоме ки ин духтар бо волидайни худ дағалона гап зад, ман вайро бисёр ҷиддӣ ислоҳ кардам. Ман фикр кардам: "Чаро ман ин тавр рафтор кардам?", "Барои чӣ падар ва модараш вайро ислоҳ намекунанд?" Онҳо ба он роҳи интихобкардаи худ амин буданд, новобаста аз рафтори нодурусти фарзандашон, вайро "дӯст доштан"-ро идома медоданд, ки рафтори онҳо мутобиқи Каломи Худо набуд, ки мефармояд, ҳар волидайне, ки фарзанди худро тарбия намекунад, ӯро дӯст намедорад.

> "Касе ки чӯбро дареғ дорад, писари худро дӯст намедорад;
> вале касе ки ӯро дӯст дорад, аз бачагиаш ҷазо медиҳад".
>
> - Масалҳо 13:24

Ман мушоҳида мекардам, ки чӣ гуна ин ҷавонон ба воя расида, дар ҳаёти худ гумроҳ мешуданд. Онҳо бо мушкилот ва вақтҳои сахт дучор мешуданд, ки агар аз ҷониби волидайн тарбия меёфтанд, бо ин сахтиҳо рӯ ба рӯ

намешуданд. Барои чӣ? Барои он ки: “Чӯби адаб ҳикмат мебахшад, вале бачаи беназорат модари худро нангин мекунад” (Мас. 29:15). Барои чӣ ин волидайн ба аҳкоми Худо гӯш надоданд? Онҳо худро донотар мешумориданд, ва дар натиҷа ба ҳарду: ҳам ба Худо, ва ҳам ба фарзандонашон, беэҳтиромӣ нишон доданд.

Ҳамеша натиҷа яке буд. Ҳангоме ки волидайн фарзандони худро ислоҳ ва тарбия намекарданд, дар натиҷа ин ба беҳурматии фарзандон ба падару модар оварда мерасонид. Аз дигар тараф, ҳангоме ки волидайн бо бачаҳои худ бисёр дағал рафтор карда, онҳоро паст мезаданд, фарзандон бо онҳо норозӣ буданд. Дар ин ҳолат онҳо одатан дар дохили худ маҷрӯҳ мебошанд. Бисёриҳо бо тарсҳо мубориза мебурданд.

Ҳангоме ки фарзандони мо нодуруст рафтор мекунанд, мо аз ҳама тарзи беҳтарини тарбияи мувофиқ ва муносибро меёбем. Баъд аз ин ҳама чизро аз хотир мебарорем. Норозигӣ ва хашмро дар худ нигоҳ доштан дуруст намебошад. Баъд аз ҷазо ва ислоҳ кардан, мо ҳамон лаҳза ханда карда, онҳоро ба оғӯши худ мегирем. Мо онҳоро мебахшем, ва мисли пештара ба онҳо муносибат мекунем. Ҳангоме ки Худо моро мебахшад, Ӯ дигар гуноҳҳои моро ба хотир намеоварад. Тарбия ин аз хатогиҳои худ дарс омӯхтан мебошад, лекин дар худ бори айб ва гуноҳро нигоҳ доштан намебошад. Ман тарафдори тарбияи хуб ва боадолат мебошам. Лиза бошад, фарзандони моро бо муҳаббату навозиш эҳтиром мекунад. Ба якҷоягӣ мо аз хислатҳои хуби худ чизҳои фоиданок гирифтанро омӯхтаем. Ба Лиза назар карда, ман бештар сухангӯй ва нармтар гаштам. Лиза аз ман ибрат гирифта, аҳамияти тарбияро дарк кард. Дар натиҷаи ҳамоҳангсозии хислатҳои хубе, ки Худо ба мо додааст, мо шоҳиди он шудаем, ки баракатҳои Худованд ҳамроҳи фарзандони мо мебошанд.

## Мукофоте, ки пештар гирифта шуда буд

Писари калонии мо, Эддисон, мактабро бо дипломи аъло ба охир расонид ва ба яке аз донишгоҳҳои беҳтарини иқтисодии кишварамон қабул шуд. Оғози дарсҳои ӯ дар моҳи сентябри соли 2005 буд.

То ин вақт ҳар таътили тобистона, Эддисон дар хизматгузории мо кӯмак мекард. Инчунин он тобистоне, ки вай ба донишгоҳ қабул шуд, ӯ ба

хизматгузории мо кӯмак мекард. Дар аввали моҳи июл Эддисон ба ман телефон кард. Ӯ аз ман пурсид: “Падар, мешавад, ки ҳамроҳи ту гап занам?”

Ман зуд фаҳмидам, ки ин масъалаи ҷиддӣ мебошад ва ба он сӯҳбат тайёрӣ дидам.

Дар ҷавоб ман гуфтам: “Албатта, чӣ саволе дорӣ?”

Ӯ гуфт: “Падар, ман ҳатман бояд моҳи сентябр ба донишгоҳ равам? Ман мехостам, ки ба хизматгузорӣ тамоми вақт кор кунам. Ман барои интишори паём ба ту ва модарам кӯмак кардан мехоҳам”.

Ба ман барои ҷавоб додан вақти бисёр зарур набуд. Ман медонистам, ки ӯ дар ин вақт муносибати наздик бо Худо дошт, ва пеш аз он ки аз ман чизе бихоҳад, вай аввал дуо хонда буд. Дар дили худ ман эҳсос кардам, ки интихоби вай дуруст мебошад, ман аз интихоби ӯ фахр мекардам. Дар ҷавоб ман гуфтам: “Ин бисёр хуб мешавад, мо туро ҳамчун коргари асосӣ дидан хуш мешудем”.

Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки ҳодисаҳои баъд аз ин воқеаро нақл кунам. Баъд аз якчанд моҳе, ки Эддисон корро оғоз карда буд, мудири шӯъбаи кор бо кадрҳои мо ба ман пешниҳод кард, ки Эддисонро раиси шӯъбаи кор бо дигар калисоҳо таъин кунем. Ин шӯъба якчанд сол фаъолият карда, равобитро бо усқуфон ва дигар калисоҳо нигоҳ дошт, ва ба онҳо DVD ва китобҳои моро пешниҳод мекунанд. Ҳангоме ки ман ин китобро менависам, тақрибан бисту панҷ ҳазор калисо дар ИМА ва зиёда аз ҳазор калисо дар Австралия аз маводҳои мо истифода мебаранд.

Эддисон ба ин вазифа на ба хотири он ки яке аз писарони мо мебошад, пешниҳод шуда буд. Ман ҳамеша хоҳиш мекардам, ки ба фарзандони ман ягон муносибати махсусе надошта бошанд. Ман ҳатто фикр мекунам, ки ба онҳо мушкилтар аст, барои он ки онҳо байни оилаву кор бояд мувозинатро нигоҳ доранд. Мудири мо ҳама вақт шикоят карда мегуфт, ки мо ба ин вазифа ба як корманди хубе зарурат дорем. Барои ҳамин ман медонистам, ки хоҳиши вай дар бораи таъин кардани писарамон дар ин вазифа дар хислатҳои роҳбарикунандаи Эддисон асос гирифтааст.

Бо пешниҳоди ӯ розӣ шуда, ман аз натиҷаҳо дар ҳайрат мондам. Дар соли навбатӣ муносибати мо бо калисоҳо беҳтар шуд. Ба ҳар шаҳре, ки ман меомадам, усқуфони калисо дар бораи он муносибатҳое, ки бо он ҷавононе, ки дар шӯъбаи Эддисон кор мекарданд, доштанд, мегуфтанд. Ӯ бахшоиши рӯҳбаланд кардани дигаронро дорад. Дар зери назорати ӯ дуои лозима барои усқуфон карда мешавад, ба ҳар саволҳои рӯзмарраи

онҳо ҷавоби мувофиқ ва ҳозиразамон дода мешавад.

Ба воситаи эҳтиром кардани писарам, Худо на танҳо ба ман, балки ба тамоми муассисаи мо мукофот дод. Исо гуфт, агар мо яке аз “ин хурдонро” эҳтиром кунем, он гоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ мукофоти худро аз даст нахоҳем дод. Писари калонии ман хизматгузории моро то ба он дараҷа рушд дод, ки ҳатто ба хаёли ман ҳам намеомад. Дар асл ӯ сабаби якчанд ошноиҳои аҷоибе гашт. Дар фикри кӣ меомад, ки ин кор ба воситаи ҷавони бистсола амалӣ хоҳад шуд? На танҳо ин, балки дигар чизҳо низ рӯй доданд: бисёр калисоҳое, ки ман шахсан ташриф оварда наметавонистам, онҳо таълимоти моро ба воситаи DVD ва дигар маводҳои лозима гирифтанд, ки дар натиҷа ин боз бисёртар ҳаётҳоро ба абадият меоварад!

Ман аз фарзанди худ фахр мекунам. Дар тӯли солҳо ман дуо мегуфтам: “Падар, ин писарбачаҳо аз они ман нестанд, онҳо аз они Ту ҳастанд. Ман танҳо идоракунандаи моли Ту ҳастам. Барои ҳамин Худованд, ҳар чизе ки Ту мехоҳӣ, бо онҳо бикун. Агар Ту мехоҳӣ, ки онҳо дар дигар тарафи сайёра бошанд, бигзор иродаи Ту бошад. Хоҳиши ман он аст, ки фақат хости Ту ба ҳаёти онҳо амалӣ гардад”.

Дуои ман аз умқи дили ман буд. Ман медонам, рӯзе мешавад, ки онҳо ба масофаи дур аз ман хоҳанд рафт, лекин то ҳол Худованд ба мо афзалияте додааст, ки мо бо писарамон ҳамроҳ дар як ҷой кор кунем. Дигар писаронамон мегӯянд, ки ба наздикӣ онҳо низ ҳамроҳи мо якҷоя кор хоҳанд кард. Ба он нигоҳ накарда, ки ин танҳо оғози кор аст, аз як тараф барои эҳтироми худ мо аллакай соҳиби мукофот аз ҷониби фарзандонамон гаштем.

Ман мебинам, волидайне, ки фарзандони худро эҳтиром мекунанд, соҳиби ҳамагуна мукофот мешаванд. Агар фарзандонро қадр кунем, онҳо комёб мешаванд. Худованд дар навбати Худ онҳоеро, ки фарзандонашонро эҳтиром карданд, ба воситаи комёбии онҳо мукофот хоҳад дод. Чунин мукофот шаҳодати имони мо буда, барои дастрас кардани дигарон моро самараноктар месозад. Ин аст Каломи Ӯ, нақшаи Ӯ, ин қонуни рӯҳонӣ, ки аз даҳони Исо эълон карда шудааст. Ҳангоме ки волидайн муҳаббати худро ба фарзандонашон изҳор мекунанд, инчунин дар тарбия кардан ва гапдаро будан ба Худованд, он гоҳ ба онҳо мукофоти нек ваъда карда шудааст. Дар пиронсолӣ онҳо бар ивази ғам хурсандӣ хоҳанд ёфт. Дар тӯли солҳои тиллоӣ қувват ва ёрӣ моро иҳота хоҳад намуд.

## Боби 15

# Эҳтиром дар хона - зан

Дар хона зери салоҳият на танҳо фарзандон, балки зан низ мебошад. Пеш аз ин мо оиди аҳамияти эҳтироми шавҳар аз тарафи зан якчанд ҷумла гуфта гузашта будем. Мисли муносибати волидайн ва фарзандон, дар ин муносибати ҳамсарӣ низ эҳтироми баръакс вуҷуд дорад: шавҳар бояд ки зани худро эҳтиром кунад.

### Эҳтироми зан

> "Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон, ки зарфи заифтар ҳастанд, бомулоҳиза рафтор кунед, ва онҳоро ҳамчун ҳамирсони файзи ҳаёт мӯҳтарам доред, то ки ба дуоҳои шумо мамониате нарасад".
>
> - 1 Петрус 3:7

Дар ин оят Петрус қайд мекунад, ки мо бояд бо занони худ бомулоҳиза рафтор кунем. Баъзеҳо ин оятро маънидод карда, мегӯянд, ки зан дар чизҳои рӯҳонӣ поёнтар мебошад. Не, "зарфи заифтар", маънои онро надорад, ки занони шумо дар чизҳои рӯҳонӣ поёнтар мебошанд, лекин маънои онро дорад, ки онҳо он вазне, ки мардон мебардоранд, бардошта наметавонанд. Қуввати ҷисмонии зан, аз қуввати ҷисмонии мард, заифтар мебошад. Дар Тарҷумаи васеи инглисии ин оят чунин омадааст: "Ба хотире ки зан ҷисмонан заиф аст, вайро бояд эҳтиром кард". Ана ин суханони Петрус дар Тарҷумаи нави зиндаи Китоби

Муқаддас: “Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бояд занони худро эҳтиром кунед. Бо онҳо боҳурмат рафтор кунед, бо сабаби он ки шумо зиндагонии якҷоя доред. Ӯ аз шумо заифтар бошад ҳам, лекин дар ҳаёти нав вай ҳамкори баробари шумо, ки аз ҷониби Худо тақдим шудааст, мебошад. Агар шумо бо вай ба таври зарурӣ рафтор накунед, он гоҳ дуоҳои шумо бе ҷавоб мемонанд”.

Мо ҳамкорони баробар - ҳамирсони файзи ҳаёти мӯҳтарам мебошем. Дар қисмати охири ин оят мо дар бораи дуои беҷавоб мушоҳида карда метавонем. Агар мард зани худро эҳтиром накунад, дуоҳои вай беҷавоб мемонанд. Ваҳ, ин суханон чӣ қадар моро ҳушёр мекунанд! Чӣ қадар ҳаёт бемаъно мегардад! Фақат дар бораи ин фикр кунед: агар шумо зани худро эҳтиром накунед, дуоҳои шумо ҳеҷ вақт то гӯши Худо рафта намерасанд. Ин суханон кифоят мекунанд, то ки пурра диққати маро ҷалб кунанд. Онҳо маро ба он даъват мекунанд, ки ман ҳамчун шавҳар дар бораи мавқеи худ мулоҳиза намоям. Аммо хабари хуш дар он аст, ки баръакс низ дуруст мебошад: ба зани худ иззату эҳтиром нишон дода, шумо ба ҷавоби дуоҳои худ назди Худованд боварӣ доред.

Шавҳарон, ба ман иҷозат диҳед, ки бо шумо рӯйрост сухан ронам. Оё шумо зани худро боқадру арзиш мешуморед? Оё шумо ба суханони ӯ гӯш меандозед ё бо фикри он: “ӯ як зани эҳсосотист” аз суханони вай мегурезед? Мушкилоти ҳаёти оилавиро аз сар гузаронида, ман ин дарсро аз худ кардам. Дар аввали издивоҷи худ ман ба маслиҳатҳои занам хунукназарона рафтор мекардам. Бо мурури замон ман пайхас кардам, ки дар суханони ӯ ҳикмати Худо ҷорист, лекин ман худбоварона фикр мекардам, ки дар чизҳои рӯҳонӣ ман таҷрибаи зиёдтаре дорам. Оҳ, чӣ қадар ман иштибоҳ мекардам!

Пайхас карда, ки дар бисёр ҳолатҳо Лиза ҳақ мебошад, ман ба дуо кардан оғоз намудам. Ман эътироз мекардам: “Худо, баъзан ман то ду соат дар як рӯз дуо мекунам, вай бошад танҳо бист дақиқа, ки зиёдтари он ҳам дар ҳаммом дуо мекунад”. (Ва дар ин маврид ҳам, ман иштибоҳ мекардам, зани ман ҳаёти духонии доимӣ бо Худо дорад, ки инро низ ман баъдтар фаҳмидам.)

Ман давом медодам: “Барои чӣ ба масъалаҳои муҳим ман он қадар зиёд иштибоҳ мекунам, Лиза намекунад?”

Ҷавоби Худованд чунин буд: “Писарам, дар як варақ даврае бикаш”.

Ман кашидам.

“Акнун дохили давраро бо аломоти X (икс) пур бикун”. Хоҳиши Ӯро иҷро кардам.

Ӯ боз гуфт: “Акнун дар мобайни ин давра як хат кашида, онро ба ду қисм тақсим кун. Ту он гоҳ хоҳӣ дид, ки як қисми аломати “X” дар як тараф, дигараш дар тарафи дигар мемонад”.

Ҳамин тавр ҳам буд.

Баъд Худованд гуфт: “Аломати “X” ин нишонаи ҳикмат ва машварат ё маълумот мебошад, ки барои қабул кардани қарори дуруст лозим аст. Давра якто аст, лекин он ба ду қисм ҷудо шудааст. Новобаста аз он ки шумо ду шахсияти алоҳида мебошед, шумо мисли як давраи бутун, як ҷисм ҳастед. Лекин агар танҳо як тарафи давра фикр кунад, он комил намебошад”.

Боз ҳам Ӯ гуфт: “Ту пайхас мекунӣ, ки баъзан ҳикмат дар тарафи Лиза мебошад. Қисми дигари он дар тарафи ту ҳаст. Ту ҳамаи қарорҳои оилавиро танҳо бо нисфи маълумоте, ки аз ҷониби Ман ту доштӣ, қабул мекардӣ. Ту намедонистӣ, ки Ман ба Лиза чӣ мегӯям. Ман маълумоти заруриро ба ту ва ба Лиза низ хоҳам дод. Лекин, то ки роҳбари оқил шавӣ, ту бояд аз Лиза низ он маълумотеро, ки Ман барояш додаам, бипурсӣ ва баъд якҷоя бо вай маслиҳат карда, ту бояд ҳамчун сардори оила қарори дурустро қабул кунӣ”.

Ин сӯҳбат бо Худо ҳаёти оилавии маро пурра тағйир дод. Ман фаҳмидам: ҳангоме ки ман муҷаррад будам, давраи ман пурра буд, ва ҳамаи қарорҳоро худам қабул мекардам. Акнун ки ман бо ҳамсари худ як ҷисм гаштам, ҳаёти ман бояд ки тағйир ёбад.

## Зарфи заиф

Боз ба суханони Петрус муроҷиат мекунем: “Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон, ки зарфи заифтар ҳастанд, бомулоҳиза рафтор кунед, ва онҳоро ҳамчун ҳамирсони файзи ҳаёт мӯҳтарам доред, то ки ба дуоҳои шумо мамониате нарасад”. Мо бояд дарк кардани зани худро ёд бигирем. Он каломи Худо, ки ба ман ҳангоми дуохонӣ гуфта шуда буд, ба ман фаҳмиши онро дод, ки чӣ гуна бо хонуми худ рафтор кунам.

Дар Каломи Ӯ боз ҳам бештар ҳикмату дониш дар бораи ҳаёти бомуваффақ доштан бо зани худ мавҷуд аст. Агар мард вақт ёфта, фарқияти байни хислатҳои марду занро меомӯхт, он гоҳ бисёр талоқҳо

ҷой намедоштанд. Чунки агар мо тарафи мард ва занро якҷоя кунем, мо пуррагии акси Худоро мушоҳида хоҳем кард. Бале, шумо пуррагии моҳияти Худоро алоҳида дар мард ё алоҳида дар зан мушоҳида карда наметавонед. Мо инро аз куҷо медонем? Навиштаҳо ба мо мефармояд: “Ва Худо одамро (тамоми одамизодро) ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид” (Ҳас. 1:27, дар дохили қафс суханони муаллифи китоб). Ӯ “онҳоро” ба сурати Худ офарид, Худро бо “марду зан” инъикос дод. Навиштаҷот возеҳ баён мекунад, ки барои муаррифии тамоми одамизод марду зан лозиманд, ва насли инсон ба шабоҳати Худо офарида шудааст. Барои ҳамин ҳам Павлус навиштааст: “Лекин дар Худованд на мард бе зан аст, на зан бе мард аст” (1 Қӯр. 11:11).

Ба суханони Петрус бармегардем. Ӯ мегӯяд, ки мард зани худро бо ду тариқа эҳтиром кунад: ҳамчун зарфи заиф ва ҳамчун ҳамирси ҳаёти бофайз. Дар бораи аввал кӯтоҳ сухан меронем. Мо бояд бо зани худ ҳамчун зарфи заиф рафтор кунем. Ин маънои онро дорад, ки мо ба вай ҳамчун “хонум” рафтор кунем. Мо мардон боқувват мебошем ва метавонем, ки қуввати худро барои муҳофизати занони худ истифода барем, ва инчунин, албатта, ба шароитҳои рӯзмарра: дарро пешрӯяшон боз кардан, мизро аз як сӯй ба дигар сӯй бурдан ва аз шахсони дағал муҳофизат кардан.

Сардори оила буда, мард бояд зани худро рӯи даст нигоҳ дорад. Ин маънои онро дорад, ки агар тавоноии молии шумо танҳо ба як либос кифоят мекунад, биёед он либосро барои занатон, на барои худатон бихаред. Ҳангоми ба рухсатӣ сафар кардан, агар шумо як маконро интихоб карда бошед, зани шумо дигарро, дар он ҳолат на ин ки хости шумо, бигзор хости вай амалӣ гардад. Дар Малакути осмонӣ роҳбар будан, ин маънои хизмат кардан, на ин ки ҳукм ронданро дорад. Ягона ҳолате ки шумо бояд ба интихоби худ устувор бошед, ин ҳангоме ки шумо медонед, ки интихоби шумо ба нафъи ҳамсаратон, оилаатон ва ба фоидаи Подшоҳии Худо мебошад. Бо дигар суханон, ҳамеша аз рӯи хости вай интихоб кунед. Шумо роҳбари ӯ ба хотири он шудаед, то ки ҳаёти худро барои зани худ бидиҳед. Ин аст эҳтироми зан, ки ба воситаи он шумо баракат ёфта ва сазовори мукофот мегардед. Барои дуоҳои шумо монеае намешавад.

## Ҳамирсони ҳаёти пурфайз

Мувофиқи суханони Петрус сабаби дуюми эҳтироми зан, дар он аст, ки онҳо ҳамирсони ҳаёти пурфайз мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳардуи шумо дар назди чашмони Худованд баробар ҳастед. Аз сабаби он ки шумо мард ҳастед, бартарӣ надоред. Баъзеҳо ба бартарии мард боварӣ доранд, лекин онҳо фиреб хӯрдаанд. Ин дурӯғ аз тарафи мардҳои худпараст паҳн карда шудааст, ки онҳо як рӯз барои аъмоли худ пеши тахти Худо ҷавоб хоҳанд дод. Дар тӯли бист соле, ки ман ба калисоҳо сафар доштам, ба ман аён гашт, ки калисоҳо ва оилаҳое, ки мақоми занро аз мард пасттар мешуморанд, аз файзи Худо маҳрум мебошанд. Ин он ҷойҳое, ки чунин ақида доранд, шумо фишори рӯҳонӣ ва бори вазнини ғуломиро эҳсос карда метавонед. Биёед ба саволҳои зерин ҷавоб медиҳем. Барои чӣ дар баъзе калисоҳо занҳо аъзои гурӯҳи роҳбарикунанда намебошанд? Чаро дар роҳбарияти мо овози падарон аз садои модарон баландтар аст? Калисое, ки дар он ҷо овози модарон арзиш надорад, ба оилае монанд аст, ки фарзандон бе модар буда, танҳо аз тарафи падарашон тарбият меёбанд. Ҷамъомадҳое, ки ба фикри модарон таваҷҷӯҳ намекунанд, дар он ҷо файз ва ҳикмати Худо ба таври кофӣ вуҷуд надорад. Шумо эътироз карда, гуфта метавонед: "Лекин Китоби Муқаддас мефарояд, ки роҳбар мард, шавҳари як зан бояд бошад". Биёед маънои суханони Павлусро дар ин оят дида мебароем: "Аммо усқуф бояд беайб, соҳиби як зан бошад" (1 Тим. 3:2).

Ин гуфтаҳо аз рӯи нишонаи ҷинсӣ намебошад. Биёед дар бораи ин мавзӯъ аз рӯи тамоми Навиштаҳо назар мекунем. Павлус ба мардуме муроҷиат мекунад, ки доимо Аҳди Қадимро мехонданд. Дар Аҳди Қадим мо бисёр ҳолатҳоро вомехӯрем, ки мардон аз як зан бештар доштанд: Иброҳим, шоҳ Довуд, Сулаймон, Яъқуб, Елқано (шавҳари Ҳанно) ва ин ҳам ҳоло ҳамаи он шахсоне нестанд, ки зиёда аз як зан доштанд. Аммо дар Аҳди Нав шумо як воқеаи бисёрзаниро вонамехӯред. Дар он замон ин на танҳо бар зидди фарҳанги он замон буд, балки шариат ҳам инро иҷозат намедод. Хайр, барои чӣ ба Павлус лозим буд, ки нависад, роҳбари калисо танҳо соҳиби як зан шуда метавонад? Дар ин ҳеҷ зарурат набуд. Шумо шояд фикр кунед, ки мо ба ин мавзӯъ бисёр диққат мекунем, лекин агар пурра бо суханони Павлус амал кунем, мо бояд мардони муҷаррадро низ ба роҳбарияти калисо роҳ надиҳем, чунки онҳо низ соҳиби як зан намебошанд. Дар ин ҳолат худи Павлус низ бояд аз

роҳбарияти калисо даст бикашад. Баъзеи мо ба ягон мавзӯъ фикри бисёр танге дорем.

Инак, гап дар сари ҷинси инсон нест, балки дар даъвати Худованд дар зиндагии вай мебошад.

Мардоне, ки дар калисо барои занашон ё умуман дигар занҳо барои иҷрои даъваташон дар калисо монеа шуданд, онҳо аз болои хонаҳо ва калисои худ равзанаҳои осмониро мебанданд. Онҳо дар баъзе соҳаҳо баракат доранд, лекин баракати комили Худо аз даст дода шудааст.

Аз сабаби беэҳтиромӣ ба зан Бадани Масеҳ мелангад. Хабари хуш дар он аст, ки ҳар чиз тағйир меёбад. Барои он ки пайғамбар Юил ва ҳавворӣ Петрус ба воситаи Рӯҳи Муқаддас пешгӯӣ карданд, ки дар замони охир занҳо дар хизматгузорӣ ба калисо пурра барқарор мегарданд: "Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо, чунин хоҳам, кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард, ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид; ва ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт, ва онҳо нубувват хоҳанд кард" (Аъм. 2:17-18). Диққат кунед, ки ғуломон ва канизон нубувват хоҳанд, кард, яъне ҳам мардон ва ҳам занон Каломи Худоро эълон хоҳанд кард.

Айни ҳамон чизро забурнавис пешгӯӣ кардааст: "Худованд мефармояд; мубаширзанон анбӯҳи азиманд" (Заб. 67:12). Онҳое ки Каломи Худоро эълон мекунанд, киҳо ҳастанд? Ҷавобро ба ин савол мо ба дигар тарҷумаи ин оят назар карда, меёбем. "Худованд каломро (қувватро) ба он зане медиҳад, ки онро (хабарро) эълон ва паҳн мекунад" (Заб. 67:12, Тарҷумаи нав) .

Забурнавис диққатро ба он ҷалб мекунад, на ин ки мардон ва занон, балки танҳо занон каломи Ӯро эълон хоҳанд кард. Иҷозат диҳед, ки ба шумо дигар тарҷумаҳоро низ пешкаш кунам. "Худованд амр кард; ва бисёр занон хушхабарро паҳн карданд" (Тарҷумаи ҳозиразамон). "Худованд ғалабаро эълон кард ва анбӯҳи зиёди занон ин хабари хушбахтиро интишор доданд" (Тарҷумаи нави зинда). Занҳо Каломи Худоро на танҳо дар байни худ, балки ба мардон низ мерасонанд. Мо мебинем, ки ин ҳақиқат аз ҷониби Исо низ тасдиқ мешавад.

Оё ин аҷиб нест, ки башоратдиҳандаи аввалин зан: Марями Маҷдалия буд? Исо он шахсе буд, ки вайро вазифадор кард. Мо мехонем: "Исо ба вай гуфт: "Ба ман даст нарасон, зеро ки ҳанӯз назди Падари Худ сууд

накардаам; лекин ба назди бародарони Ман рафта; ба онҳо бигӯ: Ман назди Падари Худ ва Падари шумо, назди Худои Худ ва Худои шумо сууд мекунам”. Марями Маҷдалия омада, ба шогирдон хабар дод, ки: “Ман Худовандро дидам, ва ба ман чунин гуфт” (Юҳ. 20:17-18).

Биёед дида баромадани ин мавзӯъро идома медиҳем. Агар шумо ба Инҷили Луқо назар кунед, шумо мебинед, ки Марям воизи асосӣ буд. Исо на танҳо вайро, балки гурӯҳи занонро фиристод, то ки онҳо ба расулон дар бораи дубора зинда шудани Худованд эълон кунанд. “Инҳо Марями Маҷдалия, ва Юҳона, ва Марям, модари Яъқуб, ва бо онҳо занони дигар буданд, ки ба ҳаввориён ин чизҳоро гуфтанд” (24:10). Инак, занон Каломи Худоро ба мардон эълон мекарданд, ва ин Исо буд, ки онҳоро барои ин кор фиристода буд!

Оё ин аҷиб нест, ки шахси аввалине, ки дар маъбад ҳангоми омадани Масеҳ ба мардону занон муроҷиат кард, Ҳаннои набизан буд? Шимъӯн шахси аввале буд, ки ба Марям ва Юсуф муроҷиат кард, аммо шахси аввалин, ки ба анбӯҳи мардум муроҷиат кард, ин Ҳанно буд. Мо мехонем: “Вай низ ҳамон соат пеш омада, Худовандро ҳамду сано хонд ва ба ҳамаи онҳое, ки мунтазири халосии Ерусалим буданд, дар бораи Ӯ сухан ронд” (Луқ. 2:38).

Оё ин аҷиб нест, ки Филиппус низ чор духтари бокира дошт, ки онҳо нубувват мекарданд? “Ӯ чор духтари бокира дошт, ки нубувват мекарданд” (Аъм. 21:9). Аз рӯи илҳоми илоҳӣ онҳо Каломи Худоро эълон мекарданд. Чӣ тавр мо метавонем, вазифаи бузурги Худовандро иҷро кунем, дар ҳоле ки ба қисми зиёди Бадани Масеҳ мо хунукназарона нигоҳ мекунем? Ҳангоме ки мардон даъвати Худоро дар ҳаёти занонашон мебинанд, онҳо бисёр баракат меёбанд. Ман инро дар зани худ мебинам.

(Эзоҳ: якчанд ҷойҳои Навиштаҷот дар Аҳди Ҷадид вуҷуд доранд, ки дар назари аввал зидди гуфтаҳои ман мебошанд, лекин барои дуруст фаҳмидани ин оятҳо мо бояд таҳқиқоти хуб гузаронем. Дар ин китоб назди ман ин вазифа гузошта нашудааст. Аммо китоби аҷоибе бо номи “Барои чӣ зан не?” вуҷуд дорад, ки муаллифони ин китоб шахсони боэҳтиром Лорена Куннигхама ва Ҷоел Гамилтон мебошанд, ки дар ин мавзӯъ таҳқиқоти олие кардаанд.)

## Зани ман

Дар синни панҷсолагиаш Лиза ҷарроҳӣ шуда, аз як чашмаш маҳрум шуд. Ӯ бемории саратони гавҳараки чашм дошт. Аз синни мактабиаш то имрӯз ӯ дар чашми росташ протез дорад. Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки дар мактаб ба ӯ чӣ қадар тамасхур мекарданд? Ҳамсинфонаш ба вай лақаби Сиклоп, яъне якчашма гузошта буданд. Вақтҳое буданд, ки ӯ дар нисфирӯзӣ бо ашк дар чашмон бармегашт. Модараш боҳикматона рафтор карда, вайро дастгирӣ карда, мегуфт, ки Лиза боқувват бошад ва ба ин бетарбияҳо аҳамият надиҳад. Лекин ба ҳар ҳол мазоқи ҳамсинфонаш ба ӯ сахт мерасид.

Дар синфҳои болоӣ Лизаро он ҳолат ба хашм овард, ки боз ду фанни зарурӣ барои тамом кардани мактаб илова карда шуд. Якум, нутқи даҳонӣ, дуюм, чоп кардан дар мошини чопӣ буд. Баъд аз кӯшишҳои зиёди аз худ кардани ин ду фан, ки бенатиҷа монд, Лиза ба мудири мактаб муроҷиат кард, ки ӯро аз ин ду фан озод кунад. Ӯ озодона пеши дигарон истода, сухан ронда наметавонист. Инчунин аз барои эҳсосоти бади муҳит барои ӯ чоп кардан дар мошини чоп низ мушкил буд. Мудири мактаб шароити Лизаро дарк карда, вайро аз ин ду фан озод кард. Ба ҷои ин ду фан ба ӯ дигар фанҳоро илова карданд.

Чи тавре ки ман пештар гуфта гузаштам, Лиза аз наздик бо Исои Масеҳ дар давраи донишҷӯиаш ошно гашт. Баъд аз ин мо ҳамроҳи вай издивоҷ карда, ба шаҳри Далласи иёлоти Техас кӯчидем, ва як калисои калонро дар он ҷо ташриф меовардем.

Дар он замон Лиза хаппак ва камгап буд. Ин рафтори вай аз ҷониби занони калисо ҳамчун ғурур ва баландгирӣ шуморида шуд. Лекин сабаби асосӣ дар ин набуд. Ӯ то ҳол дар дохили худ ин тарсҳоро дошт, баъд аз байн бурдани як чашмаш ва масхара, ки тамоми давраи мактабхонӣ вайро таъқиб мекарданд.

Дар солҳои аввали оиладорӣ мо ба даромади дучанд зарурат доштем. Барои ҳамин Лиза бо корхонаи маркетингии ороишҳои занона шартнома баста буд. Ҳангоме ки Лиза дарсҳои онҳоро барои ороишдиҳӣ ташриф овард, ман пайхас кардам, ки дар ин соҳа вай бахшоиш дорад ва дар бораи молҳои онҳо дониши хубе дорад. Лекин Лиза шармгин буд ва молҳои худро барои ба дигарон пешкаш кардан метарсид ва барои ҳамин мебоист ки ман барояш алоқаҳоро барқарор карда, моли ӯро ба фурӯш мебаровардам.

Баъд аз як сол, вақте ки мо ба мағозаи хуби шаҳри Даллас рафтем, ман чунин гуфтам: “Лиза, ту ариза навис, ки туро дар ин мағоза ба бахши ороишҳои занона ба кор гиранд. Ту аз ин занҳое, ки дар ин ҷо кор мекунанд, зиёдтар медонӣ”.

Ӯ эътироз карда гуфт, ки ман иштибоҳ мекунам. Дар асл чунин буд, ки баъд аз як ҳафта, рӯзи аввали кории вай дар дигар мағоза таъин шуда буд. Лекин ҳар дафъае, ки Лиза ба он мағоза дохил мешуд, суханони ман ба гӯши вай такрор мешуданд. Барои ҳамин маро огоҳ накарда, пинҳонӣ Лиза аризаи худро ба он мағоза дод ва ӯ ба кор қабул шуд!

Ӯ намояндаи корхонаи Элизабет Арден гашт. Духтаре, ки пеш аз Лиза дар ин вазифа кор мекард, бо мушкилӣ як қатор маҳсулотҳои ороиши занонаро мефурӯхт. Лиза дар якчанд мӯҳлати кам, тақрибан ҳамаи маҳсулоти ороишие, ки дошт, фурӯхт. Боре вай назди худ як шахсеро дид. Ин раиси он корхона буд. Вай гуфт: “Лиза, ман шуморо даъват мекунам, ки якҷоя бо ман таоми нисфирӯзӣ бихӯред. Шумо дигар як рӯз ҳам дар ин ҷо кор нахоҳед кард!”

Бо пешниҳоди ин шахс Лиза имтиҳонҳои заруриро дода, ба вазифаи координатор таъин шуд. Акнун масъулияти Лиза назорат кардан аз болои кори шонздаҳ мағозае, ки дар Даллас ва Форт Уорсе, ва як мағоза дар Ню Мехико, ва яке дигар дар Оклахома ҷойгир шуда буд, дар бар мегирифт. Тақрибан баъд аз ду сол ӯ боз дар вазифаи худ боло рафта, то ба сатҳи промоутери корхона, масъули ҳашт иёлот, расид. Маош ва бонусҳои вайро бисёр баланд карда, ба илова ба он аз тарафи корхона барояш мошини нави тамғаи “Форд Тандербёрд” тақдим карданд. Ҳоло медонед, ки дар паҳлӯи Лиза, ва баъзан, ин мошинро кӣ меронд? Аз баланд бардошта шудани маоши вай кӣ баҳраманд шуд? Ин ман будам. Ман инро мукофот барои эҳтиром меномам!

Баъд аз якчанд сол боз ба иёлоти Флорида кӯчидем, ки он ҷо маро, ба як калисои калон ба мақоми усқуфи ҷавонон таъин карда буданд. Баъд аз якчанд моҳ ман ба ҷавонони худ гуфтам, ки ҳафтаи оянда ба ҷои ман Лиза ба онҳо хизмат хоҳад кард. Ман пайхас кардам, ҳангоме ки Лиза дар хона буд, Худованд ба қалби вай бисёр чизҳоро гузоштааст ва ӯ метавонад бисёр хуб хизмат кунад ва таълим диҳад. Ман фаҳмиши онро доштам, ки ӯ инро ҳатто дар пешрӯи гурӯҳи калон низ карда метавонад. Лекин бояд қайд кард, ки эълони ман бо мухолифати зиёд дучор шуд ва ин зиддият на аз тарафи ҷавонон, балки аз тарафи худи Лиза буд. Ӯ тамоми ҳафта эътироз мекард: “Ту маро барои мавъиза кардан маҷбур

карда наметавонӣ. Ман дар бораи чӣ ба онҳо хоҳам гуфт? Ман ҳеҷ гуфтание надорам”. Ман ба Лиза боварӣ изҳор кардам, ки, бо мадади Худованд, ӯ ҳама корро карда метавонад. Бахшоишро дар ӯ дида, ман намехостам, ки ин бахшоиш бесамар монад.

Баъд аз як ҳафта Лиза барои ҷавонон бисёр аҷоиб мавъиза кард. Аз каломи ӯ ҷавонон бисёр хуш буданд. Дар моҳҳои оянда низ ман якчанд маротиба чунин рафтор кардам. Ҳар дафъа ман ба мухолифат аз ҷониби Лиза дучор мешудам. Лиза бо ман баҳс карда, мегуфт, ки ҳама чизе, ки вай медонист, аллакай ба онҳо гуфтааст.

Ман ханда карда, ба ӯ гуфтам: “Ман ин корро ҳар ҳафта мекунам. Ҳар ҳафта ба ман лозим аст, ки ба Худованд таваккал намоям”. Лекин ҳамин тавр намоён мешуд, ки суханони ман ба ӯ таъсир намерасониданд.

Лекин ҳар дафъа вай мавъиза мекард, ва торафт мавъизаҳои Лиза хубтару беҳтар мешуданд ва ҷавонон ӯро дӯст доштанд. Баъд аз он ки усқуфамон, моро ба он хизматгузорие, ки ҳоло ҳастем, баракат дод, ман ин корро давом додам. Ҳангоме ки ман дар конфронсҳои хурд мавъиза мекардам, бе маслиҳати пешакӣ бо Лиза, ман эълон мекардам, ки ҷаласаи навбатӣ Лиза мавъиза хоҳад кард. Дар аввал вай он қадар ташвиш мекашид, ки то нисфи шаб маро хоб рафтан намегузошт: “Боварам намеояд, ки ту вақти худро ихтиёрона ба ман додӣ. Ин гурӯҳи ҷавонони ту нест, ин конфронс аст. Онро на ман, балки ту бояд бигузаронӣ”.

Баъд ӯ аз ман пурсид, ки мавъизаам дар бораи чӣ буд, чунки вай дар дигар утоқ фарзандони моро хоб медод. Ҳангоме ки ман гуфтам, вай ба хашм омад: “Ин шом ту дар бораи он мавъиза кардӣ, ки ман фардо саҳарӣ мехостам дар бораи ин мавъиза кунам. Хайр, ҳоло ман дар бораи чӣ мавъиза кунам?”

Ман ҷавоб додам: “Азизам, Худованд бисёр туро таълим додааст, ва ин одамон бояд ки дар бораи ин бидонанд”.

Вай то соати сеи шаб бо ман баҳс мекард. Дар анҷом ман ханда карда, гуфтам: “Ҷонакам, ҷаласа соати нӯҳ оғоз меёбад. То он вақт шаш соати боқӣ мондааст, беҳтар мешавад, ки ту хоб кунӣ”.

Бе шакку шубҳа, он саҳар Лиза ҳамаро қоил кард. Паёми вай аҷоиб буд, ҳама бо диққат ба ӯ гӯш мекарданд. Ман ин кори худро дар дигар шаҳрҳо низ идома додам, ва Лиза торафт хубтару қавитар хизмат мекард.

Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки боз як чизро ба шумо бигӯям. Ин ба

Лиза осон набуд. Ҳангоме ки вай бори аввал ба ҷавононе, ки синну соли донишҷӯёнро доштанд, мавъиза мекард, якчанд нафар мардон бо эътироз, ки намехоҳанд таълимоти занро гӯш кунанд, бо садои баланд аз ҷойҳои худ хеста рафтанд. Тасаввур кунед, ки Лиза чӣ эҳсос мекард, вай ҳам мехост ҳамроҳи онҳо аз он ҷой баромада биравад. Ӯ ҳеҷ вақт хоҳиши онро надошт, ки пеши мардум бархоста, онҳоро таълим диҳад. Вай инро танҳо ба хотири итоат ба Худованд анҷом медод.

## Айни ҳамон тавр бо китобҳо

Айни ҳамон тавр ман бо навиштани китобҳо рафтор кардам. Ман се китоб навиштам. Лиза бо нашриётҳои онҳо ба ман кӯмак кард. Дар ҷараёни ин ҳамкорӣ ман фаҳмидам, ки ӯ нависандаи боистеъдод аст ва китоби сеюми ман “Доми шайтон” китоби бисёр машҳур гашт. Ман ба нашриёт муроҷиат карда, гуфтам: “Зани ман номае дар бораи он дорад, ки чӣ гуна Худованд вайро аз тарс ва бандагӣ дар баъзе соҳаҳои ҳаёташ озод кардааст. Шумо дар бораи навиштани китоб бо Лиза, на ба воситаи ман, балки мустақим бо ӯ бояд мулоқот кунед”.

Баъд аз якчанд рӯз шахсе аз нашриёт ба хонаи мо омад. Лекин вай на ба назди ман, балки ба назди Лиза омада буд. Лиза ба ман бо нигоҳи ҳайратовар назар мекард: “Дар ин ҷо чӣ гап аст?”

Ин шахс аз нашриёт рӯзеро таъин кард, то ки вай бо ҳамкоронаш он чизеро, ки Худованд дар қалби Лиза гузоштааст, гӯш кунанд. Баъд аз якчанд дақиқаи мулоҳиза кардан, он шахс гуфт: “Шавҳари шумо боварӣ дорад, ки шумо паёме доред, ки онро ба воситаи навиштани китоб бояд ки ба дигарон бирасонед. Ҳоло шуморо шахсан гӯш карда, ман бо ӯ розӣ ҳастам”.

Аз ҳамон вақт инҷониб Лиза шаш китобро нашр кард, ки панҷтои он китобҳои бисёр машҳур шуданд. Ба воситаи ин китобҳо вай ба ҳаёти бисёр одамон дар рӯи тамоми замин таъсир расонд. Ҳоло акнун ба воситаи телевизион Лиза ба назди даҳҳо ҳазор нафар истода, барандаи барномаи телевизионии мо, ки ба зиёда аз дусад миллат дастрас аст, мебошад.

Дар бораи ин фикр кунед: зане, ки сухан ронда ва дар мошини чопӣ кор карда наметавонист, ҳоло кадом корҳоро анҷом медиҳад? Ба ҳазорҳо

нафарон аз пушти минбар ва ба воситаи нашриётҳои телевизионӣ ва китобҳои худ сухан меронад. Чӣ тавр ӯ ҳамаи инро карда метавонад? Ӯ ба воситаи файзи Худо аз болои тарсҳои худ ғолиб гашт. Бисёр ҳаётҳо ба воситаи шавҳаре, ки дар зани худ бахшоиши Худоро дида, онро эҳтиром кард, баракат ёфтанд. Чӣ мешуд, агар ҳамаи мардон дар калисо занҳои худро эҳтиром мекарданд?

Барои эҳтироми занам, мукофоти ман дар чист? Он дар бисёр соҳаҳо ҳаст, ки дар бораи ҳамаи он дар як вақт гуфта намешавад. Ҳаёти Лиза на танҳо дар хизматгузорӣ, балки дар ҳар соҳа нашъунамо ёфт. Он касе, ки озодиро ба даст овард, дар ҳақиқат озод аст. Замоне буд, ки ман фикр мекардам файзи Худо дарро пешрӯи Лиза воз мекунад, ҳоло бошад, бахшоиши вай дарҳоро барои ман мекушояд. Ба воситаи занам бисёр имкониятҳо дар сар то сари дунё барои ман фароҳам шуданд. Ман ба он ҷойҳое даъват шудам, ки усқуфон мегуфтанд: “Мо маҷбур шудем, ки туро даъват кунем, ба хотири он ки паёмҳои хонуми ту ба занҳои мо бисёр таъсир расониданд”.

Дигар мукофот дар он аст, ки ман бо зане зиндагӣ мекунам, ки даъвати худро иҷро мекунад. Шахсе ки даъвати Худоро ба ҳаёти худ иҷро намекунад, аз барои он ки он чизеро, ки Худо дар қалби ӯ гузоштааст, озод карда наметавонад, бори вазнинро дар дӯши худ эҳсос мекунад. Чунин шахсон зери бор зиндагӣ мекунанд. Исо дар бораи одаме, ки мутобиқи иродаи Худо зиндагӣ мекунад, мефармояд, ки бори Ӯ сабук аст (Мат. 11:28-30). Дар хизмати Худованд хурсандӣ вуҷуд дорад. Новобаста аз он ки ҳамлаҳои душман вазнин ва бисёр маротиба ҳастанд, лекин дар иродаи Худо буда, бар онҳо ғолиб омадан осонтар мебошад. Зани ман дар ҳама соҳа ҳамчун духтари Худо, зан, модар, хизматгузори Инҷил пур аз хурсандӣ ва хушбахт мебошад. Агар дар ягон соҳа камбудӣ бошад, таъсири он ба дигар соҳаҳои зиндагӣ низ мерасад. Лиза бисёр ғамхорӣ мекард, ки ӯ дар зиндагӣ афзалияти дуруст дошта бошад: аввал оила, баъд кор ва хизматгузорӣ. Дар натиҷа аз тарафи оила файзи аҷоибе нишон дода мешуд, ки вай метавонист сафарҳои зиёд карда, даъвати худро иҷро кунад. Агар мо ба даъвати Худо итоат накарда, Ӯро пайравӣ намекардем, оилаи мо он қадар пурра ва муҳаббати мо он қадар мустаҳкам намешуд.

Ман имон дорам, ки аз ҳама мукофоти бузург - ин садҳо ҳазорон

шахсони наҷотёфта ба воситаи хизматгузории Лиза мебошанд. Рӯзе мо афзалияте хоҳем ёфт, ки дар назди тахти Худо он одамони азизро рӯ ба рӯ хоҳем дид. Боре ман аз фарзандони худ пурсидам: “Бачаҳо, оё шумо ба сафарҳои бисёри падару модаратон ҳамчун ба як чизи манфӣ назар мекунед? Шумо эҳсос мекунед, ки дар он вақтҳо аз муҳаббати падару модар маҳрум шудаед ё шумо назари мусбӣ доред ва фикр мекунед, ки дар ин қисми шумо низ аст, ки падару модари худро ба тамоми ҷаҳон ба шахсоне, ки ба онҳо зарурат доранд, фиристода, бо ин ба Худованд хизмат мекунед?”

Писари калонии ман аввалин ҷавоб дода, гуфт: “Падар, мо ба ин ҳамчун хизмати худ назар дорем. Ин он тарзе ҳаст, ки мо дар Подшоҳии Худо ба ҳаёти одамон таъсир мерасонем”. Се писари дигарам низ пурра бо вай розӣ шуданд.

Аз он лаҳза мо бо хурсандӣ ба якдигар назар мекардем. Мо бузургии файзи Худоро аз болои хизматгузороне, ки ба иродаи Ӯ итоат мекунанд, дарк кардем. Писарони мо мукофоти худро на танҳо дар ин зиндагӣ, балки дар оянда, пеши тахти Худо низ хоҳанд ёфт. Шоҳиди мукофот барои эҳтиром будан аҷоиб аст. Мо ҳамон лаҳза ин мукофотро намебинем, лекин он мутобиқи Каломи Худо моро дастрас мекунад: “Ва агар ту ба овози Худованд Худои худ бо диққат гӯш андозӣ, то ки тамоми аҳкоми Ӯро, ки имрӯз ман ба ту амр мефармоям, риоя намуда, ба амал оварӣ, он гоҳ Худованд Худоят туро бар ҳамаи халқҳои замин баланд хоҳад гардонид, ва ҳамаи ин баракатҳо ба ту хоҳад расид, ва барои ту ба амал хоҳад омад, агар ту ба овози Худованд Худои худ гӯш андозӣ” (Так. Шариат 28:1-2).

Мо на ба хотири мукофот эҳтиром мекунем, балки қалб ва хоҳиши Худо ҳамин тавр аст. Ба ҳар ҳол, мукофот ҳамчун тухмие рушд карда, ҳамчун ҳосил ногузир мебошад. Мукофот ҳар як эҳтироми аслиро таъқиб хоҳад кард. Барои ҳамин шавҳарҳо дер намонед. Бигзор эҳтироми зан ин тарзи ҳаёти шумо бошад. Мукофоте, ки шумо ба воситаи занатон лоиқ мегардед, аз тасаввуроти шумо бештар мебошад!

Боби 16

# Ҳамаро эҳтиром кунед

Биёед акнун ба эҳтироми он шахсон назар мекунем, ки берун аз оила, калисо ва корхонаи мо мебошанд. Ин он шахсон ҳастанд, ки дар зиндагии рӯзмарра бо онҳо вомехӯрем. Петрус чунин мегӯяд:

“Ҳамаро эҳтиром кунед”.

- 1 Петрус 2:17

Ба тарҷумаҳои дигари ин оят назар мекунем: “Ба ҳамаи одамон иззату эҳтиром нишон диҳед” (Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас бо забони инглисӣ), ва “Ба ҳар одаме, ки вомехӯред, бо шараф рафтор намоед” (Тарҷумаи ҳозиразамони Аҳди Ҷадид) ва боз “Ҳар шахсро ҳурмат кунед” (Тарҷумаи нави зинда). Ин шахсонеро, ки дар бораашон дар ин ҷо гуфта шудааст, Исо “наздикон”-и мо мехонад. Биёед ба воқеаи машҳури Китоби Муқаддас назар мекунем. Имкон дорад, ки шумо бо ин ҳодиса ошноӣ доред. Онро аз Тарҷумаи ҳозиразамони Аҳди Нав мехонем:

«Як мард, ки аз Ерусалим ба Ериҳӯ мерафт, ба дасти дуздон афтод; онҳо либосашро кашиданд, ӯро маҷрӯҳ карданд ва дар ҳолати ниммурда партофта рафтанд. Тасодуфан коҳине аз он роҳ равона буд, ва ӯро дида, аз пешаш гузашта рафт. Ҳамчунин марде аз сибти Левӣ, ки дар он ҷо роҳгузар буд, наздик омада, ӯро дид ва аз пешаш гузашта рафт. Аммо як шахси сомарӣ, ки аз он роҳ мегузашт, ба ӯ дучор шуда ва аҳволи ӯро дида, дилаш сӯхт. Ва наздик омада, ба захмҳои ӯ равған ва шароб рехту ҷароҳатбандӣ кард; ва ӯро ба хари худ савор карда, ба меҳмонхонае

овард ва ба ӯ ғамхорӣ намуд. Ва фардои он, пеш аз рафтанаш, ду динор баровварда, ба соҳиби меҳмонхона дод ва ба вай гуфт: “Ба ин мард нигоҳубин бикун; ва агар аз ин зиёдтар харҷ кунӣ, ҳангоми баргаштанам ба ту хоҳам дод”.

Пас, ба фикри ту, кадоме аз ин се нафар ёри он марде буд, ки ба дасти дуздон афтод?»

Гуфт: «Ҳамон ки марҳамат кард».

Исо ба вай гуфт: «Бирав, ва ту низ чунин бикун».

- Луқо 10:30-37

Коҳин ва Левӣ шахсеро, ки дар дами марг буд, боарзиш ва боаҳамият нашумориданд. Сомарӣ, ки барои он шахс бегона ҳисоб мешуд, ҳаёти ин шахсро, ки дар дами марг буд, боқадр донист. Навиштаҳо мефармояд, ки “дилаш ба ӯ сӯхт”. Эҳтиром аз умқи қалб ҷорӣ мешавад. Сомарӣ вақт ва пули худро сарф кард, то ки ба ин шахси маҷрӯҳ чизи лозимиро барои зинда монданаш бидиҳад, ва дар охир вайро ба меҳмонхона ҷой кард. Дар асл ин шахси сомарӣ харҷи дурӯзаи худро ба он нафаре дод, ки пештар дар зиндагиаш надида буд. Вай дуо хонда, роҳнамоӣ ва каломи махсуси Худоро барои кӯмак кардан ба шахсе, ки дар дами марг буд, мунтазир нашуд. Рафтори ӯ аз қалбаш, ки пур аз меҳру муҳаббат ва дилсӯзӣ ба дигар одамон буд, ҷорӣ мешуд. Ин намунаи беҳтарин барои эҳтироми дигарон мебошад.

## Мисоли ҳозиразамон

Яке аз ҳодисаҳои бузурги эҳтироми одамон бо дӯсти ман Билл Уилсон рӯй додааст. Модари Билл ҳангоме ки вай ёздаҳсола буд, ӯро дар болои қубури обгузар гузошта, пеш аз рафтанаш гуфт, ки дар ҳамин ҷой мунтазири ман бош, ман пас меоям. Лекин ӯ дигар пас наомад. Як марди бегона Биллро дар он ҷо истода дида, ӯро гирифт ва ба лагери масеҳӣ фиристода, ҳамаи харҷи Биллро пардохт. Ин рафтори масеҳӣ даъвати Худоро ба ҳаёти Билл бедор кард.

Баъд аз гузашти солҳо, Билл Уилсон асосгузор ва роҳбари хизматгузории масеҳӣ бо номи “Metro Ministry” мебошад, ки ҳар ҳафта ба зиёда аз бист ҳазор кӯдакони бепарастор дар шаҳри Ню-Йорк дасти

ёрӣ дароз мекунад. Худи Билл ронандаи автобус мебошад. Ӯ ҳамроҳи коргарон ва ёрдамчиёни ихтиёрии худ Инҷилро, дар қувват ва калом, ба маҳаллаҳои дурдаст ба шахсоне, ки мӯҳтоҷи нури Худованд мебошанд, мавъиза мекунад. Ӯ хизматгузории аҷоибе дорад: ба воситаи ӯ ҳазорон нафар на танҳо дар Ню-Йорк, балки дар тамоми дунё бо Худованд ошноӣ пайдо карданд. Билл дар кишварамон ва дар тамоми дунё ба ятимон кӯмак карда, бо аъмоли худ дигаронро рӯҳбаланд мекунад. Ӯ хизматгузории “Metro Ministry”-ро дар сар то сари дунё оғоз мекунад.

Шахсони ба монанди Билл бисёр ҳастанд. Онҳо ба одамони бечора ва бенаво кӯмак мекунанд. Оё мо ба кори онҳо мадад расонда метавонем? Бо кадом тарз? Яке аз кӯмаки хуб ин ба воситаи дуо ва дастгирии молӣ мебошад. Оё шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ҳар як шахсе, ки худро масеҳӣ меномад, ба чунин хизматгузориҳо ҳар моҳ маблағи муайянро ҳадя кунад, чӣ рӯй хоҳад дод? Тасаввур кунед, ки чӣ қадар мардум ба Масеҳ имон хоҳанд овард? Тасаввур кунед, ки он сомарӣ имондори ҳақиқӣ, ва он маҷрӯҳ гуноҳкор мебошад. Баъд аз кӯмаки сомарӣ, гуноҳкор ба суханони Инҷиле, ки ба вай мавъиза карда мешавад, бо хушӣ гӯш хоҳад дод. Лекин, агар он коҳин ва левӣ масеҳӣ мебуданд, маҷрӯҳ он Инҷилеро, ки онҳо мавъиза мекарданд, ҳеҷ вақт қабул кардан намехост. Ҳангоме ки дар дили мо муҳаббати Худо ҷой гирифтааст, он гоҳ мо ҳар як шахсро қадр карда, ва ба ҳар гуна хизматгузориҳое, ки ба бенавоён дасти ёрӣ дароз карда, ба онҳо хушхабарро мерасонанд, дастгирии молӣ хоҳем кард.

Боз як намуди ёрӣ ба ин гуна хизматгузорон ин ҳамкор шудан бо онҳо мебошад. Барои ин ба мо зарур нест, ки ба шаҳри Ню-Йорк кӯч карда биём, то ки ба ин гуна хизматгузорие, ки Билл Уилсон дорад, ҳамроҳ шавем. Ба яке аз барномаҳое, ки калисои маҳаллии шумо дорад, қисми он гардед. Ҳатто агар шумо як рӯз дар ҳафта ба ин машғул шавед ҳам, шумо бо одамоне, ки дар асл мӯҳтоҷ мебошанд, наздик мешавед. Дар якҷоягӣ нисбат ба танҳоӣ мо бисёр корҳоро анҷом дода метавонем. Ба он рафтори сомарӣ назар карда, мо инчунин набояд дар бораи кӯмакҳои инфиродӣ фаромӯш кунем. Аммо Навиштаҷот моро барои ҳамкорӣ даъват мекунад, ки ба воситаи он мо ба бисёр нафарон таъсир расонда метавонем: “Панҷ нафар аз шумо сад нафарро меронанд, ва сад нафар аз шумо даҳ ҳазор касро меронанд” (Ибод. 26:8, Тарҷумаи васеъ).

Якҷоя шуда, мо самаранокии худро меафзоем. Мо набояд фаромӯш кунем, ки Худо калисоро чунин офаридааст, ки барои самаранок будан

мо бояд ҳамроҳ бошем, барои он ки мо мӯҳтоҷи якдигар ҳастем. Павлус мефармояд, ки Бадани Масеҳ дар он ҳолат рушд хоҳад кард, ки мо бо якдигар дар якҷоягӣ фаъолият кунем (Эфс. 4:16). Барои ҳамин сабаб мо бояд дар калисои маҳаллӣ реша давонда бошем. Агар дар натиҷа ҳар як имондор вазифаи шахсии худро иҷро мекард, мо чӣ қадар шоҳиди воқеаҳо мисли Билл Уилсон мешудем?

Он коре, ки Билл машғул аст, бисёр муҳим мебошад. Лекин мо танҳо дар ин бозистода наметавонем. Инчунин дигар гурӯҳи ҷамъият низ ҳастанд, ки он қадар бечораву бенаво нестанд. Онҳо дорои ҳама чизҳои зарурӣ буда, ҳатто ҳаёти фаровон доранд, лекин, ба ин нигоҳ накарда, онҳо маҷрӯҳ ва дар дилҳои худ эҳсосоти танҳоиро доранд. Онҳоро мо дар ҳар гӯшаву канори шаҳри худ: дар мағозаҳо, бозорҳо ё корхонаҳо вомехӯрем. Онҳо танҳо ва маҷрӯҳ мебошанд, ва мӯҳтоҷи он ҳастанд, ки ягон нафар онҳоро қадру эҳтиром кунад. Онҳо назди мо ва онҳо наздикони мо мебошанд.

Мо ҳар рӯз аз назди онҳо мегузарем. Баъзан мо бо корҳои худ банд буда, мӯҳтоҷиҳои дигаронро пайхас намекунем. Ҳамон қадаре ки ман солхӯрда мешавам, ҳамон қадар зиёдтар мефаҳмам, ки дастрас кардани одамон чӣ қадар осон аст. Ҳама чиз аз эҳтиром дар қалби ту оғоз меёбад. Ба дигарон эҳтиром дошта, мо овози Рӯҳи Муқаддасро хубтар мешиносем, ва баъзан худамон онро пай набурда, аз ҷониби Ӯ ҳидоят мешавем. Ҳатто ҳаёти рӯзмарраи мо ба хизматгузорӣ табдил мегардад. Ҳангоме ки шумо одамонро эҳтиром мекунед, бо он шахсоне, ки Худованд рӯ ба рӯ мекунад, шумо дағалона ва бепарвоёна рафтор намекунед. Баръакс, шумо дар он ҷараёни илоҳӣ, ки ба дилҳои ташна оби ҳаётро аз осмон меоварад, хоҳед буд. Ҷои Навиштаҷоте, ки дӯст медорам ва дар тӯли солҳо ба он вафодор ҳастам, ин: "Худованд Худо забони донишҷӯёнро ба Ман додааст, то ки тавонам бемаҷолеро бо калом дастгирӣ намоям; Ӯ субҳ ба субҳ бедор мекунад, гӯши Маро бедор мекунад, то ки мисли донишҷӯён бишнавам" (Иш. 50:4).

Шумо низ ба ин ваъдаи Худо имон оварда метавонед. Бисёриҳо бо дигарон гап намезананд, ба хотири он ки метарсанд, ки ягон гапи аҳмақона аз даҳони онҳо набарояд. Агар шумо ба Каломи Худо имон дошта бошед, бидонед, ки ҳар вақт шумо даҳони худро бикшоед, шумо ба дигарон ҳаёт, шифоӣ ва ба ҷонҳои хасташуда ва танҳо тасаллӣ мебахшед.

Лекин ҳамааш ин нест. Ибораи "ҳамаро эҳтиром кунед" на танҳо ба дастрас кардани танҳоён мебошад. Агар мо эҳтиром дошта бошем, ҳар як

нафаре, ки мо рӯ ба рӯ мешавем, нашъунамо хоҳад ёфт. Ҳар як сухане, ки аз қаъри дил берун меояд, барои шунавандагонаш ҳаёт мебахшад. Дар асл ин гурӯҳи зиёди мардумро дар бар мегирад, ки бисёре аз онҳоро мо танҳо як маротиба дар зиндагиамон хоҳем дид. Мумкин аст, ки ин шахс дар лифт, ё дар тайёра ҳамроҳи мо мебошад, ё оператори телефон. Мо онҳоро бо суханони гарм ё танҳо бо табассуми худ эҳтиром карда метавонем.

Боре ҳангоме ки ман дар яке аз паркҳои Лондон қадам мезадам, як зан, ки аз Шарқи Наздик буд, муқобили ман бо сари хам меомад. Ман нисбат ба вай шафқат пайдо кардам. Ман тасаввур кардам, ки ӯ эҳтиромро махсусан аз тарафи марди бегона мунтазир намебошад. Дили ман ба вай сӯхт ва ман ба ӯ гуфтам: “Субҳ ба хайр!”. Ман инро аз тамоми қалб ва бо хурсандӣ гуфтам. Ӯ чашмони худро боло бардошта, бо нобоварӣ ба ман нигоҳ кард. Мисли он ки ман фикри ӯро хондам: “Барои чӣ ин марди ғарбӣ бо чунин хушмуомилагӣ ба ман салом дод?”

Лекин пеш аз он ки инро фикр кунад, хоҳиши эҳтиром бар вай боло омад, ранги рӯяш тағйир ёфта, бо як шарм ин зан ба саломи ман алейк дод. Имкон дорад, ки дар зиндагии худ ман дигар вайро вонамехӯрам, лекин ман имон дорам, муҳаббати Худо, ки аз қалби ман ҷорӣ мешуд, мисли тухмие як рӯз самари худро барои ҳаёти ҷовидонӣ хоҳад овард. Мо ба ин имон дошта метавонем. Биёед дар Рӯҳ зиндагӣ карда, ба он имон дошта бошем, ки мо на танҳо умр ба сар мебарем, балки сафирони ҳаёти фавқултабии қуввати Худо мебошем, ки ба дигарон ҳаёт меоваранд.

Оё табассум кардан ба дигарон он қадар мушкил аст? Оё ба бегонагон суханони нек гуфтан мушкил мебошад? Оё имон овардан ба он ки суханони мо ҳаёт мебахшанд, мушкил аст? Оё бисёр мушкил аст, имон овардан ба он, ки агар эҳтиром ба дигарон ва ба қуввати Худо кифоя набошад, Ӯ дода метавонад? Лекин агар шумо дуо кунед ва аз Худованд бихоҳед, Ӯ ба қалби шумо эҳтиромро нисбат ба дигарон, ба он шахсоне, ки Худаш ҷонашро фидо кардааст, афзун хоҳад кард. Ӯ ин корро анҷом хоҳад дод, чунки иродаи Ӯ ҳамин тавр аст.

## Тарзи ҳаёт

Ҳамон лаҳзае, ки шумо аз Худо хоҳиш мекунед, ки дар дили шумо эҳтиромро нисбат ба дигарон ҷой кунад, ҳаёти шумо тағйир хоҳад ёфт. Шумо ба пешхизматчиёни тарабхонаҳо дигар хел назар хоҳед кард. Ба

ҷои он ки диққати худро ба рӯйхати ғизоҳо ҷалб кунед, шумо ба чашми онҳо нигоҳ карда, ба онҳо салом медиҳед. Пеш аз он ки ғизои худро фармоиш диҳед, аввал шумо номи онҳоро мепурсед, ва ҳар дафъа ба онҳо номашонро ба забон оварда, муроҷиат мекунед. Аз ҳама муҳим: барои хизматашон бо сухан ва маблағ "ташаккурӣ" мекунед. Ба онҳо 15% чойпулӣ нагузоред, балки 20% ва зиёда аз он чойпулӣ бидиҳед, то ки ин эҳтироми шуморо нишон диҳад. Ҳамеша аз муқаррарӣ зиёдтар бикунед. Ба як чизи миёна розӣ нашавед. Аз худ савол кунед, ки ин пешхизматчии тарабхона барои шумо чӣ қадар арзиш дорад. Ҷавоби ин саволро шумо бояд аз ёд донед: ҳамон қадар арзиш дорад, ки Исо барои ӯ ҷони Худро фидо кардааст.

Гуфтани ин ғамгинона аст, лекин ман бисёр вақт шоҳиди он будам, ки масеҳиён маро ба ғизо хӯрдан даъват мекарданд, ва баъд аз он ба шахсе, ки ба мо хизмат карда буд, чойпулии ночизе медоданд. Дар як ҳолат чойпулӣ он қадар ночиз буд, ки мебоист ман ягон чора биандешам. Мо бо ин усқуф берун баромада, сӯи мошинҳои худ равона будем. Дар байни роҳ ман ба ӯ гуфтам: "Ту пешопеши ман сӯи мошини худ бирав, ман бояд ки ба якчанд дақиқа пас ба тарабхона баргардам". То он вақте ки вай сӯи мошини худ мерафт, ман ба тарабхона баргашта, чойпулии калон дар рӯи мизамон гузоштам. Чӣ тавр метавон ба он шахсе, ки ба мо хизмат кард, чойпулии ночиз гузошт, махсусан дар ҳолате ки пешхизматчии тарабхона медонист, ки мо аз хизматгузорӣ омада будем?

Дар хотир дорам, боре ман ва Лиза ба пешхизматчии тарабхонае, ки ба мо хизмат мекард, 50% чойпулӣ гузоштем. Аз гуфтугӯи мо вай бохабар шуд, ки мо дар хизматгузорӣ будем. Мо байни вай ва Худо миёнараве будем, барои ҳамин ӯ мебоист бидонад, ки дар чашмони Худованд ӯ чӣ қадар арзиш дорад. Пеш аз он ки вай бубинад, ки мо чӣ қадар пул барояш гузоштем, мо рафтем. Лекин ман боварӣ дорам, ки ӯ нисбати Масеҳ хотираи хуб дошт. Павлус гуфтааст: "Зеро ки мо накҳати Масеҳ ҳастем, ҳам дар миёни наҷотёбандагон ва ҳам дар миёни нобудшавандагон" (2 Қӯр. 2:15). Ман фикр мекунам, ки баъд аз ин ҳодиса вай хотираи хубе дар бораи имондорон пайдо кард, ки дар оянда қалби ӯро барои Инҷил воз мекунад.

Ҳар дафъа ба шахсоне, ки ба мо хизмат мекунанд, эҳтиром ба ҷо оварда, мо лоиқи муносибати хуби онҳо мегардем: ғизоҳои хуб ва иловагӣ, хизмати беҳтар ё дигар тӯҳфаҳое, ки мо мунтазир он намебошем. Албатта имондорон набояд ки ба хотири ин эҳтиром кунанд,

лекин ба ҳар ҳол ин баракат аст. Мо бо Лиза бисёр маротиба аз истгоҳҳои мошинҳо дар фурудгоҳ истифода мебурдем. Ба хотири сафарҳои зиёди мо кормандони истгоҳ мошини моро мешиносанд, ва агар дар он вақте, ки мо меоем, дар он истгоҳ бисёр кормандон бошанд, онҳо назди мо зуд медаванд, то ки ба мо хизмат кунанд. Барои чӣ? Барои он ки мо ба онҳо чойпулии хубе медиҳем. Лекин на танҳо ин, балки мо дар бораи корҳои онҳо мепурсем, ва дар бораи наздикони онҳо низ ҳолпурсӣ мекунем. Дар фурудгоҳ истгоҳи кушода ва пӯшида танҳо барои кормандони фурудгоҳ мавҷуд аст. Мошини мо ҳамеша дар истгоҳи пӯшида ҷой мегирад, ки дар он ҷо боми истгоҳ мошинро аз барфу борон эмин нигоҳ медорад. Ман инро мукофот барои эҳтиром меномам!

Айни ҳамон тавр бо мағозаи озуқаворие, ки назди хонаи мост, рӯй медиҳад. Боре меҳмонони мо, ки аз дигар шаҳр омада буданд, ҳамроҳи мо ба мағоза рафтанд. “Оё ягон нафаре дар ин мағоза ҳаст, ки шуморо нашиносад?”, бо ҳайрат қайд карданд онҳо. Онҳо инро гуфтанд, на ба хотири он ки моро ҳамчун хизматгузорони машҳур ё муаллифони китоб мешинохтанд, лекин барои он ки мо бо он одамон муомилаи хуш дошта, ҳар дафъа ҳолпурсӣ мекардем. Онҳое, ки аз хизмати мо хабар доштанд, хоҳиш мекарданд, ки барояшон дуо кунем. Ҳар дафъае ки мо ба мағоза медароем, дар он ҷо ҷунбиш ба амал меояд, мо на танҳо бо тахфиф мегирем, балки хизматрасонии олӣ барои мо аст. Такрор мекунам, оё мо онҳоро барои тахфиф эҳтиром мекунем? Не, ва ҳазор маротиба не! Мо онҳоро эҳтиром мекунем, барои он ки Худованд ба мо ин қобилиятро додааст.

## Намунаҳои амалӣ

Иҷозат диҳед, ки якчанд мисолҳои амалиро барои эҳтиром кардани ҳамаи одамон биёрам. Бо шахсе вохӯрда, ба чашми ӯ нигоҳ кунед, бо меҳрубонӣ ба вай муроҷиат кунед, ба ӯ нишон диҳед, ки ӯ бисёр боарзиш аст. Ҷӯёи он набошед, ки фақат ба ҳадафи худ бирасед: ғизоро фармоиш диҳед, хоҳиши худро бигӯед ё хариди худро бикунед. Беҳтар аст, ки якчанд дақиқаи худро сарф карда, ҳолу аҳволи он шахсро бипурсем. Агар вақти кофӣ дошта бошед, бештар аз як савол бидиҳед, пурсону ҷӯёи он бошед, ки ин шахс чиро хуш дорад. Ҳамон вақте ки инсон мефаҳмад, ки ӯ боарзиш аст, он гоҳ барои бахшоиши беҳтарини шумо инҷили Исои Масеҳ дарвоза воз мешавад. Аммо агар шумо эҳтироми худро нишон

надиҳед, ва ҳамон лаҳза мехоҳед ба он шахс инҷилро пешниҳод кунед, ӯ эҳсос хоҳад кард, ки аз вай сӯиистифода мекунанд.

Фикр кунед, ки шумо ба мардум аз мунтазирии онҳо бештар чӣ карда метавонед. Ба онҳо ягон тӯҳфа кунед, чойпулии ногаҳонӣ диҳед ё ба кори онҳо кӯмак кунед? Ба он шахси коргар як стакон оби газдор бидиҳед ё ба шахсе ки дар ҳавлии шумо кор мекунад, ғизои нисфирӯзӣ бидиҳед. Барфро аз пеши дарвозаи ҳамсоя пок кунед ё алафи ҳавлии ҳамсояро низ дарав кунед. Ин бисёр ҷолиб аст, ки дигаронро эҳтиром кунӣ, махсусан агар онҳо мунтазири ин эҳтиром нестанд. Ин рафторҳои хурд ба онҳо хоҳиши шунидани инҷили Исои Масеҳро бедор мекунад.

Такрор мекунам, то ки мо аз Худованд хоҳиш кунем, ки дар дили мо эҳтироми воқеиро нисбат ба дигарон ҷойгир намояд. Агар шумо ҳаракат кунед, ки одамонро на аз дили худ эҳтиром кунед, он гоҳ ин эҳтироми қалбакӣ ва рӯякӣ хоҳад буд. Дар асл ин натиҷаҳои тамоман дигарро хоҳад овард. Бесамимиятиро зуд фаҳмидан мумкин аст ва бисёр одамон инро пайхас хоҳанд кард. Дар поёни боби охирин мо аз Худованд хоҳиш мекунем, ки дар қалбҳои мо эҳтироми ҳақиқиро ҷойгир кунад. Каломи Худо, ки дар ин китоб навишта шудааст, имони шуморо бунёд кард ва ташнагиро нисбат ба эҳтиром дар дохили шумо ба вуҷуд овард. Ҳама чизе, ки ба шумо зарур аст, танҳо дар бораи ин бихоҳед. Пеш аз он ки мо ин корро бикунем, бояд боби охирро мутолиа кунем.

## Боби 17

# Эҳтироми Худованд

Охирин ва аз ҳама муҳимтарин, то ки дар эҳтироми аслӣ зиндагӣ кунем, бояд ки бештар аз ҳама ба Худованд эҳтиром дошта бошем. Эҳтироми ҳақиқӣ ин дар ҳурмати Худо болотар аз ҳама кас ва ҳама чиз асос ёфтааст. Дар Масалҳо 3:9 ба мо амр шудааст, ки "Худовандро эҳтиром кунем".

Мо бояд аз ҳама чиз бештар Ӯро қадр, эҳтиром, ҳурмат кунем ва шаъну шараф нишон диҳем. Агар мо касеро ё чизеро аз Худо болотар бидонем, он гоҳ мо Ӯро эҳтиром намекунем. Худованд Шоҳи бузург аст ва Ӯ на танҳо қисман, балки сазовори тамоми эҳтироми мо мебошад. Шарафи мо ба воситаи саҷдаи мо сӯи Худованд меравад.

Дар хотир дошта бошед, ки ҳадафи аввалиндараҷаи мо ин эҳтиром кардани Худованд мебошад. Эҳтироми мо ба ҳукуматдорон, ба онҳое, ки бо мо дар як сатҳ ҳастанд, ва эҳтироми "ин хурдон" ба Исо, ва дар охир ба Падар мерасад. Барои ҳамин вақте ки эҳтироми одамон эҳтироми Худовандро иваз мекунад, он гоҳ ин эҳтиром қалбакӣ ё бутпарастӣ, на ин ки шарафи ҳақиқӣ, мегардад.

### Эҳтироми қалбакӣ

Элӣ саркоҳин буд. Дар хурдсолиҳои Самуил, Элӣ нигоҳбони хаймаи Худо буд. Писарони ӯ бадрафтор буда, ба Худованд, халқ ва ба хизмати коҳинии худ беҳурматӣ мекарданд. Онҳо аз ҳама қурбониҳои беҳтаринро ба худ мегирифтанд ва агар левизодагон норозӣ бошанд, онҳо бо зӯрӣ инро аз они худ мекарданд. Элӣ дар бораи бадрафтории писаронаш огоҳ буд. Ӯ медонист, ки онҳо бо қурбониҳо чӣ тавр рафтор мекарданд, ва

дар бораи зинои онҳо бо заноне, ки дар назди дарвозаи хайма буданд, хабар дошт. Дар анҷом ӯ хост, ки онҳоро ислоҳ кунад: «Ва ба онҳо гуфт: “Чаро шумо чунин амал мекунед? Ман, охир, ин аъмоли бади шуморо аз тамоми қавм мешунавам. Чунин амал накунед, эй писаронам! Зеро овозае ки ман мешунавам хуб нест: шумо боиси маъсияти қавми Худованд мегардед”» (1 Под. 2:23-24).

Новобаста аз он ки Элӣ писарони худро фош кард, ба ҳар ҳол, ӯ иҷозат дод, ки онҳо хизмати худро ҳамчун коҳинон идома диҳанд. Барои он ки хизмати онҳо ба Элӣ фоида меовард: баднафсии ӯ ба ғизо хӯрдан ба воситаи писаронаш қонеъ мегардид. Агар вай дар асл Худоро эҳтиром мекард, он гоҳ ӯ писаронашро аз хизматгузории коҳинона дур месохт. Ӯ онҳоро бо шахсони худотарс, ки ба Худо ва халқи Ӯ бо тамоми қалб хизмат мекарданд, иваз мекард. Акнун ба суханони Худо, ки ба воситаи пайғамбар ба вай эълон шуда буд, диққат кунед:

> Ва марди Худо назди Элӣ омада, ба ӯ гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: “Оё Ман бар хонадони падарат, вақте ки онҳо дар Миср, дар хонаи фиръавн буданд, Худро зоҳир насохтам? Ва оё ӯро аз ҳамаи сибтҳои Исроил барои Худ коҳин интихоб нанамудам, то ки бар қурбонгоҳи Ман баромада, бухур бисӯзонад ва ба ҳузури Ман эфӯд бипӯшад? Ва оё ҳамаи ҳадияҳоро аз қурбониҳои сӯхтании банӣ-Исроил ба хонадони падарат набахшидам? Чаро шумо қурбониҳо ва ҳадияҳои ордии Маро, ки барои маскани Худ амр фармудаам, поймол мекунед? Ва чаро ту писарони худро назар ба Ман бештар мӯҳтарам медорӣ, то ки худро аз қисми беҳтарини ҳамаи ҳадияҳои қавми Ман - Исроил фарбеҳ гардонӣ?”»
>
> \- 1 Подшоҳон 2:27-29

Пайғамбар Элиро дар ангезаи нопокаш фош кард, ки ӯ ҳадияҳои беҳтаринро бо фиребу найранг ва ҳатто зӯрӣ аз худ мекард. Худо ба воситаи пайғамбар ба Элӣ гуфт, ки ӯ писаронашро аз Худо бештар мӯҳтарам медонад. Ба хотири аъмоли худ ӯ на танҳо сазовори мукофот нагардид, балки лоиқи бешарафӣ шуд. Бубинед, ки Худо ба воситаи пайғамбар чӣ мегӯяд:

> «Бинобар ин Худованд, Худои Исроил, чунин мегӯяд: “Ман гуфта будам, ки хонадони ту ва хонадони падарат ба ҳузури Ман то

абад роҳ хоҳанд рафт. Вале алҳол, мегӯяд Худованд, ҳошо ки Ман инро раво бинам, зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд. Инак, айёме фаро мерасад, ки Ман бозуи ту ва бозуи хонадони падаратро қатъ хоҳам кард, ба тавре ки пире дар хонадони ту нахоҳад буд. Ва ту рақиброро дар маскани Ман хоҳӣ дид, дар ҳар кори неке ки вай барои Исроил бикунад; ва пире дар хонадони ту ҳаргиз нахоҳад буд. Ва аҳли байти туро аз қурбонгоҳи Худ тамоман нахоҳам дур кард, ки ин барои коҳонидани чашмони ту ва ранҷонидани ҷони ту бошад; вале тамоми насли ту ҷавонмарг хоҳанд шуд. Ва он чи ба ду писарат, Ҳофнӣ ва Финҳос, рӯй медиҳад, аломате барои ту хоҳад буд: ҳар дуи онҳо дар як рӯз хоҳанд мурд. Ва коҳини аминеро барои Худ таъин хоҳам намуд, ки вай мувофиқи дили Ман ва мувофиқи ҷони Ман амал хоҳад кард; ва барои вай хонадони амине барпо хоҳам намуд, ки он ба ҳузури масеҳи Ман ҳамеша роҳ хоҳад рафт. Ва тавре воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар касе ки аз хонадони ту боқӣ монда бошад, омада, барои як фулуси нуқра ва як порча нон пеши вай саҷда барад ва бигӯяд: лутфан, маро ба ягон вазифаи каҳонат таъин намо, то ки як лаб нон бихӯрам”».

- 1 Подшоҳон 2:30-36

## Эҳтироми Иброҳим

Иброҳим Худоро ба таври махсус эҳтиром кард. Писараш Исҳоқ дар ҳаёти Иброҳим мавқеи муҳиме дошт. Иброҳим бисту панҷ сол мунтазири фарзанди ваъдашуда буд. Ӯ писарашро аз ҳама кас ва ҳама чиз бештар дӯст медошт. Лекин боре Худованд дар хоби Иброҳим зоҳир шуда, аз вай хост, ки Ӯро аз писараш дида бештар эҳтиром кунад. Худованд хост, ки Иброҳим писарашро ба қурбонӣ биоварад. Оё шумо он ташвишеро, ки Иброҳим дар дили худ дошт, тасаввур карда метавонед? Ин аз ҳама кори мушкиле буд, ки ҳатто дар хаёли Иброҳим ҳам намеомад. Осонтар мебуд, тамоми дороии худро қурбонӣ кунад, нисбат ба он ки писарашро, ки аз вай мебоист насли оянда ба вуҷуд ояд. Ба ҳар ҳолат, Иброҳим нисбат ба Элӣ умуман баръакс рафтор намуд: “Ва Иброҳим бомдодон бархост” (Ҳас. 22:3). Ӯ мунтазир намонд, балки рӯзи дигар бомдодон бархоста, тайёр буд, ки амри Худовандро иҷро кунад.

Бо омодагии худ Иброҳим эҳтироми худро ба Худованд нишон дод.

Барои ҳамин фариштаи Худованд ба ӯ садо карда, гуфт: “Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун, зеро акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ” (ояти 12). Боз такрор мекунам, ки тарси ҳақиқӣ ин самараи тарси муқаддас мебошад. Акнун биёед назар мекунем, ки эҳтироми бузургеро ба Худованд нишон дода, Иброҳим сазовори чӣ гуна мукофот гашт:

> Ва дуюмбора фариштаи Худованд Иброҳимро аз осмон хонд. Ва гуфт: “Ба Зоти Худ қасам ёд мекунам, мегӯяд Худованд, азбаски ту ин корро кардӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, дареғ надоштӣ, - туро бисёр баракат хоҳам дод ва насли туро бағоят афзун хоҳам кард, мисли ситорагони осмон ва мисли реге, ки дар соҳили баҳр аст; ва насли ту шаҳрҳои душманони худро мусаххар хоҳад кард; ва ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ту баракат хоҳанд хост, барои он ки ту ба овози ман гӯш додӣ”.
>
> \- Ҳастӣ 22:15-18

Шумо Худоро бевосита эҳтиром мекунед ё ин ки ба тариқи хизматгузорони Ӯ, аз хотир набарored, ки эҳтиром доимо мукофот дорад.

## Интихоби нодурусти Мӯсо

Боз мисоли як шахсе, ки ба хотири инсонро бештар аз Худованд эҳтиром кардан, наздик буд, ки тамоми мукофоти худро аз даст диҳад. Ин одам Мӯсо ном дошт. Ӯ иштибоҳи калоне кард. Ӯ он қадар ба хашм омад, ки қариб буд чароғдони ҳаёташ хомӯш шавад. Мо мехонем: “Дар миёни роҳ чунин воқеъ шуд, ки дар манзилгоҳ Худованд бо вай вохӯрда, қасди куштани вай кард” (Хур. 4:24).

Пеш аз он ки дар бораи ин ҳолат сухан ронем, аввал иҷозат диҳед, ки ман барои шумо ҳодисаи пештараро нақл кунам. Пеш аз ин Худованд ба Мӯсо дар буттаи сӯзон зоҳир шуд. Ӯ дар бораи интихоб шудани Мӯсо ҳамчун роҳбаре, ки халқи Исроилро аз ғуломии Миср берун меоварад, эълон кард. Мӯсо аз кӯҳ фаромада, оилаи худро гирифт ва барои иҷро кардани амри Худованд ба сӯи Миср равона шуд. Хайр, пас чӣ? Ногаҳон Худованд он шахсеро, ки мебоист халқашро озод кунад, қасди куштани вайро дорад? Чаро Худо ин тавр рафтор мекунад? Чӣ рӯй дода буд? Ана чӣ рӯй дода буд.

Ҳангоме ки Мӯсо аз кӯҳ, ки дар он ҷо мулоқот бо Худо дошт, поён фаромад, шахси аввале, ки вохӯрд, ҳамсараш буд. Занаш эҳсос карда

метавонист, ки Мӯсо чизи аҷиберо аз сар гузаронидааст. Ман сӯҳбати онҳоро ба худ тасаввур карда метавонам.

Мӯсо мегӯяд: “Азизам, Худованд ба ман зоҳир шуд ва амр кард, ки мо ба Миср баргашта, халқи Исроилро аз ғуломии фиръавн озод кунем. Он озодкунандаи халқ, ки мо дар борааш бисёр мегуфтем, ман ҳастам”.

Ҳамсараш Сифӯра дар ҷавоб гуфт: “Бисёр аҷиб аст. Азизам, ман ҳам ҳамроҳи ту меравам. Чӣ вақт бояд биравем?”

Мӯсо гуфт: “Ҳамин ҳоло, лекин пеш аз он, мо бояд як корро анҷом диҳем. Дар болои кӯҳ Худо ба ман дар бораи он аҳде, ки бо Иброҳим баста буд, гуфт. Ӯ гуфт, ки ду писарамро хатна кунам”.

Ҳамсараш гуфт: “Хуб, биё аз писари калониамон Ҷершӯн оғоз мекунем”.

Баъд Сифӯра бо чашмони худ дид, ки чӣ гуна писари калониаш хатна мешавад.

Биёед дар ин ҷо боз меистем. Иҷозат диҳед, ки ба шумо чизе бигӯям. Ман шоҳиди он будам, ки чӣ гуна писари сеюмамро хатна мекарданд. Пеш аз ҷарроҳӣ духтур маро огоҳ кард, ки худро дар даст нигоҳ бидорем. Духтур хатна кард, ман шунидам, ки Алек бо тамоми вуҷуди худ фиғон зад. Ман аз дидани дарди ӯ, дилам ба ҳолаш месӯхт.

Биёед ин ҳолатро ба Сифӯра шабоҳат медиҳем. Вай шоҳиди он буд, ки чӣ гуна писари калонаш дарду азоб кашида, доду фиғон мезад. Ӯ бисёр тарсид. Чӣ тавр шавҳараш ин корро ба писари дӯстдоштааш карда метавонист? Оё ин ҳамон марде, ки ҳамроҳаш издивоҷ карда буд? Дар болои он кӯҳ бо вай чӣ шуд? Наход, Худое, ки ӯ вохӯрдааст, ин қадар хунхӯр ва дилсанг бошад?

Инак, модар инро тоқат карда наметавонад. Ӯ бархоста, дар байни Мӯсо ва писари хурдиаш, Элъозор, меистад. Бо рафтори худ, дастҳо дар камар, пойҳоро васеъ монда, вай нишон медиҳад, ки “Ту як қадам ҳам пеш омада наметавонӣ”. Ӯ мегӯяд: “Бори дигар ту инро такрор нахоҳӣ кард. Ин фарзанди ман аст! Ин кифоя аст, ки ин кори бади худро аз болои як писарам Ҷершӯн кардӣ. Ту чӣ хел шавҳар ҳастӣ?!”

Ман ба худ тасаввур карда метавонам, ки чӣ гуна байни онҳо ҷанҷоли оилавӣ оташ зад. Сифӯра аввал баҳс мекунад ва баъд ба Мӯсо дод мезанад ва дар охир ҳатто ӯро таҳдид мекунад. Баъд дар дигар рӯз ғизо тайёр нашудааст. Ин суханҳо торафт бадтар мешаванд. Ин ҳолат Мӯсоро хаста месозад, ва ӯ охири инро намебинад.

Дар охир Мӯсо аз муқобилати занаш хаста шуда, чунин фикр ба сараш

меояд: “Ман аз ин ҷанҷол хаста шудам. Ман бояд ки вазифаи муҳимро анҷом диҳам. Ман даъвате дорам, ки як халқи бузургро озод кунам. Ман бояд ин кори худро оғоз кунам”. Барои ҳамин ӯ ба ҳамсари худ гузашт мекунад ва мегӯяд: “Биё ба сафар меравем”.

Аз сабаби он ки Мӯсо зани худро нисбат ба Худованд бештар эҳтиром кард, дар роҳ ба Миср, Худованд ба хаймаи Мӯсо меояд, то ки вайро бикушад. Худо инро ба роҳбари интихобшудаи Худ иҷозат намедиҳад. Ӯ Мӯсоро кушта, ба худ шахси дигареро меёбад. Аммо ҳангоме ки занаш мефаҳмад, ки бо шавҳараш чӣ хоҳад шуд, зуд писари худро хатна мекунад. Мо мехонем: “Он гоҳ Сифӯра корди сангие гирифта, ғилофаки писари худро бурид ва онро ба пои Мӯсо расонда, гуфт: “Ту барои ман шавҳари хун шудӣ”. Ҳамон лаҳзае, ки ӯ ин корро кард, “Худо аз Мусо даст кашид” (Хур. 4:25-26).

Боре ҳангоми дуо, Худованд аз ман пурсид: “Ман омадам, то ки Мӯсоро ба қатл бирасонам ё занашро?”

“Мӯсоро”, - ҷавоб додам ман.

Баъд Худованд ба ман гуфт: “Ин ба сабаби он аст, ки Ман ба Мӯсо, ҳамчун сарвари оила, амр кардам, ки писарони худро хатна кунад ва вай бошад, аз суханони Ман дида талаботи занашро авлотар донист. Масъулият дар дӯши Мусо буд.” Бо ин Худо ба ман нишон дод, ки чӣ қадар муҳим аст, ба гузашт нарафтан, барои писанд омадан ба он шахсоне, ки зери салоҳияти ту мебошанд.

Мӯсо ҳамчун шахси сулҳпарвар, на ин ки сулҳҷӯй рафтор кард. Исо нагуфтааст: Хушо сулҳпарварон. Ӯ гуфтааст: “Хушо сулҳҷӯён” (Мат. 5:9). Сулҳпарвар он шахсе, ки барои эҳсосоти осоиштагиро доштан, ба гузашт меравад. Роҳбарон ба зудӣ ба ин дом меафтанд. Дар асл, ин эҳтироми бештари он шахсе, ки мо мебинем, нисбат ба он шахсе, ки мо намебинем, мебошад. Аз ин гуна рафтор Худованд нафрат мекунад.

Аз тарафи дигар, агар зарур бошад, сулҳҷӯй муқобилат мекунад. Аз ҳамин сабаб Исо мефармояд: “Ва аз айёми Яҳёи Таъмиддиҳанда то алҳол Малакути Осмон ба зӯрӣ ба даст оварда мешавад, ва зӯроварон онро мерабоянд” (Мат. 11:12).

Малакути осмонӣ ин осоиштагӣ аст (Рум. 14:17). Барои он ки мо осоиштагии ҳақиқӣ дошта бошем, баъзе вақт лозим мешавад, ки ба чизҳое муқобилат кунем.

Одатан сулҳпарварон манфиатҳои худпарастонаи худро доранд. Онҳо

он ҷои хуби худро тарк кардан намехоҳанд ё аз он шахсоне, ки мебоист муқобилат кард, фоида ба даст оварданро хуш доранд. Ба монанди Элӣ ва писарони ӯ мебошанд.

Имкон дорад, ки баъд аз ин ҳодиса Мӯсо дигар бо ҳеҷ кас, барои эҳтироми хоҳиши он шахс, ба гузашт намерафт. Дар асл, иштибоҳи вай дар аввали хизматгузориаш дарси калоне шуд, ки ба ӯ кӯмак кард, ки дар натиҷа як роҳбари бузург гардад. Элӣ дигар хел буд. Ӯ мисли Мӯсо хизматгузори тару тоза набуд, лекин хизматгузори собиқадор буд. Ӯ бисёр хуб мефаҳмид, ки чӣ кор мекунад. Мӯсо, шояд, мехост ки шавҳари хубе бошад. Ӯ самимӣ, вале ноҳақ буд.

## Оила

Агар шумо ба он мисолҳое, ки дар ин боб овардам, бо диққат назар кунед, он гоҳ шумо пайхас мекунед, ки ҳамаи онҳо дар дохили оила рӯй доданд. Элӣ ва Иброҳим бо фарзандонашон, Мӯсо бо занаш. Дар ин маврид суханони Исо возеҳ аст:

> Гумон накунед, ки омадаам, то осоиштагӣ бар замин биёрам; наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер; зеро ки омадаам, то одамро аз падараш, духтарро аз модараш ва келинро аз модаршӯяш ҷудо кунам. Ва душмани одам аҳли хонаи ӯ хоҳанд буд. Ҳар кӣ падар ё модарашро аз Ман бештар дӯст медорад (эҳтиром мекунад), лоиқи Ман нест; ва ҳар кӣ писар ё духтарашро аз Ман бештар дӯст медорад (эҳтиром мекунад), лоиқи Ман нест.
>
> - Матто 10:34-37
> (дар дохили қафс суханони муаллифи ин китоб)

Ба хотири писанд омадан ба ягон шахс, ҳатто агар ин аъзои оилаи мо бошанд ҳам, бо иродаи Худо ба гузашт меравем, мо зидди Худованд гуноҳ мекунем. Ман умед дорам, ки шумо ҷиддӣ будани ин масъаларо дарк мекунед. Дар ин оят суханони Исо рӯйрост ва бе гузашт мебошанд. Барои чӣ? Ҷавоби онро мо дар мисолҳои дар боло овардашуда дида метавонем. Барои оилаи Элӣ ҷазо ногузин буд. Эҳтироми писаронаш бештар аз Худованд барои вай фоҷианок хотима ёфт.

Ман инро мувозинати дурусти эҳтиром меномам. Дар ин китоб ман

диққатро ба эҳтиром бисёр ҷалб кардам, аммо касеро бештар аз Худованд эҳтиром кардан, ин як намуди беэҳтиромӣ ё бутпарастӣ мебошад, ки натиҷаҳои ҷиддӣ дорад. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз набояд ки аз Худованд бештар эҳтиром карда шавад. Ӯ Худованд, Шоҳ ва Наҷотдиҳандаи мо мебошад. Мо бояд ҳамеша инро дар хотир дошта бошем.

## Эҳтироме, ки ба воситаи итоат аён мегардад

Дар Навиштаҷот бисёр намунаҳое ҳастанд, ки мардон ва занон одамонро аз Худо бештар эҳтиром карданд. Ҳамеша охири ин фоҷианок буд. Аз дигар тараф, натиҷаи эҳтиром дар ҳар сатҳ натиҷаи мусбӣ медиҳад.

Дар китоби Подшоҳон ҳодисаи таъсирбахш дар бораи пайғамбари ҷавон ва пир навишта шудааст. Худо ба пайғамбари ҷавон амр кард, ки аз Яҳудия ба Байт-Ил рафта, бар зидди қурбонгоҳе, ки шоҳ Ёробъом бухур меовард, нубувват кунад. Ӯ итоат карда рафт, ва он гоҳ Худованд қурбонгоҳро дупора кард, ва хокистари он рехт. Ҳама чиз мутобиқи суханони он пайғамбари ҷавон амалӣ гашт.

Шоҳ Ёробъом барои қувват ва зуд амалӣ шудани каломи Худо, ки дасти вайро шифо дод, дар ҳайрат буд. Барои ҳамин шоҳ пайғамбарро ба қасри худ даъват кард, то ки вай истироҳат карда, сазовори мукофот гардад. Барои ин даъват пайғамбар ҷавоб дод: «Агар ту нисфи хонаи худро ба ман бидиҳӣ, бо ту нахоҳам рафт, ва дар ин макон на нон хоҳам хӯрд, ва на об хоҳам нӯшид. Зеро ки ба ман бар тибқи каломи Худованд чунин амр фармуда ва гуфта шудааст: “Нон нахӯр, ва об нанӯш, ва бо роҳе, ки омадаӣ, барнагард”» (3 Подшоҳон 13:8-9).

Инак, ӯ бо дигар роҳ баргашта ва пас ба Яҳудия равона шуд. Вале дар роҳ пайғамбари солхӯрдаро вохӯрд, ки ӯро ба хонаи худ барои нон хӯрдан даъват кард. Пайғамбари ҷавон боз бо ҳамон суханоне, ки Худо ба вай гуфта буд, ҷавоб дод, ки ӯ нон нахоҳад хӯрд ва об нахоҳад нӯшид ва бо он роҳ пас ба хона нахоҳад рафт. Ва бо ин сабаб даъвати пайғамбари пирро рад кард. Ба ҳар ҳол, пайғамбари солхӯрда гуфт: «Ман низ набие мисли ту ҳастам, ва фариштае бар тибқи каломи Худованд ба ман сухан ронда, гуфт: “Варо бо худ ба хонаат баргардон, то ки вай нон бихӯрад ва об бинӯшад”». Аммо ӯ ба вай дурӯғ гуфт (ояти 18).

Пайғамбари ҷавон суханони набии пирро эҳтиром намуда, ба хонаи вай даромад. Дар хона ҳангоме ки онҳо сари дастархон буданд, каломи

Худованд ба пайғамбари ҷавон нозил шуда, гуфт, ки барои беитоатии вай ҷасадаш ба қабристони падаронаш нахоҳад даромад. Пайғамбари ҷавон дар роҳ ба Яҳудия бо шер дучор шуд, ки вайро пора кард. Лекин шер на ҷасади ӯро, ва на ҷасади хареро, ки ба он савор буд, нахӯрд. Ҳангоме ки пайғамбари пир аз ин ҳодиса бохабар шуд, гуфт: “Ин ҳамон марди Худост, ки аз иҷрои каломи Худо сар тофт, ва Худованд варо ба шер супурдааст, ва он варо бар тибқи каломи Худованд, ки ба ӯ гуфта буд, куштааст” (ояти 26).

Пайғамбари ҷавон он набии пирро эҳтиром мекард. Эҳтимоли зиёде дорад, ки эҳтиром гузоштан ба солхӯрдагон аз хурдӣ ба вай одат шуда буд. Ӯ боварӣ дошт, шахсеро, ки дар хизматгузории Худо аст, бояд аз Худо ҳам бештар эҳтиром кард ва ин кори хубе мебошад. Лекин бояд ки мувозинати дурустро нигоҳ дошт. Иштибоҳи марговари пайғамбари ҷавон дар он буд, ки вай каломи набии пирро аз каломи Худо болотар гузошт. Барои ин кори худ ҳаёташро аз даст дод.

Мисолро дар Аҳди Ҷадид мо дар ҳаёти Петрус мебинем. Ҳаввори Павлус мефармояд:

> Аммо вақте ки Петрус ба Антиёхия омад, ман шахсан ба ӯ мухолифат кардам, чунки ӯ айбдор буд. Зеро, пеш аз он ки баъзе касон аз ҷониби Яъқуб биёянд, ӯ бо ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд; лекин вақте ки онҳо омаданд, аз тарси махтунон худро дур кашид ва канорагирӣ кард. Бо якҷоягии ӯ яҳудиёни дигар ҳам риёкорӣ карданд, ба тавре ки Барнаббо низ саргарми риёкории онҳо шуд.
>
> - Ғалотиён 2:11-13

Барои чӣ Петрус, Барнаббо ва дигар яҳудиёни имондор худро аз ғайрияҳудиён канорагирӣ мекарданд? Дар ҳолате ки чанд вақт пештар аз он якҷоя нон мехӯрданд. Ҷавоб возеҳ аст: бо ин рафтори худ онҳо аз ҳақиқат дида дӯстони худро бештар эҳтиром мекарданд, ки дар натиҷа ин ба риёкорӣ ва тарсончакӣ оварда расонд. Ҳақиқат барои Петрус дар рӯъё дар шаҳри Ёфо ошкор шуда буд. Суханони Худо, ки ба вай муроҷиат карда шуда буд, чунин буданд: “Он чи ки Худо пок кардааст, ту ҳаром нахон” (Аъм. 10:15).

Боз ҳам такрор мекунам. Барои мо эҳтиром кардани он шахсе, ки мебинем, аз Он Шахсе, ки нонамоён аст, осонтар мебошад. Ба ҳар ҳол, чунин набояд бошад. Мо бояд ки дар ҳаёти худ сарҳадро муайян кунем. Ин маънои онро дорад, ки агар шахсони дӯстдоштаву боэҳтиром аз мо бихоҳанд, ки мо

он корҳоро анҷом диҳем, ки мутобиқи Навиштаҷот намебошанд, мо хоҳиши онҳоро аз хости Худо болотар гузошта наметавонем.

## Худдорӣ аз эҳтиром

Вақтҳое мешаванд, ки бояд аз эҳтиром худдорӣ кард. Новобаста аз он ки ин ҳолат бисёр кам вомехӯрад, лекин, ба ҳар ҳол, донистани ин зарур аст, то ки ба гуноҳ наафтем. Мо мехонем:

> Чунон ки барф дар тобистон ва борон дар мавсими дарав бошад, essentially онҷунон иззат (эҳтиром) ба аблаҳ муносиб нест.
>
> - Масалҳо 26:1

> Касе ки аблаҳро иззат кунад, мисли касест, ки санге (санги қиматбаҳоро) дар фалахмон бимонад.
>
> - Масалҳо 26:8

Санги қиматбаҳоро дар фалахмон гузоштан, ин яъне ба худ зиён расонидан мебошад. Дар ҳаёти рӯзмарра ин чӣ гуна рӯй медиҳад? Пеш аз ҳама дида мебароем, ки аблаҳ кӣ аст. Ин он касе, ки дар қалби худ мегӯяд: “Худо нест” (Заб. 52:2); касе ки ғайбатро паҳн мекунад (Мас. 10:18); бадкорӣ барояш дилхушист (Мас. 10:23); танҳо роҳи худаш дар назараш рост аст (Мас. 12:15); мағрур аст (Мас. 14:3); беақл ва ба насиҳату ҳикмат беэътиноӣ мекунад (Мас. 15:5, 18:2). Ин баъзе аз хислатҳои аблаҳ аст, ки Навиштаҷот дар бораи онҳо мегӯяд. Кӯтоҳ карда бигӯем, дар Аҳди Ҷадид ин шахсро зиддимасеҳ меноманд, ба хотири он ки ҳаёти ин шахс пурра бар зидди таълимоти Масеҳ мебошад.

Ҳангоме ки мо чунин шахсро барои аблаҳии ӯ эҳтиром мекунем, мо ба худамон зарар мерасонем; санге, ки аз фалахмон партофта мешавад, пас баргашта, худамонро зарба мезанад. Юҳанно дар номаи дуюми худ возеҳ дар бораи ин навиштааст:

> Касе ки назди шумо меояд ва ин таълимотро намеоварад, варо ба хонаи худ қабул накунед ва ба вай салом надиҳед; зеро касе ки ба вай салом диҳад, ба аъмоли шариронаи вай шарик мешавад.
>
> - 2 Юҳанно 10-11

Таълимот ва рафтореро, ки мутобиқи таълимоти Масеҳ намебошанд, эҳтиром кардан боҳикматона намебошад. Касе ки онҳоро дастгирӣ мекунад, ба гуноҳашон шарик мешавад.

## Сазовор шудан ба эҳтиром

Дар охир, чунон ки ман пештар гуфта будам, Китоби Муқаддас ба мо намегӯяд, ки мо эҳтиромро талаб кунем. Агар шавҳаре, ки нома дар бораи эҳтиромро шунида, ба хона омада, аз зан ва фарзандони худ эҳтиромро талаб кунад, он гоҳ вай моҳияти ин номаро аз худ накардааст. Ин гуфтаҳо ба тамоми соҳаҳо рост мебошанд. Аз дигар тараф, Китоби Муқаддас таълим медиҳад, ки мо чӣ тавр эҳтиромро ба ҳаёти худ ҷалб карда метавонем:

> Ҳикмат ба даст овар, хирад ба даст овар; инро фаромӯш накун, ва аз гуфтаҳои даҳони ман сар напеч. Онро тарк накун, ва он туро ҳифз хоҳад кард; онро дӯст дор ва он туро нигоҳбонӣ хоҳад намуд. Ибтидои ҳама чиз ҳикмат аст, пас ҳикмат ба даст овар, ва бо тамоми дороии худ хирад ба даст овар. Онро қадрдонӣ намо, ва он туро баланд хоҳад бардошт; агар онро дар оғӯш кашӣ, он туро ҷалол хоҳад дод (дар тарҷумаи инглисӣ: он ба ту шараф меоварад).
>
> \- Масалҳо 4:5-8

Ҳангоме ки шумо ба ҳикмат мепайвандед, шараф ба шумо меояд. Ибтидои ҳикмат - худотарсӣ. Ҳангоме ки мо аз Худованд тарс дорем, он гоҳ дар ҳар соҳаи ҳаёти худ мо ба Каломи Ӯ имон дорем ва ба он итоат мекунем. Мо хоҳиши иҷро кардани тамоми аҳкоми Ӯро дорем. Шахсоне ҳастанд, ки Навиштаҷотро мутобиқи шароити худ ва барои манфиати шахсиашон маънидод кардан мехоҳанд. Барои ҳамин Китоби Муқаддасро хонда, имондорон танҳо ба чизҳое, ки дар он ҷо мебинанд, имон меоранд, ба ҷои ин мебоист ба он чизе, ки мехонанд, имон биоваранд. Аввалин, ин фиреб хӯрдан аст, ва дуюмин, ин тарси Худованд аст, ки ҳикмат мебахшад.

Одамоне, ки содиқона зиндагӣ мекунанд, марҳамат ва тарси Худовандро дӯст медоранд, барои тавба ва имон омода ҳастанд. Онҳо ислоҳро қабул мекунанд. Ба мо гуфта шудааст: “Бенавоӣ ва нанг насиби касест, ки насиҳатро рад мекунад, вале касе ки мазамматро қабул кунад, мӯҳтарам мешавад” (Мас. 13:18). Мухолифи нанг, шараф аст. Ислоҳро рад

карда, шумо ба нанг роҳ медиҳед; аммо муҳаббат ба ҳақиқатро зиёдтар нисбат аз ҳаловати худ гузоштан, шарафро меоварад.

Ҳама гап дар он аст: "Подоши фурӯтанӣ ва худотарсӣ сарват ва ҷалол ва ҳаёт аст" (Мас. 22:4). Ҳангоме ки шумо ҷӯёи худотарсӣ ҳастед, Худо шарафро ваъда мекунад. Он шояд ҳамон лаҳза наояд, лекин ба ҳар сурат шуморо дастрас хоҳад кард. Дар тӯли бисту панҷ соле, ки ба Худованд хизмат мекунам, ман шоҳиди он будам, ки шахсони Ӯ дар баракати доимӣ зиндагӣ мекунанд. Ба баъзе онҳо гоҳ-гоҳ ҳамин тавр вонамуд мешуд, ки вафодории онҳо сазовори мукофот намегардад, лекин бо сабру тоқат онҳо шоҳиди шарафи бузург ва баракати Худои Зинда гаштанд.

## Нигоҳ доштани эҳтиром

То ки зиндагии боэҳтиромро идома диҳем, мо бояд ки рӯҳи фурӯтан дошта бошем. Муҳим нест, ки то чӣ андоза Худо моро баракат медиҳад, мо бояд дар хотир дошта бошем, ки мо соҳиби ҳеҷ чиз нестем. Ҳангоме ки ман ва Лиза хизматгузории худро оғоз кардем, мо ҳеҷ чиз надоштем ва ҳеҷ кас моро даъват намекард. Мо қарор кардем, ки ҳаёти худро пурра ба Худованд мебахшем. Баъд аз он дар тӯли солҳои бисёр мо шоҳиди он будем, ки чӣ тавр Ӯ мӯҳтоҷиҳои моро қонеъ мегардонад. Баъзан дар лаҳзаи охир Худованд дар дуо ба ман мегуфт: "Писарам, Ман туро, оилаатро ва хизматгузориатро аз он чӣ ту хаёл мекунӣ, беҳад зиёд баракат додан мехоҳам. Ту таъминоти пурраро мегирӣ ва хизматгузории ту бузург мешавад. Дар замони хушкӣ ту пурра ба Ман таваккал кардӣ: ту бояд чӣ бигӯӣ, дар куҷо пули худро сарф кунӣ, ба куҷо биравӣ ва ғайра. Ва ҳангоме ки Ман туро баракат медиҳам, оё ту аз худ сухан ронданро оғоз мекунӣ ё пеш аз он ки чизе бигӯӣ, Маро мепурсӣ? Оё ту пулҳоро ҳар тараф сарф мекунӣ ё аз Ман машварат мехоҳӣ? Оё пеш аз он ки ягон қарор қабул кунӣ, аз Ман мепурсӣ? Оё ту аз чӣ оғоз кардӣ, дар ёд медорӣ?"

Баъд Ӯ идома дод: "Писарам, бисёр шахсоне, ки пешпо хӯрда афтоданд, дар вақти фаровонӣ, на ин ки дар вақт хушкӣ, афтоданд".

Дар хотир дорам, чӣ тавр ман ба хона баргашта (он гоҳ ман аз хонаамон дур набудам), ва ба ҳамсарам он чиро ки шунидам, нақл кардам. Ӯ ба ман назар кард ва гуфт. "Ҷон, агар ту фақат қисми аввалашро, ки Худо моро бо фаровонӣ баракат медиҳад, мегуфтӣ, ман аз шодӣ рақс мекардам, лекин ҳоло ки ман ин огоҳиро шунидам, тарси муқаддас маро фаро гирифт".

Ман бо вай розӣ шуда, сари худро ҷунбонидам.

Павлус тамоми ҳаёт ба худ ҳамчун ба “ҳаввории хурдтарин”, “хурдтарин аз муқаддасон”, ва “гуноҳкори аввалин” муносибат дошт. Ӯ аз буданаш ин ҳақиқатро: “ҳар он чи ки ӯ дорад, аз ҷониби Худованд аст” аз хотир набаровард. Аз ҳамин сабаб вай навиштааст: “Зеро кист, ки туро бартарӣ додааст? Ва чӣ чизе дорӣ, ки нагирифта бошӣ? Ва агар гирифта бошӣ, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё нагирифта бошӣ?” (1 Қӯр. 4:7). Ҳангоме ки мо назди Худо бо фурӯтанӣ зиндагӣ мекунем, он гоҳ мо он чиро, ки ба даст овардаем, гум нахоҳем кард. Дар хотир доред, он ҷои Навиштаҷотро, ки мо дар аввали ин китоб дидем: “Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред” (2 Юҳанно 8). Барои нигоҳ доштани самараи меҳнати мо ваъдае вуҷуд дорад:

> “Ғурури одам варо хор мекунад. Вале шахси фурӯтан ҷалол меёбад” (дар тарҷумаи инглисӣ, “шарафро нигоҳ медорад”).
>
> - Масалҳо 29:23

Ба калимаи “нигоҳ медорад” диққат кунед. Агар мо дар тарси Худованд ва фурӯтании аслӣ зиндагӣ кунем, он гоҳ мо шарафро нигоҳ медорем ва ҳатто онро меафзоем. Ҳеҷ вақт аз хотир набароред, ки то чӣ андоза он марге, ки Исо моро аз он озод кард, бузург буд. Инчунин муҳаббати Ӯро дар хотир дошта, ҳар як шахсеро, ки вомехӯред, иззат намоед. Инак, онҳоро ҳамон тавр эҳтиром кунед, ки чӣ тавр Худо эҳтиром карда, ҳаёти Худро барои онҳо бахшидааст. Он гоҳ шумо сазовори эҳтиром ва мукофот гашта, онҳоро аз даст нахоҳед дод.

## Хулоса

Мо бисёр дафъа таъкид кардем, ки эҳтироми аслӣ аз қалб ҷорӣ мешавад. Яке аз тарзҳои беҳтарин барои тағйир додани мо, ин дуои самимӣ мебошад. Ман шуморо ташвиқ мекунам, ки ҳар рӯз дар бораи зиёд шудани муҳаббати илоҳӣ, тарси муқаддас ва шарафе, ки дар қалби шумо мемонад, дуо кунед. Ман ин китобро, на ин ки номаеро, ки дар дилҳои шумо боқӣ мемонад, бо як дуо хотима доданӣ ҳастам, то ки Худованд нисбат ба он шахсоне, ки шумо дар зиндагии худ вомехӯред, эҳтиром ҷой кунад. Агар шумо ба эҳтиром беэътиноӣ карда бошед, ман

дуои худро бо тавба оғоз мекунам. Биёед якҷоя дуо мекунем:

> *Падари осмонӣ, шукр мекунам, ки Ту ба воситаи ин китоб ба ман сухан рондӣ. Ман назди Ту омада, дар қадами аввал аз Ту бахшиш мехоҳам. Илтимос мекунам, маро барои беэътиноӣ нисбат ба он шахсоне, ки Ту ба ҳаёти ман фиристодаӣ, бубахш. Барои беэътиноӣ ва беҳурматӣ нисбат ба онҳое, ки дар қудрат аз болои ман меистанд, бубахш, барои беэътиноӣ ва беҳурматӣ нисбат ба онҳое, ки дар як сатҳ бо ман мебошанд, бубахш, ва инчунин барои беэҳтиромӣ нисбат ба онҳое, ки зери қудрати ман ҳастанд, тавба мекунам. Дар охир барои беҳурматӣ нисбат ба ҳамаи мардону заноне, ки ман вохӯрдаам, бахшиш мепурсам. Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки бо хуни Исои Масеҳ маро пок гардонӣ, зеро ки ман барои бепарвоии худ нисбат ба одамон тавба мекунам.*
>
> *Ман аз Ту хоҳиш мекунам, ки Ту қалб ва ҷони маро бо эҳтироми ҳақиқӣ пур кунӣ. Ман хоҳиш мекунам, то ки тарс ва муҳаббати Худованд ба қалбам ҷорӣ шавад. Хоҳиш мекунам, ки дили маро мисли дили Худ гардонӣ, то ки ман низ ба мардону занон ҳамон қадар боэҳтиром, арзишманд ва азиз назар карда тавонам. Ман инро дар имон хоҳиш карда, ҳоло қабул мекунам. Ба исми Исо дуо мекунам. Омин.*

Ҳаррӯза бо ин суханон дуо кунед, дар итоати Каломи Худо зиндагӣ кунед, ва он гоҳ шумо шоҳиди он мегардед, ки худатон ба намояндаи подшоҳии Худо мубаддал мегардед. Мукофоти шумо бузург гашта, дили шумо бо хурсандӣ пур мегардад. Барои хизмат ва муҳаббати шумо ба Шоҳи мо ташаккурӣ мекунам.

> Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод ва аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин.
>
> - Яҳудо 1:24-25

## Замима

# Наҷоте, ки ба ҳама дастрас аст

> Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.
>
> - Румиён 10:9-10

Худо мехоҳад, ки шумо ҳаёти пурарзиш дошта бошед. Ӯ шуморо бо тамоми дил дӯст медорад ва ба ҳаёти шумо нақша дорад. Аммо танҳо як роҳи интихоби тақдир мавҷуд аст – қабул кардани наҷот ба воситаи Исои Масеҳ, Писари Худо.

Тавассути марг ва эҳёи Исо Худо ба Подшоҳии Худ барои шумо, писар ё духтари маҳбубаш, роҳ муҳайё кард. Ба туфайли қурбонии Масеҳ дар салиб ба шумо ҳаёти фаровони ҷовидонӣ дастрас аст. Наҷот атои Худост барои шумо, мо бо аъмоли худ онро ба даст оварда наметавонем.

Барои гирифтани ин тӯҳфаи гаронбаҳо, ба гуноҳи худ иқрор шудан лозим аст, ки шумо берун аз иродаи Офаридгори ҳаёти худ зиндагӣ кардед (чунки ин решаи ҳамаи гуноҳҳое мебошад, ки шумо содир кардаед). Тавба қисми муҳими қабул кардани наҷот мебошад. Петрус дар ин бора дар Китоби Аъмол, он рӯзе, ки панҷ ҳазор одамон наҷот ёфтанд, возеҳ гуфта буд: "Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад" (Аъм. 3:19). Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳар яке аз мо ҳамчун

ғуломи гуноҳ таваллуд шудаем. Ин ғуломӣ аз гуноҳи Одам, ки ба худсарӣ ва саркашӣ оғоз кардааст, сарчашма мегирад. Тавба ин интихоби он аст, ки шумо аз шайтон, падари дурӯғ, рӯ гардонида, ба Хоҷаи нави худ, Исои Масеҳ – Он Касе, ки ҳаёти Худро барои шумо қурбон кардааст, итоат мекунед.

Шумо бояд худро ба Масеҳ мутеъ созед, Ӯро Хоҷаи худ гардонед, бар тамоми ҳаёти худ ба Ӯ қудрат диҳед (рӯҳ, ҷон ва ҷисми худро ба Ӯ мутеъ кунед), вуҷуди худро ва ҳар чизеро, ки доред, ба Ӯ супоред. Дар он лаҳзае ки шумо ин корро мекунед, Худо шуморо аз торикӣ раҳо месозад, ва ба равшанӣ ва ҷалоли Подшоҳии Худ ворид мекунад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред ва фарзанди Худо мегардед!

Агар шумо хоҳед, ки ба воситаи Исои Масеҳ наҷот ёбед, ин дуоро хонед:

> *Худои Осмон, ман эътироф мекунам, ки гуноҳкор ҳастам, ва мутобиқи меъёрҳои адолати Ту зиндагӣ намекунам. Барои гуноҳҳои худ ман ба ҷазои абадӣ сазовор ҳастам. Ташаккур, ки Ту маро дар ин ҳолат намегузорӣ, зеро ман боварӣ дорам, ки Ту Писари Ягонаи Худ Исои Масеҳро, ки аз Марями бокира таваллуд шудааст, фиристодӣ, то ки барои ман дар салиб қурбон кунӣ ва маро аз ҷазо раҳо созӣ. Ман боварӣ дорам, ки Ӯ рӯзи сеюм эҳё шуд ва акнун дар дасти рости Ту нишастааст. Ӯ Худованд ва Наҷоткори ман аст. Дар ин рӯз ман тавба мекунам, ки мутобиқи иродаи Ту зиндагӣ намекардам, ва ҳоло ҳаёти худро пурра ба Худованд Исо месупорам.*
>
> *Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷоткори худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ ворид шав, ва маро дигар кун, ва фарзанди Худо гардон. Ман торикиеро, ки то ин лаҳза асири он будам, рад мекунам, ва аз ҳамин рӯз сар карда, ман на барои худ, балки бо файзи Ту барои Ту зиндагӣ мекунам, чунки Ту Худро барои ман фидо кардӣ, то ки ман ҳаёти ҷовидонӣ дошта бошам.*
>
> *Ташаккур ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман дар дастони Туст, ва, чуноне ки дар Каломи Ту гуфта шудааст, ман хиҷил нахоҳам шуд. Ба номи Исо, омин.*

Марҳабо ба оилаи Худо! Ман шуморо ташвиқ мекунам, то ба дигар

имондорон дар бораи он чизе, ки бо шумо рӯй дод, нақл кунед. Ташриф овардан ба калисои маҳаллӣ, ки дар он ба Китоби Муқаддас бовар мекунанд, муҳим аст. Шумо ба он ҷо рафта, бо имондороне, ки ба рӯҳбаланд кардани шумо омодаанд, муошират кунед.

Шумо саёҳати хеле аҷиберо сар кардед. Бигзор Худо шуморо баракат диҳад, то ки ҳар рӯз шумо дар омӯзиши Калом, файз ва дӯстӣ бо Ӯ рушд кунед!

# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

*Безарар гардонидани чизе, ки қуввати шуморо медуздад*




Ҳамчун Супермен, ки барои бартараф кардани монеаҳо ва нобуд кардани ҳама гуна душман қодир аст, пайравони Масеҳ дорои қобилиятҳои фавқуттабиие мебошанд, ки ба воситаи он ҳар гуна душвориҳоро паси сар карда метавонанд.

Бешубҳа, Супермен ва криптонит – инҳо самараи тахайюлот. Вале криптонити рӯҳонӣ ҳақиқатан ҳам вуҷуд дорад.

Дар ин китоб шумо ба чунин савол ҷавоб пайдо мекунед, ки чаро бисёриҳо аз қувваи илоҳӣ, ки масеҳиёни қарни якумро, бе ягон шубҳа, фаро гирифта буд, бенасибанд.

Дар китоби “Маҳв кардани криптонит” Ҷон Бивер дар бораи он нақл мекунад, ки криптонити рӯҳонӣ чӣ аст, то кадом андоза он ба ҷамъияти мо хатарнок мебошад ва чӣ тавр аз асорати он халос шудан мумкин аст.

Ин китоб барои сустмиҷозон нест, ҳар чӣ ҳам бошад, на барои ширинидӯстон аст. Ин ҳақиқати ҷиддие барои ҳар як пайрави Масеҳ мебошад, ки барои гузаштан аз роҳи мушкилгузари дигаргунсозиҳо ба хотири ба даст овардани мукофоти ваъдашуда нотарсида қадам мениҳад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# Рӯҳи Муқаддас: Дастурамал

*Шумо дар бораи Ӯ медонед, аммо шумо Ӯро мешиносед?*




Се сол шогирдони аввалааш бо Исо буданд. Бо ҳамроҳи Ӯ роҳ мерафтанд ва ҳамаи суханони Вайро мешуниданд. Пеш аз маслуб шуданаш Ӯ ба дӯстони наздикаш гуфт, ки бояд онҳоро тарк кунад, то ки Рӯҳи Муқаддас биёяд ва аз ин ҳолати онҳо беҳтар мешавад. Агар ба он шогирдоне, ки бо ҳамроҳи Исо ҳар рӯз буданд, Рӯҳи Муқаддас лозим буд, он гоҳ то чӣ андоза мо имрӯз ба ҳузури Рӯҳи Муқаддас зарурат дорем. Ба ҳаёти мо иштироки бевоситаи Ӯ лозим аст.

Дар ин китоб Ҷон Бивер шуморо бо Рӯҳи Муқаддас шинос мекунад. Шумо дар бораи шахсияту қуввати Ӯ ва чӣ гуна беҳтар шинохтани Рӯҳи Муқаддас зиёдтар меомӯзед. Роҳи зиндагии шумо бо Худованд чи хеле ки набошад, китоби “Рӯҳи Муқаддас: дастурамал” кӯмак мекунад, ки шумо ба Худои абадият ва дӯстдори шумо наздик шавед.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# БО АБАДИЯТ ҲАРАКАТКУНАНДАГОН

*Ҳаёте, ки имрӯз ва то абад муҳим аст*




Рӯзе шумо ба назди Худо ҳозир шуда, ба Ӯ дар бораи ҳаёти худ ҳисобот медиҳед. Саволи муҳимтарине, ки ҳоло ба худ дода метавонед, ин аст: оё тайёр мешавед?

Аксарияти масеҳиён медонанд, ки ҷавоби онҳо ба салиб муайян мекунад, ки онҳо абадиятро дар куҷо мегузаронанд. Аммо оё шумо медонед, ки чӣ тавр абадиятро гузаронидани шумо бо он муайян карда мешавад, ки шумо дар ҳаёт чӣ кор мекунед?

Худо мехоҳад, ки шумо даъвати худро донед. Ӯ намехоҳад, ки шуморо дар нодонӣ нигоҳ дорад. Зиёда аз ин, Ӯ мехоҳад, ки шумо сабаби зиндагии худро дар замин дарк карда, мазмун ва мақсад пайдо кунед.

Баъд аз нафаси вопасин на танҳо ҷои таъинот, балки ҳаёт дар абадият хоҳад буд. Мунтазир набошед, ки хеле дер мешавад. Сарнавиштеро, ки Худо барои шумо муайян кардааст, дарк кунед ва чунон зиндагӣ кунед, ки ҳаёт дар рӯи замин ва дар абадият маънои бузург дошта бошад.

Дар **MessengerX.com** X дастрас аст

# ДОМИ ШАЙТОН

*Ҳаёт дар озодӣ аз доми марговари набахшидан*




“Доми шайтон” яке аз ҳама домҳои маккорро, ки душман барои дур кардан имондорон аз иҷрои иродаи Худо истифода мебарад, рӯи об мебарорад: ин васвасаҳо. Аксарияти одамон дар қайди ин дом ҳастанд ва ҳатто дар ин бора хабар ҳам надоранд.

Фирефта нашавед! Масеҳ гуфтааст: “Ҳеҷ мумкин нест, ки васвасаҳо ба миён наоянд” (Луқ. 17:1). Шумо наметавонед интихоб кунед, ки фиребхӯрда бошед ё набошед, лекин шумо метавонед қарор кунед, ки чӣ тавр ба ин даъват ҷавоб гардонед. Агар шумо ба васвасаҳо дуруст аксуламал кунед, шумо боқувват, на ин ки афсурдахотир, мешавед. Танҳо аксуламали дуруст ба шумо имконият медиҳад, ки муносибатҳои бемонеа бо Худо дошта бошед.

Тавассути ин нома Ҷон Бивер шуморо таълим медиҳад, ки чӣ тавр пайравони иродаи Худо бимонед, ва аз гумонбарӣ ва нобоварӣ озод шавед. Шумо метавонед аз фикри худро қурбоншуда шуморидан раҳоӣ ёбед, ва бе бори мушкилиҳо ва ноумедиҳои барзиёд умр ба сар баред. Вақте ки шумо дараҷаи олитарини итоат ба Худоро ошкор месозед, ҳаёти шумо аз бахшиш, сулҳу осоиштагӣ ва шодии бе ҳадду канор пур хоҳад гашт.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# X: ПОТЕНСИАЛЕРО, КИ ХУДО БА ШУМО ДОДААСТ, АФЗУН КУНЕД





Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Эҳтимол, шумо медонед, ки ягон кореро бояд ба иҷро расонед, вале фаҳмида наметавонед, ки ин чӣ коре аст. Бисёре аз моён бо ҳаёти худ таъсири бузург расонидан мехоҳанд, вале шояд, шумо саволҳои беҷавобе доред, ба мисли:

- Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки ман иродаи Худоро барои ҳаёти худ аз даст надода истодаам?
- Истеъдодҳои нотакрори ман дар бунёди Подшоҳии Худо то кадом дараҷа аҳамият пайдо карда метавонанд?
- Ман чӣ гуна дилпур буда метавонам, ки потенсиали ба ман додаи Худоро истифода мебарам?
- Агар ман дар "хидматгузорӣ" набошам, оё даъвати ман камаҳамият аст?
- Чӣ тавр тавозунро дар байни оромиш ёфтан дар файзи Худо ва амал кардан барои Подшоҳии Ӯ нигоҳ дошта метавонам?
- Чӣ тавр ҳатто дар ҳолати дудилагӣ ва хатар тарсро аз худ дур карда, ба пеш ҳаракат карда метавонам?

Дар ин китоби пурмазмун муаллиф Ҷон Бивер ба омӯзиши ҳамаҷонибаи Китоби Муқаддас такя мекунад ва қиссаҳои аҷоибро истифода мебарад, то ки барои ба таври дигар фикр кардани шумо оиди даъвати худ ва барои фаҳмидани он, ки чаро он барои Худо муҳим аст, кӯмак кунад. Ин китобро хонда истода, шумо афзун кардани атоҳои худодода ва истифода бурдани потенсиали худро ёд мегиред!

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 115 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед



Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.




## MessengerX.com

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

**"Ҷон Бивер дорои истеъдоди нодир оиди омӯзиши нозуки матни библиявӣ аст. Хонандагон аз мушоҳидаҳои тару тоза ва зираконаи ӯ дар ҳайрат хоҳанд монд".**

*— USA ПАБЛИШЕРС УИКЛИ*

Ягон масеҳӣ намехоҳад, ки Худоро маҳдуд созад, аммо бисёре аз мо нафаҳмида, бо инкор кардани принсипи бисёр муҳими рӯҳонӣ - шараф, амалҳои Ӯро дар ҳаётамон маҳдуд мекунем.

Шараф – ин мафҳуме, ки дар маданияти мо умуман гум шудааст; аммо, чи хеле ки шумо дар саҳифаҳои ин китоб хоҳед дид, он барои озодкунии подшоҳии Худо дар тамоми соҳаҳои ҳаётамон асосӣ мебошад.

Дар китоби "Мукофот барои эҳтиром" муаллифи шоҳасарҳо Ҷон Бивер ошкор месозад, ки даъват ба шарафро қабул намуда, шумо ба системаи арзишҳои Худо мутобиқ омаданро сар мекунед ва ҳамаи он чизеро, ки Ӯ барои шумо муайян кардааст, ба даст меоред.

Принсипҳои амиқи библиявиро бо ҳодисаҳои таъсирбахш, ки онҳоро дар амал нишон медиҳанд, якҷоя карда, ин китоб ба шумо назари тару тоза ба ин накӯкори фаромӯшшуда медиҳад, ва, муҳимтар аз он, кӯшиши ба ҳамаи соҳаҳои ҳаётатон овардани онро медиҳад.



**ҶОН БИВЕР** – воизи байналхалқӣ ва муаллифи шоҳасарҳо, бо муносибати оштинопазири худ ба Каломи Худо машҳур аст. Ҷон ва ҳамсари ӯ, Лиза, асосгузорони хизматгузории "Мессенҷер Интернэшнл" мебошанд – хизматгузорие, ки мақсади он пайравони собитқадами Масеҳро бархезонидан аст, касоне ки ҷаҳонро дигаргун месозанд. Вақте ки Ҷон дар хона, дар Колорадо, аст, ӯ бо чаҳор писарони худ кортҳои рӯимизӣ бозӣ мекунад ё кӯшиш менамояд, ки Лизаро барои голфбозӣ кардан бо худ розӣ кунонад.

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **MessengerX.com** ташриф оред.

MessengerX

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
На барои фурӯш.

Бисёртар донистан мехоҳед?
Аз ин ҷо скан кунед: